САЙИДУМАРИ СУЛТОНИ КАВКАБӢ

# ТАЗКИРАИ СУХАНВАРОНИ ИСТАРАВШАН

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-5-4
С-35

**Маркази илму фарҳанги осорхонаи шоирони Доираи адабии Истаравшан**

Китоб ба кӯмаку дастгирии узви Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ҳукумати шаҳри Истаравшан мӯҳтарам Абдуллоев Иброҳим Ғайбуллоевич ба шарафи ҷашни 85-солагии муаллиф ба нашр расид, ки аз ҷанобашон сипосгузорам.

*Муаллиф.*

Муҳаррир *Сайидалӣ Маъмур*

**С–35 Сайидумари Султони Кавкабӣ.** Тазкираи суханварони Истаравшан (шеърҳо). – Душанбе, «Адиб» 2012, 260 саҳ.

«Тазкираи суханварони Истаравшан» гулчини мероси адабии шоирони доираи адабии Истаравшан аз нимаи дуввуми асри ХУ111 то Х1Х-ро дар бар мегирад. Қариб ҳамаи шоирони дар ин тазкира ҷой гирифта кашфиёту бозёфти муаллифи ин китоб мебошад. Ашъори шоирони гумном ва ё аз назарҳо дурмонда ба хонандагони ташнаи шеъру шоирӣ шавқу завқи беандоза, маънавиёти қавӣ ва илҳоми тоза хоҳад бахшид.

ISBN 978-99947-2-233-4

© Сайидумари Султони Кавкабӣ, 2012

## МУҚАДДИМА

Ур-Теппа-Истаравшан аз қадимулайём аввалтамаддуни оламшумуле дошт, ки он ҷаҳониёнро борҳо ба ҳайрат овардааст ва меоварад. Таърихан гирем, Ур-Теппа аввалин шаҳри пойтахтии Осиёи Миёна аст. Ин шаҳр дар минтақаи Бунҷикат воқеъ гардидааст. Ин ҷо бояд гуфт, ки муаррихони таърихи дунёи қадим Осиёи Миёнаро ба чор минтақа ҷудо кардаанд: Пумҷикат, Бумҷикат, Пунҷикат, Бунҷикат. Бунҷикат дар маркази Паҳнои Ориён, яъне Ур-Хам ҷой гирифта аст, ки ба он Самарқанду Бухоро, Тошканду тамоми водии Фарғона ва Ҳисору Сари Осиё дохил мешудаанд. Ур-Хам қадимтарин шаҳрест, ки дар он аввалин давлату сохти давлатдории ҷаҳон ташкилу ташаккул ёфтааст. Ин давлати аввалини ҷаҳон давлати Калдониён ном дошт. Подшоҳи он Ур-Хам низ аввалин шоҳе дар ҷаҳон будааст. Номи пойтахти ин давлатро бо номи шоҳаш Ур (Нур)Хам номидаанд. Ин давлат баъдан бо давлати Тӯрониён табдил меёбад. Баъдан Ур-Хам ба давлати Сеппор (Ситораи Қутб) ҳамроҳ шуда, ба Ур-Сеппор –Ур-Теппа табдил ёфтааст. Баъди таназзули давлати Калдониён дар ин шаҳр давлати Тӯрониён барпо гардидааст. Тӯр чунон, ки дар Авасто маълумот дода шудааст, аз номи қабилаи шоҳони Тӯра ва Тура ба ҳам омадааст. Ин ду давлати Калдониён ва Тӯрониён кишваркушоӣ карда ними ҷаҳонро аз худ намуда, ба мардумони он тамаддуни ориёниро паҳн кардаанд. Ин ду давлат таърихи беш аз 6-ҳазорсола доранд.

Ин алббата, дар омади гап буд, ки он ба мақсади асосии мо кӯмак хоҳад расонд. Мақсади асосии мо назаре ба таърихи илму фарҳанги Ур-Теппа дар дунёи қадим чунон, ки гуфтем ба минтақаи Бунҷикат, яъне ба Осиёи Миёна назар андохтан мебошад. Вақте ки ба таъриху адабиёти ин даври Ур-Теппа назар меафканем, пеш аз ҳама номи шайхи бузурги Аҷаму Араби асри Х Абӯбакри Шиблӣ ва яке аз аввалин сафарноманависони машҳур Ал-Ҳусайни Ур-Теппагӣ ба ёд меояд, ки ин ҳарду низ аз қабили 850-нафар шоирони Ур-Теппагӣ мебошанд.

Азбаски вазифаи аввалини мо дар ин «Тазкираи суханва-

рон Истаравшан» дар бораи олимону шоирони асрҳои ХУ111-Х1Х Ур-Теппа маълумот додан аст, дар ин хусус сухан меронем. Бояд гуфт, ки дар бораи шоирони асрҳои ХУ111- Х1Х-и доираи адабии Истаравшан дар китоби «Таърихи доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри ХУ111 ва аввали асри Х1Х (Душанбе, «Сурушан» 2002) сухан рафта буд. Ва ин ҷилди дувуми тазкира дар бораи 48-нафар сухан рафт, боқимондаашон дар ҷилдҳои 3-4-ум овар-да шудаанд.

Таърихи адабиёти нимаи дуввуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX-и тоҷик то ин дам пурра омӯхта нашудааст. Пурра омӯхтани он бошад, мушкилиҳои зиёде дорад ва он тадқиқоти тӯлониро мехоҳад. Яке аз сабабҳои ин гуна мушкилотҳоро Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин қайд кардаанд: «Авохири аҳди Аштархониён ва авоили Манғитиён давраи фатрат /фосила/ ба шумор меравад. Ва адибоне, ки дар он давр гузаштаанд, асарашон камёб ва зикрашон дар пардаи ҳиҷоб аст».

Сабаби дигар ин аст, ки осори адабии бисёр шоирони маъруфи ин давр аз шадойиди бӯҳронҳои сиёсии замонҳо ба боди фано рафтаанд. Осори илмию адабии баъзеи ишон дар дасти авлодашон ва дар китобхонаҳои хусусии одамони алоҳидаи шаҳру деҳоти Мовароуннаҳр ва баъзе мамлакатҳои ҷаҳон маҳфузанд. Боз як сабаби асосии он ин аст, ки осори хаттии ба китобхонаҳо гирдовардашудаи бисёр адибон ҳамчун мероси хаттии ба китобхонаҳои давлатии шаҳрҳои Москва, Ленинград, Тошканд, Душанбе ва ба дигар китобхонаҳо гирдовардашудаи бисёр адибон ҳоло ҳамчун ганҷи сарпӯш рӯйи таҳқиқро надидаанд.

Аз ҳамин лиҳоз мусаввиди ин сатрҳо 6о-сол пеш дар назди худ вазифа гузошта буд, ки осори адибони маъруфи бо мурури замонҳо бо сабаби бӯҳронҳои сиёсӣ дар нимаи дуввуми асри XVIII ва дар нимаи аввали XIX рафта ва ё гумном шудаи вилояти бостонии Истаравшан, Хуҷанд, Исфароин ва вобаста ба он адибони гумноми Хатлон, Ҳисори Шодмон, Самарқанду Бухороро дарёфт намояд ва дар бораи ҳар яки ишон кори илмию тадқиқотӣ барад. Дар натиҷаи омӯхтани муттасилу тӯлонӣ осори адабӣ ва ному насаби беш аз ду ҳазор шоирону нависандагон ва ҳатто як қатор олимони маъруфи гумном бозёфт карда шуд. Аз маҷмӯи маводи гир-

домада маълум ва равшан гардид, ки дар ин давр дар ин шаҳрҳои зикрёфта, чандин маҳфилҳои адабӣ, ҳавзаҳои адабӣ мавҷуд будаанд. Масалан, дар охирҳои асри ХУ11 дар Истаравшан дар даргоҳи ҳокими маънавии он Қутбулақтоб Хоҷа Мӯсо маҳфили бузурги илмию ирфонӣ ва адабие ба вуҷуд омада будааст, ки беш аз 50 нафар ба мисли Махдуми Аъзам Хоҷа Юсуфӣ Вазеҳӣ, Сӯфӣ Кӯчак, Сӯфӣ Ғанӣ, Шайх Сиддиқ ва худи Хоҷа Мӯсо иштирокчиён доштааст. Масалан, дур наравем, дар аввалҳои солҳои панҷоҳуми асри XVIII тавассути рӯ ба истиқлолият овардани вилояти Истаравшан, бо тақозои дигаргун шудани ҳаёти сиёсиву иҷтимоии давр ва бо ташаббуси ҳокими маърифатпарвар Фозилбии бузург Қутбулақтоб, шоир Хоҷа Убайдуллоҳи Солик аз ҳисоби шоирони маҳфили адабию ирфонии даргоҳи ҳокими маънавии вилоят ХоҷаМӯсо /ваф. 1733/ доираи адабии Истаравшан ташкил меёбад. Ин доираи адабии рушду камол ёфта, ба як доираи адабии калоне табдил меёбад ва то тирамоҳи соли 1816, то аз тарафи хони Хӯқанд ба Хӯқанд кӯчониданаш давом мекунад. Доираи адабии Истаравшан дар Хӯқанд ҳамагӣ 5-сол то вафоти Умархон /1822/ давом мекунад. Аммо аҷоиботи ин кор дар он аст, ки Доираи адабии Хӯқанд дар масири таърих қайд шудаасту доираи адабии Истаравшан не. Доираи адабии Истаравшанро мо аз мавҷудияти шоиронаш ва муносибаташ бо шоирони Самарқанду Бухоро ва шаҳрҳои марказии дигар кашф кардем. Сонияи аз кӯчонда шудани ону дар асоси шоирони он ташкил шудани доираи адабии Хӯқандро низ кашф кардем. Доираи адабии Истаравшан аз рӯзи мавҷудияташ то кӯчонда шуданаш 86 сол идома доштааст. Сабаб чист, ки Доираи бузурги адабии Истаравшан дар масири таърих қайд нашудааст? Сабаби асосӣ ин рӯҳи қавии туркипарастӣ аст, ки дар он вақт бо сабаби зиддияти ҳокимони туркнаҷоти Фарғонаву Бухоро бо ҳокимони Ур-Теппа ба вуҷуд омада буд, нақшаи калон дошт. Кор то дараҷае расидааст, ки ҳатто сардори доираи адабии Истаравшан Сайидғозии Ноларо хӯқандӣ эълон кардаанд. Масалан, тазкиранависи дарбор Фазлии Намангонӣ дар маҷмӯаи шоирони худ Ноларо Хӯқандӣ навиштааст, минбаъд ин маълумоти нодуруст ба тазкираи Возеҳ ва ҳатто ба «Намунаи адабиёти тоҷик» роҳ ёфтааст. Барои он ки кӯчонда шудани Доираи адабии Иста-

равшан реша надавонад, онро ба номафҳумӣ андозанд, Ноларо сардори шоирон буд мегӯянду дар куҷо? Ба кадом шоирон сардор будани ӯро қайд намекунанд. Як Ноларо не, балки бисёр шоирони Истаравшаниро ва ҳатто Султонхони Адои машҳурро Самарқандӣ навиштаанд.

Хулласи калом ин ки мусаввиди ин сатрҳо дар асоси маводи дар тӯли 70 сол гирдовардааш дар шаҳри Истаравшан Осорхонаи шоирони доираи адабии Истаравшанро таъсис дод. Баъдтар барои коркарди илмӣ гузаронида дастраси оммаи васеъи хонандагон гардонидани маводи гаронбаҳои ин осорхона дар назди он маркази илму фарҳанг низ таъсис ёфт. Инак ин китобе, ки дар даст доред, аз маҳсули кори сарвари ин маркази илму фарҳанги Осорхонаи шоирони доираи адабии Истаравшан аст. Дар ин тазкира шоирони фақат алоқаманди доираи адабии Истаравшан, яъне шоирони нимаи дуввуми асри XVIII ва XIX ба тарзи гулчин ҷой дода шуд. Тазкира аз тазкираҳои расмии анъанавӣ фарқ мекунад. Дар ин тазкира аввал дар бораи ҳар як шоири гумноми бозёфташуда ва мероси адабии онҳо ва дар бораи рӯзгор ва гуфторашон маълумот дода мешавад. Шоир агар соҳибдевон бошад, аз девони ӯ намуна оварда шуд. Агар девонаш ба даст наёмада бошад,ончи аз мероси адабиаш гирд оварда бошам, ҳамонро додам. Агар осораш бисёр ҷамъ шуда бошад, нимаш ё чоряки он баҳри намуна дода шуд. Чунонки гуфтем, ба фаъолияти ҳар як шоир нисбат ба тазкираҳои гузашта маълумоти муфассалтар оварда ва мавқеи шоириашону нақди адабии эҷодиёташон таъин карда шуд.

Дар ин китоби тазкиравӣ дар бораи беш аз 50 шоири даврони зикршуда маълумоти кофӣ дода шуд ва намунаи мероси адабиашон то кадри ҳол пешкаш гардид. Ғайр аз ин мақоми дар таърихи адабиёти ин давр доштаи ҳар яки ин шоирон аз нуқтаи назари илми адабиётшиносӣ таъин карда шудааст. Аслан гирем, шумораи шоирони доираи адабии Истаравшан беш аз 200 нафарро ташкил медиҳад. Мероси адабию шарҳи ҳол ва мақоми адабии шоирони ин давр ва даврaҳои дигар дар се ҷилди дигари ин тазкираи суханварони Истаравшан ҷой дода шуданд, ки интизори чопанд. Ин ҷо бояд гуфт, ки номҳои ин шоирони аксар гумном, бо ашъори тозаашон ба назари хонанда албатта, нав мерасад. Агар

ҷидду ҷаҳду кӯшиши муаллифи ин китоб ба хонандаи азиз писанд ояд ва каме бошад ҳам баҳра бурда тавонад, муаллиф худро хушбахт ҳис хоҳад кард.

## Хоҷа Юсуфи Вазеҳӣ

Вақте ки ба кори тадқиқ ва таҳқиқи гуфтору рӯзгори Хоҷа Юсуф мутахаллис ба Вазеҳӣ шурӯъ намудем, дар ин ҷода ба бисёр торикиҳо ва сарбастагиҳо дучор омадем. Аввал он ки таърихи адабиёти асри XVIII-и тоҷик алалхусус, адабиёти Истаравшан қариб тамоман омӯхта нашудааст. Сониян, ин шоир ва муршид аз қабили он шоирон ва шайхони гумномест, ки то ба ин дам ҳаёт ва эҷодиёташон мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст. Дуруст аст, ки дар мақолаҳои роҷеъ ба адибони Истаравшан навиштаи мо дар рисолаи номзадии мо дар бораи Хоҷа Юсуф чанд сухан рафт ва каму беш ба хонандагон ҳамчун саромади шоирони доираи адабии Истаравшан муаррифӣ шуд. Дар «Қомуси адабиёт ва санъати тоҷик» /саҳ 313/ таҳти унвони «Вазеҳӣ» мақолаи банда нашр шуд, ки дар он роҷеъ ба шарҳи ҳол ва мероси адабии шоир мухтасар сухан рафт ва ду байти ӯ ба тариқи мисол зикр шуд. Ягона мақолаи нисбатан пурраи банда дар хусуси ин шоир дар бораи шахсияти ин шайхи муқтадир дар китоби «Доираи адабии Истаравшан дар нимаи дуввум ва аввали асри Х1Х» (Душанбе нашриёти Сурушан соли 2002) ба табъ расидааст.

Ин албатта, ҳамчун аз боғ як шингил аз тадқиқоти солиёни дароз тӯлкашидаи банда буд. Мо роҷеъ ба Вазеҳӣ анқариб бо дувист куҳансолони фозил сӯҳбат оростем ва зубдаи гуфтору ақидаи эшонро ба назар гирифтем. Бо даҳҳо авлоди донишманду гӯшкашидаи Вазеҳӣ, алалхусус бо Баҳодурхон Тӯра, Ҳикматуллохони Киромизода, Исохон Тӯраи Шатранҷбоз /ҳоло ҳар се ҳам шодравонанд/ борҳо дидор дида дар бораи авлоду аҷдоди Хоҷа Юсуф тавaққуф карда будем. Ва инчунин аз авлоди Азизон /Азизлар/ бо марҳум шоир Субҳонқулихони Меҳрӣ дар ин хусус чандин бор сӯҳбат карда будем. Ин чаҳор тан ба сари ин ақида буданд, ки Хоҷа Юсуфи Вазеҳӣ аз авлоди Махдуми Аъзами Даҳбеди Самарқанд ва аз авлоди Амири Кабир Сайидалии Ҳамадонианд. Тадқиқот нишон дод, ки Махдуми Аъзами Даҳбеди Самарқанд, яъне Хоҷа Мӯсо нисбат ба Махдуми

Аъзами Кошон, яъне Хоҷаи Кошонӣ доранд. Худи Хоҷаи Кошонӣ аз авлоди Сайидони Ҷодаканд /Ҷодак номи мавзеест, ки дар Кошон воқеъ аст/. аз авлоди Хоҷаи Кошонӣ се тан /баъди дараҷаи ирфонӣ ёфтан/ Алобхон Тӯра дар Шаҳри Сабз, Мӯсохон Тӯра дар Даҳбеди Самарқанд ва Абдулмаҷидхоҷа дар гузари Даҳбеди Ур-Теппа баъдтар дар Маҳаллаи Ясии Истаравшан истиқомат ва эҷод карда, дар тамоми Мовароуннаҳр шӯҳрат ёфтаанд.

Аз авлоди Абдулмаҷидхоҷа Тӯра Абдушаҳидхоҷа /дар қарни VIII/ ҳокими Истаравшан буд, ки дар ҷанги қабоили туркии Хӯқанду Бухоро шаҳид гашт. Набераи ӯ Ортуқхоҷа–Эшон Девона мутахаллис ба Шаҳид низ дар ҷанги зидди истилогарони рус(соли 1865) 39 нафар чилтанони худ ҷангида қаҳрамонона шаҳодат ёфт. Турбат ва мақбараи ӯ дар деҳаи Қалъачаи Калон воқеъ аст. Ва ин авлоди махдуми аъзам бо Хоҷа Юсуфи Вазеҳӣ ва авлоди ӯ хешӣ надоштанд. Баъдтар дар аввалҳои қарни XX байни эшон қудову андагӣ барқарор шудааст.

Ақидаи дигар ин буд, ки Хоҷа Юсуфи Вазеҳӣ нисбат ба Амири Кабир Сайидалии Ҳамадонӣ доранд, вале ин собит нашуд. Дар ин хусус ҳам шаҷараи авлодии аз тарафи ин ё он амиру ҳоким ё шайхулислому қозиқузотҳо тасдиқшудаи Хоҷа Юсуф ба даст наомад. /Агар дар дасти ин ё он авлоди Вазеҳӣ мавҷуд бошад, ба мо манзур кунанд, то ки таърихи бобояшон ба дурустӣ барқарор гардад/.

Аслан дар кадом шаҳру деҳ ва ё гузар дар оилаи кӣ таваллуд шудани Вазеҳӣ маълум нест, дар девони куллиёти ӯ роҷеъ ба шарҳи ҳолаш танҳо як хабари овони хурдсолиаш ҷой дода шудааст, ки чунин мебошад:

Аз модару падар ҳама маҳрум гаштаам,
Ҳайрону зору хастадилу дарбадар манам. /вар. 79/

Дар ин хусус ақидаи он се авлоди зикршудаи Вазеҳӣ ба тариқи зер аст: «Бобокалони мо Эшони Хоҷа Юсуф аз падару модар ятим монда оворагард шудаанд ва дар синни 10-11 солагӣ гузорашон ба қозихонаи Истаравшан меафтад. Қозие, ки ном ё лақаби авлодиаш Азизон будааст. Аз ваҷоҳати он бачаи оворагард нишони бузургие пай бурда ӯро писар хонда ба тарбияташ пардохтааст».

Хоҷа Юсуф таҳти ғамхории ин мард хату савод омӯхта

баъди тамом кардани мадрасаи Гумбази сабзи Абдуллохони Шайбонӣ Хоҷа Юсуфро ба шаҳри Хоразм мефиристад, ки дар он ҷо таҳсили хешро такмил бидиҳад.

Хоҷа Юсуф дар мадрасаи Хоразм хеле хуб таҳсил карда даҳякхур шуда обрӯ ва эътибори калон пайдо мекунад.

Ин ривояти воқеии он се нафар авлоди Вазеҳӣ ва тадқиқоти иловагии мо ба маълумоти бузургони адабиётамон дода аз бисёр ҷиҳатҳо мувофиқат мекунад. Муаллифи тазкираи «Маҷмӯаи шоирон» Фазлии Намангонӣ ҳангоми ба набераи Хоҷа Юсуфи Вазеҳӣ Сайидғозихоҷаи Нола маълумот додан аз падару бобойи ӯ ёдовар шудааст:

Дигар Нола он Саййиди покзод,
Бувад фахри Содоти олинаҷод.
Ки бузруквории ӯ Солик аст,
Ба амлоки фақру фано молик аст.
– – – – – – – – – – – – – – – – – – –
Каромоти ӯ дар ҷаҳон ошкор.
Бувад насли ӯ қилваи авлиё,
Зи Махдуми Хоразмии порсо. /саҳ. 5/

Ҳамин гуна матлабро муаррих Қории Қундузӣ дар «Таворихи манзума»-и худ ҳангоми ба вафоти Нола қитъаи таърих навиштанаш овардааст, ки ин ҷо аз такроран овардани он худдорӣ намудем.

Аз ин ду қитъа ва аз гуфтаи Зуфархони Ҷавҳарӣ, ки поёнтар хоҳад омад, чунин бармеояд, ки Хоҷа Юсуфи ятим монда нисбат ба Маҳдуми Аъзами Хоразмӣ доштааст, ки Азизон ӯро ба мадрасаи расмии Самарқанду Бухоро нафиристода ба Хоразм сафарбар кардааст. Аз тарафи дигар бошандагони Хоразм Хоҷа Юсуфро гарму ҷӯшон истиқбол кардаанд ва он мадрасаи таҳсилнамудаи ӯро бо номи ӯ мадрасаи Махдум гузоштаанд, ки то имрӯз ба ҳамин ном машҳур аст.

Ин байтҳои Зуфархони Ҷавҳарӣ низ ба бузургии Хоҷа Юсуф далолат мекунад:

Яке аз умдаи исботи ин баландсифат,
Ки ҳаст шаръи Набиро дар ин замона мадор.
Муҳити фазлу сипеҳри иззу ҷалол,
Ҷаҳони илму адаб Кӯҳи Қофи хулқу виқор.

Баъди хатми мадраса Хоҷа чанд сол дар худи ҳамон мадрасаи таҳсил кардааш дарс медиҳад. Баъди бозгашташ аз Хоразм Хоҷа Юсуф дар наҳв ва илми тасаввуф дарс мегӯяд. Азизон аз ташрифи Хоҷа Юсуф шод гардида духтари хешро ба ӯ дода тӯю тамошо барпо мекунад ва дар ҳамин маросими арӯсӣ вазифаи қозигии худро ба домодаш мебахшад. Баъдан ин вазифаи қозигӣ ба авлоди Вазеҳӣ аз насл ба насл гузашта идома меёбад ва охирин қозигии ин авлод дар Истаравшан ба Қозӣ Насруллоҳ расида буд. Умуман гирем аз ин авлод чанд нафар ба Бухорову Хуҷанд ҳам қозӣ таъин шудаанд, ки дар ин хусус дар ҷойи дигар хоҳем гуфт.

Хулласи калом Хоҷа Юсуф дар Истаравшан ҳам ҳамчун донишманду шоир ва муршид шӯҳрат меёбад, писари бузургаш Хоҷа Мӯсо Қутбул Ақтоб ҳокими маънавии шаҳри Ур-Теппа буд ва ҳокимони вилоят бе иштироку маслиҳати ин шахси бузурги унвони баланди Қутбул Ақтоб гирифта масъалаи давлатро ҳал карда наметавонистанд. Чунки Хоҷа Мӯсо (соли 1733) дар назди шоҳони Аштархонӣ Убайдулохону Абулфайзхон обрӯ ва эътибори калон дошт. Аз ин хонҳо ярлиқу марҳаматномаҳо мегирифт.

Хоҷа Юсуф дар даргоҳи худ ва Хоҷа Мӯсо маҳфили бузурги илмию тасаввуфӣ ташкил карда буд, ки беш аз 58 нафар аъзо дошт. Ва дар он сӯфиён, шайхон ва адибон гирд омада буданд. Ба ин маҳфил аз шаҳрҳои дигар масалан аз Хуҷанд, Муллоҷони шайдо иштирок мекарданд. Тамоили ин маҳфил ба ҷуз шеъру шоирӣ ба тасаввуф ба сулуки Нақшбандия ва Кубравия нигаронида шуда буд. Ин маҳфили бузург барои оянда ба вуҷуд омадани доираи адабии Истаравшан таҳкурсӣ гузошт.

Соли вафоти Хоҷа Юсуф маълум нест, вале умри дароз диданаш маълум мебошад. Дар як ғазалаш аз гузашти умр афсӯс хӯрда хира шудани чашмони худро шафеъ меорад:

Ду чашм хира ҷамоли ту надида дареғ,
Зи лолазори ту як дастае начида дареғ.

Наъши ӯро дар мавзеи Ҳисори Истаравшан, ки онро Сари Мазор низ меноманд, гузошта будаанд. Мақбараи ӯро зери чинори бузурге, ки беш аз ҳазор сол таърих дорад, бунёд ниҳодаанд.

Вақте ки дар соли 1949 ба зиёрати мақбараи Хоҷа Юсуф мушарраф шудем дидем, ки мақбара як дари дутабақаи кандакорӣ аз самти шимол дораду якто ҳамин хел дар аз тарафи Ҷануб. Дари тарафи Шимолиашро кушода вориди хона гаштем. Ин хона ҷойи нишаста тиловат ва ҷаҳру сӯҳбат меоростагӣ буда, турбати ҳазрати Хоҷа дар хоначаи пешгоҳ аст, он ҳам як дarичаи зебои кандакорӣ дошт. Хона бисёр баланд ва деворҳояш гаҷкории сап-сафед. Зеҳн монда дидем, ки чор тарафи девораш пур аз хат, қариб ҷойи холигӣ намондааст, Зоирон бо хатҳои гуногун ба ҳуруфоти арабӣ навиштаанд. Таърихи навишта шудани байтҳои ҷудогонаро дидам. Маълум шуд, ки ин навиштаҳо аз қарнҳои XVIII-XIX то ибтидои асри XX давом кардаанд. Аз ин ашъор чанд байти ҷолиби диққаташро ба дафтарчаам навишта гирифтам. Баъди донишгоҳро хатм кардан боз ба зиёрат омадам.

Мутаассифона, ин дафъа ҳеҷ чизро надидам. Бо супориши баъзе идеологҳои бадбахти шӯравӣ деворҳои мақбараро аз нав сафед карда, он навиштаҳои пурқимматро маҳв кардаанд, ки ин бисёр аламовар аст… Он ҷо шоҳбайтҳои аҷоиб гирд оварда буданд ва мо ҳамаи онҳоро навишта ба шакли китобе даровардани будем, ки ин ҳам ба таърихи Мазору ҳам ба таърихи бузургони Истаравшан бисёр муҳим буд.

Соли 1813-1814 ба шарафи Мақбараи Махдумӣ дар самти Шимолии мақбара дар байни чанорҳои бузург бо фармон ва маблағи амири Бухоро амир Ҳайдар (1800-1825) масҷиди бузурги айвони каҷгардон дошта ва дар тарафи чапи дохили масҷид чиллахонаҳо сохта шуд.

Пештар аз масҷид ин ҷо хонақоҳе вуҷуд дошт, ки ҳоло ҳаст. Баъдтар дар соли 1890 масҷидро мунаққаш сохтаанд, ки Ҷаноби Зуфархони Ҷавҳарӣ ба он қитъаи таърих гуфта будаанд. Он аз бист байт иборат аст. Инак мувофиқи мақсад се байти онро зикр мекунем:

Зиҳӣ мазори таназзаҳи баҳори файзосор,
Ки ҳаст нузҳати боғи биҳишташ ойнадор.
Сари мазори ҷаноби Махдумӣ аст,
Ки наъти поки вай он ҷо гирифтааст қарор.
Иморате, ки дар ин равзаи муқаддаса шуд,
Надида золи фалак зери гунбади даввор.

Қабрҳои писари Хоҷа Юсуф, Хоҷа Мӯсо ва набераҳояш Хоҷа Убайдуллоҳи Солик, Хоҷа Ибодуллоҳи Толиб, Сайидғозихоҷаи Нола ва чанди дигар низ дар паҳлу ва атрофи мақбара воқеъ гашта буд, ки аз санаҳои рӯйи қабрашон маълум буд.

Баъдтар бо супориши яке аз авлодони камхиради ӯ дар дохили айвони мақбара панҷ гаҳворагӯр пайдо шудааст… Ин гаҳвораҳои лойӣ гӯё аз турбати фарзандони Хоҷа шаҳодат медода бошанд. Ин кори ношоиста амри таърихиро вайрон кардан ва ҷойи зиёрати мақбараро танг кардан аст. Мумкин он бехирад ба сандуқи дилаш зада, гӯяд, ки ин бобои ман асту ҳар кор ки хоҳам мекунам. Аз ту ба Хоҷа Юсуф чӣ фойда? Шояд боз бигӯйӣ, ки ҷисми туро ҳам ба дохили мақбара гузоранд?

Гирам падари ту буд оқил,
Аз фазли падар туро чӣ ҳосил?

Абӯюсуфи Вазеҳӣ аз худ мероси бои адабӣ боқӣ гузоштааст. Як нусхаи девони ӯ, ки аз 150 ғазал иборат аст, дар осорхонаи доираи адабии Истаравшан ва нусхаи дигари он дар китобхонаи Институти шарқшиносии А. Ф. Ӯзбекистон нигоҳ дошта шудааст. Ҳаҷми девон 12-23 буда аз 98 варақ иборат мебошад. Девон муқоваи сурхи чармӣ дорад. Қоғази он зардчатоби Хӯқандист ва хаташ настаълиқӣ нимшикаст аст. Девон соли 1208-1794 дар Истаравшан китобат шудааст. Номи котиб қайд нашудааст. Ҳар саҳифааш 16 хати дуқатора, яъне 32 сатриро дар бар мегирад. Дар ин девон 383 ғазали Вазеҳӣ ҷой дода шудааст.

Девони куллиёти дар поёни умраш тартиб ва танзим додаи худи Вазеҳӣ ҳоло дар китобхонаи хусусии яке аз авлодони ӯ нигоҳ дошта мешавад. Куллиёт муқоваи чарми сурх дорад. Ҳаҷмаш 12x25, аз 263 варақ иборат аст. Муқаддима ва якчанд варақи аввали китоб канда шуда афтодааст.

Аз охири китоб ҳам як варақаш нест. Хаташ настаълиқӣ майдаи хушхон аст. Қоғазаш зарди мушаммойӣ. Дар ҳар варақа 17 байти 34 мисрагӣ ҷой дода шудааст.

Байти оғози куллиёт:

Хандакунон ту дар барам соате бинишин,
То ҳоли худ ба дидаи гирён бигӯямат. (в. 5)

Аз ин ғазал танҳо чор байт боқист. Албатта, байтҳои аввали ин ғазалро аз нусхаҳои дастрасшуда барқарор кардан мумкин аст.

Дар ин девони «Куллиёт» 1440 ғазал, 7 мухаммас (48 банд), як тарҷеъбанд 8 банд ва дар охир таҳти унвони «Муноҷоти маънавие», ҳаст, ки аз 167 байт иборат мебошад. Дар ин девони Куллиёт ҳамагӣ 9 ҳазору 722 байт мероси адабии шоир гирд оварда шудааст.

Агар ҳамаи мероси адабии дастрасшудаи Возеҳиро ба ҳисоб гирем, беш аз 10 ҳазор байтро ташкил медиҳад.

Возеҳӣ дар ғазалсаройӣ аслан пайрави Ҳофизи Шерозист. Ба ин худи матлаи девони ӯ низ шаҳодат медиҳад:

Хумори ҷони муштоқӣ чунон афтод дар дилҳо,
«Ало ё айюҳассоқӣ, адир кавсан ва новилҳо».

Чи хеле ки дида гузаштем, қисми зиёди мероси адабии Абӯюсуфи Возеҳиро ғазал ташкил мекунад. Возеҳӣ анъанаи ғазалсароии гузаштагони худ хусусан Ҳофизи Шерозиро давом дода ғазалҳои хубе офаридааст. Ҳаҷми ғазалҳои ӯ низ ба анъанаи ғазалсаройии гузаштагон пурра мутобиқат мекунад ва аз 5, 6, 7, 8, 9 байт зиёд нестанд. Ғайр аз ин забони ғазалҳои ӯ бисёр соддаи пухта буда рангин ва ҷолиби диққатанд:

Оҳ ин дардҳои бедармон,
Оҳ ин роҳҳои бепоён.
Оҳ аз ин умрҳои беҳуда,
Оҳ аз ин дарду меҳнати ҳиҷрон.
Зистан бе хаёли ту душвор,
Мурдан андар ҳавои ту осон.

Ишқи Возеҳӣ ишқи поку беолоиш, ишқи ҷозиб ва ишқи ҷунунангез аст, аз ин рӯ ғазалҳои ӯ ба ҳама зудрас ва дилчаспанд:

Дили ғамдида забун гашт дареғ,
Сарнагун буд нагун гашт дареғ.
Илми донои ӯ ҳеҷ бишуд,
Охирин ӯ ба ҷунун гашт дареғ…
Мекашид оҳи ғамолуда зи дил,
Шӯриши ӯ ба дарун гашт дареғ.
Оташи ишқи ту андар дилу ҷон,
То абад рафт фузун гашт дареғ.

Қомати чун алифамро дидӣ,
Эй Вазеҳӣ, ки ҷунун гашт дареғ.

Дар байни ғазалҳои Вазеҳӣ ғазалҳои ирфонӣ ва сӯфигии ӯ низ ҷойи намоёнро ишғол менамоянд. Ин гуна шеърҳои ишқи сӯфигии ӯ нисбат ба ғазалҳои ишқи табиияш як қадар баландтар меистанд. Дар ин асарҳо ишқи пурсӯзу гудози ӯ ва маъшуқаи шӯху таннозаш аз заминаи табиӣ ва ҳаётии худ канда шуда ба ишқи илоҳа омезиш меёбад. Ин ишқи шоир қатъӣ ва устувор аст:

Баҳри васлат, эй парӣ, ман хонумонро сӯхтам,
Бал зи шавқат, эй парӣ, ҳарду ҷаҳонро сӯхтам.
Гаштаам саргаштаву ҳайрон, ба кӯят омадам,
Бо хаёли рӯи ту кавну маконро сӯхтам.
Не маро кому забоне то ки гӯям ҳоли худ,
Дар таманнои рухат кому забонро сӯхтам.
Корвони ашки мо дар кӯи ту омад фуруд,
Рехт андар хоку хун в-ин корвонро сӯхтам.
Умрро бурдам ба сар бо посбони кӯи ту,
Охир аз сӯзи дили худ посбонро сӯхтам.
Наъраҳо кардам зи шавқат доимо, эй дилрабо,
Рӯ ба хоки тираву оҳу фиғонро сӯхтам.
Хостам, ки шарҳи ҳоли худ Вазеҳӣ то диҳам,
Лек андар роҳи ту шарҳу баёнро сӯхтам.

Дар байни ғазалҳои Вазеҳӣ ғазалҳои дар мавзӯи пандуахлоқӣ ва иҷтимоӣ навишташуда кам нестанд. Масалан ғазали зайлро шоир ба пуштибонии мазлумон гуфтааст:

Ба бандагони худованд меҳрубонӣ кун,
Зи некӣ дар ҳақашон ҳар чӣ метавонӣ кун.
Дуои ҷумлаи мазлум дар бари худ гир,
Бирав, ба даргаҳашон зуд посбонӣ кун.
Агар ба ту накунад некӣ ҳеҷ кас, эй ҷон,
Ту некие ба ҳама муфту ройгонӣ кун.
Ба сӯи ҳолати афсурдагони назар мекун,
Ту лутфу марҳамат ба рафиқи ҳамионӣ кун.
Вазеҳӣ: накдаи кавнайн зуд дар каф ор,
Фидои маҷлиси он дӯстони ҷонӣ кун.

Мухаммасҳои шоир низ ба ҳамаи қавоиду қавонини мухаммассаройӣ пурра ҷавоб медиҳанд ва воломазмунию рангинии онҳо аз табъи баланду меъёри камоли шоирии Вазеҳӣ гувоҳӣ медиҳанд. Банди аввали яке аз мухаммасҳои ӯ ин аст:

Эй рафиқ, аз мани мотамзада бисёр мапурс,
Хештан донӣ, ба ҳар лаҳза ба такрор мапурс.
Дар лаби бом маё в-аз буни девор мапурс,
Эй парирӯй, дигар аз мани бемор мапурс.
Ман гирифтор ба он ҳоли гирифтор мапурс (в. 68)

Банди охири мухаммаси бар ғазали Осафӣ навиштаи ӯ ин аст:

В-ин дили ғамгин ба ҷуз он тоби гесӯяш нарафт,
То надид ӯ муждае дар тоқи абрӯяш нарафт.
Эй Вазеҳӣ, ҷаври ноз аз қадди дилҷӯяш нарафт,
«Осафӣ умре ситамҳо диду аз кӯяш нарафт,
Сокини фирдавсро овора кардан мушкил аст». (вар. 65)

Вазеҳӣ қариб дар ҳамаи намудҳои маъмули адабӣ эҷод кардааст, аммо дар мероси адабии ӯ ғазал ва мухаммасу маснавӣ ҷойи асосиро ишғол менамоянд. Ғазалҳои ӯ бештар ирфонӣ буда, баъзеи онҳо дар бораи ишқи маҷозӣ ва ба мавзӯйи иҷтимоӣ бахшида шудаанд.

Ашъори Вазеҳӣ аз оғоз то интиҳо ба ёди дӯст, ба хотири дӯст, яъне ба ишқи оташини дӯст нигаронида шудааст, ки дар охир худ ба хулосае омада чунин менигорад:

Ҳаргиз хаёли дӯст Вазеҳӣ, зи дил нарафт,
Пир шуд хаёли дӯст, ҳама моҳу соли мо.

Мероси адабии пурбаракати шоир Хоҷа Юсуфи Вазеҳӣ ҷолиби диққат ва қобили татбиқ буда, барои омӯхтани адабиёти қарнҳои XVII-XVIII тоҷик, алалхусус, ба омӯхтани маҳфили илмию тасаввуфии даргоҳи Хоҷа Мӯсо ва таърихи доираи адабии Истаравшан аҳамияти калон дорад.

# ҒАЗАЛИЁТ

Агар оҳе кашам, сад дӯзах аз бунёд бархезад,
В-агар нолам, зи аҳли нӯҳ фалак фарёд бархезад.

Тасаввур гар кунам ман як замоне шодмониро,
Суруру ғам ҳамеша аз дили ношод бархезад.

Шаб аз зулфи сиёҳи худ агар чандин сухан ронад,
Ба вақти субҳ бими куфр аз «Аврод» бархезад.

Ба-д-ин сурат агар рухсор бинмоӣ ба рӯзи ҳашр,
Худоро изтироб аз ҷои худ озод бархезад.

Вазеҳӣ, дар миён зуннор баста рав ба сӯи дайр,
Ки аз ҳар гӯша овози муборакбод бархезад.

* * *

Ба даврони ту моро ҳар замон сад шӯр меояд,
Агарчи аз лабат дурем, шӯр аз дур меояд.

Куҷо мором истеъдоди сӯйи даргаҳат рафтан,
Сулаймон аз карам худ гоҳ, сӯйи мӯр меояд.

Ба уммеди висолат меравам дар кӯят, эй раъно,
Чунон к-он Мӯсии Имрон ба сӯйи Тӯр меояд.

Ба паҳлӯ гаҳ, ба зону, гаҳ ба сар гоҳе ба рӯ бингар,
Ба ҳар ҳоле ба сӯят ин дили ранҷур меояд.

Ҳумойи ин дили ғамдидаро ӯ тоза месозад,
Ба ҳар гоҳе Ҳумо бо дидаи махмур меояд.

Асоси дилбарӣ худ мекунад донӣ Вазеҳӣ ту,
Каманди дилбарӣ дар гардани Мансур меояд.

* * *

Ку маҳваше, ки ҷони худ маъвойи ӯ кунам,
Лахти ҷигар биёраму дил ҷойи ӯ кунам.

Кавнайнро ба ҳар нафасе зери по кунам,
Ҳар гаҳ зи сӯзи сина тақозойи ӯ кунам.

Дар назди ҳазраташ дилу ҷон маҳв мешавад,
Гар дастро ба зулфи сумансойи ӯ кунам.

Ҳурони хулдро ба тамошо бурун кунам,
В-аз шӯри ишқ, чун ки алолоёи ӯ кунам.

Эсои рӯҳро, ки зи Марям бурун кунам,
Дар Тӯри ишқ шавқ ба Мӯсои ӯ кунам.

Бар остонааш шаби ҳиҷрон ба сар барам,
Шавқи висол дар шаби ялдойи ӯ кунам.

Ӯ меравад ба ишва, Вазеҳӣ, назар бикун,
Бигзашт з-он ки тарки таваллойи ӯ кунам.

* * *

Туро, эй дилрабо, нозу карашма хуб мезебад,
Зи ҷон бар хоки пойи ту бад-ин маъюб мезебад.

Саросар чокҳо в-аз ханҷари мижгон ба дил некӯ,
Чунон ки сар ба сар бар синайи Айюб мезебад.

Фиғону нолаҳо аз дарди ту корест бар ошиқ,
Ҷудоиҳойи Юсуф дар дили Яъқуб мезебад.

Магӯ носеҳ, намезебад ба ту ин нолаву афғон,
Ки акнун нола дар ҳамчун мани маҳҷуб мезебад.

Муҳибро шуд сарафрозӣ зи ҷон бар хок хун судан,
Чунон ки шевайи дилдорӣ бар маҳбуб мезебад.

Ба сӯят нома бинвисам, чакад аз дида хун он ҷо,
Ҳамеша нуқтаҳойи сурх бар мактуб мезебад.

Вазеҳӣ, баста аз хуни ҷигар бар шохи мижгонат,
Ҷигар ҳам лахта-лахта бар сари ҳар чӯб мезебад.

* * *

Чӣ кунам, чи чорасозам, ки туйӣ рамузи ҷонам,
Ту ба мо ниҳон бигаштӣ ба дилу ба ту ниҳонам.

Ба ту ҳар замон адам шуд дили хастайи ҳазинам,
Ҳунарест ин зи ҷонам мани беҳунар чӣ донам?. . .

Бишудам чу қатра ғалтон ба муҳити воҳидат, ман,
Ҳама қатраҳои ғалтон сӯйи ваҳдатат бидонам.

Бирасид партави ту сӯйи қолаби ҳазинам,
Дили хастайи ҳазинро сӯйи ҳазратат расонам.

Ба саройи мо биёву рухи худ ба хоки ӯ неҳ,
Ту бигуфтӣ ин ҳикоят мани хаста ҳам бар онам.

Ду камони абрӯйи ту дилу ҷон бибурд охир,
Ба рабудани ту дилро мани хаста бегумонам.

Ба Вазеҳӣ рӯй бинмо, ки асири фурсати туст,
Ки шавад баҳори хуррам, ки ба ғайри ӯ хазонам.

* * *

Баҳри васлат, эй парӣ, ман хонумонро сӯхтам,
Бал зи шавқат, эй парӣ, ҳарду ҷаҳонро сӯхтам.

Гаштаам саргаштаву ҳайрон ба кӯят омадам,
Бо хаёли рӯйи ту кавну маконро сӯхтам.

Не маро кому забоне то ки гӯям ҳоли худ,
Дар таманнойи рухат кому забонро сӯхтам.

Корвони ашки мо дар кӯйи ту омад фуруд,
Рехт андар хоку хун в-ин корвонро сӯхтам.

Умрро бурдам ба сар бо посбони кӯйи ту,
Охир аз сӯзи дили худ посбонро сӯхтам.

Наърахо кардам зи шавқат доимо, эй дилрабо,
Рӯ ба хоки тираву оҳу фиғонро сӯхтам.

Хостам, ки шарҳи ҳоли худ Вазеҳӣ, то диҳам,
Лек андар роҳи ту шарҳу баёнро сӯхтам.

* * *

Умр мерафту хаёли ту ба сар мебурдам,
Ҳамчунон ғунчаи пажмурда ба бар мебурдам.

Сар ба саҳро зада ҳар сӯй сафар мекардам,
Наърахои ту ба ҳар кӯҳу камар мебурдам.

Ҳамчу боде ба гулу сабза давон мегаштам,
Ба ҳама в-аз сари зулфи ту хабар мекардам.

Ҳамчу Лайлӣ зи сари кӯҳ ба сар мерафтам,
Хабари шӯри ту бо кӯҳу камар мебурдам.

Шом то субҳ ба кӯйи ту фиғон мекардам,
Хабари шоми ту бо сӯйи саҳар мебурдам.

Шохсори мижа в-аз хуни ҷигар тар мешуд,
Ғами андӯҳи ту бо хуни ҷигар мебурдам.

Дигар аз ҳоли Вазеҳӣ, ту напурс, эй дилбар,
Хабари ашк ба ин чашми дигар мебурдам.

* * *

Эй ба сӯят нигарам ғулғула оғоз кунам,
Бесару пой шавам сӯйи ту андоз кунам.

Ту ба саҳро нигарӣ сӯйи ман овоз кунӣ,
Даст боло кунаму сӯйи ту овоз кунам.

Сӯйи кӯйи ту расам бо саги ту биншинам,
Хешро ман ба саги кӯйи ту эҳзоз кунам.

Сарфарозии ман ин аст, равам бар дари ту,
Рӯй бар хок ниҳам, хеш сарафроз кунам.

Дам нагирам зи фироқи ту даме биншинам,
Ҳар нафас бо ғами ҳиҷрони ту дамсоз кунам.

Ҳар замон дабдабае бар сари кӯйи ту кунам,
Боз оям ба дарат дабдабаҳо соз кунам.

Даст афшонӣ, ба савдойи ту пайдо созам,
Пой кӯбӣ, чу Вазеҳӣ ба дарат соз кунам.

* * *

Дар ғами ишқат, эй санам, ман дилу ҷон бисӯхтам,
В-аз дилу ҷон асар намонд, ҳарду ҷаҳон бисӯхтам.

Рӯҳ зи ҷисм шуд ҷудо, рафт ба сӯйи ту равон,
Дар сари кӯят он замон рӯҳи равон бисӯхтам.

Фаҳму хирад зи даст шуд, донишу ақл ҳеҷ шуд,
Дар рухи хубат, эй парӣ, шарҳу баён бисӯхтам.

Аз дилу ҷон гузаштаам, васли туро биҷустаам,
Рафта ба ҷустуҷӯйи ту ин дилу ҷон бисӯхтам.

Ҷону дили ҳазини ман бар дари дӯст ҳам нашуд,
Дида Вазеҳӣ, охир он ман ҳамагон бисӯхтам.

* * *

Арзи дили ғамнок бо кӣ гӯям ман?
Зи сӯзи синайи садчок бо кӣ гӯям ман?

Зи оби дида ба рухсори ту нашуд дида,
Ҳиҷоби дидайи ғамнок бо кӣ гӯям ман?

Ба ёди орази ту сӯхтам ду оламро,
Зи нури ту мани бебок бо кӣ гӯям ман?

Бибурдӣ ҷону дилу оразат нашуд равшан,
Фиреби шӯхи ситамнок бо кӣ гӯям ман.

Ниҳода рӯй ба роҳи ту хоксори ту буд,
Зи рӯйи зард ба ин хок бо кӣ гӯям ман?

Ба дилрабойӣ рабойӣ тамоми оламро,
Ту бандӣ зуд ба фитрок, бо кӣ гӯям ман?

Гузаштӣ чобуку чолок ҷон Вазеҳӣ дод,
Дар интизори ту чолок бо кӣ гӯям ман?

* * *

Дар роҳи ӯ ба дидайи гирён нишастаем,
Дар орзӯйи он лаби хандон нишастаем.

Дар кӯйи ӯ магар, ки ҳамин лаҳза омадем,
Пойи шикаста омада чандон нишастаем.

Ҷон бо сагаш надода, сар дар пойи ӯ диҳем,
З-ин кори хеш рафта пушаймон нишастаем.

Бо оҳи сард ҷони ҳазинро ба ӯ диҳем,
Дар раҳгузар ҳамеша ба армон нишастаем.

Дар шохаҳойи ҳар мижа хунобаҳойи дил,
Дар барги гул зи қатрайи борон нишастаем.

Дар гӯши ту магар нарасад наъраҳои мо,
Ҳарчанд мо ба оҳу ба афғон нишастаем.

Бар посбони кӯйи ту рӯ овоаридаем,
Ин лаҳза мо ба маҷлиси ёрон нишастаем.

Пажмурда гаштаам, Вазеҳӣ, ба раҳгузар,
Дар орзӯйи лолаузорон нишастаем.

* * *

Дар печутоби ҷаъд парешон нишастаем,
Филҷумла мо ба ҳалқаи ёрон нишастаем.

Лабро ба ёди он лабу дандон мегазем,
Дар иштиёқи он лабу дандон нишастаем.

Аз роҳи дур бар дарат, эй моҳ омадем,
Дар хоки остони ту меҳмон нишастаем.

Гарчӣ ду дида дар рухат, эй моҳ дӯхтем,
Ҳаргиз надида рӯйи ту пазмон нишастаем.

Ашки қатор бар дари ту реза-реза шуд,
Дар эҳтимоми қатрайи борон нишастаем…

То он ки бар рухи ту намоён диҳем ҷон,
Дар остонаи ту намоён нишастаем.

Чун мӯр рафтаем ба кӯят, Вазеҳисон,
Дар остонаат чу Сулаймон нишастаам.

* * *

Баромадам, ки равам як тараф, нашуд рафтан,
Ду се калима бигӯям ба ӯ, нашуд гуфтан.

Равам ба гӯшайи ғамҳои ӯ ниҳам паҳлӯ,
Зи ҳайбати ғами он дилрабо нашуд хуфтан.

Дар оташи ғами ӯ суфтатар шавад корам,
Бисӯхтам ҳамагӣ ҳеҷ як нашуд суфтан.

Ғубори кӯйи ту бо дидагони худ рӯбам,
Тамом гард шудам, эй парӣ, нашуд руфтан.

Фурӯ гирифт таманнойи ишқ ҳар ду ҷаҳон,
Нуҳуфта хостамаш охир он нашуд нуҳуфтан.

Ба хайли ҷумлаи хубон бигаштайӣ якто,
Ба ҷойи ту дигаре кай тавон пазируфтан.

Ба ҳоли зори Вазеҳӣ, ҳаме дар ошӯбӣ,
Ба ҳоли хастадиле то ба кай дарошуфтан.

## МУХАММАСОТИ ВАЗЕҲӢ

Эй парӣ, моро зи дар овора кардан мушкил аст,
Дар фироқи хештан бечора кардан мушкил аст.
В-ин дили худро чу санги хора кардан мушкил аст,
Ҷону дилро дур аз он рухсора кардан мушкил аст.
Дил, ки шуд бечора онро чора кардан мушкил аст.

* * *

Мову савдои ваю ҳар лаҳза дар дил оҳи сард,
Дидаи хунбор рӯ бар хоку дигар ранги зард.
Ҳам ба осонӣ, бишуд сад чок андар дилхвард,
Пеши бедардон гиребон пора кардан мушкил аст.

* * *

Ҷуз дили ғамдидаи худ дорӣ он маҳро маёр,
Ҳам дили пурдардро меору бо ҷонон надор.
Он парӣ ҳар лаҳза пеш ояд маро дар раҳгузор,
Гӯядам наззора кун якбора он гаҳ ҷон супор.
Ҳаст савдое, вале якбора кардан мушкил аст.

* * *

Киштии ҳиҷрони ту гашта дар ин шоми Ироқ,
Ман наям саргаштаи ғамҳоят, эй маҳ, з-иштиёқ.
Рехтам в-аз оби дида дар раҳат нанмуда соқ,
Хуни аҳли дил хурад реги биёбони фироқ,
Қатъи раҳ з-ин водии хунхор кардан мушкил аст.

* * *

Ҷуз ғами дарди маҳе андар дилу ҷон ҳам набуд,
Шукрилиллаҳ меҳнату андӯҳи ҷонон кам набуд,
Дар кафи мо ҷуз ғаму андӯҳи Ҷому Ҷам набуд.
Кӯҳканро хоби хуш в-аз хори хоро ғам набуд,
Бистари роҳат зи хору хора кардан мушкил аст.

* * *

В-аз азал гардидаам медон хароби ҳусни ӯ,
Нопадидидор омада, он офтоби ҳусни ӯ,
Ашки анҷум рехтам дар моҳтоби ҳусни ӯ.
Шуд маро бар гиря боис обутоби ҳусни ӯ,
Чашмаи хуршедро наззора кардан мушкил аст.

В-ин дили ғамгин ба ҷуз он тоби гесӯяш нарафт,
То надид ӯ муждае дар тоқи абрӯяш нарафт.
Эй Вазеҳӣ, ҷаври ноз аз канди дилҷӯяш нарафт,
Осафӣ умре ситамҳо диду аз кӯяш нарафт,
Сокини фирдавсро овора кардан мушкил аст.

* * *

Дар ин шаҳри ғарибӣ лаззати умрам надонистам,
Ватан ҳар гаҳ ба хотир мерасад ман нолаҳо созам.
Қалам аз найшакар созам, давот аз косаи чашмам,
Бар ин маънӣ нависам ман ва ҷонамро фидо созам

* * *

Дӯстон дар харими базми висол,
Фориғ аз рӯзгори хиҷронанд.
Чунки аз якдигар ҷудо монанд,
Он замон қадри якдигар донанд.

# ШАРИФИ ҲИСОРИЮЛ ИСТАРАВШАНӢ

Номаш Муҳаммадшариф. Бо тахаллусҳойи Ғамгин, Ғарибӣ ва Шариф шеър гуфтааст, мулаққаб ба Хоҷайи Ғарибон. Аз тазкиранависони Бухоро дар борайи Ғамгин чунин баҳо медиҳанд: «Ғамгин тахаллуси ниҳоли навхези гулистони хушгуфторӣ ва тозаниҳоли серрези бӯстони маънинигорӣ Мулло Муҳаммад Шарифи Ҳисорӣ аст… Қуввати фикриаш дар майдони саъй соҳибҷавлон. Дар ин айём талабайи Дорулфохира «Ақоид»-хон аст. Ашъори ӯ дар софӣ чу оби равон аст. («ТМ394 в 59») баъд Мӯҳтарам ду ғазали шоирро мисол меоварад. Чунонки маълум шуд Мӯҳтарам дар борайи ҷавонӣ, навшоирӣ ва Ғамгин тахаллус доштани Муҳаммадшариф маълумот медиҳад.

Муҳамммадшариф то хатми мадраса номи худро тахаллус кардааст. Баъди хатм бо як ҳамсабақи мадрасагиаш ба меҳмонӣ ба доираи адабийи даргоҳи Хоҷа Мӯсо медарояд ва баҳрае мебарад. Ин мактаби озоду ибрату таҷриба ва илми худшиносию худошиносидиҳанда ба Шарифи орифи машҳур бисёр маъқул мешавад. Маҳз баройи ҳамин мактаб ва иззату марҳамати мардумро нисбати муллоҳо, авлиёуллоҳо дида ӯ мехоҳад аз Ур-Теппа ба ҷойи дигар наравад ва инҷо сокинӣ мегардад.

Назар ба нақлу ривояти куҳансолони аҳли илму фазли дар охирҳои нимайи дуввуми асри XIX таваллудшуда, умри дарозе дидайи Қалъачайи Гули Сурх Бобойи Искандар, Мулло Давлат, Баҳодуртӯра, Сироҷиддин Тӯра ва Қорӣ Пулод Хоҷайи Ғарибон дар санайи 1107х. (1685м) дар қалъаи Водийи Ҳисор дар оилаи ишони тақводоре, ки сайидзода буда нисбат ба Махдуми Аъзам Ҳисор доштааст, таваллуд ёфтааст. Ин куҳансолони зикршуда ин маълумотро аз даруни муқобайи як китоби Хоҷайи Ғарибон хонда будаанд. Боз аз рӯйи нақлу ривояти ин куҳансолон баъди Муҳаммад Шарифи шайхи муқтадир деҳаи Қалъачаи Қалон ё худ Гули Сурх маъқул афтода будааст. Бисёр вақт ӯро аз ковокии ҷарии на он қадар дур аз сойи он меёфтанд. Ӯ дар ин хилваткада чилла менишаст. Сардорони ин деҳа аз ҳоли ӯ воқиф гардида бо ӯ дар Ур-Теппа бо ёрии ҳокими маънавийи ин ҷо

Хоҷа Мӯсо аз сарҳадди деҳи Қалъачайи Гули Сурх замин гирифта он ҷо хона месозад. Дар назди хонааш инчунин, як меҳмонхонайи бузурге месозад. Бо шиорӣ адаб ба кору ба ёр ба кори деҳқонӣ машғул мешавад. Ин меҳмонхона баройи ғарибу бечорагон ва раҳмондагон будааст. Муҳаммадшариф инҷо нуфузи калон пайдо карда будааст. Саховатмандӣ, соҳибкароматӣ ва меҳбуронияшро дидагон ӯро Хоҷайи Ғарибон, яъне Хоҷаи ғарибпарвар номидаанд.

Муҳаммадшариф, инчунин, дар Ӯр-Теппа ба Сӯфӣ Ғанӣ ном муршиди комиле инобат карда халифа шуда будааст. Вақте ки Хоҷайи Ғарибон вафот мекунад мувофиқи васияташ ӯро дар ҳамон ҳавлийи худи ӯ гӯр мекунанд ва болойи қабраш мақбарайи зебое месозанд. Баъдтар ӯ ба қабристон табдил меёбад ва онро қабристони Хоҷайи Ғарибон меномаанд, ки осораш боқист.

Аз осори адабийи Шариф бисёр кам дар даст дорем. Ягона баёзе, ки дар шаҳри Ӯр-Теппа навишта шудааст, баёзи Абдулқодир Ҳофиз будааст. Абдулқодир Ҳофиз дар ин баёз чор ғазали ҳам бо тахаллуси Ғамгин, ҳам Шариф ва ҳам Ғарибӣ навиштайи Шарифи Ҳисорийи Истаравшаниро ҷой додааст. Маълум мешавад, ки Абдуқодир Ҳофиз ин чаҳор ғазали Шарифро ба оҳанг андохта месурудааст. Ин фикри моро писари Ҳофиз Расул Қодирӣ ҳам фақат яктоашро чанд даҳсола инҷониб иҷро карда, ки матлааш чунин аст:

Эй дил, ту дарди ишқ надорӣ чи фойда?
Худро зи аҳли дард шуморӣ чи фойда?

## АЗ ҒАЗАЛҲОЯШ:

Бар дасти туст, ё Фаттоҳ, мифтоҳи дари дилҳо,
Бикун, ё Раб, ба мифтоҳи муҳаббат ҳалли мушкилҳо.

Дили дарёсифат деҳ то забонам мавҷ андозад,
Ҳазорон гавҳари таъқиқ ҳар соат ба соҳилҳо.

На дар ҷӯйи забонам ояд аз дил оби пургавҳар,
Магар сарчашмайи дил баста шуд з-омезиши гулҳо.

Ниқоб аз пеши рух бардор, то бинам аён рӯят,
Бигӯ то кай давам саргашта дар дунболи маҳмилҳо.

Ба теғи бениёзӣ баски куштӣ бегуноҳонро,
Фалак ҳар шом то зону равад дар хуни бисмилҳо.

Шарифо, гӯй бо соқӣ ба дастуре, ки Ҳофиз гуфт,
«Ало ё айюҳассоқӣ адир каъсан ва новилҳо».

* * *

Эй ба мо бегонайи пайваста бо ағёр ёр,
Тири ҳаҷрат карда моро дар дили афкор кор.

Ҳар шаб, эй дил, бар хилофи бахти хоболуди ман,
Аз пайи поси хаёлаш дидаат бедор дор.

Сарви гулрухсори ман дур аз харими кӯйи ту,
Мурғи дил дар боғ нолон асту дар гулзор зор.

Доруйи талхам мадеҳ аз заҳри чашму бин ки ман,
Дорам аз печони зулфат дар дили бемор мор.

Хорие к-аз ишқ бошад иззаташ донад Шариф,
Бигзарад, бар хок бигзораш ба ин ғамхор хор.

* * *

Ба боғи хубӣ, эй маҳ, ваҳ чи ҳусни бебадал дорад,
Ки дар васфи рухаш ҳар ғунча ҷузве дар бағал дорад.

Дигар кори дилам ҷое расида аз ғами ҳиҷрон,
Ки шаб то рӯз дида дар раҳи пайки аҷал дорад.

Зи гардун мениҳам, к-ин ҳастиамро медиҳад бо ӯ,
Фалак бисёр з-инсон лутфҳойи бемаҳал дорад.

Муҳол аст ин ки то шоми абад берун равад аз сар,
Дилам бо маҳвашон меҳре, ки аз субҳи азал дорад.

Шариф, аз ошиқӣ ҷо бар сари кӯйи маломат кун,
Ки ишқи бемаломат ҳукми илми беамал дорад.

* * *

Ба ғам оғушта гаштам, сӯхтам аз интизор имшаб,
Қадам дар роҳи бераҳмӣ ниҳод он гулъузор имшаб.

Ба аввал бо тараҳҳум кард ин дилхастаро шайдо,
Ба охир кард ҷорӣ сели ашкам шашқатор имшаб.

Ба ҷайби ноумедӣ сар фурӯ бурдам зи худ рафтам,
Шарар гаштам зи сар то пой чун шамъи мазор имшаб.

Ба ёди маҳваше то чанд Ғамгин мекунӣ худро,
Надорӣ дар ғарибӣ ҳеҷ ёри ғамгусор имшаб.

* * *

Эй парӣ, то бар рухи зебо ниқоб андохтӣ,
Оташи ҳасрат ба ҷони офтоб андохтӣ.

Дид анвори рухатро меҳр шуд дар инфиол,
Моҳро дар ҷилва андар изтироб андохтӣ.

Шуд муаттар маҳфиле, соқӣ, чи файз омад туро?
Ё магар дар бодайи гулгун гулоб андохтӣ?

Будӣ бо ағёр дӣ саргарми нушонӯши май,
Навбати ин мубтало худро ба хоб андохтӣ.

Кай хабар дорад зи оҳу нолайи зорат фалак,
Бе сабаб, Ғамгин, ба ҷони худ азоб андохтӣ.

* * *

Барф меояд зи сӯйи осмон,
Мефиристам барфие бар дӯстон.
Аз баройи барф тайёрӣ кунед,
Хомқима, девзира, чою нон.
Ман баёни барф созам як ба як,
Каллақанду пиставу базми калон.
Кулчаву ангуру ҳалвову мавиз,
Ҳам нишаллову мураббо баъд аз он.

Панҷ харбуза гиред аз баъди ош,
То бурида мешавад бар меҳмон.

Мо, ки фармудем ин асбобро,
З-он ки ин қоида монд аз бузрукон.

# САДРУШШУАРОИ ДОИРАИ АДАБИИ ИСТАРАВШАН

Хоҷа Убайдуллоҳи мутахаллис ба Солик яке аз пешвоёни шайхони бузурги даврон Садрушшуаро ва Қутбулоқтоб (меҳтари қавм, ки мадори корҳо ба вуҷуду шарафи ӯ бошад) буд. Убайдуллоҳ дар соли 1713 дар гузари эшонони Истаравшан дар оилаи Қутбулоқтоб, ҳокими маънавии вилоят Хоҷа Мӯсо таваллуд ёфт. Падари фозил аз синни чорсолагиаш ӯро ба омӯхтани оёту ҳадис ва хондану зебо навиштани хат водор менамояд. [1]

Хоҷа Мӯсо бо ташаббус ва ташвиқи падараш ҳазрати Махдумӣ, яъне Хоҷа Юсуфи Вазеҳӣ дар даргоҳи худ махфили калони илмиву тасаввуфӣ ва адабӣ таъсис карда буд, ки дар он ба мисли Абдулкарими Бедил, Сӯфӣ кӯчак, Сӯфӣ Ғанӣ беш аз 30 нафар олимону шоирони ирфонӣ ширкат доштанд. Овозаву шӯҳрати ин маҳфилро шунида аз Хуҷанду Самарқанд ва Бухоро низ шоирон омада буданд. Масалан, Тӯра Хоҷа ва Муллохоҷа – ду бародарон аз авлоди Хоҷа Абду Берунӣ. Хоҷа Абду Берунӣ дар даргириҳои ҷанги ҳокимону амалдорони сулолаи Аштархонӣ аз Тавофи Макка ва Мадина баргаштанд. Дар роҳ аз норомии зодгоҳашон Самарқанд огоҳ шуда ба Истаравшан ба даргоҳи Хоҷа Мӯсо манзил мегиранд. Аз амри Маъруфу ҷаҳру сӯҳбатҳои аҳли маҳфил бархурдор гардида баъдан муқими ин шаҳр мешаванд. Тӯрахоҷа ба духтари яке аз рӯҳониёни инҷо хонадор мешавад.

Убайдуллоҳи хушзеҳн ҳам дар назди устодон дарс мехонду ҳам аз маҷлисҳои маҳфил хӯшаи маънӣ мечинд. Ҳамин тавр баъди дар мадрасаҳои шаҳру маҳфили мазкур баҳраманд гардидан дар мадрасаи бобояш мадрасаи Маҳдуми Хоразм таҳсили хешро давом дода, ҳамчун фарди фозилу комил ва шоири ғазалсаро шӯҳрат меёбад.

[1] Қабл аз ин дар мақолаҳои зиёди ман ва дар рисолаи номзадиам: «Нодим ва муҳити адаби ӯ (дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали XIX)» дар бораи Хоҷа Убайдуллоҳи Солик сухан рафта буд.

Убайдуллоҳи ҷавон баъди гирифтани илмит қол, яъне илми гуфтаҳо ба илми ҳол-ботинӣ мегузарад. Сулуки нақшбандияро пеша карда ҳамчун шайхи муқтадир шӯҳрат меёбад. Аз ин лиҳоз ӯ Солик тахаллус дошт. Амири Бухоро Раҳим-биву хони Хӯқанд Эрдонабӣ (соли 1753-1754) ҳарду бо иттифоқ омада ба Ур-Теппа ҳуҷум оварда аз сари буридаи одамон калламанора сохтанд, вале иродаи мардуми ин ҷоро шикаста натавонистанд.

Ин буд, ки дар охирҳои солҳои шастуми асри XVIII вилояти Истаравшан аз сари нав истиқлолият ба даст овард. Бо пуштибонии ҳокими вилоят Фозил-бӣ илму адабиёт ва фарҳанг аз сари нав рӯ ба тараққӣ ниҳод. Дар маҳфили илмиву тасаввуфӣ ва адабии ин ҷо ҳавзаи калони адабӣ ташкил ёфт. Садрушшуарои он шахси таълимгирифтаи маҳфили пешин Хоҷа Убайдуллоҳи Солик интихоб гардид. Ин маҳфили адабии Истаравшан тадриҷан инкишоф ёфта дар замони ҳукмронии Худоёр-бӣ ҳокими вилояти мустақил ба як доираи калони адабӣ табдил ёфт ва шӯҳраташ то ба Бухорову Хӯқанд ва ба шаҳрҳои дигар расид. Шумораи шоирон, хаттотон ва санъаткорон беш аз 170 танро ташкил дод. Уламо ва шуарои маъруфи адабиёти асри XVIII тоҷик Саид Олимхоҷаи Ҳотиф , Иброҳим маҳдуми Хоиф, Ҳоҷӣ Муҳаммади Шаҳдӣ, Ҳоҷӣ Ибодуллоҳи Толиб, Мулло Бобоҷони Моил, Тӯрахоҷаи Афсӯс, Сайидғозии Музтар, Юнусхоҷаи Шоҳид, Муҳаммад Собири Собир, Султонхони Адо, Сайидғозии Нола дар ҳамин доираи адабӣ рушду камол ёфтаанд.

Дар ин доираи адабӣ бисёр корҳои адабӣ ва санъати нафиса ба вуҷуд омаданд ва як қатор девонҳои ғазалиёт тартибу танзим ёфтанд ва дар ин доираи адабӣ ба забони арабӣ ва баътар ба забони туркӣ ҳам асарҳо эҷод карда мешуданд.

Худи Хоҷа Убайдуллоҳи Солик дар мактуби назмии ба бобояш Хоҷа Юсуфи Вазеҳӣ навиштааш мартабаи дар илму аҳли Сулук доштаи худро ба тариқи зайл изҳор месозад:

Қатраосо дар муҳити ишқ ман яксар шудам,
Хешро гум карда дар батни садаф гавҳар шудам.

Despite: Ончунон бигдохта дар бӯтаи ғам ин вуҷуд,
Мушти хоке будам охир ман зари аҳмар шудам.

Солҳо будам ба хидмат назди аҳбоби сулук[2],
З-он сабаб бар мардуми гумраҳ басе раҳбар шудам.

Чанд рафтам аз паи устоди сарфу наҳвхон,
Иштиқоқе[3] сохтам ман оқибат масдар шудам.
Ман бихондам тахтаи таълим назди офтоб,
Рӯ ба пастӣ сохтам ҳарчанд болотар шудам.

Чунонки дар боло зикр ёфт, Солик ба ивази ин бузургиву фӯрӯтанӣ марди қаноатдида ва порсо буд аз касе чизе талаб намекард. Ҳамвора ӯ ба пешрафти тамаддун, алалхусус, илму маърифат кӯшиш ба харҷ медод: ӯ нисбати худ мегӯяд:

Нагаштӣ дар ҷавонӣ ҳалқазан бар ҳеҷ дар Солик,
Қади хамгаштаи худро чӣ созӣ ҳалқаи дарҳо.

Солик ошиқи Худо буд. Ишқи ӯ нисбати Илоҳа ишқи сӯзон ва ишқи оламсӯзи ушшоқ буд. Ҳолатҳои ишқварзӣ ва маҳрумиятҳои ишқро хуб медонист. Ҳеҷ гоҳ рӯҳафтода намешуд ва ҳамчун Ҳофизи Шерозӣ ба худ таъкид мекард, ки ишқварзӣ кори осон нест:

То чанд дилатро ҳаваси хоби гарон аст,
Осоиши тан боиси маҳрумии ҷон аст.
Ошиқ шудӣ аз роҳати айём бупарҳез,
Қуфли дари ин хона ба дасти дигарон аст.
Як лаҳза хаёли рухи ҷонона дар ин боғ,
Бо Солики мо, беҳ зи матои ду ҷаҳон аст.

Солик дар охирҳои умраш гӯшанишиниро ихтиёр карда буд ва ҳамвора сайди маънӣ мекард, асарҳои хуб менавишт.

Хоҷа Убайдуллоҳи Солик соли 1800 дар синни 88 солагӣ аз дунё даргузашт, наъши ӯро дар Ҳисори Истаравшан, яъне дар Сари Мазор берун аз мақбараи бобояш дар наздикии

---

[2] Аҳбоби сулук-роҳу тариқи сӯфиён.
[3] Иштиқоқ – дар истилои илми бадеъ, иштиқоқ ё иқтизоб ин аст, ки шоир ё нависанда калимоте истеъмол кунад. Аз як модда муштақ шуда бошанд, мисли азл маъзул, ифтихор, тафохур, ҳикмат, ҳаким.

қабри падараш ба хок супурданд. Фавти ӯ ба мардуми Истаравшан, алалхусус, ба аҳли тасаввуф ва ба адабиёти тоҷик талафоти калон буд.

Солик шоири соҳибдевон аст ва девонаш ба даст омадааст. Азбаски дар дасти яке аз авлодони вай маҳфуз буд, истифода аз он муяссар нашуд. Ашъори парокандаи ӯ дар баёзҳо ва ҷӯнгҳои дар шаҳрҳои Ӯр-Теппа, Самарқанд, Бухоро ва Хӯқанд навишташуда низ вомехӯранд. Анқариб сад ғазали ӯ аз баёзҳо гирд оварда шуд. Солик худ медонист, ки рӯзе ба фавти ҷисмаш аҷал баҳона мешавад, вагарна худ фарди ҷовидон аст:

Ба теғи ишқ тағофул нагашт Соликро,
Миёни халқи ҷаҳонам аҷал баҳона шуд охир.

Солик як умр ишқи Илоҳаро варзид ва ниёиш кард.
Чунон ки худ мегӯяд:
Солик накунад саъй ба ҷуз олами таҷрид,
Бо хеш ба ҷанг аст, ба сулҳи дигарон аст[4].

Ин аст, ки бисёр шоирони муосир ва минбаъд аз шоирони Истаравшан Ҳоҷӣ Муҳаммади Шаҳдӣ, Мирзо Сиддиқи Фано, Зокирхоҷаи Намангонӣ, Мирзо Азими Мақбул Шокирхони Шокир, Зуфархони Ҷавҳарӣ ва боз чанде дигарон Хоҷа Убайдуллоҳи Соликро устоди худ пиндошта эҳтиром ва таърифу тавсиф намуда ба ғазалҳои тозамазмуни ӯ назираҳо гуфтанд: Масалан Ҳоҷӣ Муҳаммади Шаҳдӣ чунин гӯяд:

Тариқат дар сулуки қубравия сарсулуки ман,
Бувад ӯ соҳиби иршод Солик пири аҷдодам.

Шаҳдӣ дар Сулуки Қодирия, яъне ба Сулуки Абдуқодири Ҷелонӣ (асриXII) доштаи Хоҷа Убайдуллоҳи Соликро қайд намуда, халифа – шогирди Солик будани худро низ изҳор менамояд:

Дар Сулуки «Қодирия» мӯътақид будӣ мудом,
Нури дониш дар қадат аз шоҳи Гелон рехта.

---

[4] Таҷрид – танҳойӣ ва канорагирӣ

Аз тариқи «Кубравия» нисбати олӣ туро,
Хирқаи Солик ба қаддат моҳи тобон рехта.

Мирзо Сиддиқи Фано дар девони худ Хоҷа Убайдуллоҳи Соликро «Раҳнамои аҳли яқин», «муҳаққиқулофин» номидааст.

Фазлии Намангонӣ дар «Маҷмӯаи шоирон»-и худ (саҳ. 7) дар ҳаққи Солик чунин гуфтааст.

«Бувад Солик он муршиди номдор,
Каромоти ӯ дар ҷаҳон ошкор».

Шоири маъруфи нимаи дуввуми асри XIX Мирзо Азими Мақбул ба як ғазали Солик тазмин гуфта меъёри пояи шоирии ӯро ин тавр баён месозад.

Ба дурри суфтаи Солик маро на ҳадди тазмин буд,
Маро башорат аз он муршиди ягона шуд охир.

Шоири машҳури Бедилбаёни асри XIX ва нимаи аввали асри XX Зуфархони Ҷавҳарӣ дар ҳақиқат роҳбари шоирон буданашро қайд менамояд:

Тӯйӣ, к-ӯ Ҷавҳарӣ, мегӯядат, эй роҳбар Солик,
Зи хони неъмати алфақру фахри баҳравар Солик.
Набурдӣ арзи ҳоҷат пеши аҳли симу зар Солик,
«Нагашти дар ҷавонӣ ҳалқазан бар ҳеҷ дар Солик,
Қади хамгаштаи худро чӣ созӣ ҳалқаи дарҳо».

Ҳамин тавр, бисёр шоирони маъруф ва аҳли илму фазли муосир ва баъдина ба ҷиҳатҳои одамият, хислатҳои нек ва меъёри камоли муршидиву шоирии ин марди хирад, ситораи тобони осмони адабии асри XVIII ва роҳбари мумтози доираи адабии Истаравшан бо эҳтиром сухан гуфтаанд.

Дар доираи адабии Истаравшан омилҳои соддаю равонгӯйӣ, фардикунонии мавзӯъ, навоварӣ ва навпардозӣ хеле барҷаста ба назар мерасад. Дар ҳамаи ин муваффақиятҳо Хоҷа Убайдуллоҳи Солик ҳамчун роҳбари аввалини ин доираи адабӣ ҳиссаи калон гузоштааст.

Пеш аз фавти Солик дар соли 1800 аз тарафи амир Ҳайдари

нав ба сари қудрат омада (1800-1826) дар Сари Мазор масҷиди нав сохта шуд. Лақаби ифтихории Хоҷа Убайдуллоҳи Солик Хоҷаҷон буд. Мадрасаи худи ӯ бунёд ниҳода низ мадрасаи Хоҷаҷон ном дошт. Худи ӯ дар ин мадраса аз маърифати ислом аз сарфу наҳви арабӣ ва аз шоирӣ дарс мегуфт. Гузари дар он зодашудаи ӯ, ки Эшонон ном дошт ба гузари Хоҷаҷон табдил шуд. Хоҷаҷон бо номи худ масҷиде низ дошт. Ин ҳама мадрасаву масҷиду гузар ҳоло ҳам ба номи ӯ амал мекунад. Дар соли 2013 ба рӯзи таваллуди Хоҷа Убайдуллоҳи Солик 300 сол пур мешавад, бо ташаббуси аҳли ҷамоматчигии ҷумҳурӣ ба ҷашни ин нобиғаи даврон садрушшуарои доираи адаби Истаравшан омодагӣ бояд гирифт.

## АЗ ҒАЗАЛИЁТИ ШОИР

Нагун гардид раъятҳову сарҳо рафту афсарҳо,
Ҳанӯз истода қойим бесутун ин кӯҳна чодарҳо.

Ку масҷидҳо ки буд ин чархи гардон сақфи марфӯяш,
Зи рафъат зинаи боми фалак буданд минбарҳо.

Иморатҳои мавзун дорад осори Самарқандам,
Надонам аз кадом обу гиланд ин тоқу манзарҳо.

Зи қаддамту қудуман худ ба худ гаштам хиҷил то ҳеҷ,
Ҷавоби хайра мақдам баски нашнидам аз ин дарҳо.

Нагаштӣ дар ҷавонӣ ҳалқазан бар ҳеҷ дар Солик,
Қади хамгаштаро акнун чи созӣ ҳалқаи дарҳо.

* * *

Хуррам он қавм нишастанд пайи зонӯҳо,
Суда бар хоки дари каъба масаллатрӯҳо.

Нест дар арсаи иқлими муҳаббат имрӯз,
Шаҳсаворе, ки барад аз сари майдон гӯҳо.

Аз пайи таъзияти сабзқабоёни чаман,
Сунбули боғ ба сар карда парешон мӯҳо.

Наварӯсони чаман ҷумла абиромезанд,
То биёвард сабо з-он хами гесӯ бӯҳо.

Чун кашад мискин, кӣ бори ҳамаи филонро,
Бишикастаст аз он бори гарон бозӯҳо.

Аз пайи тарбияти нахли қадат сохтаанд,
Аз буни ҳар мижаи Солики маҳзун ҷӯҳо.

* * *

Эй дил, мабош ғофил аз эҳсони нимшаб,
Дасте бизан ба домани афғони нимшаб.

Шаб то ба рӯз пешаи ту хоби ғафлат аст,
Эй бехабар зи ишрати хосони нимшаб.

Хилватсарои гунбади афлок пурсадост,
Аз ҳою ҳуйи наъраи мастони нимшаб.

Қасру сарои шоҳ ба як ҷав намехаранд,
Осудагони гӯшаи айвони нимшаб.

Биншаста сайри олами афлок мекунанд,
Қавме, ки по кашида зи домони нимшаб.

Солик, агарчи ғарқаи усёни давлатем,
Чашми умеди мост ғуфрони нимшаб.

* * *

Зи чашми масти соқӣ соғару паймона мерақсад,
Зи бонги нӯш-нӯши майкашон бутхона мерақсад.

Чи сон орам ба қайди хеш рамгардида сайдеро,
Ки аз ваҳшат ба зери хок дому дона мерақсад.

Надонам чист боис шӯриши аҳли савомиро,
Ки зоҳид бо асову сабҳаи саддона мерақсад.

Биёву як нафас бар пойи шамъ, эй норасо биншин,
Ки бо сад шӯр бар вақти саҳар парвона мерақсад.

Суроғи куйи Лайлӣ мекунад дар арсаи олам,
Агар Маҷнун хиромон бар дари ҳар хона мерақсад.

Шароби ишқ дорад лаззатеву нашъаи Солик,
Сари Мансур бар дори фано мастона мерақсад.

* * *

Хуш он ки ба савдойи ту фориғ зи ҷаҳон аст,
Дар хонаву бозор ба сӯят нигарон аст.

Ошиқ нанишинад ба дари каъбау масҷид,
Майнӯшу қадаҳбар кафе бо дайри муғон аст.

Рухсори туро ҳар ки бубинад равад аз ҷон,
Гар муршиди вақт аст, агар теғи замон аст.

Солик, накунад сайр ба ҷуз олами таҷрид,
Бо хеш ба ҷангасту ба сулҳи дигарон аст.

То чанд дилатро ҳаваси хоби гарон аст,
Осоиши тан бойиси маҳрумии ҷон аст.

Ошиқ шудӣ, аз роҳати айём бупархез,
Қуфли дари ин хона ба дасти дигарон аст.

Як лаҳза хаёли рухи ҷонона дар ин боғ,
Бо Солики мо беҳ зи матойи ду ҷаҳон аст.

* * *

Он бевафо, ки шеваи аҳду карам шикаст,
Бишкаст аҳд, лек ба ҷаври ситам шикаст…

Пуштам хамида ба фақр аз осеби бори ғам,
Бори дигар фузуд ҳамон пушти хам шикаст.

Як чанд буд тавсани ҳиммат ба зери рон,
Он ҳам ба сар омаду таблу алам шикаст.

Хоки раҳаш ба дидаи ҷон тӯтиё кунад,
Доман ҳар он ки аз пайи тавфи ҳарам шикаст.

Танҳо ба назди шишаву ҷому сабуйи май,
Ин санг токи ҳиммати кисро ба ҳам шикаст.

Даврону даври равнақи иқбол барфарошт,
Он ҳам фиканд савлати хайлу ҳашам шикаст.

Субҳи саодати мани маҳзуну хастаро,
Дар бахти тира торики шоми ғам шикаст.

* * *

Боз гулро дар чаман нашъунамои дигар аст,
Чеҳраи гулноки оламро сафои дигар аст.

Домани дашти ҷунун ҳам обу ранги тоза аст,
Мардуми девонаро дар сар ҳавои дигар аст.

Нест расми нола ҳайратпешагони ишқро,
Нолаи ин корвонеро дирои дигар аст.

Дидаи зоҳир ба кори дил наёрад мурдаро,
Киштии баҳри талабро ноҳудои дигар аст.

Миннате аз халқ набвад дар уруҷи бахти ман,
Сояафкан бар сарам боли ҳумои дигар аст.

Нолаи аҳли ҷунун, Солик, ба як оҳанг нест,
Бар дили ҳар мурғи ин гулшан навои дигар аст.

* * *

Вой аз он рӯзе, ки саҳни бустон пургул шавад,
В-аз нафири булбулон ҳар ҷонибе ғул-ғул шавад.

Боғбони сунъро нозам, ки дар фасли баҳор,
Зинатафзои чаман аз савсану сунбул шавад.

Сахт бераҳмона барканданд гулчинони боғ,
Ғунчае ку то заниши хотири булбул шавад.

Хайдаросо бар сарафрозе, ки дар майдони ишқ,
К-ӯ савора бар буроқи шавқ ё дулдул шавад.

Бар дари Пири Муғон Солик ҳар он к-ӯ сар ниҳод,
Сарфарози арсаи кавнайни ҷузву кулл шавад.

* * *

Сияҳмасте, ки чашмаш бар дили хоро асар дорад,
Чи парво аз фиғони шом, аз оҳи саҳар дорад.

Ман аз ошӯби чашми масти он бебок донистам,
Ки не аз хуни ошиқ бок, не аз дин ҳазар дорад.

Зи атрафшонии боли кабӯтар гашт маълумам,
Ки мушкинномае з-он ошён дар зери пар дорад.

Чаро, эй нола, густохона бо он кӯй мепечӣ,
Ки он маҳ аз фиғони додхоҳон дарди сар дорад.

Ба кӯҳу дашт Маҷнуни биёбонгард ин мегуфт:
Ниҳам сарро ба пои ҳар, ки аз Лайлӣ хабар дорад.

Агар бишкаст Лайлӣ косаи Маҷнун, чи ғам ӯро,
Ки айёрона пинҳон зери лаб лутфи дигар дорад.

Пайи меҳмонии қути сагони ин ҳарам Солик,
Муҳайё карда дар қонуни ҷон лахти ҷигар дорад.

* * *

Зи бозори табибон нолаи ранҷур меояд,
Зи гулзори муҳаббат булбули пуршӯр меояд.

Сарандозон ба ҳар сӯе, биё, гир хуми май соқӣ,
Садойи қулқули май аз дами махмур меояд.

Арақ аз чеҳраи ошиқ бурун рӯзи висол ояд,
Ки маъшуқ андарон водӣ пайи мағрур меояд.

Харидори сари зулфаш парешонхотирон бошанд,
Ки сирри илми ҳол аз синаи махмур меояд.

Қадам дар мактаби риндон ниҳодам дарс фармуданд,
Бинои илми ин маънӣ нишони нур меояд.

Ба хоки пойи наълайнаш рухи зарде бимолидам,
Нидойи лантаронӣ ҳар замон аз Тӯр меояд.

Ба дарди ишқ, эй Солик, дар ин водӣ биё бишнав,
Аналҳақ доим аз хокистари Мансур меояд.

* * *

Эй ба тавҳиди ту ҳар зарра гувоҳи дигаре,
Хокбӯси дари ту шоҳу сипоҳи дигаре.

Рӯзи маҳшар, ки сар аз хоки лаҳад дарборад,
Муҷрибонро набувад ҷуз ту паноҳи дигаре.

Зари рухсора ба каф дораму дурдонаи ишқ,
Ғайр аз инам набувад ҳеҷ гувоҳи дигаре.

Чи занам лофи муҳаббат, ки намурдам зи ғамат,
Нест дар ишқ аз ин пеш гуноҳи дигаре.

Баҳри побӯси суми тавсани ту шому саҳар,
Водии мулки дигар ҷӯяму роҳи дигаре.

Ақл бар кунҳи ҷалоли ту куҷо ёбад роҳ,
Ҳаст андешаи зоти ту гуноҳи дигаре.

Баски бурдем ба дил доғи таманнои туро,
Рӯяд аз турбати мо меҳргиёҳи дигаре.

Дар биёбони фироқат бинигар Соликро,
Карда аз дуд ба сар тоҷи кулоҳи дигаре.

* * *

Тарашшаҳи миҷаам баҳри бекарона шуд охир,
Фиғони беасарам оҳи ошиқона шуд охир…

Диле, ки буд қадамгоҳи шоҳбози хаёлаш,
Хадангҳои ҷафои туро нишона шуд охир.

Бисӯхт ҷони асирон ба ҳалқаи гесӯ,
Ки маҳрами сари зулфаш забони шона шуд охир.

Зи хоктӯдаи Маҷнун ба гӯши ҳуш бишнидам,
Ки ишқбозии мо дар ҷаҳон фасона шуд охир.

Ба теғи ишқ тағофул нагашт, Соликро,
Миёни халқи ҷаҳонаш аҷал баҳона шуд охир.

* * *

Қатраосо дар муҳити ишқ ман яксар шудам,
Хешро гум карда дар батни садаф гавҳар шудам.

Ончунон бигдохта дар бӯтаи гам ин вуҷуд,
Мушти хоке будам, охир ман зари аҳмар шудам.

Солҳо будам ба хидмат назди арбоби сулук,
З-он сабаб бар мардуми гумраҳ басе раҳбар шудам.

Чанд рафтам аз пайи устоди сарфу наҳвхон,
Иштиқоке сохтам ман оқибат масдар шудам.

* * *

Каъба рафтам ёр гуфтам, дайр рафтам, ё санам,
Даст бар ҳар дар задам омад садо, «биншин манам».

Шаб ки Тӯри дил зи барқи ҷилваи ҳусне гудохт,
Устухони шамъ таҷаллӣ шуд ба фонуси танам.

То шуд аз бахти сияҳ лабрез зулматхонаам,
Нури маҳ чун дуд мепечад ба чашми равзанам.

Набзи оромам ба тамкинӣ раги сангошност,
Кӯҳ ҳамчун гирдбод ояд ба рақс аз рафтанам.

Гар ба ҳомун сар диҳам Солик, инони ноларо,
Об гардад дар дили хоро шарор аз шеванам.

* * *

Дилам дар ҳалқаи он зулф пайвастаст, донистам,
Зи талвиноти ошӯби ҷаҳон растаст, донистам.

Куҳанрӯбоҳи ланги ин биёбон бо тани лоғар,
Басе сарҳои шерони ҷаҳон хастаст, донистам.

Зи бедодаш дило, гар метавонӣ кунҷи узлат ҷӯй,
Қамар бар қасди ҷони бедиле бастаст, донистам.

Қадаҳ пур кун, ки аз як ҷуръа дардошоми майхона,
Зи ҳавли маҳшари ғавғои ӯ растаст, донистам.

Дар ин гулшан ту, эй булбул, чи азми ошён дорӣ,
Ки ҳар авроқи гул бори сафар бастаст, донистам.

Ба гирди худ дило, то чанд печӣ анкабутосо,
Асоси ин ҷаҳони бебақо суст аст, донистам.

Хуморо чист бар гирди сарам мастона мерақсад,
Дилам дар пора мушти устухон бастаст, донистам.

Сияҳ гар номаи аъмоли Солик шуд, макун айбаш,
Назар бар ҷӯшиши ғуфрони ҳақ бастаст, донистам.

* * *

Ҳарими хонақаҳро ҳою ҳуйи ҳақпарастон ку?
Хароботи муғонро нӯш-нӯши майпарастон ку?

Ба ашки хунфишон булбул саҳар бо нола мегӯяд,
Шукӯҳу боғбону равнақи ҷӯши гулистон ку?

На бонги най, на ҳусни арғунун, не нолайи чанге,
Навойи мутрибони базмгоҳи танъдастон ку?

Ғурури нахвати рӯбаҳсиголон дида мегӯяд,
Дареғо ҳайбати ҳангомаи шери найистон ку?

Ҷавонӣ рафт, пирӣ аз пай омад хуш нигар Солик,
Ниҳеби устоду ғулғули бонги дабистон ку?

* * *

То қадам зад бар сарам чобуксавори дигаре,
Чашми пур хун дораму ҷони фиғори дигаре.

Аҳди гулшан барқосо меравад паймонагир,
Ҳаст оё фурсате то навбаҳори дигаре.

Орифон аз сайри гулгашти чаманҳо фориғанд,
Бар дили худ ёфта боғу баҳори дигаре.

Лаълҳои қимате дорем дар кӯҳсори ишқ,
Бухтиёни шавқ дар ҳар сӯ қатори дигаре.

Эй аҷал, таъхир кун баҳри худо якдам, ки мо
Ҷон ба каф дорем аз баҳри нисори дигаре.

Баски Солик аз тамошои лаби ҷӯ фориғам,
Бастаам аз ашки хунин ҷӯйбори дигаре.

* * *

Набошад пешаи ишқи бутонро ҳеҷ қонуне,
Ба ғайр аз сар ниҳодан ҷониби кӯҳею ҳонуме.

Ба куфри зулфи ӯ то бастаам, сарриштаи дилро,
Мани нокомию шоми фироқу бахти вожуне.

Ба гулгашти чаман рӯзе агар Лайлӣ гудоз орад,
Наёромад замоне ҷуз ба нахли банди Маҷнуне.

Макун ҳон, эй аҷал, таъҷил як дам орзу дорам,
Ки бидҳам ҷони ширин аз нигоҳи чашми майгуне.

Макун по беадаб дар водии аҳли ҷунун, эй дил,
Ки пинҳон гашта заҳри хармағилон аст, маълуме.

Замоне ёфт ошиқ гар табошири висолашро,
Ҳуҷуми шоми ҳиҷронаш ҳамон дам зад шабохуне.

Кучо ҳар бебизоат лофи ғаввосӣ тавонад зад,
Ки ҳар як моҳии ин баҳр хунхор аст, зунуне.

Чи бошад гар ту аз рӯии карам дилхаста Соликро,
Яке пурсӣ, ки дар ишканҷаи ҷавру ҷафо чуне?

* * *

Ту ки оламе бисӯзӣ ба карашмаи адойӣ,
Чи шавад агар бисозӣ ба ниёзи бениёӣ.

Ҳама чизи хуб дорӣ чи кунам, ки бо рақибон,
Чу фалак ситезакорӣ, чу замона бевафойӣ.

На касам, ки ҳол пурсад, на касе, ки роз гӯям,
Назаре ба ҳоли ман кун ту ки раҳмати худойӣ.

Ба куҷо равам, чи созам ба кӣ гӯяму чӣ гӯям,
Ки тамомӣ дарду доғам, надиҳӣ намешифойӣ.

Ҳама умр бо ту будам, ту бигӯ, ки бо кӣ будӣ?
Нашавӣ аниси ҷонам ту ғарибӣ ошнойӣ.

Ба қиморхона рафтам ҳама покбоз дидам,
Ба савмаа расидам, ҳама зоҳиди раёйӣ!

Ту ба Солики тариқат на аз ин сулук мекун,
Бинавоз хотирашро ба карашмаи адойӣ.

## МУХАММАСИ СОЛИК

Тасовирӣ зи килки сунъ шуд берун зи андоза,
Ниҳода сафҳаи офоқро даврон чунон ғоза.
Дабири навбаҳор овард рангу бӯ ба овоза,
Насими субҳ авроқи чаман то баст шероза,
Шуд афғони ҳурӯси наварӯсони чаман тоза.

Зи Мисри муддао бӯйи навиди васл нопайдо,
Ману дар байтулэҳзон оҳу ашку шӯру вовайло.
Чу Яъқуб аз ҳуҷуми гиряи чашм гашт нопайдо,
Пайи кӯҳи басират рӯзгоре шуд Зулайхоро,
Канори шоҳраҳ Юсуф биншастааст дар коза.

Набошад аз ҳавойи зулфи он маҳ ҷуз парешонӣ,
Намонда дар бисоти дил маро бе сабру сомонӣ,
Ниқоб афканда бе парво макун ҳар сӯй ҷавлоне.
Зи ҳусни рӯзафзун оламе доранд ҳайронӣ,
Маяфзо бахри қатли бедилон баҳри Худо ғоза.

Хароши синаамро сатҳи он раҳ гард шомилро,
Ба хайли дарду ғам афканда ин устоди омилро,
Ба фикри дӯст оин бастам инак қасри манзилро.
Пайи ташрифи султони хаёлаш кишвари дилро,
Муҳайё кардаам бинҳода аз ҳар сӯй дарвоза.

Хаёли ғайрро аз сина як сӯ кардаӣ Солик,
Ба сӯйи куйи он бадхӯй чун рӯ кардаӣ Солик,
Ба он дар ҳалқа шав гар судани ӯ кардаӣ Солик.
Ҳавойи пойбӯси он саги ӯ кардаи Солик,
Чаро бояд, ки пойи худ ниҳӣ берун зи андоза.

* * *

Баройи соли мавти хеш рӯзе,
Дилам як мисраи барҷаста мехост.
Зи ғаффори азал омад нидое,
Ҳабибуллаҳ биҳиштӣ, бандайи мост.

* * *

Не подшаҳи тахтнишин мемонад,
Не бодиягарди хӯшачин мемонад.
То ҷон ба бадан бувад, дилеро дарёб.
Дунё гузарон аст, ҳамин мемонад.

* * *

Соқиё, деҳ бодаи гулранг бо ҷоми сафо,
То барад аз сар хумору ҳам диҳад дилро ҷило.
Соқиё, май деҳ, ки бо мадҳи ҷаноби мӯҳтарам,
Хотири маҳзуни ин махҷур гардад ассано.

## САЙИДҒОЗИИ НОЛА

Сайидғозии Хоҷаи мутахаллис ба Нола яке аз забардасттарин мутафаккирон ва шоирони доираи адабии Истаравшан ба ҳисоб мерафт.

Сайидғозӣ Хоҷа соли 1768 дар гузари Хоҷаҷони ш. Истаравшан дар оилаи қутбулақтоб ва шоир Хоҷа Убайдуллоҳи Солик мутаваллид шуд.

Ӯ ба шабнишиниҳо варзида, аз хирмани дониши бузургони адаб хӯшачинӣ кард. Дар назди падар, инчунин, аз илми шеъру шоирӣ, сарфу наҳви арабӣ омӯхт, аз афкаҳул уламо Мулло Тағоймуроди Истаравшанӣ аз илми фиқҳ таълим гирифт ва аз устодони дигар илмҳои расмии замонаро омӯхт. Ҳамин тавр дере нагузашта ӯ ҳамчун шоири баркамол ва аҳли илму фазл шӯҳрат ёфт. Дар мадраса аз наҳви арабӣ ва аз шеъру шоирӣ дарс мегуфт.

Пас аз фавти падар ба ҷои ӯ ба Доираи адабии Истаравшан роҳбар таъин шуд. Дар натиҷаи роҳбарии оқилонаи ин Садрушшуарои нав вусъатободи боғи тафаккури ин доираи адабӣ хеле васеъ, шумораи аъзоёнаш зиёд, маҳсули адабиаш бештар ва мӯҳлати он боз ҳам афзунтар гардид.

Садрушшуарои Доираи адабии Истаравшан будани Ноларо дар қатори дигар шоирони аҳли илму фазл баъдтар Абдулкарими Фазлӣ (саҳ. 222) дар «Маҷмӯаи шоирон»-и худ чунин қайд кардааст:

Сайидғозӣ, он Хоҷаи зӯфунун,
Ба арбоби фазлу ҳунар раҳнамун.

Гузашта аз ин дар (саҳ. 430) ҳамин китобаш дар бораи аслу насаб ва меъёри нуктадонию сухансароии Нола ба тариқи зайл баёнот медиҳад:

Бувад Нола аз пардаи иззу ҷоҳ,
Ки кардаст дар баҳри дониш шиноҳ.

Сухан месарояд ба бонги сурӯш,
Чу дарё дили ӯст гавҳарфурӯш.

Фазлӣ дар бораи Нола сухан ронда олитабор будани ӯро низ қайд мекунад. Шайхи кибор будан ва ба шоирӣ соҳир буданашро низ тавсиф мекунад:

Сайидғозӣ он Хоҷаи бовиқор,
Вализодаи ол шайхи кибор.
Хитобаш бувад, Нола дар шеъри хеш,
Зи дарду аламҳо дилаш гашта реш.

Қори Раҳматуллоҳи Возеҳ дар тазкирааш «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» роҷеъ ба Сайидғозӣ Хоҷаи Нола чунин меоварад:

«Нола Мирсайидғозӣ марде буда рафеъулмақом ва бағоят соҳибэҳтиром ва дар шеваи шоирӣ ва назмгустарӣ ягонаи офоқ фазоили бисёр дошта»:

Иззат забони Нола, ба коми сукут каш,
Инкор кун, ки аз ту азобе надид кас.

Таҳти роҳбарии Сайидғозии Нола вусъатободи боғи шоирии доираи адабии Истаравшан хеле васеъ шуд ва шӯҳраташ сол аз сол баландтар гардид.

Овозаи ин доираи адабиро шунида аз шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Фарғона ва Ҳисори Шодмон шоирони зиёде омаданд. Масалан, аз Самарқанд шоирон Сайидшаҳобиддини Алӣ, Тӯрахоҷаи Ошиқ, Муҳаммад Юсуфӣ Тунқотур; аз Бухоро: Ҳусайнхоҷаи Мирӣ, бародари амир Исҳоқхонтӯра, Домуллои Бухорӣ; аз Намангон:

Зокирхоҷаи Намангонӣ (аслан Истаравшанӣ) Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ аз Хӯқанд, Валиҷони Умрӣ, Умархони Амир, аз Хуҷанд Маъюс, Равнақ, Воқиф: аз Афғонистон Қории Кундузӣ, Ҳисор, Гулшанӣ, Нусрати Кӯҳистонӣ, аз Насаф Қонеи Насафӣ ва боз чанде дигар аз ҷойҳои дигар меоянд.

Шоирони аслан Истаравшанӣ асоси ин доираи адабиро ташкил медоданд. Дар қатори шоирони кӯҳансол дар чоряки якуми асри Х1Х боз шоирони навин рушду камол ёфтанд ва онҳо инҳоянд:

Нодим, Шоҳабдулло, Соҳир, Зоеъ, Хиҷлат, Аброр, Фазилат, Қудсӣ, Мӯҳтасиб, Назар, Саидабону, Увайсӣ, Макнуна, Дилшод, Сиддиқ, Ҳаким, Собир, Дабир, Авлиёхон, Раис, Ноқиб, Фано, Мӯсо, Маҳдум, Оҷиз, Худоёр, Ҷазбӣ, Беҳҷат, Восиф, Афкор, Чархӣ, Накҳат, Восиф, Бедод, Бедор, Мунсиф, Шиҳоб, Музтар ва боз чанди дигарон.

Шумораи шоирони навини ин доираи адабӣ зиёда аз сад нафарро ташкил медиҳанд. Агар шумораи ҳамаи шоирони доираи адабии Истаравшанро таҳти назар гирем, онгоҳ дар миёнаҳои чоряки аввали асри Х1Х зиёда аз 240 нафарро ташкил медиҳанд.

Истаравшан, ки яке аз шаҳрҳои қадимтарин ва калотарини Осиёи Миёна ва кишвари сарватманду пурнозу неъмат ба шумор мерафт ва дар сари роҳи Бухорою Хӯқанд воқеъ гардида буд, дар асрҳои ХУ111-Х1Х амирони Бухорою хонҳои Хӯқанд доимо дар талоши он буданд, алалхусус дар ибтидои қарни Х1Х. Воқеъан истиқлолияти Истаравшан, ки зиёда аз шаст сол тӯл кашид, ин амиру хонҳои давлатталабро ба ташвиши беандозаи зиёд оварда буд. Ин буд, ки вилояти Истаравшан ҳуҷуму лашкаркашиҳои зиёди аҷнабиёнро аз сар гузаронд, молу ҷони зиёде ба талаф дод.

Роҳбари доираи адабии Истаравшан бо сарварии шоир Султонхони Адо ва Ҳокими Истаравшан Маҳмудхон ҳамаи шоирон, фозилон, аҳолиро ба по хезонда ба муқобили душман, ҳам бо қаламу ҳам бо яроқ ҷангида чанд маротиба лашкари аҷнабиёнро зада ақиб гардонда бошанд ҳам, дар охир хони Ҳӯқанд Умархон (1811-1822) соли 1813 Истаравшанро забт намуда ба хонии Хӯқанд тобеъ кард. Хон Истаравшанро тобеъи худ карда бошад ҳам дилёб намешуд, ки доираи адабии ин ҷоро ба Хӯқанд кӯчонад, Зеро Сайидғозии Нола дар назди амирони Бухорову ҳокимони Самарқанд ва

мардуми Ур-Теппа, Хӯҷанду Хӯқанд обрӯ ва эътибори калон дошт. Умархон фурсати мусоид меҷуст. Ин буд, ки дар баҳори соли 1817 бо ҳилае ҳокими Ур-Теппа Маҳмудхонро ба банд кашид ва худ дохили шаҳр гардида зулму ситами зиёде кард. Дар қатори асирони бешуморе зиёда аз 50 нафар шоирон ва бисёр хаттотону аҳли илму фазлу ҳунарро асир гирифта ба Хӯқанд равона кард. Садр-уш-шуарои доираи адабии Истаравшан Сайидғозии Ноларо низ ба банд кашида ба чандин хорию зорӣ ва ҷабру зулм ба он ҷо бурд. Ва дар асоси шоирони доираи адабии Истаравшан доираи адабии худро ташкил дод. Лекин ин доираи адабии ӯ дар ҳақиқат 5 сол давом кард. Ин доираи адабӣ ба ҷуз назирагӯйҳои тамаллуққорона ва маҳду санохониҳо чизи наве дода наметавонист. Зеро он танҳо ба манфиати дарбор ва ба шӯҳрати аристократии худи Умархони золим равона карда шуда буд. Аз адабиёти оммавӣ дур буд.

Адабиёти доираи адабии Истаравшан адабиёти оммавӣ буда дар он ҳамаи шоирони хурду калон ва ҳаводорони шеъру шоирӣ бемалол иштирок намуда ва шуғл варзида метавонистанд. Эшон моҳияти истиқлолро ба хубӣ фаҳмида аз неъматҳои он баҳра бурда буданд. Дар ин доираи адабӣ аксар шоирон ташвиш, ғаму андӯҳ, шодию нишот, орзую ҳаваси халқи меҳнатӣ ва муздуронро месуруданд. Табиати дилангези кишвари худро тасвир намуда дар қалби хонандагони худ ҳисси ватандӯстӣ ва инсониятпарварӣ бедор мекарданд.

Зулму истибдод ва ҳаракати ғоратгаронаи аҷнабиёнро маҳкум намуда дар қалби хонанда нисбат ба душман ҳисси бадбинӣ ва кинаю адоват парварида халқро ба ҳимояи ватан ба муқобили душман ба по мехезонданд.

Мутаасифона Умархони Хони Хӯқанд ба салтанати хони фирефташуда барои ба амал баровардани мақсадҳои нопоки худ шуда ин мутафаккири забардасти рӯзгорро ба таври абадӣ озор дод. Ба зодгоҳи ин марди наҷиб ва ба шаҳри модари худ даҳҳо маротиба лашкар кашида молу ҷони мардумро талаву тороҷ ва нобуд кард.

Нола чунин бераҳму шафқатиҳои хонро бо чашмони худ дида ва аз оқибати бади он ҳаросида, хост, ки худро ба каноре кашад, вале чунон, ки Дилшоди Барно ҳам дар рисолаи муҳоҷирони хеш изҳор мекунад, одамони Умархон Ноларо

таъқиб намуда ва дастгир намуда ба гарданаш таноб андохта бо сад азобу хорӣ кашон-кашон ба назди асирон мебаранд ва бо тобеонаш ба Хӯқанд пойи пиёда мисли пода ҳай мекунанд… Азобу машаққати ин роҳи дуру дарозро Дилшоди Барно, ки худ ҳам асири ин сарпанҷа буд, дар ҳамон рисолааш дар шахси хеш тасвир мекунад.

Хислату мақсадҳои ин хони золиму бародаркушро Нола хеле хуб фаҳмида буд. Хон аз ҷон мехост ин доираи адабии Истаравшанро ба Хӯқанд кӯчонад, вале Нола розӣ набуд. Нола, ки шахси бонуфуз буд, хон илоҷи ӯро наёфта гашта буд. Инак имрӯз даст ба зулму тороҷ зада, бисёр хунрезиҳо намуда беш аз 13000 нафар аҳолии аҳли илму фазлро асир гирифта ба сӯи пойтахти худ ронд, ки дар байни эшон аз шоирону хаттотон ва мутафаккирони Доираи адабии Истаравшан ҳам буданд.

Модари Умархон Ур-Теппагӣ буд, аз ин лиҳоз ӯ аз овони хурдсолӣ ва наврасиаш ба хонаи тағояш падари Макнуна (Нодира) Раҳмонқул ва ҳокими вилоят Маҳмудхон бисёр меомад.

Бисёр вақтҳо бо хешбачааш Ҳокимхонтӯра ба шабнишиниҳо ва маҷлисҳои адабии Доираи адабии Истаравшан ширкат намуда баҳраҳо мебурд. Ӯ ҳамчун хонзода аз хурдсолиаш таърифу тавсифи нисбати худаш гуфташударо дӯст медошт. Ҳокими вилояти Истаравшан Маҳмудхонтӯра ҳам чунин хешованди худ ва рафиқи бародариаш Ҳакимхонтӯра Умархонро навозиш мекард, . аммо Умархон бо вуҷуди он ки аз Доираи адабии Истаравшан баҳраманд буд, ба Сайидғозии Хоҷаву доираи адабии ӯ ҳасад мебурд ва худ ба худ мегуфт: «Ин доираи адабӣ чаро дар пойтахти Хӯқанд нею дар Истаравшан аст?»

Сайидғозии Нола аз дилу ният ва мақсади нопоки ин хонзода хеле хуб пай бурда буд. Инак ӯ имрӯз, дар асоси Доираи адабии Истаравшан доираи адабие таъсис додан хост, лекин Нола доираи адабии ӯро нахоҳад писандид. Чунки доираи адабии ӯ оммавӣ набуда ба манфиати синфи ҳукмрон нигаронида мешавад. Дар ҳақиқат ҳамин тавр ҳам шуд. Доираи адабие, ки Нола роҳбари он буд, ба шавқу завқ ғаму андӯҳ ва шодиву сурури аҳли ситамкашро месуруд. Дар ин доираи адабӣ шоирони маддоҳу мадеҳагӯй қариб, ки набуданд ва агар бошанд ҳам танҳо дар бораи Ҳамди худою наъти

пайғамбар ва авсофи чаҳорёрону ба тарғиби ақида ва масоили дини мубини Ислом шуғл меварзиданд.

Нола баъди қариб се соли асирӣ мисли дигарон ба хонапӯшӣ иҷозат гирифта дар Шаҳрихон кулбаи лоие сохт ва бо аҳлу аёлаш бечораҳолона зиндагӣ мекард. Ба ҳар ҳол аз чодарнишинӣ халос шуда буд. Лекин дилаш ҳамвора пур аз дарду алам ва ҳасрату армон буда дар фироқи он ба ҳамидиёронаш, ба мусибатзадагони кӯйи ғурбат дилдорӣ медод, сабри ҷамилро мехост.

Ин ҳама кам буд магар, ки замонаи шум ба сари ӯ боз кулфати дигаре овард.

Умархон ба тарафҳои Ӯшу Шаҳрихон хабар медиҳад, ки Сайидғозӣ Хоҷаи Ӯр-Теппа ғурбатзада Хонпошшо (лақабаш Офтобхон) ном духтари соҳибҷамоле дорад.

Хони фосиқ бар болои ҳамин қадар ҷабри кардааш боз мехоҳад, аз Нола қасос гирад ва ба қалби ӯ боз намак ҳам пошад. Хон ҳамоно вакили худро фиристода аз Нола духтарашро талаб мекунад. Сайидғозӣ ҳоло хурд будани духтар ва ба писари яке аз хешовандонаш гаҳворабахш будани онро гуфта узр мехоҳад. Умархон боз он пиразани даллаю Баҳодур Хоҷа ном дастархончиашро мефиристад. Эшон омада ба Нола дӯғ мезананд, таҳдид мекунанд, ки духтарашро фавран ба хон бидиҳад. «Духтари маро ҷавран кашида гирифтани Хон кори хубу оқилона нест» гӯён Нола ба зориву тавалло медарояд. Хон аз чунин ҷавоби Сайидғозӣ Хоҷа дар ғазаб шуда боз ба ин вакилони худ таърихнависи дарбор Ҳакимхонтӯраро ҳамроҳ мефиристад. Ҳакимхонтӯра ҳам аз фармони Умархон сар тофта натавониста маҷбуран ба эшон ҳамроҳ мешавад. Ҳакимхонтӯра дар асари худ «Мунтахабуттаворих» аз ҷумла менависад: «Гардан хорхорон ва ду зани маккора ба ҳам гирифта ба пеши хонаи Сайидғозӣ Хоҷа расидем. Қариб саҳар шуда буд. Фақир рӯй надоштам, ки ба пеши ин Хоҷаи бечора равам, оқибат худро канор кашидам».

Он ду нафар маккора аз омадани Ҳакимхонтӯра хабар дода ба Нола дӯғу пӯписа мекунанд. Нола ба худ меандешад, ки агар Ҳакимхонтӯра аз фармони амир сар натофта ба ин ҷо омада бошанд, пас илоҷе набудааст. Баъд он ду маккора духтарро бурда ба хон месупоранд.

Хони ишратпараст мебинад, ки духтар бисёр офтобҷамол,

лекин хурдсол аст, ба худ қарор медиҳад, ки дар дарбор ба воя расонда пас ба занӣ бигирад. Нола дар он кӯйи ғурбат азоби рӯҳӣ мекашад ва худро таҳқиршуда меҳисобад. Дар ҳамин шабу рӯзҳо аз шиддати дарду алам ба забони ӯзбекӣ ғазале менависад, ки матлааш чунин аст:

Даҳрдин мен чекмаган андӯҳу меҳнат қолдиму,
Бошим узра етмаган гардидин офат қолдиму.

Ночашида ман зи даҳр андӯҳу меҳнат монд магар,
Бар сарам норехта аз гардаш офат монд магар?

Ин воқеаи нангин ба атроф паҳн мешавад ва Хон боиси маломати мардум мегардад.

Хон мехост, ки ягон шоири шаҳир ба дарбораш ҷалб нашуда намонад, ононе, ки берун аз дарборанд, робитае пеш гиранд, то ки бебаҳра намонанд. Инро Хон барои он мекард, ки шумораи шоирони дарбораш зиёд шаванд ва санохонони ӯ бештар гарданд. Аз ин лиҳоз шоири дарбор Фазлии Намангонӣ ва одамони вай ҳамвора кӯшиш мекарданд, ки ашъори шоирони берун аз дарборро ҳам дар қатори шоирони доираи адабӣ нависанд.

Дар «Маҷмӯаи шоирон» нашр шудани чанд ашъору қасидаи Нола барин шоирони бонуфуз барои хону одамони вай боиси ифтихор буд. Ин буд, ки Фазлӣ ва дигарон ташвиқ мекарданд, ки ба табъияти Хон шеър гӯяд.

Нола водор буд, ки бахшида ба Хон як қасидаи кӯтоҳакак нависад. Вале дар он қасидааш номи Умархонро зикр накарда гӯё лар бораи Хони номаълуме ба таври умумӣ сухан ронда бошад ҳам, ҳадафи худро дошт. Ҳамаи сифатҳои бади Хонро ҷамъ намуда гӯё, ки ӯро тавсиф мекарда бошад, ба воситаи рамзу киноя ва тамасхуру ришханд ҳаҷв менамояд, яъне шоҳ одил ва раиятпарвар гуфтани Нола дурӯғ аст, зеро золимӣ ва ноодамии ӯро худ нағз медонад ва он ба худи Умархон ҳам аён аст.

Шоирони дарбор аз рӯйи анъанаи ғазалсароии худ дар байти мақтаъи ғазали ба табъияти ғазали Амирӣ иншо кардаашон Хонро таърифу тавсиф менамуданд. Аммо Нола дар ин байт дарду алами ҳолати ногувори худро ва ҳаҷру фироқи ёронашро мегуфт ва худро асиру паршикаста ва дар

шиканҷаи зулму асорат гирифтор тасвир мекард: масалан шеърҳои дар «Маҷмӯаи шоирон» чоп шудаи Ноларо гирем:

Ба ранги ҷоми май Нола, ки дур аз давлати васлаш,
Ба кунҷи бекасӣ афтода бо ҳоли хароб имшаб. (саҳ. 29)

* * *

Баъди мурдан ҳам хамӯшӣ пардадори Нола аст,
Дарди хирмон хоҳад аз хокам наистон карда тарҳ. (саҳ. 193)
Ба вафот аз дили Нола кам нашавад ҳавои вафои ту,
Чу ман ситамзада ҳар куҷо, ки равад ба ҳусни вафо равад. (саҳ. 23)

* * *

Ба шуғли кулфати айём Нола, хок шудӣ,
Чу ашк кунҷи адам гӯшаи фироқи ту буд. (саҳ. 229)

Мушоирон ҳама ҷамъанду масти бодаи ишрат,
Нишаста Нола, ба кунҷе аз ин миёна мураххас. (саҳ. 229)

Ба маҳфиле, ки зи ғам Нола, оҳи сард кашид,
Намонд гармии бозори эътибори чароғ. (саҳ. 385)

Гузорат гар ба ҳинду кишвари бахти сиёҳ афтад,
Худоро бехабар аз Нолаи мо магзар, эй тӯтӣ. (саҳ. 304)

Ба кунҷи ҳаҷр нашуд Нола, агарчи нолидӣ:
Ғубори оҳи ту бар домани асар густох. (саҳ. 224)

Ин ҷо калима ва ибораҳои «кунҷи бекаси, ҳоли хароб, дарҳираман, ситамзада, шуғли кулфати айёр, кунҷи адам, маҳфиле зи ғам, оҳи сард, бахти сиёҳ, кунҷи ҳаҷр ғубори оҳ» ҳама ибораҳои образноканд, ки аз ғамгинию асирӣ, аз гирифтории чанги зулм будани Нола шаҳодат медиҳад. Дар айни ҳол ин ҳама эътирози сахтест бар зидди Хони золиму муҳити тираи вай. Ҳолати вазнини рӯҳии риштаи нимгусастаи ҳаёти шоир кашидашуда, ки бисёр ноҳинҷор аст. ин вазъу ҳолати зиндагии бемадори замон ва худи Хон мебошад. Ё худ ин ғазали пурраи ӯро аз назар гузаронем:

Беҳуда кардам ин ҳама фарёд дар қафас,
Гаштам ғубори хотири Сайёд дар қафас.
Гул кард аз қафас пари парвози ман чу гул,
Кардам зи чоки синаи худ ёд дар қафас.
Дорам ба дилнавозии Сайёд ишрате,
Барбаст боли шавқаму сар дод дар қафас.
Кай мурғи оҳ дар дили чокам кунад ватан,
Бо ҷидду ҷаҳд кас накунад бод дар қафас.
Раҳме ба андалеби асире, ки бар рухам
Во шуд дару зи «гулшани бедод» дар қафас.
Озодам аз тараддуди таъмири бому дар,
«Сад шукр хонаам шуда» обод» дар қафас.
Сарви чаман ба нолаи қумрӣ асир шуд,
То «сояи хироми ту» афтод дар қафас.
Булбул ба шукри он ки гирифторияш мабод,
Ёде зи «Нолаи ситамэҷод» дар қафас. (саҳ. 269)

Ин ғазалро Нола дар пайравии ғазали ба ҳамин радифи «дар қафас» навиштаи Хон эҷод карда дар образи Сайёди бераҳм Умархон ва дар образи андалеби гирифтори қафасе гардида худашро тасвир менамояд.

Дар қафаси тангу тори «гулшани бедод» азобу уқубат кашидани андалеби асирро бо дарду алам ва ҳасрату армон бо забони фасеҳу пуробуранги ба мавзӯи ғазал хос устодона баён мекунад. Нола дар байти мақтаъи ин ғазал худро «Нолаи ситамэҷод» хитоб мекунад, ки ин комилан дуруст аст. Асосан гирем, Нола дар радифи ғазалҳои Амир ҷавҳари маънии дарду ситами оташини худро баён сохта ва дар баробари он хислатҳои ношоистаю ғайриинсонии Умархонро дар паси пардаи хеле нозук маҳкум менамояд ва тамасхур мекунад. Ба ин восита айбномаи халқи меҳнатӣ, ғарибон, асирон ва мазлумони бепушту паноҳро ба гардани Умархони золим ҳамчун тавқи лаънат меовезад.

Ба ин гуна фикрҳои танқидии паси пардаи рамзу киноя санъаткорона баён кардаи Нола Умархону Фазлӣ нағз сарфаҳм рафта буданд. Фазлӣ оқибати бад доштани ин рафторро ба Нола борҳо гӯшрас карда буд, лекин Нола аз ин роҳи интихоб кардааш ҳаргиз барнамегашт. Фазлӣ барои оташи ғазаби Хонро нисбати худ фурӯ нишондан: «Маро ин Нолаи нолакеш ба дил зад» мегӯяд ва ба ин муносибат гӯё

Ноларо сахт танқид кардагӣ ва худашро аз чанголи Хон раҳо додагӣ ҳисоб мекунад.

Ба дил зад маро Нолаи нолакеш,
Ки гардид монанди най реш-реш.

Дар ҳақиқат нолаи Нола нешдор буд ва неши он ба муқобили Хону одамони вай равона карда шуда буд. Баъди ин байт Фазлӣ ғазали ба радифи «Имрӯз» навиштаи Ноларо мисол меоварад:

Ҷуз нолаи шоми ғаму оҳи саҳар имрӯз,
Пеши ту надорем дигар номабар имрӯз.
Афканд ба хоки сияҳ аз ноз чу ашкам,
Афсӯс, ки он мардуми чашм аз назар имрӯз.
Чун мӯ зи нишоне ба канорам зи миён нест,
Дар ҳасрати оғӯши ту, эй мӯқамар имрӯз.
Шаб фикр зи хунрезии мижгони ту кардам,
Гардид маро бар раги ҷон нештар имрӯз.
Бар хони касон баски зи ибром давидам,
Дасте чу магас мезанам акнун ба сар имрӯз.
Чашме ба тамошои хироми ту нишондам,
Чун нақши қадам бар сари ҳар раҳгузар имрӯз.
Дишаб ҳаваси васфи лабат бар сари худ дошт,
Шуд хома дар ангушт маро найшакар имрӯз.
Сад шукр, ки чун соя ману ашк ба кӯяш,
Назри кафи пои ту намудем сар имрӯз.
Фардо чу кашад зоҳиди мо бори гунаҳро,
Ғам нест агар Нола, надорем хар имрӯз.

Ин ғазали лирикӣ ба воситаи устодона ба кор бурдани санъати тазод ва муқобала, ташбеҳ ва истиора, киноя ва гӯшона ба шарҳи ҳолати гузаштаю ҳозираи қаҳрамони лирикӣ омехта ба лирикаи сиёсию иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Масалан, дар байтҳои дуюму сеюм шоир аз манзили бароҳати худ ҷудо шуда ба канор ба хоки сияҳ маҷбуран афтодани худро ба тариқи рамзу истиора ва санъати тазоду муқобала баён карда афсӯс хӯрда бошад, дар байти чорӯм аз хуни ноҳақрезию ҷавру зулми Амир бар раги ҷон наштар хӯрда афсурда гардидани худро шарҳ медиҳад. Дар байти

панҷӯм шоир ононеро сарзаниш мекунад, ки орзуи Хони пурнеъмати амирро карда ба дарбор мешитофтаанду акнун, «дасте чу магас ба сари худ зада» илоҷи раҳоӣ намеёбанд. Ниҳоят дар байти охир шоир зоҳидони сар то ба по ба гуноҳ ғӯтидаи дарборро ошкоро танқид намуда онҳоро ба хари боркаш монанд кардааст. Ҳамин тавр, агар ба ғазалҳои ба ривияи Хон навиштаи Нола ба диққат назар афканем, ба қавли Фазлӣ ҳар байту ғазали шарҳи ҳолии нолаомезу бадарди шоир: нолаи нешдор буда, дорои ҳадафи худанд.

Дар ҳақиқат ин ғазали Нола ҳам мисли дигар ғазалҳояш ба ниҳояти устокорӣ суруда шудааст.

Сайидғозӣ Хоҷаи Нола ҳамвора зодгоҳи худ, он шабнишиниҳои ҷашну сӯҳбатҳо, мушоираҳо ва шогирдони бешумори хешро ба хотир оварда шеърҳо месуруду хотири озурдаашро каме бошад ҳам, шод мегардонд. Аз ҷумла гӯяд:

Эй хуш он вақте ки дар гулшан мақоме доштам,
Чун гулу булбул ба ҳамдигар каломе доштам.
Гоҳ маҳви зулф, гоҳе масти хуршеди ҷамол,
Дар таҳайюргоҳи ҳастӣ субҳу шоме доштам. (саҳ. 412)

Ё худ:

Сад найистон Нола, чандин баҳри ашк аз дурият,
Чун рақам кардам зи тори мистарам гул карда рехт.

Баъди вафоти Умархон (1822) Сайидғозии Хоҷаи Нола кӯшиш кардааст, ки ба зодгоҳи худ баргардад ва боқимондаи умри хешро дар ҳузури ёру дӯстон ва шогирдон гузаронад, лекин ба мақсади худ нарасидааст. Дар соли 1260 ҳиҷрӣ ва 1841 милодӣ дар синни 81 солагӣ аз тарафи фиристодаи Муҳаммадалихони Хони Хӯқанд (ваф. 1847) кушта шудааст. Наъши ӯро дар қабристони аввалини Шаҳрихон гузоштаанд, ки ҳоло ҳам ҷои зиёратгоҳ аст.

Мардуми Истаравшан дар шахси ӯ мавлои бузург, Садрушшуаро, шоири барҷаста, яке аз аввалин пайравони Бедил ва мударриси забардасти навҳ, ҳофизи қуръон ва пуштибони ситамдидагонро гум кард. Шоири машҳури Истаравшан Сайидмаъсумхони Олӣ ба вафоти ӯ марсияе навиштааст, ки мухтасари он ин аст:

Дудмони Саййиди кавнайн содоти изом,
Буд Саййидғозии Хоҷа, нуқтасанҷу зӯфунун.
Буд олӣ дар тамоми иззу иқбол аз ҳама,
Кард бо идбори макрун оқибат даврони дун.
Он ки аз гулзори Солик ӯ гуле чун рангу бӯ,
Рафт з-ин гулшан ба фирдавси баринаш андарун.
Нахли илму фазлу дониш буд дар бустони даҳр,
Тундоби марг охир кард, з-ин бустон бурун.
Аз шаҳодат рутбаи моти ғарибон ёфташ,
Меҳнати андӯҳу ғурбатро кашид аз ҳад фузун.
Ҷустам аз пири хирад торихи фавти ӯ бигуфт:
Нолаву оҳ аз тамоми халқи олам шуд бурун.

Сайидғозӣ Хоҷаи Нола соли 1260 / 1841 дар айни 81 солагӣ вафот карда будааст.

Муаррих Комии қундузӣ низ ба вафоти Нола қитъаи торихӣ гуфта будааст, ки ин ҷо такрор ҳоҷат нест, зеро ӯ ҳам ҳамин санаро илқо намуда (ҳамон асд №204. 16. ин. ш. АФ Тоҷикистон, вар. 142).

Нола 5 писару 7 духтар доштааст, ки ҳама соҳиби илму фазл будаанд ва баъзеи эшон ба шеъру шоирӣ низ дасту қалами бақувват доштаанд. Аз писаронаш ҳатто ба мартабаҳои калон соҳиб шудаанд. Писари бузурги ӯ Поччо Юсуф ном дошта ба дараҷаи Шайхулисломии Бухоро расидааст.

Фарзандони дигари ӯ Муҳаммад Солеҳ (Хоҷакалон) ва Тӯрахӯҷаи Афсӯс (Нақиб), ҳарду шоирони нозукбаён будаанд.

Сайидғозии Хоҷаи Нола шоири соҳибдевон мебошад, вале девонаш ба даст наомадааст. Ғазалу рубоӣ, мухаммасу тарҷеъбанд ва қитъаву мустазодҳои ӯро дар баёзҳои қаламии дар тобеъи Истаравшан дар китобхонаҳои хусусӣ ва дар осорхонаи доираи адабии Истаравшан дида мешаванд. дар баёзҳои тобеаъи Хӯқанд, Шаҳрихон ҳам пайдо кардан мумкин аст. дар «Маҷмӯаи шоирон»- Фазлӣ 25 ғазал, 1 қасида, 2-мухаммас ва як мустазоди Нола дохил шудааст.

Муаллифи тазкираи «Тӯҳфат ул аҳбоб»… Чунон ки дар боло зикр шуд Ноларо Хӯқандӣ зикр кардааст. (саҳ. 260)

Абдулкарими Фазлӣ, дар тазкирааш куҷойӣ будани Ноларо зикр накардааст. Возеҳ ин маълумот ва шеърҳоро аз Фазлӣ ги-

рифта Ноларо Хӯқандӣ пиндоштааст. Ин пиндошт ба баъзе тазкираҳои минбаъд ва ҳатто ба «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Устод Айни ҳам гузаштааст. (Масква, 1926, саҳ. 489).

Дар илми адабиётшиносии тоҷик дар бораи Нола ба тарзи алоҳида ягон мақолае навишта нашудааст, лекин дар асарҳои адабиётшиносии роҷеъ ба таърихи адабиёти нимаи аввали асри XIX навиштаашон адабиётшиносон Холиқ Мирзозода, Носирҷон Маъсумӣ, Усмон Каримов ва адабиётшиноси ӯзбек Азиз Қаюмов Ноларо дар қатори шоирони феодалию креликалии даври Умархон зикр карда дар ҳаққи ӯ суханони носазо гуфтаанд, ки ба фикри онҳо розӣ шуда наметавонем. Зеро эшон ба рӯзгор ва гуфтори Нола шиносоӣ надоштанд, дар вақташ ба Султонхони Адо ҳам чунин баҳои носазо дода буданд. Ба қарибӣ дар рӯзномаи «Сурушан» (№4 июни соли 1997) «Садрушшуарои доираи адабии Истарвшан» ном мақолаи мусаввиди ин сатрҳо чоп шуд, ки он дар хусуси Сайидғозӣ Хоҷаи Нола баҳс мекунад.

Сайидғозӣ Хоҷаи Нола асосан шоири лирик аст, вале ишқи ӯ бо ҳаёти нисбатан носозгори ӯ омезиш ёфтааст. Ин омезиш ашъори ишқии ӯро баръакс пурқувваттар ва пурсӯзу гудозтар намудааст. Таъсири асарҳои Бедил ба эҷодиёти ӯ шаклан не, балки маъноан ва мантиқан гузариш дорад. Шоир фалсафаи ашъори Бедилро ба хубӣ дарк намудааст. Нола дар доираи адабии Истаравшан яке аз аввалин шоиронест, ки дар татаббӯи асарҳои Бедил шеър гуфта.

Нола ғазалро бисёр, вале пухта месарояд. Аз ин лиҳоз кас ба зудӣ пай намебарад, ки пайрави Бедил аст. Масалан ғазали зайли шоир аз ҳамин қабил ашъори Бедилонаи ӯ мебошад. Ба як ғазали ба радифи «гул карду рехт» навиштаи Бедил ба тариқи ҷавобия гуфта шудааст, ки бисёр содда, ширин ва аз ҷиҳати санъатҳои шеърӣ пухтаву рангин аст.

Шаб на танҳо ашк аз чашми тарам гул карду рехт,
Доғи маҳрумӣ чу шамъ аз пайкарам гул карду рехт.
То шудам ваҳшатсаводи маънии рамзи хаташ,
Оламе аз тирабахтӣ бар сарам гул карду рехт.
Баста шуд роҳи тарашшаҳ чашми гирёни маро,
Пораи дил хоҳад акнун аз барам гул карду рехт.
То чӣ сайёд аст, ё Раб, дар камини сайди ман,
Ҷуръати парвоз аз мушти парам гул карду рехт.

То кадомин навбаҳоре ҳусни бунёдам гудохт,
Сад чаман рангинӣ аз хокистарам гул карду рехт.
Шаб зи базми май хиромон рафт шӯхи ман бурун,
Ашки навмедӣ зи чашми соғарам гул карду рехт.
Сад найистон Нола, чандин баҳри ашк аз дурият,
Чун рақам кардам зи тори мистарам гул карду рехт.

## ҒАЗАЛИЁТИ НОЛА

Эй ба васфат шоҳиди андешаи гулгунқабо,
Хомаам чун хомаи наққош рангин нақшпо.

Нест дар авроқи гул шабнам, ки аз шарми рухат,
Об шуд, то дил ба рӯят, эй гулистони ҳубо.

Дар чаман сарв аз асирони қади дилҷӯи кист?
Ҳамчу ман дорад зи мавҷи ашки худ занҷири по.

Ёди он давлат, ки аз имдоди теғи нози ӯ,
Хуни ман дар пои ӯ мерехт чун ранги ҳино.

Кай писандам қосиди дигар ба ғайри оҳи худ,
Бар сари кӯят намехоҳам шавад маҳрам сафо.

Кай кашам, аз сояи боли Хумо миннат, ки ман,
Баски гардидам ба хоки остонат ҷабҳасо.

Тӯҳфае ҳар кас ба каф дорад ниёзи даргаҳат,
Пой то сар аҷз бинӣ, Нолаву дасти дуо.

* * *

Биё, эй аз хиромат, рангу бӯ гулҳои сӯҳбатро,
Тароват аз баҳори мақдамат гулзори улфатро.

Нагардад ранг аз оина зойил, ҷуз ба хокистар,
Ғубори хоксориҳо барад аз дил кудуратро.

Ба хок афтод чун ман ашк то аз чашм берун шуд,
Ғанимат дор худ то метавонӣ кунҷи узлатро.

Шуд аз ҳар қатра чун оинаи дидор тамҳиде,
Чи ҳайрат буд ё раб, кугтамо тоби муҳаббатро.

Агар ин аст ҷӯши ашки дарё дар канори ман,
Бувад гар рӯҳ аз ҷо мебарад бунёди тоқатро.

Мабодо аз сарам кам сояи санги кафи тифлаш,
Димоғи ҳуши Маҷнун барнамедорад саломатро.

Даме огоҳ шав, эй саргарони нашъаи давлат,
Ки махмур аст хорӣ масти саҳбои азиматро.

Намерезӣ чаро з-он лаб намак аз ханда, эй золим,
Муҳайё кардаам аз пираҳан мӯйи ҷароҳатро.

Ба завқи фарши маҳмил Нола, аз каф додам осонаш,
Ниҳон аз бӯрёи факр дидам хоби роҳатро.

* * *

Зи шӯхӣ чашми масташ буд бо ман дар итоб имшаб,
Биҳамдиллаҳ ба дин тақриб гаштам комёб имшаб.

Ҷудо аз ҳалқаҳои тори зулфат гиря сар кардам,
Бурун гардид ашк аз дида бо сад печутоб имшаб.

Чу рафтӣ, рафт бе рӯйи ту оромӣ зи хотирҳо,
Қарор аз синаву ҳуш аз сару аз чашм хоб имшаб.

Нашуд чун аз паят, эй шӯх, берун мардуми чашмам,
Ба тӯфони сиришкам монда дар обу азоб имшаб.

Магар дил муждаи пайки ғамат фаҳмида ҳайронам,
Даруни сина чун симоб дорад изтироб имшаб.

Ба ранги ҷоми бе май Нола, дур аз давлати васлат,
Ба кунҷи бекасӣ афтода бо ҳоли хароб имшаб.

* * *

Ба тавфи домани нози кӣ шуд дучор ангушт,
Ки шуд чун панҷае аз сабҳае ин бор ангушт.

Чу мавҷи бода забонам ба коми нашъае нишонд,
Газидам аз хаёли он чашми пурхумор ангушт.

Чу дур аз қади нозаш равам ба сайри чаман,
Ниҳад ба дидаам аз сарви худ баҳор ангушт.

Ниёзу нози гулу хор як баҳоре буд,
Мабод дур зи поят сарам чаҳор ангушт.

Бувад қурбати шоҳон бар остони шаҳрат,
Зи ихтилоти нигин гашта номдор ангушт.

Ба тори зулфи ту нобурда Нола, даст шабе,
Зи барқи ҳусни ту месӯхт шамъвор ангушт.

* * *

Шаб на танҳо ашк аз чашми тарам гул карду рехт,
Доғи маҳрумӣ чу шамъ аз пайкарам гул карду рехт.

То шудам ваҳшатсаводи маънии рамзи хаташ,
Оламе аз тирабахтӣ бар сарам гул карду рехт.

Баста шуд роҳи тарашшаҳ чашми гирёни маро,
Пораи дил хоҳад акнун дар барам гул карду рехт.

То чӣ сайёд аст, ё Раб, дар камини сайди ман,
Ҷуръати парвоз аз пушти парам гул карду рехт.

То кадомин навбаҳори ҳусн бунёдам гудохт,
Сад чаман рангинӣ аз хокистарам гул карду рехт.

Шаб зи базми май хиромон рафт шӯхи ман бурун,
Ашки навмедӣ зи чашми соғарам гул карду рехт.

Сад найистон Нола, чандин баҳри ашк аз дурият,
Чун рақам кардам зи тори мистарам гул карду рехт.

* * *

Дил зи бедоди бути танҳо на афғон кард, тарҳ,
Чист ҳастӣ чок чун гул то ба домон кард, тарҳ.

Кистам ойинасон ҳайраткамини ҷилвае,
Ҳамчу ашк аз ҳар буни мӯ чашми ҳайрон кард, тарҳ.

Фориғам аз сайри гулзори баҳори зиндагӣ,
Ҳар куҷо гул кард, хуни дил гулистон кард, тарҳ.

Килки қудрат як қалам тасвири зебоӣ туро,
Пой то сар лутф, яъне офати ҷон кард, тарҳ.

Нест ғам дар зулмати бахти сиёҳи худ маро,
Шӯълаи ҷавволаи оҳам чароғон кард, тарҳ.

Кулфати айём накду вакти ҳастипарварӣ,
Дар харобободи олам қасру айвон кард, тарҳ.

Баъди мурдан ҳам хамӯшӣ пардадори Нола аст,
Дарди хирмон хоҳад аз хокам найистон кард тарҳ.

* * *

Чу гашт бар дасти ту муяссар густох,
Маро баҳри мижа шуд порайи ҷигар густох.

Фиғон зи беадабиҳои хат, ки зуд дамид,
Ҳанӯз ношуда бар оразаш назар густох.

Маро чу ойина чашмест, эй адаб, маъзур,
Шавад ба ҷилвайи ҳусни бутон агар густох.

Задам ба шоҳиди уммед дар миён, дасте,
Чу гашт турки маро баҳла бар камар густох.

Ба чоки синайи мо субҳ файзи дигар дошт,
Абас ба домани ӯ чанг зад саҳар густох.

Чароғи базм зи худ рафтан, турки адаб,
Бурун манеҳ қадам аз хона чун шарар густох.

Давид ашк ба рӯ шамъърову рехт ба хок,
Бо аҳли сӯз наёяд шуд ин қадар густох.

Ба кунҷи ҳаҷр нашуд Нола, гарчи нолидӣ,
Ғубори оҳи ту бар домани асар густох.

* * *

Шабе, ки базми тараб равшан аз чароғи ту буд,
Ба базми шамъ дил оинадори доғи ту буд.

Ҳазор майкадаи мастӣ асири чашм туурост,
Чи нашъа маҳрами кайфияти аёғи ту буд.

Ирам таровати сарсабзӣ аз баҳори ту буд,
Биҳишт барги гули интизори боғи ту буд.

Нашуд зи хумкада қавн нашъапазир,
Ба базми ҳаҷр асире, ки бедимоғи ту буд…

Сипоҳи айшу тараб раҳ бар дари дил наёфт,
Қаламрави ситам пойтахти доғи ту буд.

Ба шуғли кулфати айём, Нола, хок шудӣ,
Чу ашк кунҷи адам гӯшаи фароғи ту буд.

* * *

Ҷуз нолаи шоми ғаму оҳи саҳар имрӯз,
Пеши ту надорем дигар номабар имрӯз.

Афканд ба хоки сияҳ аз ноз чу ашкам,
Афсӯс, ки он мардуми чашм аз назар имрӯз.

Чун мӯ зи нишоне ба канорам зи миён нест,
Дар ҳасрати оғӯши ту, эй мӯкамар имрӯз.

Шаб фикр зи хунрезии мижгони ту кардам,
Гардид маро бар раги ҷон нештар имрӯз.

Бар хони касон баски зи ибром давидам,
Дасте чу магас мезанам акнун ба сар имрӯз.

Чашме ба тамошои хироми ту нишондам,
Чун нақши қадам бар сари ҳар раҳгузар имрӯз.

Дӣ шаб ҳаваси васфи лабат бар сари худ дошт,
Худ хома дар ангушт маро найшакар имрӯз.

Сад шукр, ки чун соя ману ашк ба кӯяш,
Назри кафи пои ту намудем сар имрӯз.

Фардо чу кашад зоҳиди мо бори гунаҳро,
Ғам нест, агар Нола, надорем хар имрӯз.

* * *

Беҳуда кардам, ин ҳама фарёд, дар қафас,
Гаштам ғубори хотири сайёд дар қафас.

Гул кард аз нафас пари парвози ман чу субҳ,
Кардам зи чоки синаи худ ёд дар қафас.

Дорам ба дилнавозийи сайёд ишрате,
Барбаст бори шавқаму сар дод дар қафас.

Кай мурғи оҳ дар дили чокам кунад ватан,
Бо ҷидду ҷаҳд кас накунад бод дар қафас.

Раҳме ба андалеби асире, ки бар рухаш,
Во шуд даре зи гулшани бедод дар қафас.

Озодам аз тараддуди таъмири бому дар,
Сад шукр хонаам шуда обод дар қафас.

Сарви чаман ба нолаи қумрӣ асир шуд,
То сояи хироми ту афтод дар қафас.

Булбул ба шукри он ки гирифторият мабод,
Ёде зи Нолаи ситамэҷод дар қафас.

* * *

Дил кишвари ғам гашт, хаёли ту, шаҳасташ,
Омадшуди бедодии ҳиҷрон сияҳасташ.

Аз сурма ба ҷуз рӯзи сияҳ бар сари ӯ нест,
Чашме, ки хирадпарвари он хоки раҳасташ.

Танҳо на манам моили ҳусну зақани ӯ,
Сад Юсуфи мисрӣ ба таманнои чаҳасташ.

Дорад магар уммед аз ӯ гармнигоҳе,
Хуршед, ки овозайи рухсори маҳасташ.

Бар чарх маҳи нав зи раҳи аҷз шабу рӯз,
Гардида дуто дар ғами тарҳи кулаҳасташ.

Дидам рухашу гарди хаёлаш ба, дилам ҷо,
Аз хонаи дил то ба дари дида раҳасташ.

Чун Нола, зи эҳсони фалак кист, ки гардад,
Бо нест на ғамгину на хурсанд таҳасташ.

* * *

Ба зулфи ӯ чу зи машшота гашт, шона мураххас,
Ба нола шуд, дили чокам ба-д-ин баҳона мураххас.

Ба базми васли бутон як даме, ки шод нанишастам,
Шудам ба ҳасрату андӯҳу ҷовидона мураххас.

Камони ноз ба зиреҳ гар кашӣ, чӣ давлат аз ин беҳ,
Ба бӯси тири ту гардад, лаби нишона мураххас.

Зи қайди ҳодисаи даври чарху доми тааллуқ,
Касе надид, касеро дар ин замона мураххас.

Ба ин таҷаммули Маҷнун, ки санг аз кафи тифлон,
Шавад, ба пурсиши ҳолаш, зи ҳар карона мураххас.

Хумаш ба сози ту Мутриб, ки сабру ҳушу хирадро,
Зи ҳукми ақл намудӣ, ба ин тарона мураххас.

Муоширон ҳама ҷамъанду масти бодаи ишрат,
Нишаста, Нола ба кунҷе аз ин миёна мураххас.

* * *

Сӯзи ӯ ҷо дошт, шаб дар мағзи ҷонам ҳамчу шамъ,
То ба рӯз оташфишон шуд, устухонам ҳамчу шамъ.

Дар хаёли сурмагин чашме дилам шабҳо гудохт,
Дуд шуд, охир ба лаб шӯри фиғонам ҳамчу шамъ.

Гарм шуд, бозори дард имшаб зи сӯзи синаам,
Дар бағал аз ҷинси оҳ оташдуконам ҳамчу шамъ.

Барқи рухсори кӣ оташ рехт дар бунёди дил,
Нест ғайр аз шӯъла ҳарфе бар забонам ҳамчу шамъ.

Мисраи бедоди тарсеам, зи мазмунам мапурс,
Доғ мефаҳмад забонам, тарҷимонам, ҳамчу шамъ.

Шуд чароғи маҳфили ағёр он маҳ, ман зи рашк,
Аз шарори оҳи худ оташбаҷонам ҳамчу шамъ.

Сӯхтам аз оташи савдои ӯ шабҳои ҳаҷр,
Гашт равшан халқро доғи ниҳонам ҳамчу шамъ.

Гаҳ ба доғу гаҳ ба оташ, гаҳ ба ишқу гаҳ ба оҳ,
Мекунад дар базм он маҳ имтиҳонам ҳамчу шамъ.

Гармии хӯе саропоям гудозомода дошт,
Нола, бар дӯши арақ аз худ равонам, ҳамчу шамъ.

* * *

Ба шоми ҳаҷр кашам то кай интизори чароғ,
Кунад хаёли узори ту моҳкори чароғ.

Ҳанӯз базм нагардида гарм, субҳ дамид,
Зи оҳи шамъ фурӯзед бар мазори чароғ.

Надонам аз ғами зулфи кӣ шамъ ба маҷлис сӯхт,
Ҷаҳон Хутан шуда аз дуди мушкбори чароғ.

Ҳамин захираи равшандилон сияҳрӯист,
Ба ғайри доғи гуле нест дар баҳори чароғ.

Ба нури орият аз имтидод чашм мадор,
Зи шом то дами субҳ аст, гиру дори чароғ.

Ба маҳфиле, ки зи ғам Нола, оҳи сард кашид,
Намонд гармии бозори эътибори чароғ.

* * *

Ба мазмуни ҳисоби даҳр шуд, то огаҳ ангуштам,
Намеояд бурун аз худ чу тори субҳа ангуштам.

Дами во кардани икде зи зулфи даври рухсораш,
Бурун аз дуд равған гашт, ҳамчун шӯъла ангуштам.

Дар ин маҳфил зи домони чӣ соғар дур шуд, ё Раб,
Ки чун чоки гиребон нест, бе хамёза ангуштам.

Рақам мекард хома васфи рухсори туро аз бас,
Хати насхе кашад бар шӯълаи жаввола ангуштам.

Газидам чун ба дандон дар хумори ҳасрати чашмат,
Саропо нашъа шуд, охир чу мавҷи бода ангуштам. (?)

Ба дастам нест аз бедоди тарфи домани нозе,
Чу тори сози беоҳанг шӯри нола ангуштам.

Ба даст овардаам, то ҳалқаи гесӯи ӯ, зоҳид,
Зи тасбеҳи ту ҳамчун тавба дорад, Нола, ангуштам.

## СУЛТОНХОНИ АДО

Адо яке аз шоирони барҷастаи нимаи дуввуми асри XXIII ва аввали XIX-и тоҷик, алалхусус, доираи адабии Истаравшан мебошад. Ӯ дар гузари Қӯруқи ш. Ӯр-Теппа дар оилаи ҳокими вилоят Худоёрбӣ таваллуд ёфтааст. Аз ҷиҳати модарӣ нисбат ба аҳрориёни Самарқанд доштааст. Баъди дар назди волидайн ва устодони хусусӣ маълумот гирифтан ва машқи шергӯйӣ кардан ба мадрасаи Намозгоҳи зодгоҳаш мехонад ва ҳамвора дар маҷлисҳои доираи адабии Истаравшан ширкат варзида аз устодони сухан шеъру шоирӣ меомӯзад. Баъди хамти ин мадраса ба мадрасаи Кӯкалдоши ш. Бухоро таҳсили хешро давом медиҳад. Дар Бухоро ба шоирӣ ном мебарорад. Баъди ба охир расонидани таҳсили мадраса ҳамчун шоири ширинадо ва донишманди комил ба зодгоҳаш баргашта, дар мадрасаи Хӯҷаҷони инҷо ба шогирдон аз сарфу наҳви арабӣ ва шеъру шоирӣ дарс мегӯяд.

Нависандаи ин сатрҳо дар мақолаи худ «Султонхони Адо ва шахсияти ӯ» (Садои Шарқ №2, соли 1983; саҳ. 105. -112) дар бораи Адо, пайваста ба он дар бораи доираи адабии Истаравшан ва дар хусуси баъзе шоирони он ба тарзи муфассал таваққуф карда буд. Дар ин мақола, инчунин аз «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Ҳакимхон, аз «»Маҷмӯаи шоирон»–и Фазлии Намангонӣ ва аз «Рисолаи Муҳоҷирон»-и Барнои Дилшод истинод карда шуда буд. Аз ин лиҳоз ин ҷо ба замми баъзе маълумоти тозаи ба дастомада дар бораи рӯзгор ва гуфтори Адо ба тарзи хеле мухтасар сухан хоҳем ронд.

Хони Хӯқанд Умархон (ҳукмр. 1811-1822) баъди чандин бор ба Ур-Теппа лашкар кашида тороҷу хароб карданаш дар соли 1813 ин вилоятро забт намуд. Ӯ мақсад дошт, ки доираи адабии Истаравшанро, ки худи ӯ низ ин ҷо тарбият гирифта буд, ба Хӯқанд ба маркази хониаш кӯчонад. Лекин илоҷи ду нафарро намеёфт: Садрушшуаро Сайидғозӣ Хоҷаи Нола ва Султонхони Адоро. Зеро ин ду марди абарқудрат чӣ дар байни халқ ва чӣ дар назди аморати Бухоро обрӯ ва эътибори калон доштанд.

Хон сабр пеш гирифт ба ин маънӣ, ки аввал дили ин ҳардуро нарм ва моил кунад. Ин буд, ки дар соли 1815 ба ин

ҳарду, яъне ба Нола ва Адо унвони Хоҷа Калон дод. Баъди ин ҳам қалби ин ҳардуро ба худ моил карда натавонист. Чунки ин ҳарду шахси мӯътабар ба унвони додаи ӯ чандон эҳтиёҷ надоштанд.

Хон роҳи фиребу найрангро пеш гирифт. Қосид фиристод, ки Хон ба Ӯр-Теппа равона шуд. Ба пешвози ӯ ҳокими вилоят Маҳмудхон бо одамони худ берун аз шаҳр баромад. Хон ба бӯҳтони он ки Маҳмудхон бо амири Бухоро забон як кардааст, ӯро беярок карда ба Хӯқанд фиристод ва худ ба шаҳри Ур-Теппа дохил шуда аввал қавми юз ва баъд лашкари вилоятро ба даст гирифт ва дар шаҳр талотӯб андохта қатлу ғорат кард ва 400 тан баҳодуронро ба дор кашид ва беш аз 13 ҳазор одамони бонуфузи шаҳрро ба сарпанҷаи зулми худ гирифтор намуда ба Хӯқанд ронд, ки дар байни ин бепушту паноҳон Сайидғозӣ Нола, Султонхони Адо ва беш аз ҷиҳил нафар шоирону хаттотони доираи адабии Истаравшан низ буданд. Қисса кӯтоҳ Адо бино ба заковатмандӣ ва сиёсатмадориаш ба маликушшуароии дарборӣ расид. Баъдан назар ба маълумоти «Мунтахаб-ут-таворихӣ»-и Ҳоҷӣ Ҳакимхон баъди вафоти Умархон навбати салтанат ба писари ӯ Муҳаммадалихон расид. (Ҳукмрониаш 1822-1842) Хон нав то дуруст намудани мавқеи худ аз Султонхони Адо аз Масъумхон Тӯра ва аз Ҳакимхонтӯра ва чанди дигар истифода кард, баъд аз як сар, сар карда аввал ин ду нафар зикршударо аз хизмати дарбор азл намуд. Ин ҳол ба Адо бисёр сахт расид. Воқифони ҳол ин ахборро ба амири Бухоро Амир Насруллоҳ (ҳукмрониаш 1827-1860) хабар доданд. Амир зуд одам фиристода аз Муҳаммадалихон Адоро талаб кард. Хулоса Адоро кӯчонда ба Бухоро овард ва ба ӯ зуд унвони Шайхулислом дод, ки ин дар соли 1828 воқеъ гашт.

Султонхони Адо пеш аз ин унвони Шайхулисломи Самарқанд ва Хӯҷандро гирифта буд ва ин бори сеюм аст, ки боз Шайхулисломи Бухоро шуд.

Султонхони Адо дар аморати Бухорои Шариф, баъди амиру қӯшбегӣ шахси саввӯм буд. Ҷосуси гузарои Россияи подшоҳӣ Дemензон, ки ба лақаби Домулло Ҷаъфари тотор дар Бухоро шӯҳрат дошт ва имоми яке аз масҷидҳои калони ин ҷо буд ва забони арабию форсиро хеле хуб медонист, се маротиба бо Султонхони Адо вохӯрда бо ӯ мусоҳиб шудааст. Ӯ менависад: «Бори аввал ба хонаи Султонхони Адо

аспакӣ рафтам. Султонхони Адо ба хидматгузори худ фармуданд, ки аспи маро дуртар бурда ба ҳавлии ҳамсоя бандад. Пас ду дафъаи дигар ман ба хонаи шон пиёда рафтам.

Султонхони Адо шахси ботамкин, бовиқор ва зираку законатманданд. Шон амиру қушбегиро чандон намеписанданд. Адо аз шоирони машҳуртарини Мовароуннаҳр аст. Бар ивази он ӯ олими хуб ва равшанфикр аст. Ӯ гуфт, ки чаро олимони Руссия бо олимони мо робитаи илмӣ надоранд? Чанд сол аст, ки ман ба мавзӯи иқсири ҷавонӣ кори илмӣ навишта истодаам. Назари олимони Руссия ба ин мавзӯъ чӣ хел бошад, дар он ҷо ин мавзӯъ ҳалли илмии худро ёфтааст ё на? Ман намедонам» («Записки Бухарской ханства»: Москва, 1982г. , стр. 35) «Ман – мегӯяд ба суханаш давом дода Демензон – аз Султонхони Адо дар бораи хонигарии Хӯқанд маълумоти саҳеҳ гирифтам» (ҳамон ҷо саҳ. 37).

Султонхони Адо дар соли 1250/ 1834 дар Бухоро фавтид. Ҳоҷӣ Ҳакимхон менависад: «Дар санаи 1250(ҳиҷрӣ) Султонхӯҷа Шайхулислом ба касалии табларза гирифтор шуда то ҳашт рӯз беҳол шуда хобиданд. Ҳарчанд табибони доно муолиҷа карданд, рӯзи панҷшанбе баъд аз зӯҳр дар рӯзи дувоздаҳӯми моҳи сунбулаи таърихи мазкур аз дунё видоъ карда бандагиро ба ҷо оварданд».

Султонхони Адо мероси адабии ғанӣ ва пурарзише боқӣ гузоштааст.

Дар «Мунтахаб- ут - таворих» соҳиби се девон будани ӯ қайд шудааст. Хушбахтона, он се девони шоир дастраси мо гардидааст. Ду девони тоҷикӣ ва як туркӣ. Адо ба бисёр ғазалҳои устодони назми тоҷик мухаммас гуфтааст. Ба даҳҳо ғазалҳои шоири шаҳир Амирӣ тазмин ё худ ҷавобияҳо гуфтааст. Ӯ инчунин даҳҳо зарбулмасали тоҷикиро ба шакли рубоӣ даровардааст. Ғайр аз ин таҳти унвони «Миръот-улхаёл» асари бузурги таърихию ривоятӣ таълиф кардааст, ки он дар шаҳри Душанбе дар музейхонаи академик А. Семенов нигоҳ дошта мешавад. Адо ба ду забон тоҷикию-туркӣ шеър гуфтааст. Оид ба маҳорати шоирии ӯ Возеҳ чунин менависад: «Адо аз фанни шеъргӯйӣ аз форсӣ ва туркӣ форрисӣ мизмори (савораи аспи майдони) балоғат ва фасоҳат буд» дар ҳарду забон девон тамом кард ва қасоиди ғарро низ басе гуфта ва дурри маъонӣ суфта, аз он ҷумла қасидаи тӯлонии мусамимо ба «Нолаву фиғон» бисёр зебову матбӯъ афтода ва

соири ашъораш низ ҳама маъқул ва мақбуд... («Тӯҳфат-ул-аҳбоб», Душанбе, 1977, саҳ. 10) ва 12 байт аз мероси адабии Адо мисол меоварад.

Адо дар ҳақиқат шоири закии даврони худ буд. Чунон ки дар боло зикр шуд, ӯ аз хурдсолӣ ба шеъргӯйӣ шурӯъ карда бо тахаллуси Адо шеърҳои хуб мегӯяд ва сабаби Адо тахаллус карданашро чунин баён месозад:

Хуб гуфтӣ ин тахаллусро ба як рамзе Адо,
Қоғазат месӯхт, медонист гуфторе, ки буд.

Адо аслан шоири ғазалсарост. Ғазалҳои ӯ дорои маънии бикранд, ки дар ин хусус худи ӯ низ мегӯяд:

Дар назму наср нест, чу мазмун кӯҳнабанд,
Дар риштааш Адо гуҳари тоза мекашад.

Аз ғазалҳои Адо нишону сабки бӯйи ҳиндӣ меояд. Ӯ мисли шоирони доираи адабии Истаравшан Солику Нола, Толибу Фано, Хиҷлату Дабир дар татаббӯи ғазалҳои Бедил ғазалҳои хуб офаридааст. Лекин ғазалҳои ӯ нисбат ба ғазалҳои Бедил фаҳмрастар ва зуд даркшавандаанд. Баъзан кас гумон намекунад, ки ин ё он ғазали Адо дар пайравии ин ё он ғазали Бедил навишта шудааст. Ин албатта, бе сабаб нест. Сабаби асосӣ дар он аст, ки Адо асарҳои Бедилро то дараҷае хонда аз бар кардааст, ки ҳазми маънӣ шавад. Адо фақат аз имкониятҳои дохилии маънии асарҳои Бедил истифода намуда ҷойҳоиривоҷнаёфтаи маъниву мавзӯи асарҳои ӯро ба фаҳму зикри худривоҷ медиҳад. Ин дилбастагии худро нисбати асарҳои Бедил Адо ба тариқи зайл иброз медорад:

Адо, дар ҳар нафас кардам ҷавоби гуфтаи Бедил,
Ки ман чун барқ аз худ рафтане дар омадан дорам.

Дар ин байти боло ҷавоби рамзошнои Бедилонаи Адо дар мисраи дуввум қарор гирифтааст, ки гӯяд: Ман дар назди маънии баланди Бедил чун барқ зуд таслим ё худ маҳв нашудам, балки аз он бебаҳрае баргаштам. Яъне зафар ёфта натавонистам. Он чи Бедил гуфта буд, нагуфтам, ба маънии Бедил бо маънии тоза ҷавоб гуфтам.

Ин ҷо бояд, гуфт, ки ҳаёту фаъолияти эҷодӣ ва гуфтори Бедиливу Бедилонаи Султонхони Адо таҳқиқу таҷлили махсус мехоҳад, ки онро бо пайвастагии афкори навэҷоди Бедилонаи шоирони Бедилбаёни дар боло зикршудаи доираи адабии Истаравшан бояд таҳқиқ намуд.

Аз ин шиносойии кӯтоҳи рӯзгор ва гуфтори Султонхони Адо чунин хулоса бармеояд: олами шоирии ӯ олами басо рангину рамзошнои шоириест, ки рангу бӯйи ба худ рӯҳафзо дорад.

Инак чанд ғазали Султонхони Адо мавриди назари хонандагони киромӣ хоҳад шуд.

* * *

Фалак аз яккачашмиҳо магар ғирбол мебезад,
Ки ғайр аз гарди кулфат дона з-он хирман намерезад.
В-агар гулқанд бо дарди дили ошиқ намефорад,
Магар дашномро бо бӯсаи ин лаб баромезад.
Биё, биншин бигуфтам, дар чаман афрӯз қоматро,
Миёни сарв бо шамшод, гуфто фитна бархезад.
Гирифторем бо дарди муравват, варна заъфе ку?
Бигӯ бо душмани бедард, то бисёр настезад.
Адо, оҳе кашад чун сурма дар чашм интизорашро,
Ғубореро, ки бинам, тавсанӣ он ваҳшӣ ангезад.

* * *

Намо сад чок он дилро, ки бо забти нафас бошад,
Хуш он мино, ки бо ӯ май набошад, чун қафас бошад.
Бати май кай зи табли ёр метарсад, аз он тарсад,
Ки зори табли кӯби мӯҳтасиб гӯши асас бошад.
Ба ғайр аз гиряи абри баҳорӣ чист аз сайрам,
Раги гул бе ту дар гулшан ба чашмам хору хас бошад.
Ба истиғно тавон аз дастбурди халқ эмин шуд,
Самар кай мерасонад шох, ҳар ҷо дастрас бошад.
Зи саргин бехабар зоҳид зи май дам мезанад ҳар ҷо,
Ба ҳукми шаръ к-оне рангу бӯ дорад, нагас бошад.
Бибандад корвони умр гар сӯи адам маҳмил,
Дили ҳар кас чаро садчок монанди ҷарас бошад.
Пас аз мадфан ба Мункар гӯям аз шарми гунаҳкорӣ,
Мабодо аз паси девори қабрам гӯши кас бошад.
Маро бар гирудори подшоҳӣ кор мебояд,
Ба он машъал, ки дуди оҳи мазлуме зи пас бошад.

Макун дахле, ки бо шамъи сухан фонус шуд коғаз,
Намехоҳам, ки дар пироҳанаш роҳи магас бошад.
Зи одоби замон девонагонро пухта мебинам,
Нишони санги тифлон меваҳои пешу пас бошад.
Адо, дар сина он, к-ӯ дод дил, бе ёди ӯ маншин,
Агар дар хона кас бошад, ҳамин як ҳарф бас бошад.

* * *

Камоли давлати дунё заволе дар қазо дорад,
Ба ғайр аз зоти ҳақ ҳар ибтидое интиҳо дорад.
Ҷудо холи сиёҳаш нест аз рӯи сафеди ӯ,
Ба ҷои мардумак дар дида бигзорам, ки ҷо дорад.
Нигоҳи ӯ зи шамшери ҷафоҳоест хунҷавҳар,
Касе гар кард лаъли ӯ ба чашмаш, тӯтиё дорад.
Чи иқбол аст, гардад устухонам хок дар кӯят,
Ки ҳар мӯи шикаст хосияти боли ҳумо дорад.
Ғубори нолаи ман шуд баланд аз ёди домонаш,
Шавад оҳаш расо, ҳар кас, ки дасти норасо дорад.
Қасам бо хоки поят, саркашиҳо нест бе аҷзе,
Ту нозӣ, эй санам, бо хеш, ошиқ хам худо дорад.
Рақибу дӯст дар гардан сари пову кафи поят,
Табоеъ мухталиф, ҳар кас ба худ як муддао дорад.
Ба зери чархи дӯлобӣ ба давлат мерасӣ сабре,
Намеранҷад зи навбат, ҳар ки ҷо дар осиё дорад.
Адо, аз сахтии санги маломатҳо чи ғам дорӣ,
Шикасти устухон аз хоки кӯяш мӯмиё дорад.

* * *

Чашм хунрез аст, он тарзи нигаҳ хунрезтар,
Неши мижгони ту аз теғи асил ҳам тезтар.
Дӣ ба ман бо сад забонаш шонаи шамшод гуфт,
Ҳаст гесӯяш бало, боло балоангезтар.
Як чаман бӯ мефизояд ғунчаро баъд аз шукуфт,
Шаккаромез аст лаб, ҳарфаш шакаромезтар.
Ман намедонам, ки сӯзи синаам аз хатти кист?
Коҳи ман аз зулфи хубон аст анбарбезтар.
Дастгоҳи ҳар кӣ мебошад ба қадри давлаташ,
Зулф диловез, гесӯи ту диловезтар.
Кӯҳкан то рӯзи маҳшар хушклаб хоҳад шудан,
Гар шавад аз ҷӯи ширин ӯ лаби Парвиз тар.

Мебарояд ҳар кӣ бошад марди дунё аз бараш,
Мекунад ин зод гавҳар, ҳар кӣ бошад ҳезтар.
Бе рухи чун ҷаннаташ бар синаам рез оби чашм,
Хаст оҳи ман, Адо, аз дӯзах оташхезтар.

* * *

Ҷунунфарозии хатти туро баҳор надорад,
Чӣ бок, гар дили девонаам қарор надорад.
Бигуфтамаш, ки гадоӣ чи лозим аст ба Маҳмуд,
Аёз гуфт, ки шоҳӣ ба ишқ кор надорад.
Касе, ки мангарад, то бовар аст бар сари Мансур,
Қасам хурад, ки дори ҷаҳон мадор надорад.
Ба он парӣ дили девона рафт гуфтамаш аз худ,
Бигуфт: «Рафтани девона эътибор надорад».
Занем сар ба замине, ки ҳосилаш ғами ёр аст,
Кашем по зи диёре, ки дарди ёр надорад.
Ҷунун зи чоки гиребон гузаштааст ба доман,
Аз ин муҳит сиришки Адо, канор надорад.

* * *

Шаб ба рухам кушо, бубин наргиси масти хобро,
Нозу тағофулат бас аст, роҳ мадеҳ итобро.
Пок кун аз ҷабин арақ гуфтаму гуфт ӯ зи ноз,
Ҷой ба афтоб деҳ шишаи пургулобро.
Кард ба ғайр иморате абрӯи ӯву гуфтамаш,
Сурх макун ба хуни ман теғи сиёҳтобро.
Шаб ба хаёл гуфтамаш ҷониби зулфи ӯ марав,
Ҷой мадеҳ зи ёди ӯ дар дилам изтиробро.
Ҷайбу канори домани пур зи сиришки чашм шуд,
Оҳ, дигар куҷо ниҳам ин гуҳари худобро.
Чашм сафед мекунад, қолаби хешро тиҳӣ,
Гашт ба дида мардумак пойи ту чун рикобро.
Зад ба дарун оташи миҷмару пушти гӯш кард,
Зулфи чу бӯи уди ӯ анбари мушкнобро.
Ҳар кӣ назар кунад, дило маҳр шавад чу оина,
Соз чу рӯи навхатон ҳар вараҳи китобро.
Хат ба варақ Адо кашид, гуфт агарчи Мӯҳташам,
Бар рухи пурарақ макаш сунбули нимтобро».

* * *

Зи девонам касе фаҳмид байти ботааммулро,
Зи хотир мисраи барҷаста хонад сатри сунбулро.
Маро диду паямбар гашт меъроҷи тағофулро,
Тамошо диданӣ дорад аз ин ориф таҷоҳулро.
Туро сарришта бар дасти ҳакимон аст, чун нолам,
Ки медонанд аз набзи раги гул дарди булбулро.
Зи санҷобаст тавқи қумрию аз сарв менолад,
Асири сарви ман донад самур ин оташин ғулро.
Бидидам чун даҳону он лабу рухсори гулгунат,
Зи мулки Толиқон дидам Бадахшон то ба Кобулро.
Касе аз соликони Каъбаи мақсуд мебошад,
Ки зоди роҳи худ кардаст як қурси таваккулро.
Таҳорат кай тавон кардан ба як ибриқ дар риндӣ,
Ҳарифон чорқул хонанд аз як сина қулқулро.

* * *

Бе парда ҷилваи ту рухи ҳамчу моҳро,
Абри ниқоб роҳ набандад нигоҳро.
Чашми маҳат саманди тағофулхитоб рафт,
Кам деҳ инони тоза ту он дилсиёҳро.
Ҳосил ба пушти фил нишонад дар ин бисот,
Бо хишт нест як ҳаракат ҳеҷ шоҳро.
Хоҳӣ, ки бархурӣ бувад туро зи субҳу шом,
Дарҷӯ зи чашми дил, бинишон нахли оҳро.
Охир ба оразат арақи шарм хат дамонд,
Бе об мушкил аст дамидан гиёҳро.
Бигзашт даври зулф, ба ман он зака расид,
Лабташна бе расан чӣ кунад оби чоҳро.
Бӯсид, Адо, чу даст маро мекашам, бигӯй,
Аввал бимон ба гардани ӯ як гуноҳро.

* * *

Обшор ин ҷо чу ман гар нест дур аз рӯи дӯст,
Сар ба сангу нола бар лаб ашк дар чашм аз чӣ рӯст?
Бе рухат аз зиндагӣ кай шамъ рӯшан мекунам,
Аз нафас теғи дудам чун шамъи базмам дар гулӯст.
Мо ба мушти хоки худ, ё Раб, таяммум мекунем,
Ошно ин ҷо зи шарми саҷда сомони вузӯст.

Даст бар сар, пой дар гил сокини майхонаем,
Пои мо пои хуш асту дасти мо дасти сабӯст.
Аз Адову дӯстонаш низ ёде оваред,
Гар дар ин ҷо дӯстон оянд бо ҳамроҳи дӯст.

* * *

Эй дӯстон, маҷӯед аз мо суроғи улфат,
Бо ҳеҷ кас надорам акнун димоғи улфат.
Дил дошт дар хаёлаш сайри баҳори ҳасрат,
Як лолазор гаштем охир зи доғи улфат.
Дар сина дил надорем, таклифи мо вубол аст,
Дорад зи худгузорӣ равған чароғи улфат.
Ҷуз ранҷу ҳасрату ғам аз дӯстон надидем,
Дар кунҷи бекасиҳо бошад фароғи улфат.
Марҳам ба мо накӯист, ҳам пунба базмгӯист,
Захмему захми меҳнат, доғему доғи улфат.
Ҷуз доғи захми дилҳо, к-он ҷо баҳор дорад,
Як лолаву гуле нест дилро зи боғи улфат.
Ҳар кас, Адо ба маҳзе гар нафсу май насодаст,
Заҳроби ғам чашидем мо аз аёғи улфат.

* * *

Дӣ ҳамраҳи рақиб чу он дилбаро гузашт,
Эй дил, тааммуле, ки ба ҷонат чиҳо гузашт?
Аз поймол карданат, эй хасм, бок нест,
Чун сабза об аз сари ман борҳо гузашт.
Дидори хубро ба ду олам чи эҳтиёҷ?
Натвон ба ину он зи сари муддао гузашт.
Имшаб ба ҷустуҷӯи ту чун шамъи базмхуш,
Ашкам давид то самаку аз само гузашт.
Шуд андалебро нафасаш банд дар қафас,
Аз пеши гул, ки субҳ насими сабо гузашт.
Мадфан ба обрӯй беҳ аз зиндагии Хизр,
Эй ҷон, тавон зи миннати оби бақо гузашт.
Ҳар шишаи шикаста дар ин базм бесадост,
Ҳарфе магар аз он нигаҳи сурмасо гузашт.
Аз чашми ӯ набуд маро ин қадар умед,
Мижгони ӯ зи сина чу тири қазо гузашт.

Гуфтем мо вафоту бигардем дар вафот,
Гуфто: «Ба ин қадар натавон аз ҷафо гузашт
— –- –- – – – – – – – – – – – – – – – – - — – – – -
Хӯш он муҳаббате, ки ба рамзу Адо гузашт.

* * *

Ба ёдат нола кардам, ҳуснат, эй золим, дучандон шуд,
Ба гулшан равнақи гул аз фиғони андалебон шуд.
Ҳарифонро ба гулшан мебарӣ, ёдат ба хайр, эй гул,
Магар ёдам, ки дар ёдат ҳарифи тоқи нисён шуд.
Зи чашмам бе лабат ашке, ки ояд, лаългун ояд,
Кашидам оҳ аз зулфи ту, олам сунбулистон шуд.
Хаёли абруят кардам, ба дил зад нохуни сабре,
Канори наҳри гардун з-он афғонам найистон шуд.
Ба гулшан Лайлиосо рақс то кардӣ, шудам Маҷнун,
Ба қадри даври домонат маро хоки гиребон шуд.
Ба субҳи васли ӯ дар гиря омад шаҳри чашми ман,
Чӣ суд аз омади иде, ки он дар рӯзи борон шуд.
Шабе дар козааш нахчири Юсуф то гузар созад,
Чароғи хонае не бо Зулайхо чашми шерон шуд.
Ба домандорият, эй гул, наёмад аз кафам коре,
Газидам пушти дастам, як чаман аз захми дандон шуд.
Адоро як қалам аз дидааш дар ашк мерезад,
Ба машқи хат даме ёқути лаълат гавҳарафшон шуд.

* * *

Расон ушшоқро ба ёдаш, дил аз навои кӣ мехиромад?
Зибаҳри қатл аст ин хиромаш, бубин барои кӣ мехиромад.
Чу шамъу шамшоду сарвро хам зи ғам оташ нишаста дидам,
Надонам имшаб ба базми гулшан қадди расои кӣ мехиромад?
Давид бар рӯй, бе муҳобо, гузашт аз доманам равон шуд,
Чу тифл ин хунгирифта ашкам ба хоки пои кӣ мехиромад?
Димоғи ҷон ба сар муаттар, ҳама чунин шуд ҷаҳон саросар,
Надонам, ин бӯйҳо зи гесӯи мушксои кӣ мехиромад.
Ба хок афтад қади хами мо, камар кӣ бандад ба мотами мо?
Ба пурсиши ҳасрату ғами мо мижаасои кӣ мехиромад?
Ба бистари ҳаҷр нотавонам, ба лаб зи дардам расида ҷонам,
Табиби Исинафас надонам, паи давои кӣ мехиромад?
Баромад аз хона бе муҳобо, зи баъди субҳ офтобосо,
Ба тан зи гулҳо либоси дебо ба базмҷои кӣ мехиромад.

Бари пари мо ҳавас кӣ будӣ, катони дил пора кард ин ҷон,
Нигоҳ кун, то ба шаҳри хубӣ, ки маҳлиқои кӣ мехиромад?
Чу оҳу афғони шамъи маҳфил ба харҷ шуд нолаи ман аз дил,
Ба ранги чангу най аст ғофил, ки дар давои кӣ мехиромад?
Ба дасти ёрам камони абрӯ, ба пеши сафҳо зи тири мижгон,
Ба ин сипоҳу ба ин таҷаммул паи ҷафои кӣ мехиромад?
Узор чун шамъи даргирифта, ба бар гирифта қабои гулгун,
Надонам, ин шӯъла бо гудози дили Адои кӣ мехиромад?

* * *

Умрест, ки нашнидам аз он гул хабаре чанд,
Фарёд зи бедардии ин номабаре чанд.
Зуҳҳод, магӯ ҷамъ шуда беҳунаре чанд,
Зоҳир бикун айби ҳама оинагаре чанд.
Бурданд туро аз барам, эй вой чӣ созам,
Бо ҳам сухане сохта бе пою саре чанд…
Бо доди касе, ваҳ, нарасиданд чу гардун,
Фарёд зи фарёдраси гӯши каре чанд.
Зуҳҳод ба бедоршабон, гӯй, налофад,
Бархоста бошад ду-се маркаб саҳаре чанд.
Дар чашм бидеҳ ҷой ту абнои замон, лек
Уммед кун аз мардумии гову харе чанд.
Бо нохуни худ сина харошидани мо чист,
Шояд ғамат ояд, бикушоем даре чанд.
Бо дидаи ибрат гули шабнамзадаи боғ,
Як ҳалқаи мотам буваду чашми таре чанд.
Дар назди дилу оҳи асирони ту дӯзах,
Як миҷмари пурахгару бо ӯ шараре чанд.
Аз васлу гулу лолаи ин боғ махур ғам,
Чун ғунча ба роҳ аст, Адо, мушти заре чанд.

* * *

Чун лаъли лабат Мисришакар дошта бошад,
Яъқуб агар чун ту писар дошта бошад.
Аз суръати умр он ки хабар дошта бошад,
Гӯяд, ки ҳамин барқ шарар дошта бошад.
Ҷуз фитна чӣ ҷавҳар дамад аз сахтии дида,
Айб аст, гар оина ҳунар дошта бошад.
Биност ҳамон шахс, ки аз сурмаи биниш,
Дар дида аз он роҳгузар дошта бошад.

Осон набувад дар кафи пои ту фитодан,
Чун зулф магар он ки ду сар дошта бошад.
Хуш он, ки расад ёр чу хуршед дами субҳ,
Ушшоқ сар аз хоб набардошта бошад.
Ҳар неку бад омад ба ту, шукрона ба ҷо ор,
Шояд, ки аз ин низ батар дошта бошад.
Як базми қимор аст ҷаҳон, фазлу ҳунар чист?
Бурдаст гарав он, ки ду хар дошта бошад.
Пурс аз дили пуршӯри Адо, рӯи нигораш,
Девона гар аз моҳ хабар дошта бошад.

* * *

Юсуфи Мисрӣ намедонам харидори кӣ буд?
Дил ки боби шавқи гармиҳои бозори кӣ буд?
Дошт хунаш дар равонӣ ҷилваи кабки тазарв,
Дил намедонам шаҳиди тарзи рафтори кӣ буд?
Ҳалқаҳои доми зулфаш дидаву дар хун тапад,
Мурғи дил, ё Раб, асири навгирифтори кӣ буд.
Чун нигаҳ аз ҷой бо чандин асо бархостам,
Нотавониҳои ман аз чашми бемори кӣ буд?
Оламеро аз нигоҳи хеш бисмил карду рафт,
Наргиси бе бода масти шӯхи хунхори кӣ буд?
Ҳар ғубори устухонам сурмаи чашми хумост,
Чашми ман аз сояпарвардони девори кӣ буд.
Дидаи Яъқуб беҳад мардумиҳо мекунад,
Интизориҳои чашми ман зи дидори кӣ буд?
Офтоби чарх ҳамчун зарра меояд ба чашм,
Ин шуои хомаи зарринзарӣ бори кӣ буд?
Хуб гуфтӣ ин тахаллусро ба як рамзе Адо,
Коғазат месӯхт, медонист, гуфтори кӣ буд?

* * *

Ба ҷуз заҳмат дилам гуфто, ки оҳу воҳ меояд,
Аз он кӯҳи гунаҳ дар дида барги коҳ меояд.
Ба андозе, ки мебинем дар вақти хироми ӯ,
Либоси нози қадди ӯ ба қад кӯтоҳ меояд.
Мапурс аз омаду рафти дили хунгаштаи сӯзон,
Ки ҳамчун ашк аз худ меравад, чун оҳ меояд.
Ба азми кӯи ӯ чун нақши по дар худ фурӯ рафтам,
Раҳи ишқ аст, оре, ҳар қадам як чоҳ меояд.

Ба макру ҳила чун аз нафси саг эмин шавад зоҳид,
Ки доим аз фашаш бӯи думи рӯбоҳ меояд.
Ман аз ҳаҷри ту ҳар ҳасрат, ки мебурдам ба зиндонҳо,
Ба вақти марг рашки ман ба аҳли чоҳ меояд.
Кашад дар хаймаҳойи ҳоса рӯи худ маҳи гардун,
Адо, ҳар гаҳ бурун он моҳ аз хиргоҳ меояд.

* * *

Ба хобам шаб аҷаб хуршеди оламгир пайдо шуд,
Ба вақти субҳ дидам оразат, таъбир пайдо шуд.
Зи маънӣ бехабар дил маҳви сурат буд дар ишқат,
Зи хат то мусҳафи рӯят кунун тафсир пайдо шуд.
Ҷаҳонро ман зи ҳайрат пушт бар девор мебинам,
Зи наққоши азал як хонаи тасвир пайдо шуд.
Зи бас имшаб зи найранги хаёлат гиря сар кардам,
Зи оби чашми ман як гулшани Кашмир пайдо шуд.
Шафақгун буд, чашмам шуд сафед аз мавҷи ашк ин ҷо,
Зи баҳри тифл модар хун хурад, то шир пайдо шуд.
Зи дардат дил гудози ҳайратиншо буд, ҳайронам,
Намедонам, чаро ин оҳи бетаъсир пайдо шуд.
Дили девонаамро сар кашидан нест аз ҳуснат,
Ба пои ишқ аз мавҷи хатат занҷир пайдо шуд.
Басо гулҳои рангоранг ин ҷо нақши туст, аммо
Чу рухсори ту кам аз хомаи такзир пайдо шуд.
Қафас шуд ин ба мурғи рӯҳ, аз парвоз монд охир,
Надонам аз куҷо ин хоки домангир пайдо шуд.
Ба вақти бӯса кардан гашт лаъли обдор ин лаб,
Ба қадри ҳолаш ин ҷо об дар занҷир пайдо шуд.
Ба имое аз он абрӯ Адо кардӣ назокатро,
Биҳамдиллаҳ, камони ёрро зеҳгир пайдо шуд.

* * *

Ба ҳангоме, ки хатти ёр з-он лаб сар бурун орад,
Раги мавҷи зумуррад сар зи лаъли тар бурун орад.
Ба гулгашти ҳаво товус дорад ҷилвабедорӣ,
Зи дил оҳе, ки ёди он чаманпайкар бурун орад.
Зи мавҷи таб лабаш табхол кард эҷод, мегӯям,
Бад-он монад, ҳубоби чашмаи Кавсар бурун орад.
Инони тавсани ёре чу бояд баҳри Айёзаш,
Ба гулшан ғунча то гул-маст мушти зар бурун орад.

Ба боғи ҷилвааш кай мерасам, бахте, ки ман дорам,
Агар чашмам зи пардозаш ду олам бар бурун орад.
Чунунсармоя шавқе гӯ дили девонаи моро,
Зи қайди кулфату андӯҳ бому дар бурун орад.
Адоро қатъ созӣ гар забон чун шамъ дар васфат,
Забон баҳри саноят кош аз дигар бурун орад.

* * *

Зи ашки гарми ман саргаштагиҳо ҷилвагар гардад,
Намояд шӯълаи ҷаввола, оре, чун шарар гардад.
Намедонад ғами чоки дилам он ҳусни гандумгун,
Магар рӯзе, ки чандин осиё з-ин чашм баргардад.
Зи рухсорат арақ аз шарм хат резад, аҷаб набвад,
Наёрад рӯз чун шаб нола бар даври қамар гардад.
Чу созам пушти пое назри дунё вақти тарки ӯ,
Кулоҳи подшоҳӣ дар ҳаво чун нилуфар гардад.
Пас аз хандиданат шафтолуи нӯше насибам шуд,
Зи баъди гул, ниҳол, оре ба гулшан борвар гардад.
Адо, дар синаи ман шуд ғами ӯ меҳмон имшаб,
Магар лахти ҷигар аз оташи дил моҳазар гардад.

## ТӮРАХОҶАИ АФСӮС

Яке аз шоирони асир шуда ба диёри Хӯқанд рондашуда дар соли 1817 Тӯрахоҷаи мутахаллис ба Афсӯс буд. Афсӯс дар роҳи дуру дарози байни Ӯр-Теппа Хӯқанд мисли шоирон Ҳусайнхоҷии Хиҷлат азобу уқубати асириро чашида дар дил нисбат ба Умархони золим нафрат пайдо карда буд. Дар асնои роҳ аз Хон ишорае мешавад, дар теппагии болои Тӯрақӯрғон дам гиранд ва базми ҷамшедие барпо кунанд. Фориғ аз нуқлу шароб Амир Умархон фармуд, ки дасту пойи шоирони Истаравшанро во кунанду пеш оранд. Мисли Нола, Дабир, Дилшод чандин шоиронро назди Хон оварданд. Хон ба эшон гуфт: «Банда ба ғазали ба радифи «Устина» навиштаи Алишери Навойӣ ҷавоб гуфтаам. Шумо шоирон акнун ба ин ғазали ҷавобии банда назира нависед. Кадом шоире, ки ҷавобияи хуб гуфт ба ӯ мукофот дода ба асп савор хоҳам кард. Шоирон дилу бедилон ба ҷавобгӯйӣ сар карданд. Дар ҳамин дам яке аз сипоҳиёни Хон Тӯрахоҷаи дасту по баста нишастаро нишон дода гуфт, ки ӯ ҳам шоир аст. Дар роҳ шеър гуфта меомад. Хон ишора намуд, ки ӯро низ пеш оранд. «Ту, шоир каме оқиб мондӣ, ана қаламу коғаз, гиру навис». Тӯрахоҷа ба қаламу коғази ба наздаш оварда монда ҳатто як нигоҳе накарда бо сари хам менишинад. Баъди соате гузаштан Хон фармон медиҳад, ки ҷавобияҳои хешро мутолиа кунанд. Шоирон пешу қафо ҳама як-як шеърашонро хонданд. Тӯрахоҷа ҳанӯз хомӯш буд. Хон ба ӯ фармон дод, ки ту ҳам бихон. Тӯрахоҷа аз ҷояш нахеста ба шеърхонӣ шурӯъ кард. Хон ба ҳар як байти бадоҳатан гуфтаи шоир бо диққат гӯш медод ва изҳори хурсандӣ мекард, вале байти охирини шоир ба ӯ нафорид. Каме рӯяшро туруш кард. Байти охирини шеър ба ин воқеъаи асирӣ дахл дошт.

> Ӯз диёридин адашган бир ғариб Афсӯс ман,
> Чуғзи бе вайрона янглиғ Тӯрақӯрғон устина.

Тӯрахоҷа, ки собиқ амалдор буд, дар байни шоирони дарбор корҳои ташвишқотӣ мебарад. Ӯ мегуфт ба ашъори Амир пайравӣ накунед, тавсифи бардурӯғи ӯро нагӯед. Амир хони золим аст. Агар асар нависед, дар борaи худ ва бечорагон нависед.

Ба замми ин Тӯрахоҷа ба яке аз канизакҳои Хон дил баста ӯро ба худ моил месозад. Ҳотам ном шоири ҷосус ин ҳамаро ба хон як-як хабар медиҳад. Дар ин хусус тазкиранависи дарбор Фазлии Намангонӣ пардапӯшона чунин изҳор мекунад:

Бувад Хоҷа Афсӯси нозуксухан,
Баҳори хаёлаш ба ранги чаман.
Зи бадмеҳрии торуми пуршигифт,
Аз он некфан табъи султон гирифт.

Ба фармудаи шоҳи фархундабахт,
Чу гардид маҳҷур аз пойтахт.

Афсӯс ба рондашудани худ аз дарбор бо ҷону дил розӣ буд, вале медонист, ки Амир ба ҷони ӯ қасд кардааст. Бояд бо душмани худ мадоро кунад, аз ин лиҳоз маҷбур шуд, ки ба номи хон ду қасида навишта дар бораи он «гуноҳҳояш» узр хоҳад. Дар қасидааш баъди тавсифи хон ба сари мақсад омада чунин изҳор мекунад:

Зи васфи хону наволаш дигар чи шарҳ диҳам,
Яке ғуломи бахиле, ки дошт Ҳотам буд.

Шоир инчунин дар қасидаи дигараш дар бораи забони он маъшуқа ва дил додани хешро баён намуда узр мехоҳад, ки дигар ба сӯйи ӯ майл нахоҳад кард:

* * *

Дар даври ту чун шоҳи камарҷӯю аъфҷӯй,
Дил шуд асири сарвқадди нозофарин.
Чун шӯхе, ки арақ чакад аз оразі маҳаш,
Гулҳо дамад зи гирди кафи хоки он замин.
Бе обёри хонаву котиб навишта шуд,
Бар саҳфаи баёзи рӯзаш хатти анбарин.
Бо моҳ ончи нури ҷамолаш ҳамекунад,
Ҳаргиз накарда барги катонро қамар чунин.
Ё Раб, ба гирдоби ҳаботи даҳони ӯ,
Хизри хати Масеҳи лабаш гашта ҳамнишин.
Он нозанин агар қаду оразі маҳаш,
Аз сарв бартар аст, накӯтар зи ҳурийин.

Гар дар рикобат, эй шаҳи оличаноби ман,
Гаҳ аз ясори чабҳа бисояд гаҳ аз ямин.
Ҳаргиз мабод маҳрами чашмам чамоли ӯ,
Бошад агарчи хубии ҳуснаш сад инчунин.

Гӯё ки ба диёраш рафтан розӣ набошад, дар хотима мегӯяд:

Яке ғуломи ҳақирам ба гӯшаи фармон,
Маро на бахт муайян на толеъи масдуд.
Зи саҳни боғи биҳиште, ки ном Хӯқанд аст,
Чу Одамам, мани маҳзун аз он чаман мардуд.

Умархон ин узри Афсӯсро қабул карда бошад ҳам дигар ӯро ба дарбораш роҳ надода, ба Истаравшан ба амали Мири Асад таъин мекунад, ки ин фармон соли-1818 ба вуқӯъ меояд. Ҳамин тавр Афсӯс дар зодгоҳаш дар амали пештараи худ кор мекунад.

Дар соли 1832, моҳи сентябр хони Хӯқанд Муҳаммадалихон ӯро ба вазифаи нақиб таъин мекунад.

Тӯрахоча умри дароз дида дар соли 1853 дар синни 91 солагӣ вафот мекунад. Қабри ӯ дар атрофи қабри падараш Хоча Убайдуллоҳи Солик дар қабристони Сари Мазори Истаравшан воқеъ гардидааст. Комии Қундузӣ чунин меорад: Таърихи Вафоти Тӯрахочаи Истаравшанӣ, ки шайхи куҳансол буд, 1272 аст. (1853).

Тӯрахочаи Афсӯс шоири соҳибдевон, вале девонаш ба даст наомадааст. Ашъораш дар баёзҳои қаламии дар шаҳрҳои Ӯр-Теппа, Хӯқанд тартиб ва танзим ёфта дида мешаванд. Ғайр аз ин дар «Мачмӯаи шоирон»-и Фазлӣ 4-ғазалу ду қасида ва як мухаммаси ӯ бар ғазали Амир чой дода шудааст.

Афсӯс шоири лирик буда ашъораш басо рангин ва дилнишин аст. Ӯ шоирест ҳақиқатсаро ва часур.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Фазлии Намангонӣ. Мачмӯаи Шоирон. Чопи Тошканд, 26 июни соли 1900 саҳ. 152, 153.

2. А. Мухторов, Материали по истории Ура-Тюбе, изд. ВОСТ, литературы Москва, 1963г. стр. 3

3. Тамже. Стр. 39

4. Комии Қундузӣ. Таворихи Манзума, Иститути Шарқшиносии точ.

Инв. №2004 вар. 403

## АЗ ҒАЗАЛИЁТИ АФСӮС

Таҷалли дастгоҳам чеҳра аз май равшан аст, имшаб,
Зи ҳусни маҳфили ағёр рашки айман аст, имшаб.
Рав аз ҳоли ғарибии шоми ҳиҷрон арза деҳ бо ӯ,
Ки ман бе ӯ ба ҷонам қосиди ӯ бо ман аст, имшаб.
Шикасти шишае мерехт ашки ҳасрат аз чашмам,
Туро, эй мӯҳтасиб, хуни тараб дар гардан аст, имшаб.
Паи дафъи газанди чашми бад дар миҷмари имкон,
Дили ман чун ситандомоди садди шеван аст, имшаб.
Муғаннӣ бо забони нағмаи ушшоқ мегӯяд,
Сарат гардам кулаҳ бишкан, ки бишкан, бишкан аст, имшаб.
Макун, эй боғбон, таклифи сайри гул, ки маъзурам,
Маро бар сар ҳавои шӯхи гулпероҳан аст, имшаб.
Ту чун рафтӣ ба базми ғайр Афсӯси ҳазинатро,
Зи ҳар мижгон ба чашм аз рашк гӯё сӯзан аст, имшаб.

* * *

Ҳадиси лаъли сероби буте кардӣ сар, эй тӯтӣ,
Шикасти обуранги рӯи гулбарги тар, эй тӯтӣ.
Ба маҳфил шаб зи ҳоли оташинрӯе сухан карда,
Саводи дидаи ман шуд сипанди миҷмар, эй тӯтӣ.
Ба сеҳромезии лутфи сухан, то чанд менозӣ,
Надорӣ ҳамчу булбул нолаи ҷонпарвар, эй тӯтӣ.
Рамузи содалавҳиҳову вазъи лоуболиҳо,
Ту аз оина фаҳмидию ман аз соғар, эй тӯтӣ.
Ба сад оина гардидӣ муқобил, ҳеҷ донистӣ,
Ки бо он ҳашмату иқбол ку Искандар, эй тӯтӣ.
Ба пои сарв чун Афсӯс, биншин сӯз аз он ҳасрат,
Ки чун қумрӣ нашуд болу парат хокистар, эй тутӣ.

* * *

Баҳор омад биё, эй тозасарви боғи раънойӣ,
Ки шуд ҳангомаи гулгашти даври бодапаймойӣ.
Ба ранги соя нури офтоб афтад ба хок инҷо,
Ки тифли шӯълахӯйи ман намояд маҳфилоройӣ.
Илоҳӣ он ниҳоли навраси боғи муҳаббатро,
Ба шамшодаш насими сарсари афтоб нанмойӣ.

Ту бо аҳбоби майнӯшӣ тараб кун, ман ба ин шодам,
Ки дорам бо саги кӯйи ту ҳамсозию ҳамройӣ.
Зи ҳаҷрат талхкомам, шарбати васлат намедонам,
Куҷо шаҳди ҳаловат мешиносад табъи саҳройӣ.
Равӣ дар маҳфили ағёр чун ойина якрангӣ,
Ба сӯйи мо, ки меойӣ, ба сад найранг меойӣ.
Ту то рафтӣ ба базми ғайр, эй ороми хотирҳо,
Хароб аз гиряам шуд хонаи Афсӯси шайдойӣ.

* * *

Наргис ба чаман мунтазири тарзи хиромат, бихром ба гулзор,
Гулҳо ҳама тан гӯш шуд аз баҳри паёмат, бинвоз ба гуфтор.
Аз гарди хироми ту зи тубию санавбар бинвоз ба гуфтор,
Бархост аломоти қиёмат зи хиромат, ҳашр шуд намудор.
Ранҷури нигоҳи ситамолуди ту гаштам, гоҳе ба тараҳҳум,
Бинвоз мани дилшударо дар ҳақи номат, хуршед намудор.
Хун гашт дил аз ҳасрати рӯят чӣ тавон кард, маҳрум зи рӯят,
Аз субҳи баногӯши ту парвардаи шомат, аз лаъли шакарбор.
Ҳар ҷо, ки хироми ту аз он пои ҳаноӣ нақше, ки барафтад,
Гул бишкуфаду сабза дамад то ба қиёмат, аз шӯхи ситамкор.
Аз миҷмари осон натавон ёфт давое, бо дарди дили мо,
Дорем умеди дигар аз тарзи каломат бинвоз ба гуфтор.

## ҚАСИДАҲОИ АФСӮС

Гардад зи рашк хулқи барин арсаи замин,
Аз юмни файзи мақдами султони мулки дин.
Эй хусраве, ки пояи иқболи шавкатат,
Бартар бувад зи қурсе, ки афлоки чорумин.
То сар назад зи ҷайби замон меҳри адли ту,
Моҳи сипеҳри шаръ равшану мубин.
Вақфи нисори дасти гуҳарбори ҷуди ту,
Аз Хок то Самок зи Афлоки нозанин.
Дарёи баҳри гавҳари худ арза мекунад,
Рӯзи сахо барорад агар дасти ростин.
Ҳар кас, ки ёфт баҳра зи дастат карим шуд,
Ҳотам яке зи хирмани ҷуди ту хӯшачин.
Шуд аз тавофи хоки дари боргоҳи ту,
Қайсари бардам волию ҳоқон ба мулки Чин.

Нӯшервон, ки шӯҳрати адлаш ҷаҳон гирифт,
Ҳарфе зи васфи номи ту ҷо кард дар замин.
Якрӯза сарфи хони наволат намешавад,
Даҳсола боҷи Рус, хироҷи Хитову Чин.
Эй маҳчахи ливои ту моҳи сипеҳри қадр,
В-эй шамсаи равоқи ту хуршеди чархи дин.
Карда ҳарими кӯйи ту, эй моҳи чашми ман,
Хоки дарат ба дидаам, эй сурмаи яқин.
Бо гармии ту қатраи найсон гуҳар шавад,
Аз савлати ту об шавад гавҳари самин.
Дорад фалак зи баҳри нисори қудуми ту,
Динори шамс дар ҳаму маҳро дар остин.
Ҳаргиз мабод рахна аз дасти ҳодисот,
Бунёди давлатат, ки ҳисорест оҳанин.
Дар даври ту чун шоҳи карамҷӯйю афвҷӯй,
Дил шуд асири сарвқади нозофарин.
Чу шӯхе, ки арақ чакад аз оразі маҳаш,
Гулҳо дамад зи гирди кафи хоки он замин.
Бе обёрӣ хомаву котиб навишта шуд,
Бар саҳфаи баёзи рухаш хатти анбарин.
Бо моҳ ончи нури ҷамолаш ҳамекунад,
Ҳаргиз накарда барги катонро қамар чунин.
Ё Раб, ба гирдоби ҳаботи даҳони ӯ,
Хизри хати Масеҳи лабаш гашта ҳамнишин.
Он нозанин агар қаду оразі маҳаш,
Аз сарв бартар аст, накӯтар зи ҳурийин.
Гар дар рикобат, эй шахи олиҷаноби ман,
Гаҳ аз ясори ҷабҳа бисояд гаҳ аз ямин.
Ҳаргиз мабод маҳрами чашмам ҷамоли ӯ,
Бошад агар чӣ хубии хунаш сад инчунин.
Мақбули оли маҳзарати нури дидаҳо,
Мардуди ту баҳри кӣ бувад нест дилнишин.
Шоҳаншахи шаҳон шаҳаншоҳи хусравон,
Яъне амири сафдари хоқони муслимин.
Азмоварӣ ба арсаи майдони корзор,
Хасм аз ниҳеб рӯ ниҳад то дами пасин.
Душман хато зи тири ту ҷуз ростӣ наёфт,
Гӯё нишонда шаҳпари Ҷибрилро Амин.
Мардафканони лашкари нусратшиори ту,
Гар аз паёми сулҳ бароранд теғи кин.

Гардад зи зарби ханҷари зорогузорашон,
Фарқи сари адӯйи ту монанди ҳарфи син.
Аз ранги хун зи ҳамсинон ҳамешавад
Санги набардгоҳ ҳама лаъли оташин.
Нусраттароши арсаи майдони корзор,
Зинатфазои анҷумани маҳфиле якин.
Ҳар субҳу шому рӯзбони ман ин бувад,
Эй дудмони оли наби зубдаи мубин.
Ҳазрат мудом раҳбару Илёс раҳмбарат,
Бошад ҳамеша аблақи айём зарру зийн.
Эй шаҳриёри мулки Аҷам остони ту,
Фатҳи умеди боби муродам бувад дарин.
Ман кистам, ки арзи дили худ баён кунам,
Аҳволи ман ба ҳазрати ту равшану матин.
Дорад камина чашми умед аз ҷаноби ту,
Наншонияш бухрию магзорияш ҳазин.
Кардӣ зи рӯйи лутф чунон сарҳушам валек,
Кӯтоҳиям фиканда ба аҳвол инчунин.
Аз ман яке нигоҳ карами дасгоҳи ту,
Иқбол ҳамнишин, саодат шавад қарин.
Дур аз сафи ниол туро чун баён кунам,
Ҳолам мапурс чеҳраву рухсори ман бубин.
Аз давлати ту ҳар ки буд шоду хуррам аст,
Бошад раво, ки банда ба аҳвол инчунин.
На хешу ақрабо ба дуо ёдам оварад,
На мӯнисе, ки як ду нафас гардад ҳамнишин.
На ошно, ки бар манаш аҳволи ман кунад,
На ҳамдаме, ки ғам бубарад аз дили ҳазин.
Ку даргаҳе, ки ҷуз давлатсарои ту,
Умеди фатҳи боб кунад аз дили ҳазин.
Ғайр аз ҷаноби марҳаматоини ҳазратат,
Умед аз касе набувад то дами пасин.
Ё Раб, шаҳе, ки манфиаташ соя афканад,
Бар фарқи габру мӯъмину ва тарсову муслимин.
Аз захми чашми аҳли замонаш нигоҳ дор,
Бодо бинои давлати ӯ маҳкаму матин!

## ҚАСИДАИ ДИГАР

Арӯси фасли баҳор аз ниқоб чеҳра кушуд,
Шукуфт хотири домоди айш шуд мавҷуд.
Зи файзи гиряи абр аз табиати ашчор,
Чу гул ба ханда шукуфту шукуфавор намуд.
Замин чу арсаи Фирдавси тозаву хуррам,
Дамида чун хати хубон гиёҳи сабз намуд.
Зи гармmеҳрии хуршед ранги хотири хок,
Чу оҳи сарди аз дили чарх кард сууд.
Ба боми чарх зи бас раъд кӯи баҳчат зад,
Ки тирарӯзии дай гашт ин замон падруд.
Ба сайри лолаву насрин тамоми сарвқадон,
Пиёланӯшу ғазалҳо ба лаҳни чангу суруд.
Ба саҳни боғ ҳама гулрухони симандом,
Қадаҳ ба соғари гул бо кафи ҳиноандуд.
Узори об музаллаф зи акси сабзхатон,
Дили насим мушавваш зи зулфи атролуд.
Маро зи майл ба рӯйи гулу ба қомати сарв,
Зи савти булбулу қумрӣ басо малол афзуд.
Маро на ҳавсалаи сайри боғу гашти чаман,
Ба кунҷи кулбаи эҳзон нишаста ғам афзуд.
Вазид субҳу даме чун насими атромез,
Расонд мужда, ки бархез аз мазаллат зуд.
Ба мадҳи шоҳи ҷаҳонгир иштиғол намой,
Ки нест бо ту ҷуз ин ҳеҷ боиси беҳбуд.
Чи шоҳ шоҳ, ки баҳр аз кафи сафорораш,
Кашад ба риштаи амвоҷ гавҳари мақсуд.
Фалак мадори каламу иқтидори шоҳе, ки ҳаст,
Замин мунаққаш роҳи муҳтаҷабмашҳуд.
Зи рӯйи лутф кушояд ба нохуни тадбир,
Фитад ба риштаи корӣ агар тилисми уқуд…
Ҷаҳид шарораи оташ чу барқ аз теғаш,
Ба рӯзи разм барорад зи ҷони душман дуд.
На ҷавр бар кас ва не аз касе ҳастам пайдост,
Ба асри салтанаташ роҳи ину он масдуд.
Зи васли хони наволаш дигар чи шарҳ диҳам,
Яке ғуломи бахиле, ки дошт Ҳотам буд.

Зиҳӣ, мушарраф, ки меҳр аз сари ихлос,
Ба субҳу шом ба хоки дараш ҷабин месуд.
Сипеҳри мартаби анҷум сипоҳи меҳриқбол,
Ки бод нисбати шоҳияш то абад мамдуд.
Ҳамеша бар забари маснади ҷаҳонбонӣ,
Муқим бод зи лутфу навол беҳудуд.
Яке ғуломи ҳақирам ба гӯшаи фармон,
Маро на бахт муайян ва на толеъ масъуд.
Зи саҳни боғи биҳиште, ки ном Хӯқанд аст,
Чу Одамам, мани маҳзун аз он чаман мардуд.
Ба интизорияш Афсӯс чашми умедам,
Ба ранги дидаи тасвир соате нағнуд.

## ҲОҶӢ МУҲАММАДИ ШАҲДӢ

Ҳоҷӣ Муҳаммади Шаҳдӣ аз шоирони маъруф ва хушзавқи Доираи адабии Истаравшан мебошад. Муҳаммад дар соли 1760 дар гузари Масҷиди сафеди ш. Ӯр-Теппа дар оилаи Кӯчаки ҳалвогар, ки шоир буд, таваллуд ёфтааст. Худи ӯ дар бораи падараш чунин маълумот медиҳад:

Падарам асл Кӯчаки Баққол,
Ин насиб аз азал Худо кардаст.
Солҳо ранҷу меҳнати бисёр,
Хуни дил хӯрда корҳо кардаст.

Шаҳдӣ тахмин дар синни миёнсолӣ ба ҳолати маъюсӣ, ҷунунфеълӣ, ошуфтахотирӣ гирифтор шуда, чанд вақт ҳамчун савдоӣ сарсарӣ мегардад ва баъдтар ба аҳли тасаввуфи даврон ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намуда ба ҷустуҷӯйи пири тариқат меафтад. Нихоят Сӯфӣ Ғанӣ ном шахси порсо ва соҳибҳолро дарёфт мекунад:

Ки саргарми марде бигаштам яке,
Агар пурсӣ номаш Сӯфӣ Ғанӣ.

Вале он пири тариқат дере нагузашта вафот мекунад. Шаҳдии бе пир мондаро Хоҷа Убайдуллоҳи Солик ба шогирдӣ, яъне ба халифагӣ қабул мекунад.

Шаҳдӣ дар боби тасаввуф, чи навъе ки аз ин байти зайли писари ӯ Нодими Истаравшанӣ ҳам пайдост, нисбати тариқаи Кубравия дошт ин эътиқод ба вай аҷдодӣ буд:

Тариқат дар сулуки Кубравия сарсулуки ман,
Бувад он соҳиби иршод Солик пири аҷдодам.

Масалан шоири муосири Истаравшанӣ Абдураҳим дар қасидаи ба Ишони Шаҳдӣ бахшидааш менависад:

Дар «Сулуки Кубравия» мӯътақид будӣ мудом,
Хирқаи Солик ба қаддат моҳи тобон рехта.

Худи Шаҳдӣ ҳам ба номи Ғавсулаъзам-Сайид Муҳиддин Абдулқодири Ҷелонӣ (тав. 461 ваф. 551 хиҷрӣ) ду қасида навиштааст ва дар яке ин матлабро чунин иброз доштааст:

Ҳар қуҷо дастгир, мушфиқу улфат сулукаш,
Бар мани кӯр асо ҳазрати Ғавсулаъзам.

Бетамизиҳои абнои ҳангоматалаб, дилозор ва ситамгори замон нисбат ба зердастон ва бепуштупаноҳон торафт меафзояд. Ин гуна ҳолатҳои тоқатшикан шоирро бисёр ба танг оварда будаанд, ки ноилоҷ рӯ ба саҳро мениҳад.

Дар деҳаи Сепула, ки ним фарсах дур аз шаҳри Истаравшан воқеъ буд, иқомат гузида дар он ҷо боғе бунёд ва ба кори деҳқонию эҷодии худ машғул мегардад:

Аз маломатҳои мардум ҷо ба саҳро кардаам,
Оҳу ҳасратро даруни синаам ҷо кардаам.

Шоир ба баҳонаи сафари Маккаю Мадина бисёр шаҳру деҳоти Шарқи наздикро мебинад ва ба илму адабиёт ва зиндагию урфу одоти халқҳои мухталиф ошно мегардад:

Аз Каъбаю Рум то ба тамошои Мадина,
Гардам ба суроғи раҳи саҳрои Мадина.

Баъди тавофи Мадина, шоир тамоми умри боқимондаашро ба кори эҷодӣ ва машғулоти сӯфигии хеш

мебахшад. Албатта дар тамоми ҳаёташ бо шеър зиндагӣ кардааст ва бо суханпардозӣ нафас мегирифт:

Умри худро бикардаам Шаҳдӣ,
Сарф, яъне ки доимӣ ба сухан.

Шаҳдӣ дар синни 83 солагӣ ин олами фониро падруд гуфт.

## МЕРОСИ АДАБИИ ШОИР

Ҳоҷӣ Муҳаммади Шаҳдӣ аз худ мероси адабии пурбаракате боқӣ гузоштааст, ки ба ин девони куллиёи бузурги ӯ шаҳодат медиҳад. Ғайр аз ин ба қавли Дилшоди Барно Шаҳдӣ достони калони ҷангӣ - таърихие низ доштааст, ки он дар бораи воқиаҳои ҷангии байни хонии Хӯқанду аморати Бухоро ва ҳокимони Истравшан баҳс мекардааст. Мутаассифона, ин достон ҳанӯз дастраси мо нест. То имрӯз зиёда аз 30 нусхаи дастнависи девон ва 4 нусхаи куллиёти Шаҳдӣ дастраси мост.

Ашъори Шаҳдиро дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Хӯқанд, Ҳисори Шодмону Хатлон хулоса дар ҳама ҷо мехондаанд.

Куллиёти Шаҳдӣ (нусхаи хусусӣ) ғайр аз достони таърихии шоир қариб ҳамаи мероси муаллифро фаро гирифтааст. Ҳаҷмаш 26х32, коғазаш зарди Хӯқандӣ, 389 варақ, хаташ настаълиқи хоно, соли 1328-1110 аз тарафи абераи шоир Маъсумхон китобат шудааст. Муқобааш аз чарми зард. Оғози китоб:

Хуми ваҳдат ба ҷӯш омад зи ҳар майхонаи дилҳо,
«Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо.

Дар ин «Девони Куллиёт» 989 ғазал, 38 мухаммас, соқинома 45 банд, ҷамъ 9-ҳазору 314 байту як мисраъ мероси адабии шоир Шаҳдӣ фароҳам оварда шудааст.

Шаҳдӣ дар хусуси «Девони Куллиёт»-и худ чунин баҳои ҳаққонӣ медиҳад:

Девони ғазал, ки дур бисуфтам,
Дар ҳолати шайбу айни мастӣ.

Гуфтаям, Шаҳдӣ, ба аҳбоби сухан мегӯям:
Баҳри девони гуҳар, турфа китобе дорам.

Шаҳдӣ дар намудҳои адабии маъмули адабиёт: ғазал, маснавӣ, мухаммас, қасида, марсия ва дигар асарҳо эҷод кардааст, лекин зиёда аз 3 қисмашро ғазал ташкил медиҳад.

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Хуми ваҳдат ба ҷӯш омад зи ҳар майхонаи дилҳо,
«Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо».
Зи май осон нашуд корам, ки ҳам накшуд аз ӯ мушкил,
Вале аз ишқи ҳайратзо дигар афтод мушкилҳо.
Занад мавҷи ҷунуни ишқ, чашмам ҷумла дарёест,
Талотум мезанад ин киштиам тӯфон ба соҳилҳо.
Набурда бӯй аз ишқу муҳаббат зоҳиди худбин,
Чӣ донад мастии ин ишқ роҳу расми манзилҳо.
Кашидан аз ту ханҷарҳо ба қатли ман, ки дар майдон,
Тапидан аз ману ҷон додане дар шавқи бисмилҳо.
Ту чашми ҷону дил бикшо, аз ин хоби гарон бархез,
Ҳама рафтанд манзилҳою барбастанд маҳмилҳо.
Баҳори ишқ бигзашту накардӣ кор, эй Шаҳдӣ,
Ба ҷуз рӯи сияҳ бар каф надорӣ ҳеҷ ҳосилҳо!

* * *

Наравад меҳри ту аз ҷону дили ҳарбаи мо,
Ба сари кӯи бутон то бигирад ҷазбаи мо.
Накунам майли сари каъбаи кӯи дигарон,
Ҳар тараф қиблаи рӯи ту бувад Каъбаи мо.
Гар биёйӣ ту бар ин кулбаи вайронаи хеш,
Аз рухат партави пурнур шавад каъбаи мо.
Ба дуо омадаам, то ки ба роҳат зи карам
Кунӣ андеша зи оҳи саҳару тавбаи мо.
Кай кунӣ сайри тамошои гулистон Шаҳдӣ,
Навбаҳор омаду шуд файзи Уротеппаи мо.

* * *

Дар шӯр овард ӯ зи нав боз ин дили вайронаро,
Бо гирди шамъи рӯи ӯ сӯзам пари парвонаро.

То боз дидам рӯи ӯ аз хештан рафтам бутун,
Алҳамдуллиллоҳ, инчунин дидам рухи ҷононаро.
Мадҳуш афтодам, вале дар мавҷаи дарёи ишқ,
Гум кардаам ному нишон дигар раҳи ин хонаро.
Мутриб навое соз кун, мастӣ дигар оғоз кун,
Аз шавқ дар рақс оварам ҳам ҷому ҳам паймонаро.
Саргашта дар саҳрои ғам гаштем чандин солҳо,
Лайлӣ куҷо пурсад яке Маҷнуни ин афсонаро.
Аз оташи ҳиҷронт дил месӯхтам шаб то саҳар,
Ҳар дам зи ҳаҷри тоби ӯ ман сӯхтам кошонаро.
Ҷоно, биё дар кӯи ӯ шав ту ба ҷустуҷӯи ӯ,
Шояд яке раҳме кунад ин Шаҳдии девонаро.

* * *

Боз, ки хам дар хам аст ҳалқаи мӯи шумо,
Нест, ба олам кам аст, сунбули бӯи шумо.
Роҳати ҷону дил аст, ишқ чунин мушкил аст,
Сахт раҳи манзил аст, рафтани сӯи шумо.
Бехуду девонаам, оқилу фарзонаам,
Ахтари парвонаам, ошиқи рӯи шумо.
Тири мижа бастаӣ, бар ҷигарам хастаӣ,
Гарчи маро куштаӣ, куштаи хӯи шумо.
Гуфтаӣ ту кистӣ? Ошиқи ту Шаҳдиям!
Гуфт саги кистӣ? Он саги кӯи шумо!

* * *

Омад ба нозу ишва, ин шӯх дилбари мо,
Бадхӯю тунду золим, ҷаллоду кофари мо.
Хоҳад бирехт хунам чашмони шӯхи масташ,
Тири камон кашида он шӯх бар сари мо.
Раҳме ба мо надорад он бевафо чу ҳаргиз,
Он қалбошнои бегонапарвари мо.
Хуш меравад ба рафтор он шӯхи масти бебок,
Ҳаргиз нигаҳ надорад бар ҳоли абтари мо.
Дар дида хандааш бин, оҳанги рафтанаш бин,
Аз дур диданаш бин, ҳам шаҳду шаккари мо.
То олами ҷаҳонро ин оҳи оташинем,
Хоҳад бисӯхт шаҳре дилҳои ахтари мо.
Шабҳою оҳи торик моему кунҷи хилват,
Бемоягон чӣ донанд авсофи ҷавҳари мо.

Ғаввоси баҳри ишқам, масти шароби ваҳдат,
Мавҷи ҷунуни ашкам, дурраст гавҳари мо.
Хушнавбаҳори хуррам лабҳои ҷўю сабза,
Ин кўшкҳои фирдавс айвону манзари мо.
Санги сиёҳ ғоре, ризвони боғи ҷаннат,
Дорад дарахти тубо ин ҳавзи кавсари мо.
Нуқли шароби мастӣ ғавғою шўри мастон,
Завқи навои мутриб зикри кабўтари мо.
Дидори худ дар он ҷой бо мо агар бихоҳад,
Он ҷо бувад қиёмат гардад, ки маҳшари мо.
Бо мо шаванд маҳрам гардем дар самовот,
Бо пири худ малоик рўбанд ин дари мо.
З-ин дидаҳо бирезанд сад ҷўи хун, ки Шаҳдӣ,
Ҳар сў фиғон бихезад хонанд дафтари мо.

* * *

Дар нимашаб, ки омад, ёри ягонам мо,
Мерафт то ба гардун завқи таронаи мо.
Дар рақс оварида чашмони шўхи масташ,
Барбод карда охир чангу чағонаи мо.
Аз партави ҷамолаш олам бишуд мунаввар,
Борид абри раҳмат имшаб ба хонаи мо.
Оҳе зи дил барояд, сад аршу фарш сўзад,
Бошад чу мушти ахтар оҳи шабонаи мо.
Эй навҷавон гузар кун, бар ҳоли мо назар кун,
В-аз оҳи мо ҳазар кун, дуд аст хонаи мо.
Шаҳдӣ марав зи даргоҳ, шояд расӣ ба мақсад,
Навмед кай шавӣ ту, з-ин остонаи мо.

* * *

То ҷўшише зи оташ зад шўъла дар дили мо,
Мезад шарора берун, месўхт маҳфили мо.
Ғавғои шўри мастон андар ҷаҳон дарафтод,
Дил масти он ҷунун шуд берун зи соҳили мо.
Аз партави ҷамолаш олам бишуд мунаввар,
Омад зи хона берун он шўхи қотили мо.
Дар хоку хун тапидем з-он тири нози мижгон,
Як раҳ нагуфт ҳаргиз гўед бисмили мо.
Аз баъди марг сад сол ба хоки манн, ки он,
Чун бўи дард ояд аз хоки каҳгили мо.

Тӯфони ашки чашмам дорад дигар талотум,
Эй сорбон, ки бар банд тори ду маҳмили мо.
Дар кӯи ӯ фиғон кун ҳар субҳу шом Шаҳдӣ,
Гардад зи ишқ осон шояд, ки мушкили мо.

* * *

Мекунад азми сафар воҳасрато, он ёри мо,
Меравад то аз назар он дилбару дилдори мо.
Мезанад оташ ба олам мекунад ҳам хайрбод,
Меравад бо сад фиғон он сарви хушрафтори мо.
Ҷумлагӣ дар мотаманду дар хурӯшу валвала,
Меравад ҳар ҷӯи хун з-ин дидаи хунбори мо.
Қудсиён андар фалак ҳастанд дар ваҷду сано,
Баски шабҳо дар фиғону нола аз гуфтори мо.
Ку баҳори хуррамӣ? Ку лолазору кишту боғ?
Ку нигори сарвқад, он дилбари раънои мо?
Ку рухи он офтобу ку гули боғи Ирам?
Ку сурури андалебон? Ку гули гулзори мо?
Ку шаҳи соҳибқирон? Ку дилбари чобуксавор?
Ку гули боғи ҷаҳон? Ку маҳрами асрори мо?
Ку чароғи дил зи мову ку ҳузури шамъи базм?
Ку лаби майгун шакар? Ку соқии хаммори мо?
Ку дафу чангу рубобу мутриби мастони завқ?
Ку амири маҷлису ку анвари анвори мо?
Шаҳдиям, пурҳасратам, ҷӯшад зи хунам баъди марг,
Лолаҳо рӯяд зи хокам дар мазори зори мо!

* * *

Биё, соқӣ, шаробам деҳ, кунам ҳангоми ишратҳо,
Ба коми талхи мо резон зи ҷоми ишқ ваҳдатҳо.
Кунам бо ишқ мастиҳо ба ёди партави рӯяш,
Ки шояд дар назар ояд, рухаш дар сӯзи ҳолатҳо.
Маро ҳам аз лаби лаълат ба дил уммед бисёр аст,
Ба коми ташнагон лабрез кун минои шарбатҳо.
Дареғо ҳамнишинонат, ки дар хоки лаҳад хуфтанд,
Дило, як дам ғанимат дон, дурӯза умру сӯҳбатҳо.
Ба даргоҳи ту ин Шаҳдӣ, умеди раҳмате дорад,
Макун навмед худ, ё раб, зи файзи абри раҳматҳо.

* * *

Болу пар надорам ман, сӯи ту париданҳо,
Ҳолате надорам ман сӯи ту давиданҳо.
Захми синаи моро як назар намесозӣ,
Тири ҷазбаи ишқат дам ба дам расиданҳо,
К-аз фироқи он Лайлӣ ҳар тараф ба ҷӯш омад,
Теғ бар кафаш дидам, ҳар тараф кашиданҳо.

* * *

Омад баҳору рафт гули гулситони мо,
Булбул ба нола шуд, шунида фиғони мо.
Мо ошиқем, рӯй ба роҳаш ниҳодаем,
Эй рафтагони дӯст, барандаш нишони мо.
Фардо, ки даври шӯри қиёмат ба мо расад,
Манзил бувад даруни лаҳад чун макони мо.
Гаштам гадои кӯи ту ҳар шому ҳар саҳар,
Барбод рафтааст сар аз остони мо.
Месӯзаме ба шӯълаи хокистари худам,
Ҳар сӯ гирифта оташи шафқат ба ҷони мо.
Шаҳдӣ, илоҷи дард ба дармон намерасад,
Шояд илоҷи дард кунад меҳрубони мо.

* * *

Напурсед аз мани девона ин ҳоли табоҳашро,
Ба ҳар сурат арӯсон парда гиранд рӯи моҳашро.
Ман аз кайфияти мастӣ шудам завқи хаёли ӯ,
Ба як ногаҳ бидидам гӯшаи чашми сиёҳашро.
Зи расвоӣ сари ҳар кӯчаю бозор ҳайронам,
Надонам манзили он моҳ, шаб хобида ҷоҳашро.
Гиребон чокҳо дорам зи ишқи гулрухон Шаҳдӣ,
Ба мижгон руфтаам ҷононае он хоки роҳашро.

* * *

Эй ба кӯят рӯзу шаб афғон маро,
Хун равад з-ин дидаи гирён маро.
Хун зи мижгонҳо дар ин раҳ рехтан,
Мерасад сад тир бар мижгон маро.
Солҳо то хун нагардӣ дар раҳаш,
Кай расӣ ту бар дари ҷонон маро.

Аз камони абрўяш ҷон дар ҳазар,
Мебарояд дар бадан ин ҷон маро.
Хез Шаҳдӣ, рав, ба кўи зулҷалол,
Нест ҷузви дигаре дармон маро.

* * *

Зору ҳазин бе ту ман, синафигорам биё,
Чашм кушода ба шаб, хоб надорам биё.
Гир зи рух он ниқоб, ёр ба пешам нишин,
Бўса бидеҳ з-он ду лаб, шаб ба канорам биё.
Тарфи кулаҳ баршикан, ноз бикун ҷилва деҳ,
Сўи чаман хуш хиром, боғу баҳорам биё.
Теғ бикаш аз ғазаб, омада хунам бирез,
Асп ба майдон битоз то ба шикорам биё.
Баҳри худо як даме бар сари хокам нишин,
Фотиҳае хону бахш, сўи мазорам биё.
Хуфтаам аз дарди ишқ пурсӣ яке ҳоли ман,
Бар сари болин нишин, шоҳсаворам биё.
Рехта борони нур бар сари «Санги сиёҳ»,
Толибӣ, ёбӣ ту файз бар дари ғорам биё.
Соқӣ бидеҳ з-он шароб турфа аҷаб ташнаам,
Ҷон бирасида ба лаб, эй ба хуморам биё.
Баски ба Шаҳдӣ дигар ҷоми таҳурам бидеҳ,
Масти аналҳақ бикун, бар сари дорам биё!

* * *

Сарвқад дилбари хушу барно,
Юсуфи гулрухи чаманоро.
Хуш шукуфта маро ба саҳни боғ,
Гули садбарг бо гули раъно.
Ошиқӣ, хусни ӯ тамошо кун,
Маҳв шав, бину рўи он зебо.
Бустон гашт, сабза шуд хуррам,
Пой бинҳода гул шукуфт ҳар ҷо.
Шўр афтода дар ҷаҳон бархост,
Сарви он ноз бо қади тўбо.
Сўз дар оташи муҳаббати дўст,
Ҷону дил боз андар ин савдо.
Рухи Маҳмуд хоки пои Аёз,
Дали Маҷнун, на турраи Лайло.

Наъра каш, чарх зан, дар ин майдон,
Аз сари шавқ болу пар бикшо.
Сӯи боло барову кун парвоз,
Неҳ қадам то ба боми авҳадно.
Маст шав роҳи он биёбон гир,
Гард ҳайрону волаву шайдо.
Рӯ бигардон, аз ҳама бигрез,
Рав макон кун ба гӯшаи саҳро.
Дар раҳаш ошиқу қаландар шав,
Бош Маҷнуни бе сару бепо.
Шаҳдиё, май бинӯшу хуш биншин,
Гир хилват ба гӯшаи танҳо.

* * *

Гаштааам аз ишқи ту бе сару по доимо,
Аз ғами ту дарбадар ҳамчу гадо доимо.
Ба дари то омада мунтазирам ҳар саҳар,
Баҳри худо, эй парӣ, рух бинамо доимо.
Ҷону дилам шуд кабоб аз ситами сӯзи ишқ,
Хонаи чашмам пуроб баҳри шумо доимо.
Бар сари кӯят равам нолакунон ҳар шабе,
Ёд кунам ман туро ҳам ба худо доимо.
Шаҳдии бемори ишқ рафта ба пеши табиб,
Гашта саги дарбадар баҳри даво доимо.

* * *

Меравам, эй сарвқад, бе ту ҳалокам, биё,
Ҷон бирасида ба лаб синаи чокам, биё.
Ғамза бикун боз куш, теғ бикаш рез хун,
Эй ба шаҳодат расон, дилбари покам, биё.
Оби хушу ҷӯши гул, савти ҷавонбулбулон,
Сояи беду баҳор, бодаи токам, биё.
Хилвати маҳтоб бин, гӯшаи ин саҳни боғ,
Ангуру себу биҳӣ, олуву нокам, биё.
Шаҳдии девонаро баъди вафот, эй санам,
Баҳри худо неҳ қадам, бар сари хокам биё.

* * *

Масти чунун ҳар тараф волаву ҳайрон баро,
Дашт ба дашт, кӯҳ ба кӯҳ, бесару сомон баро.

Гард бамеҳр бодия дар тараби васли ёр,
Ҳамраҳи Маҷнун шуда сӯи биёбон баро.
Лолаву гул пай бубар қудрати ӯро бубин,
Ҷониби саҳро гузар дидаи гирён баро.
З-оташи дил ҳар нафас сӯз, чу ахгар бишав,
Бо ҷигари сӯхта, синаи бирён баро.
Ашк аз ин дида бар, наъра бизан ҳар саҳар,
Омада чун булбулон саҳни гулистон баро.
Ҳусну ҷамолаш бубин, рафта тамошо бикун,
Ошиқи девона шав, сӯхта нолон баро.
Чанд бикаш дарди ишқ, баҳри даво ҳар тараф,
То ба суроғи табиб аз паи дармон баро.
Ботини худ рост кун, ранг ба сози қибоб[5],
Дар назари мардумон зоҳири вайрон баро.
Хез ба ин хонумон як раҳи оташ бизан,
Ҷониби саҳро гузар, дар талаби он баро.
Бар сари он ломакон кӯси муҳаббат навоз,
Дар ҳарами кибриё омада якрон баро.
Мастӣ бикун, беҳудӣ аз маи пири муғон,
Чарх бизан ҳар сабоҳ, бар дари майдон баро.
Ҷоми талоло бизан, рафта адаболиён,
Бар сари ҳафт осмон боз ба хосон баро.
Шаҳд, даро самъ кун, сӯз, фикан ғулғула,
Мурғ парад з-ин ҷасад, ҷониби кайвон баро.

---

[5] Қибоб-ҷамъи қубба

## ХОИФИ ИСТАРАВШАНӢ

Иброҳим Маҳдум мутахаллис ба Хоиф дар баҳори соли 1763 дар гузари Охунони Шаҳри Истаравшан дар оилаи шахси фозил таваллуд ёфта, баъди дар зодгоҳаш гирифтани маълумоти ибтидоӣ таҳсили худро дар мадрасаҳои Бухоро давом медиҳад ва баъди таҳсил ба шаҳри хеш баргашта ба сифати мударрис дар мадрасаи Хоҷаҷон дарс мегӯяд.

Устодони каломи бадеъ Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Мир Сиддиқи Ҳашмат ва устод Айнӣ ба даҳои шоирии Хоиф баҳои баланд додаанд. Дар ҳақиқат ҳам ғазалҳои ӯ аз ҷиҳати аҷобату салосат ва фасоҳату малоҳат ҷолиби диққат мебошанд ва оҳанги шиквойӣ ва лирикӣ доранд. Дар бисёр ғазалҳои ӯ воқеъияти ҳаёт ба тарзи ҳаққонӣ тасвир ёфтааст, зеро аксарияти онҳо рӯҳияи халқи меҳнаткашро ифода мекунанд. Мавқеъи шоирии Хоиф дар таърихи адабиёти мо пеш аз ҳама аз ҳамин муайян мегардад.

Назар ба маълумоти тазкираи Возеҳ ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Устод Айнӣ дар айни камоли эҷодиаш Амир Насруллоҳ дар охирҳои солҳои сиюми асри XIX баъд аз тахрибі вилояти Истаравшан Хоифро бо аҳлу аёлаш кӯчонда ба Бухоро бурд. Хоиф дар охирҳои умраш ба касалии қулунҷ гирифтор шуда ҳарду пояш аз рафтор боз мемонад ва дарду ранҷи бисёр мекашад. Бо ҳамин минвол дар кӯйи ғарибию эҳтиёҷмандӣ дар Бухоро дар соли 1840 дар синни 77-солагӣ вафот мекунад. Абёти зайли ӯ аз ҷараёни зиндагии тоқатфарсои охири ҳаёташ низ гувоҳӣ медиҳад:

Умрҳо, ки ҳамнафаси дилфигориям,
Аз оҳи оташини аламафрӯз хориям.

Помоли яъсу хоки раҳи ғурбатам зи бас,
Соҳиб ба шиква, мансаби беэътибориям.

Менолам аз ҷафои фалак рӯзу шаб, вале
Гуше куҷо, ки бишнавад аз лутф зориям.

Ҳақношинос гӯям агар халқро равост,
Аз бас намекунад аҳаде ҳақгузориям.

Бахти нагуну толеъи вожун нигар, ки ман
Аз ихтиёри даргаҳи беихтиёриям.

Хоиф шоири соҳибдевон аст. Ҳам қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва ҳам Устод Айнӣ соҳибдевон будани ӯро қайд кардаанд. Масалан Устод Айнӣ менависанд: «Хоиф соҳибдевон аст, аммо девонашро мутолиа муяссар нашуд». (Н. А. саҳ. 280)

Аз сабаби дастнорас буданаш мутолиаи девонаш низ муяссар нашуд. Ҳоло чанд ғазали ноби ӯро аз тазкираву баёзҳои гирдовардаамон пешкаш менамоем.

Бояд ҳаминро ҳам гуфт, ки Хоиф ҳамчун шоири пешқадами давр ба ҷуз Доираи адабии Истаравшан ба доираҳои адабии Бухорову Хӯқанд ҳам муносибати хуби эҷодӣ дошт. Ба татаббӯъ ва назирагӯиҳои шоирони маъруф ҳамроҳ шуда ғазалҳои бикрмазмун навишт.

Саҳми нигоҳат, эй моҳсимо,
Дар хун нишонда халқе ба имо.
Лаъли ту, эй шӯх, гоҳи табассум,
Сад шӯри маҳшар бинмуда барпо.

Як бор, эй моҳ, бо интизорон,
Бурқа барафкан, рухсора бинмо.

Моро ба ҳаҷрат то чанд будан,
Охир зи каф рафт сабру шикебо.

Аз лаъли нӯшин бо ин умедам,
К-инъом созӣ як бӯса бар мо.

Номи Худоро рафтӣ ба гулшан,
Дар сина бишкаст хори таманно.

Ҷоно, дили мо Байтулҳазан шуд,
Шоми фироқат Яъқубосо.

Имшаб чи бошад ойӣ ба базмам,
То бо ту нӯшам май навбаҳоро.

Ногаҳ ба ёдат, Хоиф саҳаргоҳ,
Таҳрир бинмуд ин байти зебо.

* * *

Шӯри ишқ аст, ки расвои ҷаҳонам дорад,
Бехуд аз васвасаи суду зиёнам дорад.

Пой дар гил зи ғамаш бо қади хам мегирям,
Ба чунин ҳолатам он сарви равонам дорад.

Дид ҳар кас чу маро аз ғами он оразгул,
Фаҳм бар чеҳраи чун баргхазонам дорад.

Нозукиҳо, ки маро дар сухан омад Хоиф,
Хосият ҷумла аз он муймиёнам дорад.

* * *

Боз андар сар ҳавои шоҳиду паймона аст,
Орзӯи хидмати хоки дари майхона аст.
Ҳури ҷаннат гар чу ҷонон гуфтаам айбам мадор,
Мастам аз ҷоми муҳаббат, ин сухан афсона аст.
Шӯри Маҷнунӣ дуболо мешавад дар навбаҳор,
Лоҷарам з-он хатти мушкин, дил зи ман девона аст.
Ишқ агар яғмои ҷону дил кунад, манъаш накун,
Ихтиёри ҷузву кул бо ӯст, соҳибхона аст.
Як сари мӯ маҳрами он зулфи хам дар хам нашуд,
Гарчи умре чок-чокам дил, ба ранги шона аст.
Шайхи шаҳрӣ, гар ба таъни майпарастон лаб кушод,
Як ду ҷомаш деҳ, ки мискин аз хирад бегона аст.
Дигар аз фирдавсу ҳураш чист матлаб дар ҷаҳон,
Ҳар киро дар хона маъшуқе чу ту ҷонона аст.
Хоиф, аз бисёрии усён набояд ноумед,
Шоҳиди раҳмат ба шахси маъсият ҳамхона аст.

* * *

Шуд умрҳо, ки ҳамнафаси дилфигориям,
Аз оҳи оташин аламафрӯзи хориям.

Помоли яъсу хоки раҳи ғурбатам зи бас,
Соҳиб ба шиква, мансаби беэътибориям.

Менолам аз ҷафои фалак рӯзу шаб, вале,
Гӯше куҷо, ки бишнавад аз лутф зориям.

Ҳақношинос гӯям агар халқро равост,
Азбас намекунад аҳаде ҳақгузориям.

Мансуббози сӯҳбати дунон нагаштаам,
Муфлис ман аз фалокати ин бадқимориям.

Бахти нагуну толеъи вожун нигар, ки ман,
Аз ихтиёри даргаҳи беихтиёриям…

* * *

Лаъли сероби ту ҳар ҷо гавҳарафшонӣ кунад,
Мавҷи ёқут аз хиҷолат ҳарзаҷавлонӣ кунад.

Мадди абрӯяш чу шуд бисмиллаҳи девони ҳусн,
Мусҳафи рӯяш зи хат эъҷози Қуръонӣ кунад.

Чун ҳубоби қулзуми ҳастӣ зи шак сармояем,
Киштии моро ҳавои хеш тӯфонӣ кунад.

Ҷилва созад дар чаман чун он қаду рухсору зулф,
Сарв ҳайрат, гул арақ, сунбул парешонӣ кунад.

Аз тапиш шуд чархпаймоъ он ҳамчун нақши по,
Хок бар сар мекунад ҳар кас таносонӣ кунад.

Гардиши ахтар зи саъду наҳс девонораз аст,
Неку бад атвори моро хатти пешонӣ кунад.

Зоҳиди худбин бичӯяд ҳалқаи зуннори зулф,
Мар вазиъа гар хаёли сабҳагардонӣ кунад.

Гир чашм аз ҷуръаи ҷоми фано, пири муғон,
Кист дигар ёди оини мусалмонӣ кунад.

Хоиф, он бахши ғизолеро, ки ман овардаам,
Оламе аз як нигаҳ ҳар дам биёбонӣ кунад.

* * *

Меҳрубониҳои он сарв ин қади дилҷӯ бубин,
Гулрухони даҳр яксӯ, ҳусни ӯ яксӯ бубин.

Ҳоли худ бо дилбари худ кай тавон изҳор кард,
Лаҳзае бебокии он чашму он абрӯ бубин.

Рангубӯйи гул надорад нашъае дар назди ӯ,
Аз тамошо завқ хоҳӣ, рӯйи он маҳрӯ бубин.

Ёр бар гирди рухаш зулфи сиёҳи худ намуд,
Ин дили пуршӯриши мо баста бар гесӯ бубин.

Ё лаби чун шаккараш дил волаву шайдо шуда,
Дида бикшо Хоифо, он турраи гесӯ бубин.

* * *

Набошад чун ту, эй сарви суманбар,
Бути рӯй аз гулу лабҳо зи шаккар.
Зи дурр дандону даст аз нуқраи хом,
Зи қоқум синаву кокул зи анбар,
Зи наргис чашму хат аз сабзаи тар.
«Ба-д-ин хубию зебоӣ бигуфтам:
Зада бар ҷони зори Хоиф озар.

* * *

Баҳор омаду берун шуд аз чаман гули сурх,
Ба ханда боз намуд аз тараб даҳан гули сурх.
Магар чу ман ба дил аз ошиқӣ хабар дорад,
Чунин, ки чок зада пираҳан ба тан гули сурх.
Марав ба боғу макун шоҳидони боғ хиҷил,
Намерасад ба ту насрину настаран гули сурх.
Дилам зи рашк чу ғунча таҳ ба таҳ хун аст,
Ба тарфи сина барои Худо, мазан гули сурх.
Рухи шукуфтаву он қадди дилрабо бошад,
Чунон ки бардамад аз шохи норван гули сурх.
Ғазалсароии Хоиф, ба ёди орази ӯ,
Чу бишнавад, бикашад, рахт аз чаман гули сурх.

* * *

Ниёзомӯз тифли ашк то шуд тори мижгонаш,
Ба тарфи дида кардам аз миҷа тарҳи дабистонаш.
Ки бурд аз дида доғи синасӯзи дилгудози ман,
Зад оташ хирмани ҳуши ҷаҳоне барқи ҷавлонаш.
Таманнои баҳори ҳусни раънооразе дорам,
Ки бошад ғунча аз дилҳои хунин дар гулистонаш.
Маро ошуфтагӣ чун турраи сунбул накӯ бошад,
Зи бас дорам ба сар савдои гесӯи парешонаш.
Ба ранги зарраам симоб гардад шабнами тоқат,
Агар толеъ шавад дар дил хаёли меҳрубононаш.
Ҳуҷуми гиря донистам, ки кард ин обёриро,
Чу дидам сабзхатти оразаш гулхатти райҳонаш.
Ба бозоре намудан арзи Хоиф, нақди ҳастиро,

* * *

Баски бе рӯи ту имшаб рафт об аз чашми ман,
Гашт тарҳи хонаи мардум хароб аз чашми ман.
Дар таманнои висоли он маҳи абрӯҳилол,
Умрҳо шуд ҳамчу кавкаб, рафта хоб аз чашми ман.
Бе ту имшаб рехт чандон ашки мижгони тарам,
Ҳамчу моҳӣ ғӯта зад кавкаб дар об аз чашми ман.
Карда бо зулфи ҳаё гашташ назаргустохие,
Мехурад Уммон ҳазорон печутоб аз чашми ман.
Баски лаъли оташини ӯ ҷигарҳоро гудохт,
Ҷои ашк ояд кунун бӯи кабоб аз чашми ман.
Дидаам Хоиф дар он саҳро шавад тӯфонфурӯш,
Мешавад зоҳир тулӯи офтоб аз чашми ман.

* * *

Ману аз шавқи ҷаллоди нигоҳат синаи чоке,
Ки аз хунаш чу гул олуда набвад домани поке.
Ҳалокам мекунад заҳри итоби нозпарвардат,
Набахшад гар табассум з-он лаби ҷонбахши тарёке.
Зи чашми майпарастат дидаам то гӯшаи лутфе,
Бувад маъво маро майхонае, ё сояи токе.
Ҳазар, эй саҳни ғубори, имшаб аз бебокии оҳам,
Зи бас ҳоил нагардад тундбодеро кафи хоке.

Дар ин зулматсаро то чанд ҷои ғофилон, ё Раб,
Мафоҷоъа ба ин шабтинатон бо шамъи идроке.
Аз ин гулшан чӣ ҳосил кардаи чун ғунчаю шабнам,
Надорӣ гар дили хунгаштае бо чашми намноке.
Наангезам дилеро то ғубори Хоифам варна,
Зи шӯришҳои даврон бинмудам андешаи боке.

**РУБОЙИ**

Эй дилбари ман, бо ту дилу ҷон додам,
Сад ҷони фигор агар будӣ, он додам.
На сабру қарор монда на ҳулқу хирад,
Ҳар чиз, ки доштам, ба як он додам.

* * *

Кунун раъйи дай омад, акнун баҳор,
Дар ин фасл хуш гашта аст, рӯзгор.
Зи сабза чаман равнақфазо шуда,
Ба илҳон садо медиҳад обшор.

## МУҲАММАДСОЛЕҲИ ИСТАРАВШАНӢ

Ба номи худ Солеҳ тахаллус кардааст. Ӯ дар гузари Хоҷаҷони Истаравшан дар соли 1769 дар оилаи шахси маъруф Қутбулақтоб ва садрушшуарои Доираи адабии Истаравшан Хоҷа Убайдуллоҳи Солик таваллуд ёфта, баъди дар назди волидайн гирифтани маълумоти ибтидоӣ дар мадрасаҳои Истаравшану Бухоро таҳсил менамояд. Ҳамчун фарди фозилу донишманд ва шоири барӯманд ба зодгоҳаш баргашта боз ба маҷлисҳои Доираи адабии Истаравшан ширкат меварзад. Солеҳ салиқаи хуби шеърӣ дошт. Ӯ аз устодони дерини хеш сабақ мегирифт, ҳамаи шеърҳои навиштаашро аз маҳаки назари ишон мегузаронд. Бо устодони нави онҷо аз наздик шинос мешуд ва хӯшачини хирмани маънии ишон мегардид.

Дар тирамоҳи соли 1219/1804 бо фармони Амир Ҳайдар салтанаташ 1800-1825 ба мадрасаи Худоёр Девонбегии Истаравшанӣ мударрис таъин мешавад. Дар шашуми моҳи июли соли 1825 бо ярлиқи хони Хӯқанд Муҳаммад Алихон салтанаташ 1822-1842 ба Доираи адабии Истаравшан сардор таъин машавад. Дар 17 июни соли 1832 боз бо ярлики хони мазкур Муҳаммад Солеҳ ба унвон ва амали Хоҷа Калон соҳиб мешавад. Ба гирифтани унвони баланди Қутбулақтоб низ ноил мешавад.

Солеҳ муаллифи аввалин матни суруди машҳури «Хуш он замон» мебошад. Шоиру ҳофизи мақомхони маъруфи Истаравшан Худойбердии Зебопарӣ ба ғазали Солеҳ оҳанги дилнишине меофарад, ки матлааш чунин аст:

Хуш он замон, ки ба саҳни чаман ту бошию ман,
Мисоли ғунча ба як пираҳан ту бошию ман.

Ба шарте, ки набошад миёни мо ағёр,
Пиёла бошаду май бошаду ту бошию ман.

Маро ба рӯзи қиёмат чи ғам бувад, эй дӯст,
Ба рӯзи ҳашр, ки дар як кафан ту бошию ман.

Ҳазор рози ниҳонӣ бо ту он замон гӯям,
Шабе, ки кас набувад дар ватан ту бошию ман.
Хуш он замон, ки зи рӯйи вафову дилдорӣ,
Шабам даромада дар як бадан ту бошию ман.
Чу Солеҳӣ, ман ба дил ҳамеша мехоҳам,
Ба пойи сарву гули настаран ту бошию ман.

Аз ҳамон рӯз ин суруд бо номи «Хуш он замон» машҳур гардида бо мурури замон тафсил ва такмил ёфта ба як суруди тӯлонии силсиладоре мубаддал мегардад ва суруди халқӣ ном мегирад.

Девони Солеҳ ба даст наомадааст. Солеҳ асосан шоири лирик мебошад. Ғазалҳояш мисли ғазали «Хуш он замон» рангину намакин ва хушоҳангу зебоанд.

**Маъхазҳои истифодашуда:**

1. А. Мухторов. Материали по истории Ура-Тюбе. Изд. Восточ. Лит-ри Москва 1963г. стр. 2Б, 38.

2. Сайидумари Султон. Бори дигар дар бораи «Хуш он замон», Маориф ва Маданият. 4-апрели 1969.

Инак чанд ғазали ӯ ба хонандаи азиз пешкаш мешавад:

Эй маҳи дилситони ман, дасти ман асту доманат,
Роҳати ҷисму ҷони ман, дасти ман асту доманат.
Кори ту қасди дин бувад, расми ту кибру кин бувад,
Ҳадди ҷафо ҳамин бувад, дасти ман асту доманат.
Бурдаӣ дил ба макру фан, нест маҷоли дам задан,
Раҳм намекунӣ ба ман, дасти ман асту доманат.
Меҳр зи ман буридаӣ, ҳеҷ маро надидаӣ,
Ҷайби маро даридаӣ, дасти ман асту доманат.
Хун шуда бе рухат ҷигар, сабр маҷӯ зи ман дигар,
Гар накунӣ ба ман назар дасти ман асту доманат.
Сар ба раҳи ту хок шуд, ҷон зи ғамат ҳалок шуд,
Хирқаи сабр чок шуд, дасти ман асту доманат.
Раҳм кунӣ ба ман киям, бар ману бар фақириям,
Даст агар нагириям, дасти ман асту доманат.
Чанд чу Солеҳи гадо, бе ту ҷафо кашам ҷафо,
Гар накунӣ ба ман вафо, дасти ман асту доманат.

* * *

Рафтию дар назар асари интизор монд,
Ёдат ба хайр, к-аз ту ба дил ёдгор монд.

Умре ба раҳгузар суроғи ту мекунам,
Охир ду дидаам ба ҳар раҳгузор монд.

Рафтию ҷое нарафт зи пеши назар вуҷуд,
Ин буд ҷурми ӯ, ки бад-ин корзор монд.

Ин аст сазои ёр кунад сирри ишқ фош,
Мансурро бубин сари худро ба дор монд.

Дар ҳасрати висоли ту хунам чу шабнаме,
Ашкам равон зи дида ба рӯям қатор монд.

Аз доғҳои орази зебою чашми ӯ,
Дар дил нигар, ки ҳам гулу ҳам лолазор монд.

Рӯзе, ки дар шумора гирифтӣ сагони хеш,
Бахти сиёҳи Солиям, худ аз қатор монд.

* * *

Хуш он замон, ки ба саҳни чаман ту бошию ман,
Мисоли ғунча ба як пираҳан ту бошию ман.

Маро ба рӯзи қиёмат чӣ ғам бувад, эй дӯст,
Ба рӯзи ҳашр, ки дар як кафан ту бошию ман.

Ҳазор рози ниҳон бо ту он замон гӯям,
Шабе, ки кас набувад, дар Ватан ту бошию ман.

Хуш он замон, ки зи рӯи вафову дилдорӣ,
Шабам даромада дар як бадан ту бошию ман.

Чу Солеҳӣ, ман ба дил ҳамеша мехоҳам,
Ба пои сарву гулу настаран ту бошию ман.

* * *

Дур аз рухи ту бошад рӯзи сиёҳ бе ту,
Рухсори лолагунам чу парри коҳ бе ту.

Дар роҳ интизорам, бар лаб расид ҷонам,
Чашме ба роҳ дорам чун хоки роҳ бе ту.

Дорам дар ин шабу рӯз фикри хаёли рӯят,
Дар ҳар макон дароям, ҳам оҳу воҳ бе ту.

Тоби ғамат надорам, эй нури ҷону дида,
Аз бас зи ҳад фузун гашт, қомат дутоҳ бе ту.

Ин шодию ғами мо аз якдигар ҷудо нест,
Ҳам тӯю ҳам азоро ҳоли табоҳ бе ту.

Дорад гувоҳ бар хеш, дар чеҳраи ятимон,
Ашки равон зи дида бар рӯйи коҳ бе ту.

Солӣ, чаро намирад аз дарди хубрӯён,
Ҳоли хароб бе ту, рӯзи сиёҳ бе ту.

## ФАНОИ ИСТАРАВШАНӢ

Мирзо Сиддиқ мутахаллис ба Фано аз зумраи шоирони ғазалсаро ва нозукадои доираи адабии Истаравшан мебошад.

Мирзо Сиддиқ дар соли 1770 дар гузари Намозгоҳи шаҳри Ур-Теппа дар оилаи Мулло Тағоймурод таваллуд ёфт. Мулло Тағоймуроди афқаҳулуламо, яъне сарвари олимони илми фиқҳ дар мадрасаҳои Хӯҷаҷону Намозгоҳ аз ихтисоси худ ба толибилмон дарс мегуфт.

Мирзо Сиддиқ аз илтифоту мархамат ва аз шафқати падари бузургвораш истифода бурда анвои илми замонаро ба куллӣ омӯхтааст, дар бораи худ чунон ки дар дебочаи девонаш маълумот медиҳад, мегӯяд. : «Ба улуми диния, масоил, иштиғол менамудам аз ҳар кадом илм андар хури ҳол ва кайфияти омол баҳра ёфтам» (вар. 3). Ба замми ин Мирзо Сиддиқ забони арабӣ ва сарфу наҳви онро ба хубӣ меомӯзад. Ҳамроҳи падар дар шабнишинҳои доираи адабии Истаравшан иштирок намуда аз масоили шеъру шоирӣ низ баҳравар мегардад. Ӯ агарчи асарҳои бузургони адабиётамонро бисёр мутолиа мекард, шеъру шоириро берун аз мартабаи инсонӣ мешуморад. «Чунин арз менамоям, ки ин фақири пуртақсир шеъру шоириро идноэ «пасту залил», мартабаи фазли инсонӣ медонист» (вар. 4). Ин буд, ки у фориғ аз толибилмон дарс мегуфт. Аммо як ҳисси ниҳоние ба торҳои дили нозуки ӯ нохун зада ӯро нооpом месохт. Ин ҳисси шеър буд. Вале аз навиштани он меҳаросид. «Лекин махзани табъам аз ҷавоҳиру лаолии маъонӣ мамлӯ гашта чун ҷисми фасодомода ситам ва ҳаракат мекард ва чандон ба марҳами сабру тамкин баста медодам. Бештар бо фикр онро намешикофтам. Байт:

Онро, ки муқтазои зуҳури ӯ сууд ёфт,  
Мастур бӯйи мушк нагардад ба сад ҳиҷоб. (вар. 5)

Мирзо Сиддиқ аз ҳаводиси замон ва аз тарафи хони Хӯқанд Умархон ба Хӯқанд кӯчонда шудани Доираи адабии Истаравшан бо 13 ҳазор асирони истаравшанӣ ба танг омада ва Хӯқандро нисбати Истаравшан каме ором пиндошта онҷо кӯч мебандад ва берун аз дарбор зиндагӣ мекунад. Дар ин

хусус ҳам худи ӯ чунин менависад: «Вақте ки рахти иқоматро ба тарафи Хӯқанд кашида чанд вақт дар ин вило бар маснади иқомат муқим гаштам, шабе ишони Зокирхоҷаи Намангониро (аслан Истаравшанӣ, ва соли 1824. С. С) дар хоб дидам, аз рухи пуртӯхи он бузурги ҳаққу волии мутлақ башорат ва илофоте дидам. Аввал ғазали он шонро мухаммас кардам, ки матлаъи он ин аст:

Парешонӣ зи зулфат кам мабодо як сари мӯе,
Ба ҳар тораш гирифтор аст чандин сарви дилҷӯе.

Баъд аз он ба андак таваҷҷӯҳ ҳар чиз гуфтам, дар силки назм даромад ва дар андак муддат шаъшааи анвори илму фазлам дар он вило шӯҳрат ёфт».

Баъди ҳодисаҳо ҳамфикронаш бо алфози нола ба ӯ гуфтанд, ки ба пешаи шоирӣ машғул шавад: «Илтимос мабзул дошта гуфтанд, ки хазоини хаёлат аз лаолии маънӣ мамлӯ гашта ва аз кумоши болодастӣ пур чун дукони Чаҳорсӯ гашта забон, дари мазмун бикшой ва ба истионати хомаи рангиншамома дар фазои сатҳи коғаз таъмири ғазалсарой созӣ. Шояд, ки аз сояи девори байти он ифода истифода барем». Танҳо дар ҳамин вақт Мирзо Сиддиқ сарфаҳм меравад, ки шеър ҳам маҳсули зуҳуроти камоли инсонист. Ӯ ба ин гуфти худ идома медиҳад: «Ба худ андешидам, ки баъдулявм ёдгор бимонад». Ҳамин тавр ду нусхаи девони даставал бо дасти худ тартиб дода, бо қалами худ китобат кардаи ӯ то замони мо омада расидааст, ки ҳарду қариб 6 ҳазор байтро ташкил медиҳад. Фано дар синни 40 солагиаш ба шеъргӯйӣ машғул шудааст, бо вуҷуди он қариб 6 ҳазор байтро ба вуҷуд овардааст. Ғазалҳои Фано асосан ишқианд, вале ишқи ӯ равиши тозаи худро дорад:

Ҷодапаймоёни ишқ аз ҷаҳд кай фориғ шаванд,
Монд дар манзил касе дар роҳ агар як дам нишаст.

Ин ҷо бояд гуфт, ки Фано доимо дар пайравии Бедил шеър мегуфт ва ашъораш аз таклидкорӣ дур аст. Шеърҳояш ташбеҳу истиороти тоза ва аз образҳои бикр мамлӯ аст. Инак намунае чанд аз ашъори ӯ:

Аз ғазалиёт:

Ба лаб оварда каф ин ҷаҳди печутоб дарёро,
Магар бошад суроғи матлаби ноёб дарёро?
Дили худ об кун то маҳви баҳри кибриё гардӣ,
Ба соҳил чанд бошӣ, қатра шав, дарёб дарёро.
Саропоям тавозӯъ аз хами ҳаммавҷ мебошад,
Бувад сози бузургию аз ин одоб дарёро.
Касе, к-ӯ софдил шуд, қадру қимат дар бағал дорад,
Ҳамоғӯши гуҳар гаштан бувад з-ин тоб дарёро.
Нафасҳо забт кардӣ, гавҳари дил гашт сомонат,
Аз ин рӯ ғӯта дар ҷайб аст чун гирдоб дарёро.
Зада бар санг сар, чин бар ҷабин, гум карда оромат,
Магар ҳастӣ ҳавои гавҳари ноёб дарёро.
Фано, дар баҳри ғам шуд ғарқ бар соҳил чи сон ояд:
Ки дида мавҷи ӯ хунхор чун қуллоб дарёро.

* * *

Ҳусни мо ин ранг созад ҷилвагоҳ оинаро,
Мекунад сомони гулшан дастгоҳ оинаро.
Шуд рафеъулқадри мо хуршед дорад ҳамсарӣ,
Акси рухсори ту карда боргоҳ оинаро.
З-ин саробосо биёбон лаб таре кардан хатост,
Дар назар об аст, бинмоям гувоҳ оинаро.
Бе кудурат нест дил то гарди ҳасти муфти мо,
Тира месозад нафас чун дуди оҳ оинаро.
Лоғарӣ ҳар ҷо бувад тамҳиди сози фарбеҳӣ,
Метавон кард аз ҳилолиҳои моҳ оинаро.
Аз таҳайюрпешагон ғофил набояд буданат,
Кард Искандар ба боғат чун нигоҳ оинаро.
Ай Фано, бе хоксорӣ софии дилро махоҳ,
Мебувад з-ин рӯ ба хокистар паноҳ оинаро.

* * *

Набояд кард, эй гул, хор ин миқдор ошиқро,
Ба гулзори муҳаббат андалеби зор ошиқро.
Чу соя фарши раҳ гаштам зи даври моҳи он ховар,
Бувад то кай макон дар зери ҳар девор ошиқро.
Дар ин боғ аз камони яъси сомонам чи мепурсӣ,
Ба ҷуз ранги хазон дигар чи баргу бор ошиқро.

Чунон лабташна маҳмури зулоли васл мебошам,
Накарда соқии даврон яке саршор ошиқро.
Ба фикри он миён аз заъф ҳамчун мӯй печидам,
Хаёли наргиси ӯ карда чун бемор ошиқро.
Саропо захм гул кардаст гӯё гулшани дардам,
Ки тири таънаи ағёр кард афгор ошиқро.
Фано, аз ишқи он бут дод аз каф дини исломаш,
Таноби зулфи ӯ гардид худ зуннор ошиқро.

* * *

Дар ин ситамкадаи бониҳеби пурошуб,
Ки хотир аст, парешону дил зи ғам маъюб.
Арӯси даҳри фусунсоз ҳилаангез аст,
Футуввате макуну майл сӯйи ин марғуб.
Дар ин ҳадиқа, ки нахли умед реша давонд,
Ки баргу бор ба ҷуз яъс нест аз матлуб.
Зи хонаи дили худ кун бурун қудурату ваҳм,
Ки ғайри дӯст бувад ҳар чи, рӯб чун ҷоруб.
Фано, ба оинаи дил мурод рух нанмуд,
Нишаст гирди мазаллат ба ранг шуд мақлуб.

* * *

Ваҳшатэҷод аст ҳастӣ, пой дорад дар рикоб,
Ваҳ, ки пойи умр барқосо бувад андар шитоб.
Дар раҳи селоб мо тарҳи иқомат кардаем,
Гирди тӯфони ҳаводис хонаи ҳастӣ хароб.
Дар хароботи таассуф боданӯши кулфатем,
Пораи лахти ҷигар аз оташи ҳасрат кабоб.
З-ин муҳит аз ҳастии бемағз пучем дам мазан,
Шахси таҳқиқам бувад ҳамчун ҳубобе дар шароб.
Ай Фано, ҷуз яъси матлаб ҳосили дигар махоҳ,
Як диле он ҷо куҷо бошад зи мақсад комёб.

* * *

Ишқи комил ҳар қадар аз касрати андеша аст,
Донаро нашъунамо аз дастгоҳи реша аст.
Фитнаи хешон фузун аз фитнаи бегона аст,
Душманӣ бо санг беш аз дигарон дар шиша аст.
Зинҳор аз заҳмати пирон ҳазар кун, дармаёфт
Нахли наврасро сари хам аз ғазанди теша аст.

Водии ишқ аст мухлик, пойи худ дониста неҳ,
Шери зӯрафкан забун аз ин ҳавойи беша аст.
Дурбинон раҳ ба сӯйи қурби мақсад бурдаанд,
Ай Фано, ин яъси матлаб қиллати андеша аст.

* * *

Ҳар қадар бишкаст дил, аз чашми тар гул карду рехт,
Шиша шуд садпора, май тарзи дигар гул карду рехт.
Ман ба ёди лаъли рангине, ки кардам чирасоз,
То ба ҷойи ашк сомони ҷигар гул карду рехт.
Дил зи теғи ҳаҷр чун минқори булбул шуд дуним,
Нола пайдо кард, аммо беасар гул карду рехт.
Мурғи дил афтонд боле, баски ҷуръат норасост,
Чун кафи афсӯс шуд, то болу пар гул карду рехт.
Рафт фурсат то ба ранге ҳеҷ кас огаҳ нашуд,
З-ин чаман ҳар шахс аз худ бехабар гул карду рехт.
Шонаосо синачоки шоми гесӯйи киям?
Инчунин сар то ба пойи ман саҳар гул карду рехт.
Шохсори зиндагӣ нашъунамоиву Фаност,
Ҳар кас ин ҷо чанд рӯзе чун самар гул карду рехт.

## РУБОИЁТ

Фарёд зи дасти фалаки сақфбаланд,
Парвардаи ӯст ҳар кучо ланду лаванд.
Ҳарҷо, ки закитабъ бувад хор кунад,
Аз баҳри ғизо ба ӯ диҳад заҳру газанд.

Ҳар дарду ғаме расид аз толеъи бад,
Бо дафъи ғами ту аз кӣ ҷӯем мадад.
Яъҷузи ғамат кард диламро сӯрох,
Дар рози ғамат чӣ гуна мебандам сад.

Дил майли лабат кард, макун айб зи бас,
Он ҷо, ки бувад шаҳд, дар он ҷост магас.
Бо он ки гадо гашт самочатпеша,
Навмед намекунад зи лутфаш ҳар кас.

Кан аз дили хеш тарҳи бунёди ғараз,
Ин хонаи дил холӣ кун аз ёди ғараз.
Бур риштаи умеди тамаъ аз махлуқ,
Аз ҳақ биталаб, агар диҳӣ доди ғараз.

Рафтем ба сад ҳасрат аз ин даҳр даме,
Мо ташналабон ҷумла чу аз баҳр даме.
Аз ҷуръае хумхонаи марг он ки ҳама,
Як-як бичашиданд аз ин даҳр дареғ.

Эй дилбари ман, бо ту дилу ҷон додам,
Сад ҷони дигар будӣ агар он додам.
На сабру қарор монду на ҳушу хирад,
Ҳар чиз, ки доштам, ба як он додам.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ МОЙИЛИ ИСТАРАВШАНӢ

Аз он рӯзе, ки шавқи гулъузорам бар сар афтода,
Чу булбул нолаи зорам ба ранги дигар афтода.
Ба сайри бӯстон чун майлу завқам камтар афтода,
«Маро бар сар ҳавои он гули баҳман барафтода,
Таманнои баҳори гулшан аз хотир барафтода».

Бихамдиллаҳ, ҳарифи базми шоҳӣ гашта ин дӯшам,
Мани махмур чун бо соғари васлаш ҳамоғӯшам.
Чунонам маст гардонед, эй риндон, ки мадҳушам,
«Дуболо нашъа иншо мекунад ҷоме, ки менӯшам,
Зи баҳри бад магар акси лабаш бар соғар афтода».

Ҷудо аз ховари дидор ҳар дам то ба ҷон оям,
Сияҳрӯзии тавъам соясон бар ҳар макон оям.
Ба баҳри ҳаҷр гаштам гарқ берун чун тавон оям,
«Ба рӯйи об дур аз моҳи рухсораш чи сон оям,
Зи бахти бад маро дар оби ҳасрат ахтар афтода».

Ба ошиқ шӯълаи ҳуснат чунин бо Тӯр оташро,
Таҷаллибахш пиндорӣ чунин пуршӯр оташро.
Ба торики чароғи айман аст, аз дур оташро,
«Бале дар зулмати шаб мефизояд нур оташро,
Саводи ҳусн бар шамъи рухаш равшангар оташро».

Фано, бо аҷзбардорӣ шавад ҳиҷрон туро зойил,
Нагардад бе сари таслим васли дӯстон ҳосил.
Ба ранги ҷилваи дидор мехоҳӣ шудан восил,
«Гули навбар гузорӣ дар бағал гул мекунад ҳосил,
Ба даврони рухаш чун зулф гар бошӣ сарафтода».

# ЙУНУСХОҶАИ ШОҲИД

Йунусхоҷаи Шоҳид соли 1891 дар гузари Хоҷаҷони ш. Истаравшан дар оилаи шоир Аҳмадхон писари Узбакхоҷа валади садрушшуаро Хоҷа Убайдуллоҳи Солик таваллуд ёфт. Модари Йунусхоҷаи Шоҳид шоира Муанбархон духтари шоири маъруф Сайидғозӣ Хоҷаи Нола буд.

Йунусхоҷа маълумоти ибтидоиро дар назди волидайн ва дар маҳфилҳойи Доираи адабии Истаравшан гирифта баъд дар мадрасаи Хоҷаҷони Истаравшан ва Кӯкалтоши Бухоро таҳсил намуда улуми расмии замонаро ба хубӣ аз бар мекунад. Хусусан ба омӯхтану аз бар кардани ашъори диловези бузургони адабиёти тоҷик Рӯдакию Хайём, Ҷалолиддини Балхию Саъдӣ, Ҳофизу Ҷомӣ ҷиддан мекӯшад. Йунусхоҷа аз овони хурдсолӣ ба шеъргӯйӣ машқ мекунад, дар ҷамъомаду шабнишинҳои Доираи адабӣ, ки бобояш Сайидғозии Нола садрушшуарои он буд, ҳамвора ширкат намуда хӯшачини хирмани маънии устодони сухани даврон мегардад. Дар натиҷа дере нагузашта ҳамчун шоири ширинкалом ва марди фозилу зариф ва ҳамадон ба камол мерасад. Баъдан Шоҳидро ба шаҳри Истаравшан қозӣ таъин мекунанд.

Ӯ ҳамчун олиму шоир аз равиши рӯзгорон бохабар, пуштибони бенавоён ва бепуштупаноҳо гардида ҳангоми тафтиши корҳои ҷинойӣ мӯйро аз хамир ҷудо карда ҳаққан ҳаққо ҳукм мебарорад, ҳатто барои анъанаи некхислатии бобои худ Кутбулақтоб Хоҷа Мӯсоро аз хотир набаровардан ба мӯҳри қозигиаш таъкидан байти хешро мазруб гардонда будааст.

Даме ғофил машав аз ёди Мавло,
Сайидйунус ғуломи Хоҷа Мӯсо.

Шоҳид умри дароз дида дар синни 90 солагӣ фавтидааст. Ӯ аз худ мероси зиёде боқӣ гузоштааст. Назар ба гуфти авлодаш, аз ҷумла, Қорӣ Исохони 85-сола (дар соли 1984), Йунусхоҷаи Шоҳид девони комили ғазалиёт доштааст ва ба «Маснави»-и Ҷалолиддини Балхӣ шарҳи батафсил гуфта ба ин восита берун аз билод низ шӯҳрат ёфта будааст. Мутаассифона, то ин дам девон ва шарҳи ӯ ба даст наёмадааст. Ба дасти Исмоил

Тошхоҷаев будани онро бисёр касон медонистаанд. Қабри Шоҳид дар Сари Мазори Истаравшан воқеъ аст. Шоҳид бо се забон тоҷикӣ, арабӣ ва туркӣ шеър гуфтааст. Ғазалҳояш басо рангин ва каманди хаёлоташ баланд аст. Инак намунае аз ашъораш манзури хонандаи азиз хоҳад шуд:

Ҳар куҷое сухан аз он хами гесӯ рафта,
Ба машом аз гули райҳони Ирам бӯ рафта.
Ҳамчу нури маҳу хуршед, ки дар ҳадди камол,
Ба ҷаҳон шӯҳраи он талъати некӯ рафта.
Равнақи зебу гул афзун шавад аз ашки саҳоб,
Баҳри нахли қадаш аз ҳуққаи дилҷӯ рафта.
Ҳар паричеҳра муқобил ба ҷамолаш шуда дид
Аз хиҷолат араҳи шарм зи ҳар мӯ рафта.
Зулфи мушкини варо шона чу машшота кунад,
Ҳамчу бӯйи гуле аз бод ба ҳар сӯ рафта.
Ҳар дам аз шарму ҳаё мавҷи гуҳар мерезад,
Ҳамчу шабнам зи рухи Шоҳиди гулхӯ рафт.

* * *

Умре дури ашкам, ки ба кӯйи ту муқим аст,
Раҳме бинамо ба ин ки бисёр ятим аст.
Ҷонам шуда омода барои дами теғат,
Ман соили мӯҳтоҷаму дасти ту карим аст.
Дил аз ғами пайкони ту чок аст на имрӯз,
Савдои сари зулфи ту бо шона қадим аст.
Чашми дилу ҷон сурма талаб дошт зи кӯят,
Ин воқиа вобаста ба имдоди насим аст.
Шоҳид, нарасад ҳеҷ ба тавфи сари кӯят,
Ҷону дилаш аз ғусса чу микроз дуним аст.

* * *

Дуди оҳим кӯкка етсам ҳоли ҷонондин билинг,
Зоғ янглиғ нола чексам шоми ҳиҷрондин билинг.
Қилса селоби ғами ишқ ӯти оламни хароб,
Ман каби Ким кӯзи гирён кӯнгли бирёндин билинг.
Даҳр аро бӯлсам навосиз телба қуш янглиғ агар,
Кӯҳли абсоридину зулфи парешондин билинг.
Куз ёшимни қону багримни ҳар ён чокини,
Ҳуққаи лаълидину кӯзлари пайкондин билинг.

Мушку анбардек муаттар бӯлса ҳар соат машом,
Сафҳаи юзиға чизгон хатти райҳондин билинг.
Келди юз ғамза билан у шӯх қатлим этгали,
Бул аҷоиб шеваларин офати ҷондин билинг.
Сурсангиз холи шаҳиди ишқ Шоҳиддин бир оз,
Маҳви дидорига бӯлгон кӯзи қурбонди билинг.

## ХИҶЛАТ

Номаш Хусайхоҷа, нисбат ба Мавлавӣ Шоҳҳусайни Истаравшанӣ дорад. Аз хурдӣ ба омӯхтани илму дониш камари ҳиммат баста, дар мактаб ва мадрасаҳои зодгоҳаш Истаравшан таҳсил намуда, дар баробари он, ба омӯхтани илми шеъру шоирӣ ва зебонависӣ ҳафт қалам хатти исломӣ шуғл меварзад. Баъди итмоми таҳсили илми расмии замона ҳамчун шахси донишманд, шоири баркамол ва хаттоти хушнавис шӯҳрат меёбад ва яке аз шоирони машҳур ва пешқадами таърихи адабиёти аввали асри XIX ба шумор меравад.

Соли 1817 хони Хӯқанд Умархон (1811-1822) дар қатори дигар шоирони доираи адабии Истаравшан Хиҷлатро низ кӯчона ба Хӯқанд бурд, ки 30-сол доштааст.

Дар бораи тахаллус интихоб кардани Хиҷлат Фазлии Намангонӣ чунин меовард:

«Ҳаёпешаву мунфаилхислат аст, аз он рӯ тахаллус варо Хиҷлат аст».

Хиҷлат дар доираи адабии Хӯқанд низ ҳамчун шоири ғазалгӯ аз қасидасарои моҳир шӯҳрат ёфт, ки инро Фазлӣ дар «Маҷмӯаи шоирон»-и худ меорад:

Закитабъ он Хиҷлати некфан,
Ки бурд аз ҳарифон гӯйи сухан.
Баланд аст, з-ақрони худ дар ғазал,
Варо дар қасоид набошад бадал.

Ӯ дар эҷоди шеър ҳамвора мекӯшид, ки шеъраш торафт мазмуни баланд гирад, лафзу маънии бикр ёбад ва ғазалро рангин սарояд, ки инро муосиронаш ва аз ҷумла, Фазлӣ хеле хуб пай бурда будаанд.

Ба гуфтори ашъор комилиёр,
Ки ҳар назми ӯ гавҳари обдор.
Сарояд чу булбул ба боғи сухан,
Ки шеъри наваш беҳ зи шеъри куҳан.

Санъати баланди шеъргӯйӣ ва хаттотии Хиҷлат ба Умархон басо хуш меояд, ӯро ба китобати асарҳои шоирони гузашта ва муосир, хусусан ба нусхабардории чордевони Навойӣ мутасаддӣ намуда, бар ивази хизматаш ҳафтае панҷ ашрафӣ маош таъин мекунад.

Расида зи шоҳ ошкору хафӣ,
Вазифа ба ҳар ҳафта панҷ ашрафӣ.

Ин панҷ ашрафӣ ба маоши аҳли оилааш намерасид. Маҷбур шуд, ки ба хон қасидаҳо бахшад ва дар қисми талаби он аз ӯ чизе дархост намояд. Ин кор барои шоири пешқадам ва мумтози замон ниҳоят душвор буд. Ин ҳиҷолати ӯ аз байти зайлаш низ ҳувайдост:

Чи гуна пой кашам Хиҷлат аз тариқи талаб,
Ки эҳтиёҷ бувад муқтазои инсонӣ.

Зиндагии қашшоқона, чудойӣ аз зодгоҳу хешу ақрабо Хиҷлатро басо дилгиру пазмон сохта буданд, ки худ месӯхту ғам мехӯрд.

Абрро аз дидагирёнии ман сели сиришк,
Барқро хуни ҷигар дар сина об аз чашми ман.

Ба доғи дурии аҳбоб, Хиҷлат, бо дили пурхун,
Шикоятномаҳо дорам зи дарди гӯш аз гардун.

Дар ҳақиқат, шикоятномаҳои ӯ хеле зиёданд. Ӯ аз беҳуқуқии худ ва аҳбобаш, аз номусоидии замону золимии хону амирон дилгир шуда онҳоро танқид мекунад ва ба онҳо нафрин мехонад.

Чархи даври мо ба ранги донаи шатранҷ ронд,
Баста аз ҳар сӯ Давид аз давлати дидор дар.

Мо сияҳбахтон сазои ин қадар сахтӣ наем,
Донаи ашкем рӯро гардиши чашм осиёст.

Баъди вафоти Умархон ҳам Хиҷлатро озод накарданд. Муҳаммадалихон (1822-1842) ӯро ба касби мирзогӣ машғул дошт. Хиҷлат ба рӯбардор кардани чорсад нусха чордевони Навойӣ ва як қатор асарҳои дигар низ ҳиссаи калон гузошт.

Соли вафоташ маълум нест, лекин то охирҳои солҳои шастуми асри XIX дар қайди ҳаёт будааст.

Фазлӣ дар «Маҷмӯаи шоирон»-и худ 46 ғазал, 10 қасида, 6 рубоӣ, 6 муаммо ва 2 қитъаи Ҳусайнхоҷаи Хичлатро ҷой додааст. Дар китоби «Радоиф-ул-ашъор»-и Комӣ ва дар баёзҳои қаламии дар тобеи шаҳрҳои Истаравшану Хӯқанд ва Хӯқанд китобат шуда, ғазалҳои Хиҷлатро бисёр вомехӯранд.

Асосан гирем, Хиҷлат дар ғазалсаройӣ пайрави Бедил аст. Ӯ аз имконниятҳои дохилии тасвирҳои пурэъҷози занҷираи образҳои барҷастаи Бедил истифода бурда, маънӣ ва образҳои наву тару тоза меофарад. Ӯ дар инъикоси дарди дил… ифшои ҳолати рӯҳ, носозии мароми айёму ноустуворӣ ва бесуботии даврон, зулму тааддӣ, бидъату қабоҳат ва разолати замон, вазъи нозу истиғнои маъшуқаи танноз ва ҳолати қалби зору беқарори худро бисёр табиӣ ва хеле бамаврид тасвир ва таҷассум менамояд. Ҳунари хеле нафис ва заргарона дорад. Мисол:

Софии тинат саросар мекунад з-аҳли ҳунар,
То шудам оина, Хиҷлат, ҷавҳарам гул карду рехт.

Ҳиҷлат дар назирагӯйии ғазалҳои Амир низ маҳорати баланди шоирӣ намоиш дода дар боби бикргӯиву рангинсароӣ гӯйӣ сухан аз ақрон рабудааст. Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки садои эътирозу шикояти Хичлат дар ин ғазалҳои назиравиаш хеле баланд мебошад.

Хиҷлат ба туркигӯйии шеър чандон рағбат надоштааст. Лекин агар сарояд аз дигарон паст намесурудааст, ки Фазлӣ гӯяд:

«Ба туркӣ зи аҳвони худ нест кам».

Ғазалиёти Хиҷлат басо равон ва рангину пурмазмун аст. Ӯ сарояндаи ғазалҳои дилписанд, қасидаҳои ғарро ва мухаммасу рубоиҳои олиҷаноб мебошад. Бо вуҷуди он Хиҷлат ҳам ба

мисли дигар шоирони асирафтода дар дарбори Умархон чандон рӯзи шоду зиндагии осоиштаро надидааст ва ӯ дар Истаравшан ҳам дар ҳолати фақирӣ мезист. Хиҷлат ин фақирии шаҳри хешро ба шоҳии ғарибӣ доданӣ набуд, вале чи илоҷ:

Дар баҳори оҷизӣ ранги нишоти дигар аст,
Нестӣ нақши қадамро бар сарам гул карду рехт.

Абрро аз дидаи гирёни ман сели сиришк,
Баркро хуни ҷигар дар ойна об аз чашми ман.

Хиҷлати ҷабру ҷафодида аз рӯйи ноилоҷӣ дар мадҳи Умархон чанд қасида гуфта, зеро ба ақидае омад, ки мурососозӣ касро аз офатҳои замона эмин медорад: ин аст, ки худ мегӯяд:

Он кас, ки дар зери фалак шуд бо мадоро як тараф,
Аз ҷумлаи ошӯбҳо гардад ба дунё як тараф.

Хиҷлат ин таназзулҳои худ ва ёрони худро муваққатӣ медонад, вай ба ояндаи рахшоне боварӣ дорад ва онро ба мазлуму ситамдидагон талқин намуда ба қалби онҳо нисбат ба ояндайи хубу мусоид орзуе медароварад:

Таназзулҳо ба қадри гарданафрозӣ бувад Хиҷлат,
Тараққӣ мекунад чун дона, зери хок сар печад.

Хиҷлат аз ҳаҷри ёру дӯст, зодгоҳи хушобу ҳаво ва ҳамқаламони худ мудом дар нола будааст. Ин аз эҷодиёти ӯ ҳувайдост. Илова бар ин ӯ гоҳ-гоҳ ба бародараш шоир Таслим мактуб навишта дили ғамгину беқарори худро каме таскин медодааст.

Масалан, дар яке аз мактубҳойи ба бародараш навиштааш чунин мегӯяд:

Сахт муштоқем васле ҳам худо рӯзе диҳад,
Тири оҳе з-ин миён бошад, ки кирдугор гар.

Чархи даври мо ба ранги донайи шатранҷ ронд,
Баста аз ҳар сӯ Давид аз давлати дидор дар.

То диҳам аз ёд он ёрони зерин рафта аст,
Аз бари таслими мо Хиҷлат ҳамин ахбор бар.

То солҳои 70-уми асри XIX дар қайди ҳаёт будани Хиҷлат маълум аст. Девонаш ба даст наомада аст, вале ашъораш ба таври кофӣ гирд оварда шуд.

Умуман гирем, Хусайнхоҷаи Хиҷлат яке аз шоирони маъруфи нимаи аввали асри XIX-и таърихи адабиёти тоҷик, буда дар байни шоирони доираҳои адабии Истаравшану Хӯқанд мавқеъ ва мақоми басазое дорад ва хаттоти зарринқалам буданаш ҳусн бар болои ҳусн аст.

Адабиёти истифодашуда:

1. Фазлии Намангонӣ. «Маҷмӯаи шоирон» саҳ 152, 236, 350, 7, 44, 257.
2. Айнӣ. «Намунаи адабиёт» саҳ. 279.
3. «Таворихи манзума»-и Комӣ. Вар. 11.

* * *

Эй лаби ҷонпарварат сарчашмаи оби бақо,
Нест он сарчашмаро чун хизри хаттат раҳнамо.
Моҳ чандоне, ки нур аз меҳр сомон мекунад,
Менамояд меҳр аз моҳи рухат касби зиё.
Панҷаи ҳуснат чунон гирост, эй бедодгар,
Медиҳад ҳусни ҷамолат дидаи дилро сафо.
Ёди гесӯят саводи шом равшан мекунад,
Нест як пероҳан аз дастат, ки ӯ набвад қабо.
Аз ғубораш то қиёмат гирдбод омад бурун,
Он ки шуд дар ҳалқаи занҷири ҳуснат мубтало.
Ҳар кафи хоке, ки нақши мақдамат дорад ба сар,
Медамад з-он гул замин то домани маҳшар ҳино.
Сарв шуд фаввора аз шарми қадат гул аз рухат,
Дархури шабнам чи Хиҷлат ғарқаи оби ҳаё.

* * *

Макун зи нахли ҳино ранг чун баҳор, ангушт,
Бирез хуни маро то шавад чу нор ангушт.
Биё, к бе рухат, эй маҳви ноз, гарди малол
Нишастааст ба рухсораам чаҳор ангушт.
Ҳамениҳад ба лаби хеш сурмадон аз мил,
Ба арзи ҳайрати он чашми пурхумор ангушт.
Гули мурод зи рухсори гулшане чидам,
Чу шоҳ ба як дасту сад ҳазор ангушт.
Гираҳ чу ғунча зи кори дилам насозад бор,
Наёрад аз ҳама нохун ба рӯйи кор ангушт.
Чунон ба ишқ алами илм гаштаам, кӣ медонад?
Замонаам ба кафи дасти рӯзгор ангушт.
Зи лутфи ёр чу наргис дар ин чаман Хиҷлат,
Ҳамебарад ба сӯйи ҷоми зарнигор ангушт.

* * *

Бе рухат танҳо надорад ин дили бетоб таб,
Мезанад аз чашмасори дида ҳам селоб лаб.
Файзи пирӣ то кунад ҷурми ҷавонӣ бартараф,
Шайхи ранги субҳ равшан менамояд хоб шаб.
Соҳил аст ин баҳри ахзар, ҳасрати оташ мабар,
Тар нашуд чун чашмаи хуршед з-ин дӯлоб лаб.

Қатраи ашке, ки ҷо дар чашми покаш додаам,
Мекунад бар рӯи ман ин тифли беодоб даб.
Чун шара Хиҷлат нафас аз сина берун мешавад,
З-оташи ишқи кӣ дорад ин дили бетоб таб?

* * *

Ба гӯшам муждаи васли кӣ меояд падид имшаб,
Ки аксар тоири наззора чун чашмам парид имшаб.
Зи лаълаш ҳайрате дорам, ки хун дар пардаи рагҳо,
Зи хушкӣ шуд ба ранги панҷаи марҷон падид имшаб.
Ба завқи ваъдаи дидори дил дар хонаи чашмам,
Зи ҷӯшӣ шишарезиҳои ашк оина чид имшаб.
Мапурсед аз сиришки интизор ошӯби умедам,
Ки хуноби ҷигар чун шир хоҳад шуд сафед имшаб.
Ду олам дар гузорит ҳасрати гулбарги рухсоре,
Чу шабнам об шуд аз дидаи Хиҷлат чакид имшаб.

* * *

Шаб ки барқи ҳусни ӯ аз пайкарам гул карду рехт,
Ҳамчу шамъ аз пой то мағзи сарам гул карду рехт.
Дил сипанди оташи базми кадомин шӯъла хост,
Г-ар нафас садранг дуди миҷмарам гул карду рехт.
Дар баҳори оҷизӣ ранги нишоти дигар аст,
Нестӣ нақши қадамро бар сарам гул карду рехт.
Волаи чашмони масташ нест беранҷу хумор,
Бар лаб аз хамёза даври соғарам гул карду рехт.
Бе рухи гулшанфиребат, эй баҳористони ноз,
Лахти дил чун ғунча аз чашми тарам гул карду рехт.
Гулшани фикрам ба ранги ғунча аз хуниндилӣ,
Дархури андеша ранги дигарам гул карду рехт.
Бе ту ҳар мижгон задан, эй симтан нури назар,
Чун сиришк аз чашми ғафлатпарварам гул карду рехт.
Софии тинат саросар мекунад з-аҳли ҳунар,
То шудам оина Хиҷлат, ҷавҳарам гул карду рехт.

* * *

Зи бас гулзори ҳусни ӯст райҳон иқтидор аз хат,
Нагирад сафҳаи миръоти рухсораш ғубор аз хат.
Ба як имо дуболо рехт хуни бедилонашро,
Магар, к-он абрувони нозпарвар шуд чаҳор аз хат.

Надорад чеҳраи оина аз зангор биноӣ,
Сафоперост, аммо сафҳаи рухсори ёр аз хат.
Ба он ранге, ки зеб аз сабза дорад чеҳраи гулшан,
Тароватҳост, Хиҷлат, бар рухи он гулъузор аз хат.

* * *

Ҳаё то дур шуд, эй шӯх, ҷавре зод аз дастат,
Ба ранги ғунча хун гардад аз ин бедод аз дастат.
Дили маҳмур бе саҳбойи нори маҳфили васлат,
Ба сони ҷоми холӣ мекунад фарёд аз дастат.
Фиғон чун ғунча аз сарпанҷаи ҳусни ҷунунхезат,
Гиребон то ба доман хок кардӣ дод аз дастат.
Ба каф овардаӣ то домани гесӯи мушкинро,
Сияҳ шуд рӯзгори Хиҷлати ношод аз дастат.

* * *

Ҳар ғунча, ки сар кард ба он тангдаҳон баҳс,
Пур кард ба хун боди даҳонаш ба ҳамон баҳс.
Савсан зи паси сар ба дар афканд забонро,
То кард ба озодии он сарви равон баҳс.
Он тавр, ки анбол замонрост чу гардун,
Зинҳор макун рост ба ин каҷравишон баҳс.
Хиҷлат накашӣ кулфати илзоми ҳарифон,
Он беҳ, ки насри зи хамушӣ ба забон баҳс.

## ҚИСИДА ДАР ВАСФИ БАҲОР

Кунун ки тоза бо бар баҳор шуд гулшан,
Либоси ранг пӯшид наварӯси чаман.
Нигар ба зулфи қаду хатту ҳадду шоҳиди боғ,
Зи ҷаъди сунбул сарву бунафша дар сухан.
Ба дида ҷилва зи ҳар шох гул кунад имрӯз,
Яке суманбару симинузор ғунчадаҳан.
Зи обёрии файзи саҳоби фасли Рабеъ,
Фиканда тарҳи бисоти наве ҷаҳони куҳан.
Ба абранг на танҳо чаман нишотафрӯз,
Зи лола ҳам сақфе гашта кӯҳро доман.
Чамантарозии товуси боғро бингар,
Ки барфарошта аз шохи арғувон гардан.
Зи ҷӯши шабнами гулзори шоирона баҳор,
Ба риштаҳои раги гул кашида дурри адан.
Ба-д-он умед, ки гардад қарин Ҳазрати Шоҳ,
Кушода баҳри дуо панҷаи забон савсан.
Рафеъи мартабаи Сайидумар, ки маъдалаташ,
Нишонда шоҳину дурроҷро ба як маъман.
Зи меҳри адлу саҳобу навозиши раҳмаш,
Замин ба сабзаву гул хуррам, ҷаҳон равшан.
Ба водие, ки ҷавоҳирфишон аз сари сарв,
На ном ба ҳар касе шунидани маъдан.
Ниҳанд гардани сар халқ назди ӯ зин рӯй,
Баланд хондаам аз халқ як сару гардан.
Баландрутба, Сикандаршукӯҳ, - Дороҷоҳ,
Саъиди ахтару аврангезу шерафкан.
Гули риёзи адолат дар муҳити сафо,
Палангпешаву ҳеҷо шуҷоъу нирӯтан.
Шукуфта хотири волонаҷоди шодзамир,
Сутудахислату олимақому нирӯтан.
Ба даст фикркушоду шикасту баст ба теғ,
Тариқи зулму зиломи ҷаҳон ақди сухан.
Ба даҳр ламъаи адли ту рӯшноӣ дод,
Ба сонӣ шамъи таҷаллӣ ба водии айман…
Ба рӯзи разм зи ҷӯши ялони ҷавшанпӯш,
Замин шавад ҳама тан ғарқи лахҷаи оҳан.

Зи шасти софи ту пайваста новаки хунрез,
Чу хуш, ки мепарад он сӯй аз сари душман.
Ба размкории тири ту мезанад, ки шавад,
Сипар ба фарқи сари хасм ҳамчу парвизан.
Ниҳеби савлати ҷоҳи ту тири қабзаи теғ,
Рабуда аз кафи баҳман гирифта аз Бежан.
Зи сити дабдабаи ҳашмату сипаҳбуди ту,
Фитода ғулғула аз Рум то Хитову Хутан.
Ҳамеша нахл дар боғи даҳр солим бод,
Зи барқи ҳодисаи чархи тунбоди Фитан.
Зи соф лутфи ту Хиҷлат чи рангҳо, ки наёфт,
Ба рӯйи об чуноне, ки ӯ фитад равған.
Камар зи баҳри адолат касе, ки баст туро,
Асири ҳалқаи занҷир бод чун шеван.
Пас аз ситоиши султони покдин қаламам,
Зи тӯйи меҳтари хозан намуд арзи сухан.

## МӮСОХОН ТӮРА

Ба номи хеш Мӯсо тахаллус кардааст. Мӯсо дар маҳаллаи Қозии ш. Уротеппа дар оилаи шахси бонуфус дар соли 1783 таваллуд ёфта, маълумоти ибтидоиро дар хонадони падар ва дар маҳфилҳойи Доираи адабии Истаравшан гирифта, мадрасаи бобояш Хоҷаҷонро ба итмом расонида, барои таҳсили илм ба назди тағояш Почо Йусуф ба Бухоро меравад. Почо Йусуф миршаби Бухоро буд.

Онҷо бо ёрии тағояш таҳти назорат ва таълими Оҳунди мадрасаи Кӯкалдош Сайидолим Хоҷаи мутахаллис ба Хотифи Уротеппагӣ таҳсили хешро бо муваффақият давом медиҳад. Дере нагузашта чи дар донишмандӣ ва чи дар ҳунари шоирӣ шӯҳрат пайдо мекунад.

Мӯсо асосан дар пайравии Ҳофизи Шерозӣ ғазал месарояд. Ғазалро на ба тарзи ғазалсароии Ҳофиз месарояд, балки ба тарзи равияи ғазалсароии замони хеш татбиққунон менигорад. Ашъораш ҷолиби диққат аст. Аз фасоҳату балоғати шеър мамлӯст. Ғазалро ба забони туркӣ ҳам хеле хуб месарояд. Девонашро дар даст надорем. Намунаи ашъораш ин ҷо оварда шуд.

* * *

Эй ба ҳастӣ аз адам бахри чи кор овардайӣ,
Эътиборам бурдайӣ, беэтибор овардайӣ.
В-эй ба қудрат сабзаву гулро ба саҳни бӯстон,
Баҳри зиннат водийи фасли баҳор овардайӣ.
В-эй ба қудрат комиле, бикшо гиреҳ аз кори ман,
Аз даруни синаи хоро ту нор овардайӣ.
Қудрататро ҳеҷ шакке нест Мӯсоро ба дил,
Ғунчайи сарсабзу рангинро зи хор овардайӣ.

* * *

Қаҳрат ҳамеша, эй бути симин ба ҷони мост,
Лутфат чигуна бо мани озуда норавост.
Ҳар ҷо ба ҷустуҷӯи ту рафтам ба гӯши ман,
Омад ҳамин тарона, ки ин ёр бебақост.
Ёр аз назар гузашт, чу дидам зи пай рақиб,
Гӯё, ки субҳ мераваду шом аз қафост.
Кардам саволи қиммати лаълаш зи ақли хеш,
Гуфто бирав, ки қиммати ин лаъл бебаҳост.
Ваҳми хаёли рафтани кӯяш маро гирифт,
Хуш он париваши ману дилдода беҳёст.
Мӯсо ба кунҷи хилвати ҳиҷрон зи бекасӣ,
Макшо ба шиква лаб, ки маро бекасон Худост!

## МИРАЗИМИ АЗИМ

Маразим мутахаллис ба Азим дар соли 1785 дар гузари Фурӯқ ш. Ур-Теппа дар оилаи шахси Фозил таваллуд ёфта маълумоти ибтидоиро дар оила гирифта дар мадрасаҳои намозгоҳи Ур-Теппа ва Андиҷон таҳсили хешро давом додааст.

Миразим аз синни хурдсолиаш ба шеъргӯйӣ шурӯъ намуда ҳангоми дар мадрасаи Намозгоҳ хонданаш ҳамроҳи падараш дар маҳфилҳои Доираи адабии Истаравшан ширкат меварзад. Ӯ асосҳои илмии шеъру шоириро хеле хуб аз бар карда будааст ва табъи баланди шергӯйӣ ӯро ҳамвора ба худ ҷалб менамояд.

Миразим дар Андиҷон ҳам ҳамчун шоири волосанъат шинохта шудааст. Дар он ҷо дар Доираи адабии Андиҷони

даргоҳи хон Насриддинхон ҳамвора ширкат варзида сазовори ҳурмату эҳтироми аҳли маҳфил гардидааст. Шеърҳои зиёде сурудааст. Шоири дарбори Насриддин Риндии Бухорои дар тазкираи Шоҳзода-и хеш дар қатори дигар шоирон ба шоир Миразими Азим саҳифае ҷудо намуда чунин баҳои сазовор медиҳад:

Бувад Миразим он зарифи замон,
Малоҳаткалому фасоҳатзабон.
Ба фаҳми маонист соҳибкамол,
Мақомаш бувад ҳамчу укдуллаол.

Бувад ҷумла ақволи ӯ дилнишин,
Ҳама шеърҳояш баланду матин.
Ман ӯро бувад Истаравшан макон,
Дар он сарзамин мавлиду ҷойи он.

Муқим аст дар мадраса субҳу шом,
Бувад толиби илми Наҳву калом.
Ба ҳангоми таҳсили илму фунун,
Зи ваҷҳи маош оқибат шуд забун.
Шунуд он ҳарифи хираддастгоҳ,
Ки шаҳзодае гашт дилбанди шоҳ. (вар. 90)

Мутаассифона, Риндӣ дар тазкирааш аз ашъори Миразими Азим намунае наовардааст. Маро низ фурсат нашуд, ки ба Андиҷон сафар карда аз ашъори ӯ бозёфт кунам. Аз як баёзи тобеи Ур-Теппа ду банди як ғазали ӯ падид омад:

Эй нола, ду се рӯз маро ҳамнафасӣ кун,
Бар ҳоли мани ғамзада фарёдрасӣ кун.
Имрӯз, фалак сӯхт маро з-оташи ҳиҷрон,
Аз баҳри Худо бекасиям бину касӣ кун.

## НОДИМИ ИСТАРАВШАНӢ

Муҳаммадсолеҳи мутахаллис ба Нодим яке аз шоирони машҳури доираи адабии Истаравшан ба шумор меравад. Нодим соли 1780 дар гузари Масчиди Сафеди Ур-теппа дар

оилаи Шайхи муқтадир Хоҷӣ Муҳаммади Шаҳдӣ, ки Малавии Сонияш меномиданд, таваллуд ёфта соли 1861 дар синни 81 солагӣ фавтидааст.

Баъди дар назди волидайн савод баровардан, ба мадрасаи Хӯҷаҷон хонда баъдан таҳсилашро дар мадрасаҳои Бухоро давом медиҳад. Ӯ аз овони хурдсолияш ба шеъру шоирӣ шуғл меварзид. Ҳамроҳи падараш ба маҳфилҳои Доираи адабии Истаравшан ширкат варзида аз хирмани дониши устодон хӯшачинӣ мекунад. Аммо қурбони замони амирони Бухорову хонҳои Хӯқанд гардида буд. хусусан воқиаи аз тарафи хони Хӯқанд Умархон (1810-1822) соли 1816 ба Хӯқанд кӯчонда шудани Доираи адабии Истаравшану асир карда бурдани аҳли илму фазл ва шоирони забардасти рӯзгор ба деги тафсони табъи шоир оби сард рехт. Шоир дар ин фоҷиаи ҷудойӣ аз дӯстон асарҳои зиёде дорад. мисол:

Нодим, ба сина аз асари санги нокасон,
Дорад ҷароҳате, ки марҳам намешавад.

* * *

Ман зи бахти бад надидам ҷуз бадӣ дар рӯзгор,
Умр бигзашту наям аз толеъи ношод шод!

Шоир аз ноилоҷӣ ба шаҳрҳои Самарқанд, Ӯш ва Исфара сафар карда аз он ҷо ба тавофи Маккаву Мадина роҳ мегирад.

Ашъори девони Нодим қариб ҳамагӣ дар пайравии Ҳофизи Шерозӣ навишта шудааст. Пайравии Нодим тақлидкорона нест, балки эҷодкорона аст.

Дар баҳри шеъри Ҳофиз чун гарқа гашт Нодим,
Натвон зи даст додан домони нохудоро.

Кабоби гармии ғайбуллисон шеърам, ки аз Ҳофиз, ҷазбаи Шероз меояд. Пайи таъмири дилҳо Нодим, шоири ҳақиқатсаро ва ҳақгӯст. Ӯ аз тамаллуккорӣ ва тамаъ дур аст:

Гарчи тиҳист кисаам аз накди зар, валек
Бо аҳли ҷоҳ душманам, ёри қаноатам.

Нодим шоири сермаҳсул ва хушгӯ аст. Қариб дар ҳамаи намудҳои шеърӣ асар эъҷод кардааст. инак чанд ғазали шоир ин ҷо сабт шуд:

* * *

Ё раб, зи туст нутқи сухан бар забони мо,
Машғул кун ба ҳамду саноят даҳони мо.
Ё раб, зи туст ламъаи анвори моҳу меҳр,
Равшан бикун зи субҳи саодат шабони мо.
Ё раб, зи туст кушоиши дарёи маърифат,
Як қатра з-он маъсияти бекарони мо.
Ё раб, зи туст сатри гуноҳони қаблу баъд,
Зоҳир макун ба халқ, гуноҳи ниҳони мо.
Ё раб, зи туст, ному нишоне, ки бандаро,
Аз дӯстони нав чи-чи ному нишони мо…
Ё раб, зи туст ин, ки парад мурғи рӯҳи дил,
Хоҳӣ бар остонаи худ, ошёни мо.
Ё раб, зи туст бар сақарам бандаро бисӯз,
Бошад биҳишти манзили доро, макони мо.
Ё раб, зи туст раъяти дидор хун зи ғайб,
Бинмо ҷамол бар ба сари хунфишони мо.
Ё раб, зи туст мансаби олӣ, ки гӯияш:
«Нодим, камина бандае аз дӯстони мо».

* * *

Фалак то чанд дорӣ хушклаб, кулфатнасибонро,
Зи дарёи карам, бар соҳил андозӣ ғарибонро.
Туро давրони каҷрафторию вазъи сияҳкорӣ,
Барорӣ сифла бар болову дар пастӣ бахилонро.
Амалдорони соҳибҷоҳ бар чоҳ афканӣ охир,
Намебинад касе дар маснади давлатнасибонро.
Дили моро ба санги нокасон то кай ҳадаф созӣ,
Зи носури кӯҳан дур афканӣ ёри табибонро.
Ҳама корат чапандозист, эй чархи палангафкан,
Заъифон, к-аз ту метобанд ангушти муҳибонро.
Бародар бо бародар, дӯстон бо ҳам низоовар,
Ба коми душманон чун луқма мебинам, қарибонро.
Маҳу меҳр аз канорат рӯзу шаб бозомадан дорад,
Шавад то дар миён орӣ, ба ҳам вазни ҳабибонро.
Ба таҳмиқи замони офарин то халқро додан,
Чунон мебинам аз худрафтафтагон, ғурбатқарибонро.

Зи бешармӣ нигоҳи шӯхи чашмонам хиҷил дорад,
Ба мактаб кош медиданд таъдиби адибонро.
Маро ҳам дастбӯсиҳот бо ёрон ба якдигар,
Мабодо рӯзиам рӯзе мулоқоти рақибонро.
На танҳо аз ҳарими васл Нодим гаштаӣ берун,
Куҷо шуд шавқати гулзори мастӣ андалебонро.

* * *

Соқӣ биёр бодаву пур кун аёғи мо,
Паҳлу занад ба арш, зи мастӣ димоғи мо.
Аз ихтилоти мардуми дун по кашидаем,
Гумномиасту гӯшанишинӣ фароғи мо.
Помоли роҳи факр шудем аз камоли аҳз,
Ёбӣ магар зи нақши қадамҳо суроғи мо.
Ё раб, ба шоми ҳаҷри сияҳрӯз мондаем,
Аз нури васли хеш фурӯз ин чароғи мо.
Дар боғи даҳр нолаи мурғон баробар аст,
Аз андалеб кам набувад савту фароғи мо.
Хуш манзилест ҷои рафеъу тарабфизо,
Бингар ба чашми пок дар ин боғу роғи мо.
Ҳавзест файзбахшу мақомасту дилкушо,
Тавфи мазор гар бикунӣ сайри боғи мо.
Нодим, бинои боғ, ки дар Истаравшан аст,
Аз раз шудаст ҳосили таърихи боғи мо.

* * *

Чи ҳоҷат, ҷои дигар ёд камтар кун нишеманро,
Ки кардам тозатар аз боғ, биншин дидаи манро.
Хиромон бо қади мавзун, гузар кун ҷониби гулшан,
Ки дар роҳ аст раҷо озод, бинӣ сарву савсанро.
Нишин дар маснади гулҳо, арақ дар чеҳра афшон кун,
Ки бе рӯят чароғи кушта мебинем гулшанро.
Намедонӣ, ки баҳри гӯй, бозӣ сар кунӣ ё Раб,
Маяфкан дур аз ҷавгони худ сарҳои бетанро.
Зи ишқи оташинрӯён саҳаргоҳе агар оҳе,
Кашад ошиқ бисӯзад, то ҷаҳон бибрида равшанро.
Сувайдопарвари савдои гесӯи киям Нодим,
Ки шоме дар назар дорад, надонам рӯзи равшанро.

* * *

Гар дил аз дидани ту дида шавад шод маро,
Каъба обод бувад, то бувад обод маро.
Бар сарам пой нех̣, эй сарви сих̣иболоям,
Аз балои ду ҷаҳон то кунӣ озод маро.
Нест бар лавҳи дилам ҳарфи дигар дар мактаб,
Алифи қадди ту омӯхта, устод маро.
Зоди ман хуни ҷигар тифлию то пирии ман,
Бар ҳамин модари эҷод магар зод маро.
Мисраеро, ки ба чашму қади зулф аст тамом,
Ҳирзи ҷон хонаму тӯмор бувад сод маро.
Ба ҳавои қади рухсору хатат чун мирам,
Гули райҳон диҳад аз хок чу шамшод маро.
Фатҳи Нодим ҳама дар дидани рӯйи ту бувад,
Гар кушоям дари дил соҳиби «Авроди» маро.

* * *

Агар аз дӯстон донист боре он санам, моро,
Ҷаҳон гар ҷумла шуд яксар, сари мӯе чи ғам моро.
Биҳиште ҷилваи хурилиқое, сарви гулгуне,
Зи хотир карда берун ёди гулзори Ирам моро.
Зи мазмуни хати пешонии ошиқ чи мепурсӣ,
Ҳамин як ҳуҷҷат овардаст аз лавҳи қалам моро.
Ҳамон аҳде, ки буд аз ҳуҷҷати бишкаста чун бинад,
Ба он маҳ боз чун майхора гирад аз қасам моро.
Зи ҳавли дӯзахи ғавғои маҳшар ёд меорад,
Ба саҳрои вуҷуд аз омади мулки адам моро.
Шаҳиди хатти абрӯе, тиҳӣ шуд Нодими маҳзун,
Бувад бар санги турбат бас ҳамин мисраъ рақам моро.

* * *

Намеафтад писанд аз панди носеҳ ишқи комилро,
Ба бемағзӣ барорад табъи доно ҳарфи ҳомилро.
Магардон рӯзиам аз сӯҳбати номаҳрамон рӯзе,
Расон аз лутф ё Раб, то бибӯсам ёри қобилро.
Савол аз бӯса кардам моҳи ман шаб дар канор омад,
Каримон аз карам бошанд, бинвозанд сойилро.

Ба хок афтодаам бинад рақиб аҳволи ман ду шуд,
Бале парвои маҳмурон набошад шахси восилро.
Шаҳиди туст, Нодим парда аз рӯят набардорад,
Чу мақтуле, ки бар даст оварад домони қотилро.

* * *

Биё соқӣ ба нури май мунаввар кун дилу ҷонро,
Ки тай созам ба осонӣ сулуки роҳи ирфонро.

Ба оби май тароват деҳ ба нахли гулбуни фикрам,
Ки ороҷд чу гул ҳар мисраи барҷаста девонро.

Ба гӯши дил зи асрори маонӣ бахш огоҳӣ,
Ки дар лавҳи табиат пок бинам нақши бустонро.

Ба назми обдорам деҳ ривоҷи гармбозоре,
Ки аз ҳар бадгуҳар чандон агар санҷанд мизонро.

Ба чашми носеҳон марғуб кун рангин хаёламро,
Музайян карда бинвисанд авроқи зарирониро.

Қабули хотири нозукхаёлон гашт, бас бошад,
Чи ғам гар мӯҷиби таҳсин наяфтад табъи нодонро.

Сухан дар пеши доноён кам аз гавҳар намебошад,
Ки чинӣ бо ҳазаф яксон бимонад сифлатабъонро.

Чунин манзумаи девони Нодим то абад ё Раб,
Ки бошад нусхаи хотиррасониҳои ихвонро.

* * *

Маноз эй зарпараст, аз рафъати айвону манзарҳо,
Ки рӯзе бомат аз девор афтад, бишканад дарҳо.

Ғурури ҷоҳат аз дин бурда пурсам бар сари имон,
Ки хоҳӣ дур аз каф дар паи ганҷинаи зарҳо.

На чашми ғайратат биност, гӯши ҳуш ҳам ботил,
Ки шоҳони ҷаҳон рафтанд, ку Дорову қайсарҳо?

Чи оройӣ ба сар дастори зар аз афсари шоҳӣ,
Ба қабристон назар кун, то бубинӣ косаи сарҳо.

Камарбандат мурасаъточ аз лаъли гуҳаррӯзӣ,
Бағал во кардай, сар медиҳӣ дар пойи минбарҳо.

Дукони зиндагӣ аз дурри макнун кай биороям,
Чу суд ар нест охир аз нуфузи ашк гавҳарҳо?

Зи чархи хайбарӣ то кай умеди чоҳ медорӣ,
Ки чун тифлат ба созе мекашад дар қайди ҳайбарҳо.

Мапиндорӣ, ки аз таъсири вазъи туст аз воиз,
Фиғони ман ба мардум додхоҳон аст минбарҳо.

На моро қуввати сарпанҷае, на зӯру бозӯе,
Ки чун Ҳайдар шавам дар ҳамла, к- ин аз қавми хайбарҳо.

Тасарруф дар мизоҷи аҳли дунё ҷуз абас набвад,
Ки мақсуд аст васфи одамият дар дили харҳо.

Сичили ростӣ аз қозию муфти маҷӯ Нодим,
Ки ин фатвотабохон рӯсиёҳи панду маҳзарҳо.

* * *

Ба гулшан боз омад то кунад эъҷозбозиҳо,
Ба рӯйи сабза гул гардид пойандозбозиҳо.
Зи мастӣ шаб ба бозӣ рӯз кардам то парирӯе,
Ки метарсам магар гардад малак ғаммозбозиҳо.
Дафу чанг аст қонуни тараб дар нағмаи мутриб,
Барои парда чун бозӣ кунад таннозбозиҳо.
Сазад имшаб, ки моҳи Зӯҳра дар бозӣ ба рақс ояд,
Диҳад то дар садо он шӯхи ман овозбозиҳо.
Магар дар бозии бозигаре худ ҷон диҳад ошиқ:
Вагарна кай тавонад шуд даме ҳамроз бозиҳо.
Ба сар дастору мисвокасту дил аз файзафшонӣ,
Надонам аз кӣ омӯзад ин сон созбозиҳо.
Ба боғи васл дар бозӣ шуд он масти тараб Нодим,
Қадаҳ дар даст, лаб бар лаб мани гулбозбозиҳо.

# КОМИЛХОҶАИ НАКҲАТ

Гарчи, Накҳат гул фаровон аст дар боғи ҷаҳон,
Бо гули боғи муҳаббат рангу бӯйи дигар аст.

Комилхоҷаи Накҳат бо вуҷуди аз синни наврасӣ берун наомаданаш дар замони худ ҳамчун шахси донишманди истеъдоди зотӣ дошта ва шоири хориқулодда шинохта шудааст. Тазкиранависони машҳур Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб», Мирсиддиқи Ҳашмат дар «Тазкират-уш-шуаро» ва Садри Зиё дар тазкирааш дар бораи сирати зебою сурати назаррабои Комилхоҷаи Накҳат самимона ёдовар шуда, ба дониши баркамолу маҳорати баланди шоириаш баҳои сазовор додаанд ва аз воқеаи бемаҳали гӯрамаргиаш афсӯсҳо хӯрдаанд. Масалан, дар тазкираи Возеҳ дар бораи Накҳат чунин сатрҳоро мехонем: «Накҳат-номаш Комилхоҷа, валади дилписанду халафи арҷманди устозулуламо (устози олимон) Сайидолимхоҷаи Оҳунди Ӯр-Теппагист…

Хоҷазодаи масфур (зикрёфта) ҷавоне буда, дар авҳори сибобаш (бачагиаш) шонздаҳсолагӣ ҷомеу шомили (ҷамъкунанда ва фарогирандаи) аксар фазоил (донишҳо) аз наводири рӯзгор ва зароифи лайлу наҳор. Истеъдоди илмиаш дар истиқлол ва истибдод (соҳибихтиёр ва худрой) лофи таҷарруд ва тафарруд (танҳоӣ ва яккагӣ) дар арсагоҳи тавҳид (ягонагӣ) зада. Дар фанни шоирӣ низ чун сомири (ҷудогари Сомир) изҳори соҳирӣ намуда, дар банду басти алфози суҷоъ (мувофиқ) ниҳояти матонату равонат (устуворӣ) ба кор бурда, маънии обдораш ташнагони водии балоғат ва фасоҳатро моулҳаюта (об додааст)… ҳам дар синни мазкур аз ҳаводиси осмонӣ ва қазои ногаҳонӣ моҳи чаҳордаҳи ҳаёташ дар маҳоқи хусуф ва мубталои уқдаи ҳануф гардид…»

Дар адабиётшиносии муосири тоҷик дар бораи Комилхоҷаи Накҳат аввалқадам устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» маълумот ва баҳои баланд додааст: «Алҳақ, бо ин синну сол ин гуна иқтидор шоёни истеҳсон (таҳсин) аст ва ин ранг марги бемаҳал сазовори ҳазор нолаву афғон».

Бояд гуфт, ки дар бораи Накҳат маълумоти хеле кам дар даст дорем. Маълумоти аз сарчашмаҳои адабӣ, даҳонӣ ва аз

худи эҷодиёти Накҳат гирифтаамон шаҳодат медиҳад, ки Комилхоҷа дар соли 1807 дар гузари Хоҷа Фахриддини Истаравшанӣ дар оилаи шоир Сайидолимхоҷаи мутахаллис ба Ҳотифӣ (1751-1853) таваллуд ёфтааст.

Комилхоҷа аз рӯи анъанаи оилаҳои аҳли илму фазли замон аз синни чорсолагӣ дар назди волидайн ба омӯхтану аз бар кардани илми калом, «Чаҳор китоб», «Мантиқуттайр», девонҳои ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз, Мирзо Бедил ва Фузулӣ шурӯъ намуда, роҷеъ ба илми шеъру шоирӣ низ мунтазам таълим мегирад. Баъдтар сарфу наҳви забони арабӣ ва илми мантиқро ҳам ба хубӣ меомӯзад, ки даъвои моро калимаю ибораҳои ба кор бурдаву мисраъҳои ба забони арабӣ эҷод кардаи шоир низ тасдиқ мекунанд.

Дар он вақт дар шаҳри Истаравшан ҳавзаи адабии шӯҳраташ то ба шаҳрҳои марказии Бухорову Самарқанд, Хуҷанду Хӯқанд ва ба дигар музофотҳо расидае амал мекард. Падари Комилхоҷа ҳам яке аз фозилон ва шоирони маъруфи ин ҳавзаи адабӣ ҳисоб меёфт ва ӯ бо тахаллуси Ҳотифӣ шеърҳои хуб менавишт. Табиист, ки Ҳотифии аз табъи баланди шеърӣ доштани фарзандаш воқиф, ӯро ҳамроҳи хеш ба шабнининиҳои ин ҳавзаи адабие бурд, то ки бо Султонхони Адо, Ҷунайдуллои Ҳозиқ, Сайидғозии Нола, Муҳамммадсолеҳи Нодим, Юнусхоҷаи Хиҷлат барин шоирони маъруфи рӯзгор аз наздик шиносои пайдо кунад ва хӯшачини хирмани маънии онҳо гардад.

Комилхоҷаи табъи салиму зеҳни мустақим ва қувваи ҳофизаи фавқулодда азими модарзодӣ дошта саропо ба зервари накӯӣ ва идроки ақлу заковат ороста, ҳар он чизе ки мешуниду мехонд, зуд дар лавҳи хотири отираш нақш мебаст. Ғамхорию сарпарастӣ, таълиму насоеҳи доимии волидайн ва сӯҳбату мушоира ва мубодилаи афкори шоирони ҳавзаи адабии Истаравшан ва мутолиаи чакидаҳои назми олии бузургони гузашта завқи шеърии Комилхоҷаи хорикулоддаро хеле барвақт овони хурдсолиаш бедор намуд. Ӯ руҷӯи қалби ҳассосаш ба меҳнати эҷодӣ ва шеваи суханварӣ пардохт ва ҳамчун шоири солор бо тахаллуси Накҳат шеър гуфт. Сабаби интихоби тахаллусашро чунин шарҳ додааст:

Барои ғунча ҳалоки тахаллусам Накҳат,
Ки шохи гул бувадаш ҷӯйбор дар оташ.

Шеърҳои тару тозаи ин шоири навбоваи ҳушманду ҳушёрдил –тез-тез гӯшраси шоирони ҳавзаи адабӣ гардид ва дар як муддати кӯтоҳ ҳамчун шоири хушгӯ шӯҳрат ёфт.

Дар айни ҳол чунин воқеаҳои пурдаҳшати замон боиси аз ватан фирор овардани аҳли илму адаб низ мегардид. Ин ҳодисоти мудҳиш Олимхоҷаи Ҳотифиро ҳам водор намуд, ки дасти писарчаи 10-11 солааш Комилхоҷаро гирифта ба ҷои нисбатан осуда ба Бухоро биравад.

Возеҳ дар бораи падари Накҳат–Сайидолимхоҷа Ҳотифӣ маълумот дода қайд мекунад, ки дар замони амир Шоҳмурод 1785-1800 ба қасди таҳсили илм ба Бухоро омада ба ниҳояти донишмандӣ расида Кӯкалтош ноил гашта тарбияти амир Нусрулло 1826-1860 ба мансаби аъламин Бухоро расид. Баъд Возеҳ сухани худро давом дода менависад: умри муборак ба як саду панҷ сол расида, дар санаи як ҳазору ду саду шасту нӯҳ олами фониро видоъ намуда. «Аз ҳамин сана маълум мешавад, ки Сайидолимхоҷа дар соли 1751 таваллуд ёфта, соли 1854 вафот карда будааст.

Чунин ранг гирифтани воқиа ба Камолхоҷаи Накҳат имконияти калон дод, ки таҳсили худро дар мадрасаи Кӯкалтош дар назди падар, домулло Ҳоҷибои Лисонӣ ва дигар устодони забардаст давом диҳад.

Таҳсил дар он мадрасаи машҳури Бухоро, шиносоӣ бо устодони донишманд, шоирони машҳури даврон ба ташаккули фикрӣ ва эҷодии Накҳат таъсири мусбат расонд.

Шӯҳрат ва маҳорати адабии рӯзафзуни Накҳат ба ҷое расид, ки дар ғазалҳои ӯ ҳатто абёти фахрия дохил гашт.

Накҳати боғи вафоро ба гулистон бурданд,
Бандаро салтанати мулки сухан бахшиданд.

Мутаассифона, дар айни камолоти эҷодӣ аз дарди бедармони ба мо номаълум ногаҳон риштаи ҳаёти ин истеъдоди ҳайратангез дар синни 16 солагиаш барвақт канда шуд.

Вафоти ногаҳонии Накҳат барои аҳли илму адаб ва адабиёти пешқадами даврон талафоти калон буд. Ин воқеа ҳаводорони шеъру шоириро сахт мутаассир кард. Аҳли илму адаб, муҳиббон, мухлисон ва мӯътақидони мотами ӯ марсияҳои пурсӯзу гудоз ва таърихҳо гуфтанд. Баъдтар

Возеҳ ҳам аз вафоти бемаҳали Накҳат сахт мутаассир гардида, бо сад таассуфу дарду алам навишта буд:

Сияҳ пӯшид шеър аз мотами ӯ,
Қалам зад сина чок андар ғами ӯ.
Сиёҳи рехт аз чашми давоташ,
Ба худ зад аз фироқаш коғаз оташ.

Накҳат дар умри кӯтоҳи худ ду дафтари ашъор танзим намудааст, яке ҳамон аст, ки Ҳашмат дар тазкираи худ ишорат намудааст ва дигаре девони ашъорест, ки алҳол дар шӯъбаи дастнависҳои Иститути шарқшиносии А. Ф. Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад. Аз рӯи девони ашъор ва ғазалҳои шоир, ки дар тазкираву баёзҳо дарҷ шудаанд, мумкин аст, ки дар бораи мазмуну мундариҷа ва сабки эҷодии Накҳат як дараҷа мулоҳиза ронда шавад.

Мавзӯъ ва мундариҷаи ғазалиёти шоирро асосан масъалаи ишқу ошиқӣ ташкил медиҳад. Аслан ҳам аз рӯи анъана мавзӯи ишқ бештар дар шакли ғазал инъикос меёфт, лекин ин маънои онро надорад, ки шоир ҳамвора ба тасвири мавзӯи ишқу муҳаббат дода шуда, дигар соҳа ва тарафҳои зиндагиро сарфи назар карда бошад. Бисёр ғазалҳои дар мавзӯъҳои мушаххас навиштааш ҷанбаи демократӣ ва халқӣ дорад. Шоир дар ин қабил ғазалҳояш бо зиндагии нобаробару ҳаёти номусоиди замон ишоратҳо дорад. Бо ангезаҳои панду ҳикматомез низ рубоӣ ва фардҳояш ороста шудаанд. Дар рубоӣ ва фардҳои Накҳат афкори фалсафӣ, ирфонӣ ва танқидии ӯ низ роҳ ёфтаанд.

Комилхоҷаи Накҳат ба қаъри маърифати ашъори бузургони гузаштаву муосир ғӯта зада, дурдонаҳои укёнуси адабиёти классикии тоҷику форсро ба каф оварда, аз он фаровон истифода мебарад ва анъанаҳои хуби онро ривоҷ медиҳад ва ба он ҳусни наву ҳаёти тоза мебахшад. Ин аст, ки дар мероси адабии Накҳат таъсири осори адабии Рӯдакию Хайём, Мавлавӣ ва чанди дигарро баръало ҳис мекунем. Ин таъсир дар эҷодиёти Накҳат асосан бо се роҳ зуҳур кардааст. Якум бо роҳи мутолиа ва аз бар намудани асарҳои ҷудогонаи ин ё он шоир. Дуюм бо роҳи назира ё ҷавобгӯйӣ. Сеюм бо роҳи ҳамдардию ҳамдилӣ ва ҳамқисматӣ ба ин ё он шоир. Накҳат агарчи хурдсол буд, шоири шоирони замон буд ва ӯ ба мисли Шаҳобу Восиф ва Бедоду Мунсиф шогирдони ба камоли шеъру шоирӣ расидае дошта, ки ба ғазалҳои ӯ ҷавобияҳои хуб гуфтаанд.

## АЗ ҒАЗАЛИЁТИ НАКҲАТ

Шарори шӯълаи оҳам ба ҳам ларзонад оташро,
Ғалат гуфтам, зи дахли хеш баргардонад оташро.
Ба ғайр аз сабзаи хатте, ки гирди оразат сар зад,
Надидам дар ҷаҳон чизе, ки ӯ пӯшонад оташро.
Бинозам синаи худро, ки дар шоми сияҳбахтӣ,
Сипандосо даруни хеш мерақсонад оташро.
Аз ин ашки ҷигарсӯзе, ки ман дар дидаҳо дорам,
Агар як қатра бар дарё фитад, сӯзонад оташро.
Ба ғайр аз ғунча, Накҳат, дар гулистон аз кӣ меояд,
Ки аз домони гул бар ҳар тараф афшонад оташро.

* * *

Сардаргум аст баски ба олам нишони мо,
Воқиф нагашта ҳеҷ касе аз макони мо.
Чун гирдбод сар ба биёбон ниҳодаем,
Анқосифат надида касе ошёни мо.
Нозам ба сахти хеш, ки дар чорбоғи даҳр,
Яксон гузашт фасли баҳору хазони мо.
Чун мо зи заҳри чашми бутон кушта гаштаем,
Талх аст дар мазоқи Ҳумо устухони мо.
Накҳат, ба васли он гули худрӯ расидааст,
Эй боди субҳдам, чи кунӣ имтиҳони мо?

* * *

Шаб ба сӯи нофа мебандад гиреҳ мӯи туро,
Субҳ мепошад ба гулзори ҷаҳон бӯи туро.
Даст бар сар, пой дар гил монд ҳайрон дар чаман,
Сарв чун дар ҷилва дид он қадди дилҷӯи туро.
Гул ба пеши моҳи рӯят чун катон бемоя аст,
Хор бошам, гар ба гул нисбат диҳам рӯи туро.
Шайх рӯ бар Каъба дорад, барҳаман бар дарди ман,
Каъбаи мақсуди худ донистаам кӯи туро.
Накҳато ин орзӯ дорад, ки чун банди қабо,
Танг гирад дар бағал як лаҳза паҳлӯи туро.

* * *

То ки равшан гашт аз қадрат чароғи офтоб,
Дар дили маҳтоб оён аст доғи офтоб
Ин ки бинамояд ба чашмат нест чархи обнӯс,
Қитъаи сабзест дар як гӯша роғи офтоб.
Ман чи гӯям васфи айвони баландаш, к-ин ҷаҳон,
Ҳаст зери сояи девори боғи офтоб.
Баски оличоҳу некуманзару хуштинат аст,
Кай фуруд орад ба гардун сар димоғи офтоб.
Нест танҳо кулбаи мо Накҳатуллаҳ, пурзиё,
Ҳаст равшан ҳар ду олам аз чароғи офтоб.

* * *

Метавон ёфтан аз хум дили пурҷӯше ҳаст,
Чун қадаҳ бо дили пурхун лаби хомӯше ҳаст.
Чунки паймонаи май меравад аз даст ба даст,
Гашта маълум, ки дар майкада мадҳуше ҳаст.
Нолаи мурғи чаман пур баасар меояд,
Зоҳиран, шоҳиди гулро ба фиғон гӯше ҳаст.
Домани дашт чу омад ба назар. донистам,
Баҳри Маҷнун дар ин бодия сирпӯше ҳаст.
Метавон ёфт зи занбӯри асал, эй Накҳат,
Ҳар куҷо ништаре ҳаст, дар ӯ нӯше ҳаст.

* * *

Чашмам аз ҳаҷри ту нам, намтар аз ин мебоист,
Сабрам аз ишқи ту кам, камтар аз ин мебоист
Умри ошиқ шавад аз оби дами теғи ту кам.
Умри ман ҳаст чу кам, камтар аз ин мебоист,
Қади афлое чу ҳастанд ҳама бар сари хам,
Дар бари теғи ту хам, хамтар аз ин мебоист.
Накҳато, сабр бувад шарбати унноби висол,
Ҳар киро ҳаст чу сам, самтар аз ин мебоист.

* * *

Муроди дил ҳама он беҳ, ки дар машияти ӯст,
Агар бихонад, агар рад кунад маро, некӯст.
Ба хони неъмати шоҳон намекунад рағбат,
Саре, ки чашми дили ӯ ба косаи зонӯст.

Ҳар он касе ки шиносои нафси худ гардад,
Тафовуте биниҳад дар миёни мағз аз пӯст.
Зи файзи боди сабо нест анҷуман хуррам,
Сафои саҳни чаман Накҳати гули худрӯст.

* * *

Ҳусн дар олами худ гарчи накӯномтар аст,
Ишқро бош, ки аз ҳусни ту худкомтар аст.
Пеши ушшоқ висол арчи муроде хуб аст,
Лек файзи шаби ҳиҷрон саранҷомтар аст.
Пухта шав, пухта чу шуд мева, яқин нарм шавад,
Ҳар кабобе, ки садо мекунад, ӯ хомтар аст.
Накҳатуллаҳ, ту дар ин марҳила ноком бизӣ,
Ҳар ки шуд комраво, аз ҳама нокомтар аст.

* * *

Ҳол набвад, ки ба рӯи ту ҳақир афтодаст,
Як дили сӯхта аз зулф ба зер афтодаст.
Равшан аз партави ҳусни ту бувад ҳар ду ҷаҳон,
Моҳрӯи ту чи миқдор мунир афтодааст.
Дил чи сон хун нашавад аз ғами мижгони ту чун
Кори ин хаста ба як тарқашу тир афтодааст.
Дар раҳи кӯи ту ғам гашта рафиқи дили мо,
Ҳайф аз ин сайд, ки дар панҷаи шер афтодаст.
Домани муршиди комил ба кафаш меорад,
Ҳар ки, Накҳат, ба раҳи ишқ далер афтодаст.

* * *

Хуни дил бодаи аёғи ман аст,
Шаби ғам равғани чароғи ман аст.
То сиёҳӣ зи доғи ман афтад,
Лола хунинҷигар зи доғи ман аст.
Манам он хастадил, ки дар шаби ғам,
Дуди дил чарбии димоғи ман аст.
Гули берангу бӯйи гулшани ишқ,
Гар тавонӣ, бубин, ба боғи ман аст.
Эй насими баҳор, ба Накҳати гул,
Ҷилва он ҷо бикун, ки роғи ман аст.

* * *

Гаҳ ба ғам, гаҳ беғамам ё раб, намедонам, зи чист,
Гаҳ сагам, гаҳ одамам, ё раб, намедонам, зи чист.
Гаҳ фақиру гаҳ ғанӣ, гаҳ бенаво, гаҳ бонаво,
Гаҳ гадо, гаҳ Ҳотамам, ё раб, намедонам, зи чист.
Гаҳ бахилу гаҳ сахӣ, гаҳ тифл, гаҳ марди куҳан,
Гаҳ Сикандар, гаҳ Ҳумам, ё раб, намедонам, зи чист.
Гаҳ суруду гаҳ дуруду гаҳ фиғон, гаҳ нолаам,
Гоҳ зеру гаҳ бамам ё раб намедонам, зи чист.
Гаҳ гулам, гаҳ Накҳатам, гаҳ шамъу гаҳ парвонаам,
Гаҳ фаровон, гаҳ камам ё раб намедонам зи чист?

## РУБОИЁТИ НАКҲАТ

Ай он ки дили ту ҳар куҷо меафтад,
Ғофил нашавӣ, ки дар бало меафтад.
Ин рӯз набошад гузарон, эй Накҳат,
Хиште зи сарои умри мо меафтад.

Ин доираи маркази ғабро чи бувад?
Б-ин чатри муқарнаси Сурайё чи бувад?
Накҳат, чу бувад манзили мо дори фано,
Ин хирқаи пашму далқу дебо чи бувад.

* * *

Ошиқ зи партави худ сохт вуҷуди маъшуқ,
Ишқи худро ба дилу дидаи маъшуқ намуд.
Ҳарки асрори каломи ту бифаҳмад Накҳат,
Ӯ тавонад, ки ниқоб аз рухи маъшуқ кушуд.

* * *

Ҳар ки моил мешавад бар обу ранги орзу,
Мерасад ба синааш ҳар дам хаданги орзу.
Дар тамоми умри худ як дам намеёбад амон,
Он ки мегардад асири ғам ба чанги орзу.

## АЗ МУХАММАСОТИ НАКҲАТ

Бинвишт ба хунам хати девони тағофул,
Фарёд зи оини сабақхони тағофул.
Сад фитна ба по хест зи зиндони тағофул,
Он чашм чу шуд соғари даврони тағофул,
Хуни ду ҷаҳон рехт ба домони тағофул.

Рангест гулистон зи баҳорони табассум,
Шӯр аст ду олам зи намакдони табассум.
Чун ғунча даҳони ту чи бустони табассум,
Баргест лабат аз чаманистони табассум,
Мавҷест нигоҳи ту зи Уммони тағофул.

Эй силсилаи зулфи ту дар ғояти хубӣ,
Ошӯби дусад дафтари ҷамъияти хубӣ.
Бар ҳошияи рӯйи ту хат ҳуҷҷати хубӣ,
Гесӯйи ту мадди алифи ояти хубӣ,
Абрӯйи ту бисмиллаҳи девони теғофул.

Дар майкадаи ноз шудӣ соқию аммо
Ку ҳуш, ки ҷоме кашад аз мавҷи тамошо.
Накҳат бишкастӣ дили мо ҷӯши таманно,
Чашми ту ба он мастии паймошиканиҳо,
Нашкаст чаро соғари даврони тағофул.

## БЕДОДИ ИСТАРАВШАНӢ

Дар бораи ин шоир ва хамқаламону шогирдони Камолхоҷаи Накҳат: Шиҳобу Мунсиф ва Бедору Восифи Истаравшанӣ аввалин бор Мирсиддиқи Ҳашмат дар «Тазкират-ушшуаро»-и худ маълумот дода будааст. Ҳашмат чунин менависад: «Ҳақир аз китобе порае аз ашъори Бедодро ёфтам, ки дар татаббӯи Накҳат… забт карда, баъд Бедод аз худ навишта». Баъди ин Ҳашмат аз истеъдоди шоирии Бедод сухан ронда: «Аз беҳтарин шуарои замон буд»- мегӯяд. Ҳашмат, инчунин, ба қофияву радиф ва вазни мураккаби ғазали Накҳат ва ҷавобияи Бедод мегӯяд: «Ҳақир, (Ҳашмат С. С. ) бо вуҷуди қудрате дар ин фан дар вуфури истеъдод доштан аз инчунин ғазал ибо дорад ва қасд накарда. Дар татаббуи Комилхоҷаи Накҳат, Бедод, Шиҳоби Истаравшанӣ, ки зоҳиран аз мутааххиринанд (яъне аз нимаи аввали асри XIX-анд) инчунин фармуда ва раъйи оқибати ишон ба татаббӯи ӯянд» (яъне Накҳатанд).

Мирсиддиқи Ҳашмат «Тазкиратушшуаро» дастависи Инст. Шарқ. АФ Узбекистон. Таҳти рақами 2729 вар. 16.

Ғазалҳои ба радифҳои «дорад» ва «оина» дар татаббӯи Накҳат навиштаи Шиҳоб, Мунсиф, Восиф ва Бедодро мисол меорад (ҳамон ҷо вар. 24)

Бояд гуфт, ки ғазали ин шоирон ба пояи ғазали Накҳат нарасида бошад ҳам ҳар яке ҳусни хосаю рангубӯи тозаи худро дорад.

Дар ин ҷо аз навиштаҳои Ҳашмат ба хотири банда аз гуфтаҳои куҳансолони Истаравшан, ки дар аввалҳои солҳои панҷоҳум бо ишон сӯҳбатҳои тӯлонӣ доштам, чунин дармерасад: «Комилхоҷаи Накҳати нав ба синни 12 қадам монда охунди мадрасаи Кӯкалдош ва Аълами Бухоро буд, сафар кард». Бо камоли боварӣ бояд гуфт, ки он гуфтаҳои куҳансолони бо тадбири ин ҷо тасдиқи худро ёфт. Дар ҳақиқат Накҳат бо шогирдонаш ба Бухоро рафта бо кӯмаки падараш ба мадраса дохил шудани ишон аз эҳтимол дур нест.

Дар бораи ин шоирони зикрёфта, яъне шогирдони Комилхоҷаи Накҳат зиёда аз ин маълумоте дар даст надорем. Аз ин лиҳоз, ин ҷо ҳамон ғазалҳои дар тазкирааш зикр кардаи Ҳашматро манзури хонандагон хоҳем кард.

## БЕДОД:

Ай гашта наргисат чаманорои оина,
Рухсори туст олаҳи саҳрои оина.
Дар боргаҳи шавкати васли ҷамоли ту,
Дорад дабири ҳайратиншои оина.
Маъкус холи орази дилдор, мардумак,
Пайдо нашуд, зи дидаи хумрои оина.
Ороиши намуди ту бунёди офат аст,
Беору миннат хонаи зебои оина.
Хотир, ки аз хубию зиштӣ малол нест,
Дар ҳайратам зи машраби дарёи оина.
Огоҳитинатон барӣ аз хоби ғафлате,
Пӯшида нест, дидаи бинои оина.
Тутимақол лаъли лаби ту кард ҷилвае,
Рангинадост, Ҳайрати гӯёи оина.
То кард хатти абрӯи дилдор шевае,
Ҷавҳар намуд ҷилва адоҳои оина.
Бедод, ҷилва кард, ки тимсоли рангааш,
Мекаш ғизоли домани саҳрои оина.

## БЕДОРИ УР-ТЕППАГӢ

Баҳҷат тахаллуси Бедори Ур-теппагӣ. Шоири охирҳои асри XVIII ва аввали асри XIX. Баҳҷат шоири баркамолу соҳибэътиборе будааст. Ҳангоми аз тарафи хони Хӯқанд маҷбуран кӯчонда шудани Доираи адабии Истаравшан (соли 1816) Баҳҷатро ҳам ҳамроҳи беш аз шаст нафар шоирон ба Хӯқанд бурда буд.

Баҳҷати равшанфикр ва ҳақиқатсаро ба мисли Раиси Ур-Теппагию Афсӯси Истаравшанӣ аз ҳасудони дарбор дурӣ ҷуст. Бинобар ӯ худро оқӯйлик нависонда ба назди муҳоҷирони истаравшанӣ ба Шаҳрихон рафт.

Умархону Фазлӣ аз ӯ ранҷида буданд, вале баъди он ки ба ҳақиқати гуфтаҳои Баҳҷат сарфаҳм рафтанд. Фазлӣ дар «Маҷмӯаи шоирон»-и худ ду ғазали ӯро дохил намуда, чунин изҳори ақида намуд:

Зи Баҳҷат маро ин ғазал ёд буд,
Ба мазмуни ӯ хотирам шод буд.
Дар ин сафҳа ӯро рақам сохтам,
Сари ҳосидонро қалам сохтам.
Чу Фазлӣ шунид ошкору нуҳуфт,
Ба таҳсини ӯ боракаллоҳ гуфт! (с. 181)

Ин ҷо бояд гуфт, ки ин Баҳҷатро аз Баҳҷати Мирзо Айюб фарқ бояд кард. Мирзо Айюби ҳоло наврас фарзанди мушриф буд ва ӯ доимо дар дарбор буд, вагарна Фазлӣ ҳеҷгоҳ: «Зи Баҳҷат маро ин ғазал ёд буд», намегуфт.

Ин шеър бо радифи «мо» ва чанд ғазалу мухаммаси ба ғазали Мушфиқӣ навишта моли Баҳҷати Ур-Теппагӣ мебошад, ки онҳо дар «Маҷмӯаи ашъор»-и Қорӣ Абдукарими Офарин ба номи Баҳҷати Ур-Теппагӣ омада аст. «Маҷмуаи ашъор»-и зикршуда, инсти. Шарқ. ГШУ 30. Дастн. №3295. Вар. 297-300об». Осори Баҳҷати Ур-теппагӣ:

* * *

Чун шаҳидон дар ғамат, к-аз хуни худ резем мо,
Рӯзи ҳашр аз хок чун гул сурхрӯ хезем мо.

Сӯхтан моро ба ранги шамъ чун бар сар ниҳад,
Дархури сомони офат ишратангезем мо.

Синачокиҳо ба мазмуни сияҳбахтӣ бимонд,
Шонаосо бастаи зулфи диловезем мо.

Аз сиришки мо бувад рангинии гулзорҳо,
Дар фироқаш ҷойи ашк аз дида хун резем мо.

Ёфтам иқболу ҷоҳ аз пойбӯси макдамаш,
Тоҷбахши фарқи Кайковусу Парвизем мо.

З-ин тамошогоҳи ҳасрат бо суруду дарду оҳ,
Як қалам бо ёди қаддат нола мехезем мо.

Баъди мурдан месазад аз хоки мо райҳон дамад,
Баски Баҳҷат дар хаёли хатти ту хезем мо.

* * *

То маро шуд дар раҳат сирри муҳаббат раҳнамо,
Рафтам аз хешу ба савдои ту гаштам ошно.

Чашми махмури туро дар ғамза масти ноз дид,
Дар чаман наргис ба каф тӯмори ҳасрат кард во.

Чун хироми дар чаман машшота ёри навбаҳор,
Бар кафи поят зи хуни лола мебандад ҳино.

Боиси расвоии ман, моҳухсори ту шуд,
В-арна дар мулки ҷунун ман аз куҷо ишқ аз куҷо?

Сояи лутфи ту шоҳо, аз сари ман кам мабод,
Ҳоҷати Баҳҷат, зи даргоҳи ту мегардад раво.

* * *

Шаб, ки ҷӯши ашк дилро дар барам мино бидошт,
Аз тароватхонаам бо чашм сӯзанро бидошт.

Шаб, ки дар базми ту қонуни хамӯшӣ соз буд,
Аз забони ғунча тори нолаам мизроб буд.

Бақаророни ту ҳар ҷо базми айш оростанд,
Бодаи батоқатӣ паймона аз қаҳтоб дошт.

Дӯш, к-аз шамъи ҷамолаш синаам фонус буд,
Аз пари парвонаҳо кошонаам маҳтоб буд.

Бас, ки Баҳҷат дар сухан печида дар гулзори фикр,
Сунбули маънӣ ба ранги зулфи мисраъ тоб буд.

* * *

Чу шӯъла бастаи занҷири печутоби худам,
Чароғи барқаму равшан зи изтироби худам.

Хуш он ки дар сафи хубон нишаста бошию ман,
Назар кунам, ба ту нозам, ба интихоби худам.

Нарафтаам ба сарои касе, ки ҳар нафасе,
Нагуфтаам, ки ҳамон хонаи хароби худам.

Даме, к-аз оташи май чеҳра лолагун кардӣ,
Дилам бисӯхт зи бетоқатӣ кабоби худам.

Дар ин замонаи фонӣ надидаам Баҳҷат,
Касе, ки ғам барад аз дил, магар хитоби худам.

## МУХАММАСИ БАҲҶАТ БАР ҒАЗАЛИ МУШФИҚӢ

Тахайюрпарвари рӯйи туам, донистамат ё на?
Асири тори ғесуйи туам, донистаам ё на?
Гирифтори ду абрӯйи туам, донистаам, ё на?
Хароби чашми ҷодуи туам, донистаам, ё на?
–- –- — –- –- –- –- –- –- –- –- –- –- – –- — –- –-

Чу сунбул дар ҳавои турраат, ай гул, парешонам,
Ба ёди кокулат ошуфтагӣ гардид сомонам.
Саропоям ба ранги шамъ сад чок аст медонам,
Фитода ҷини зулфи саркашат дар гардани ҷонам.
Асири ҳалқаи зулфи туам донистаам ё на?

Ту гуфтӣ дар чаман баҳри тамошо дидаро бикшо,
Кушудам нахли қаддат бо санавбар буд, дар як ҷо.
Назар сӯйи санавбар кай фикандам, ай чаманоро,
Чу қад дилгаштае дидам, супурдам ҷони ширинро.
Ҳалоки қадди дилҷӯйи туам, донистам, ё на?

Дили Баҳҷат зи гул бе рӯйи ту озурда мегардад,
Танам бе шаҳди лаълат з-оби ҳайвон хурда мегардад.
Зи андоза нигоҳам сад чаман афсурда мегардад,
Ҳазорон гул ба чашми Мушфиқӣ пажмурда мегардад,
Гирифтори гули рӯйи туам донистаам ё на?

**ВОСИФ:**

Куҷо он бемуравват, ин ки фикри қатли мо дорад,
Ки дасташ аз латофат табъаи ранги ҳино дорад.

Аз он абрӯкамон ҷон чун тавон бурдан ба осонӣ,
Ки пайконаш чу маънӣ дар дили андешаҳо дорад.

Ба завқи он миён чун мӯйи оташдида печидам,
Ба мавҳуми фитам хосияти фикри расо дорад.

Ями миннаткаши шамъи риё бар моҳтоб ин ҷо,
Ҳамон аз тирарӯзӣ шоми ҳиҷрон дар сафо дорад.

Гуле бар сар назад аз нақш ё хоки шаҳиди ӯ,
Ғубори намсириштам ғабғаби ин муддао дорад.

Намедонам зи рух ошӯби савдои кӣ хоҳад шуд,
Ки Восиф ҳамнишинӣ дар дили саброзмо дорад.

**МУНСИФ:**
Булӯранпанҷа шӯхе теғ бар каф қасди мо дорад,
Ба даст аз ранги хуни ошиқони худ ҳино дорад.

Зи дунё даргузаштан чашм аз дунё бувад бастан,
Саге афтад, ба пушти кас нигоҳе дар қафо дорад.

Ба шамшерат наём аз захми дил мехостӣ рӯзе,
Магар теғаш зи хуни куштагоне дар ҳино дорад.

Бувад ҳар офат, ай шахси латофатдилнишини ман,
Вале ҳоли ту ҳамчун мардумак дар дида ҷо дорад.

«Ҷавоби ин ғазал Мунсиф, ки Накҳат нек мегӯяд,
Аз он мӯйи миён Накҳат, ҳанӯз умедҳо дорад».

**ШИҲОБ**:
Магар фикру хаёли бӯса лаъли ёрро дорад?
Ки тифли ғунча бар лаб дар чаман хуш рангҳо дорад.
Намояд панҷаи гулдаста нуқси ҷодаро ҳар дам,
Хироми сарви болое, ки гулшан зери по дорад.
Шудам дилдодаи тарзи хумори сурмагун чашме,
Ки гарди роҳи ӯро дида файзи тӯтие дорад.
Аз он рухсор то гул кард, найранги тамошое,
Ҳавас эҳсони фирдавсу навое пушти по дорад.
Надонам з-ӯ ба домони кадомин шӯълахӯ дасте,
Ки оташ бар сарангуштеву шамъи базми мо дорад.
Кушоди укдаи дил аз фалак ҳосил намегардад,
Ки аз моҳи нав ӯ дар даст як нохун бино дорад.

## ТОЛИБИ ИСТАРАВШАНӢ

Дар бораи Хоҷа Ибодуллоҳи Толиб маълумоти хеле кам ба даст дорем. Ҳаминаш маълум, ки ӯ дар соли 1714 дар гузари Эшонои ш. Ур-Теппа дар оилаи Қутбул ақтоб Хоҷа Мӯсо таваллуд ёфта, маълумоти ибтидоиро дар назди бобояш Маҳдуми Аъзам, Хоҷа Йусуфи Вазеҳӣ ва падараш Хоҷа Мӯсо гирифта, баъдан дар ҷамъомадҳои Маҳфили илмийу адабӣ ва ирфонии Хоҷа Мӯсо ширкат варзида аз устодони каломи бадеъи инҷо сарфу наҳви арабӣ ва илми шеъру шоирӣ омӯхта, таҳсили хешро дар мадрасаҳои Бухоро давом медиҳад. Баъди аз Бухоро баргаштан Толиб ҳамчун яке аз шоирони хушсалиқаи Доираи адабии Истаравшан шинохта мешавад. Шоирон ба ғазалҳои ӯ назира ва мухаммасҳо сурудаанд ва худи ӯ низ ҷавобияҳо гуфтааст.

Хоҷа Ибодуллоҳи Толиб аслан шоири ғазалсаро буда, маа Бедил низ шеърҳо гуфтааст. Ӯ дар зиндагӣ ҳамчун набераи Маҳдуми Аъзам ва фарзанди Қутбулақтоб обрӯйу эътибор ва нуфузи калон дошт.

Дар мавзеъи Ҷӯйкандак ва дар мавзеҳои дигар обу замини бисёре низ дошт, ки ба ин як қатор фармонҳои ҳокимони Уротеппа доир ба обёрӣ карда шудани заминҳои ӯ дода ҳам гувоҳӣ медиҳад.

Хоҷа Ибодуллоҳи Толиб дар айни камолоти эҷодӣ дар синни 77-солагӣ дунёро падруд мегӯяд. Қабраш дар назди мақбараи бобояш Маҳдуми Аъзам ва падараш дар мазори файзосори Сари Мазори Истаравшан воқеъ гаштааст.

Толиб шоири соҳибдевон аст ва девонаш дар дасти яке аз авлоди ӯ маҳфуз мебошад. Девон ғазалу мухаммасҳо, мустазоду мувашшаҳ ва рубоиҳои шоирро фаро гирифтааст, ки бештар аз 3500 байтро ташкил медиҳад.

Ғазалҳои Толиб нафаси гарм, салиқаи хуб ва гузашта аз ин салосату бадеияти дилписанд дорад. Намунае чанд аз ашъори ӯ ин ҷо манзур хоҳад шуд.

* * *

Аз хаёли қоматаш руҳи равон дорем мо,
Чашми ҳайрат аз ҷамоли рӯи он дорем мо.
Баҳ чӣ зулфайни мусалсал бар қади дилдори мо,
Умрҳо аз тори он занҷири ҷон дорем мо.
Аз ҳарими кӯи он моро магардон носиҳо,
З-он ки ин умри ҷавон з-он остон дорем мо.
Лахти хун шуд дил зи дарди меҳри гулрухсори ёр,
Лолаосо синаро доғи ниҳон дорем мо.
Қомати мо гашт хам аз хаҷри ӯ ҳамчун ҳилол,
Баски аз ёди ғамаш бори гарон дорем мо.
Лаб кушодӣ, Толибо, аз васфҳои он накӯ,
Қадри ҳар васфи ту меарзад, ки ҷон дорем мо.

* * *

Бе ту дар дида маро хору суман ҳарду якест,
Кунҷи зиндони хиёбону чаман ҳарду якест.
Мурдаву зиндаи ошиқ натавон ёфт ба ҳам,
З-он ки пироҳани ушшоқу кафан ҳарду якест.
Дар дилам буд таманнои ғамаш гашт насиб,
Чун нагардад дили ёру дили ман ҳарду якест.
Нони ҳасрат хӯраму ҷомаи ҳасрат пӯшам,
Гар ҳаминам ҳуришу пӯшиши ман ҳарду якест.
Зоҳиду барҳаман аз роҳи низоанд ду қавн,
В-ар ба ҳам сулҳ намоянд, сухан ҳарду якест.
Нест аз ҷон накунам фарқ чисон натвонам,
Ки чу шахси хирадат рӯҳу бадан ҳарду якест.
Сайди оҳуйи Хутан шуд дили Толиб, чи кунад,
Шакли чашми тую оҳуйи Хутан ҳарду якест.

* * *

Эй ки бе рӯи ту моро зиндагӣ бас мушкил аст,
Талхии рӯзи фироқат ҳамчу заҳри қотил аст.
Дар ғамат бигристам чандон, ки об аз сар гузашт,
Аз паят з-он рӯ намеоям, ки поят дар гил аст.
Эй ҳумои давлат, аз мо сояи худ во магир,
Сояи иқболи ту бар ҳар кӣ тобад муқбил аст!

Мо дар оби дидаи худ ғарқаи бахри ғамем,
Аз ғариқ, он кас чӣ донад, к-ӯ ба рӯи соҳил аст?
Ёр рафту бо мани Толиб ҳадисе ҳам нагуфт,
Ваҳ, ки то рӯзи қиёмат ин зи ёрам дар дил аст.

* * *

Аз каманди ҳалқаи зулфи ту берун дил намонд,
Оташи ишқи ту дар ҳар ҷост, подаргил намонд.
Хомӯшӣ фазл аст бар ганҷинайи асрори дил,
К-аз насими гуфтугӯ шамъе дар ин маҳфил намонд.
Барқсайрон дар биёбони фано бе ҷисму ҷон,
Ҷумлагӣ рафтанд, нақши пой дар манзил намонд.
Сорбонони муҳаббат борҳо бардоштанд,
Булҳавасро бори ишқ ҷуз волаи таҳмил намонд.
Толиб, овози ҷарас бар гӯши мо ояд зи дур,
Огаҳон бастанд бори ишқ, ҷуз ғофил намонд.

* * *

Муҳаббат дар дили саргаштагон беихтиёр афтад,
Ба сони оташи раъд ҳар куҷо беэътибор афтад.
Шикебойӣ маҷӯ аз хотири ошуфтайи савдо,
Ки садпора аз ин зарра чу бар санги мазор афтад.
Мабодо ашки хунолуди ман дар кӯйи ӯ резад,
Аз ин ҷо фитнаҳо бар мардумони он диёр афтад.
Куҷо ошиқ саломат ҷон барад аз таънайи ошиқ,
Ҳадиси ишқи ӯ дар маҷмайи аҳли хумор афтад.
Шарори шӯълайи меҳри ту пинҳон мекунам дар дил,
Зи ифшо оташе тарсам, ки дар ин кӯҳсор афтад.
Чи сон оворайи саҳро нагардам ман зи ишқи ту,
Ба ағёрон туро майласту к-аз мо ихтиёр афтад.
Ба канъони фироқат ҳарду дида хира шуд, аммо
Намеёбам дар ин ҷо ҳамдаме, то ғамгусор афтад.
Хамӯш аз ҳарзагӯӣ Толиби дидори ӯ бошӣ,
Ба назди аҳли маънӣ ин сухан кай эътибор афтад.

* * *

Хотирам ранҷ аз ҷафойи ёри бадхӯ мекашад,
Ё магар расм аст, ошиқ ҷабри дилҷӯ мекашад.
Доғи ҳаҷраш бар сарам афканда савдойи ҷунун,
Доманам девонасон ҳар кас ба ҳар сӯ мекашад.

Ҳар саҳар дар кӯҳсорон аз сабо нахчирҳо,
К-ин шамими зулфи анбарбӯйи ӯ бӯ мекашад.
Ҳар ки дорад орзӯи бандагӣ дар кӯйи ӯ,
Як рақам бар ҷабҳааш монанди ҳиндӯ мекашад.
Дӯш соқӣ мадҳи ӯ мекард, ин дам аз ҷафо
Пеши мо тори шикоят ҳамчу моку мекашад.
Чист боис гуфтам ӯ майли рақибон мекунад,
Доманашро гуфт ӯ аз зӯри бозӯ мекашад.
Эй насими васл, то кай ҷони ин шӯридагон,
Солҳо дарду алам аз фурқати ӯ мекашад.
Мекунад торочи мулки дил фиреби наргисаш,
Бар сари вомондагон теғи ду абрӯ мекашад.
Гум шавад ақли Фалотун дар фунуни ғамзааш,
Зеҳни сад Букротро аз сеҳри як мӯ мекашад.
Айби мо гирад чӣ зоҳид, Толибо, бингар кунун,
Нақди имони вуҷудаш куфри гесӯ мекашад.

* * *

Дар гулшан аз бедоди ӯ боди сабо бӯ мекунад,
Гул рӯй мешӯяд ба хун, шамшод гесӯ мекунад.
Дар зери ҳар шохи гуле биншаста мушкинкокуле,
В-аз рашки мӯю рӯйи ӯ гаҳ сӯи мо рӯ мекунад.
Бо ёди чашмат ҳар тараф як ҳурваш сӯзан ба каф,
Бар синайи ҳамчун ҳадаф тимсоли оҳу мекунад.
Гар сарв меорад бурун пеши ту даст аз остин,
Боди сабо чун дасти гул дасташ зи бозӯ мекунад.
Афтону хезон дар пояш ҳардам дили овораам,
Дандони море аз қадам хоре зи паҳлӯ мекунад.
Дар Мисри ҳусн аз рашки ӯ ҳар гӯша Юсуфталъате,
Лаб мегазад, хун мехурад, мавҷе ба рӯ, рӯ мекунад.
Дар раҳгузори зулфи ӯ дерест Толиб дар камин,
Гар пайкари боди сабо пироҳане бӯ мекунад.

* * *

Кашад сар бар фалак дуди фиғон аз қалби бекинам,
Малоик мекунад дар зери боми арш таҳсинам.
Ба рақс орам кавокибро зи оҳи синсасӯзи худ,
Кунад пайки сабо аз қиссайи ишқи ту талқинам.
Сар аз ҷайби ҷунун орам, бурун айбам макун зоҳид,
Вуҷуди сабри худ дар байзайи анқо ҳамебинам.

Зи сози мутрибон таскини дил ҳосил намегардад,
Агар шамъи рухи хуби ту дар маҳфил намебинам.
Фурӯғи маҷлиси Толиб рухи оламфурӯзи ӯст,
Наям девона, то ман дар таҳи маҳтоб биншинам.

* * *

Карашма нозуку лаб нозуку сухан нозук,
Зи фарқ то ба қадам ҳамчу табъи ман нозук.
Касе, ки дид баногӯши ӯ шабе дар хоб,
Наёмадаш ба назар барги ёсуман нозук.
Ба аҳди нозуки он лолазори узораш,
Гумон мабар, ки гули рӯят аз чаман нозук.
Ҳазор сӯзани ашкам фузуд з-ин мижгон,
Касе, ки бар тани ӯ дӯхт пираҳан нозук.
Накард ғамзаи Ширин ба тешайу алмос,
Ки лавҳи сангтарошии кӯҳкан нозук.
Чунон гудохта гӯши замона Толибро,
Ки мӯ ба мӯ шуда, чун табъи хештан норзук.

* * *

Зи ноистодагӣ ҳардам намояд ёр озодам,
Вале ман бандаам гар ӯ диҳад сад бор озодам.
Наям мурғе, ки гирди сар бигардонию бигзорӣ,
Бигардон гирди сар моро, макун зинҳор озодам.
На –з-ин сон гирди шаҳбози ғамат сайдам, ки натвонам,
Уқоби марг осон гардиш аз минқор озодам.
На дар қайди аносир мондаам з-ин ҷо зи гавҳар ҳам,
Ба ман пайвастаанд, аммо аз ин ҳар чор озодам.
Ба доми хештан чун анкабутон мондаам Толиб,
Магар аз худ кунам ҷоми дуйи саршор озодам.

* * *

Ба рӯзи гиря шикастам дил ба домани мижгон,
Либоси хуни ҷигар дӯхтем бар тани мижгон.

Зи оби дидаи мо нарм гашта санг ба навъе,
Ки захми шиша тавон дӯхтан ба сӯзани мижгон.

Хаёли наштари он ғамза чакид ба чашм,
Намонд гавҳари носуфтае ба махзани мижгон.

Ба карбалои ғамат аҳли дод дар дили ҳасрат,
Ба ранги хуни шаҳидон дамад зи гулшани мижгон.

Туроcт шоҳид чашме, ки гоҳам ҷилваи хубе,
Ба абрувон занадаш бӯса тарфи домани мижгон.

Ба ҷустуҷӯйи ту ҳардам биёйӣ дидаи Толиб,
Дам аз шикастани наштар занад шикастани мижгон.

* * *

Ғайри ман чун ман ҳама шайдои гулрухсори ту,
Дар гулистони ҷамолат ҳамчу булбул зори ту.
Фурқати васлат надорад тоқати тоби дилам,
Кас мабод ҳаргиз ҷудо аз лаззати дидори ту.
Расми найранге, магар дорад ду чашми пурфанат,
Мебарад дилро ба афсун наргиси маккори ту.
Ваҳ чӣ равнақ ёфт нархи ҳусни ту аз ошиқон,
Ҷон баранд аз баҳри васлат бар сари бозори ту.
Аз лабат ояд ҳаёти тоза андар ҷони ман,
Гар бинӯшам шарбате, з-он лаъли шаккарбори ту.
Ҷон дамад аз зери пои нози ту аз ҳар тараф,
Ҳар замон бо ҷилва ояд, қадди хушрафтори ту.
Нестам, Толиб, ба ҷуз як бӯсае з-он ғабғабат ,
Чун шавам созӣ ато, ин хастаи афкори ту.

## МУХАМАСҲО

Эй сарви хиромон қаду болои ту нозук,
Дар боғи ҷаҳон ғунчаи дебои ту нозук.
Бурқаъ бикушой рухи зебои ту нозук,
Аз ҷилваи товус адоҳои ту нозук.
Аз савсани тар наргиси шаҳлои ту нозук,

Ҳар вақт равӣ маст ба майхона ғазалхон,
Помоли ҷамоли ту шавад орази хубон,
Ҷонро чи кунам ман ба сару пойи ту қурбон,
Пурнур зи акси ту бувад орази хубон,
Аз кабки хиромон чу таманнои ту нозук.

Вобаста манам бо қади дилҷӯи ту, лекин,
Хам гашта қадам бо хами абрӯи ту лекин,
Шуд риштаи ҷон баста ба ҳар мӯйи ту, лекин,
Дил гашта гирифтори ду гесӯи ту, лекин.
Ман зор бинолам зи ҷафоҳои ту, нозук,

Ҳар вақт равӣ маст ту бар ҷониби гулшан,
Хезад ба тамошои рухат лолаву савсан,
Сад қофиларо лашкари мижгони ту раҳзан,
Чашми маҳу хуршед ба дидори ту равшан,
Эй шӯхи паричеҳра, адоҳои ту нозук.

Овозаи рӯйи ту ба мулки Яман афтод,
Аз рашки рухат гул ба канори чаман афтод.
Аз шавқи лабат ғунча ҳам аз пираҳан афтод,
Аз рӯйи ҳаё лаъл ба дашти яман афтод,
Аз нозукӣ, эй шӯх ҳама ҷойи ту нозук.

Доим ҳаваси субҳи биногӯши ту дорам,
Як бӯса аз он лаъли шакарҷӯши ту дорам,
Як шаб тамаъ, эй моҳ, зи оғӯши ту дорам.
Пинҳон зи рақибон шуда майнӯши ту дорам,
Лекин чи кунам, тарзи равишҳои ту нозук.

Сад доғ ба дил дар ғамат, эй шӯхи дилором,
Моро зи ту кардаст ҷудо гардиши айём.
Бе ту набувад зиндагие бар мани ноком,
Мурдам зи аламҳои ту, эй дилбари гулфом,
Аз бодаи ҷаннат майи минойи ту нозук.

Дар боғи ҷаҳон сарви қадат ҷилвагар афтад,
Ҷамъе зи нигоҳат шуда масту ба сар афтад.
Баъзе зи майи васли ту ҳам бехабар афтад,
Халқе зи ғамат нолакунон дар ба дар афтад,
Аз ҷоми Ҷам ин нашъаи саҳбойи ту нозук,

Ҷӯши шакар аз ғунчаи хандони ту гардад,
Озурда дили новаки мижгони ту гардад,
Толиб зи қади сарви хиромони ту гардад.
Маъроти ҷаҳон орази тобони ту гардад,
Аз тӯтии фирдавс адоҳои ту нозук.

* * *

Ту барқи оташе дар ҷони ман андохтӣ рафтӣ,
Мани бечораро девонаи худ сохтӣ, рафтӣ.
Ба фавҷи лашкари ишқат диламро тохтӣ, рафтӣ,
Ғарибони дуогӯро чаро партофтӣ, рафтӣ.
Нигоҳи маҳрамомези ту охир офати ҷон шуд.

Бикун афтодагонро дастгирӣ аз сарат гардам,
Ба қатли мо кунӣ ҳардам далерӣ аз сарат гардам,
Худат ҳам подшоҳу ҳам вазирӣ аз сарат гардам,
Илоҳо то ҷаҳон бошад, намирӣ, аз сарат гардам,
Намо раҳме ба ҳолам хотири ҷамъам парешон шуд.

Ғарибу оҷизам, бечораам афтода дар кӯям,
Ки то ҷон дар бадан дорам, манам, эй маҳ, дуогӯят.
Ба уммеди сабо орад насим аз сунбули мӯят,
Куҷо рафтӣ, ки бинам шаммае аз гулшани рӯят.
Зи дарди ишқи ту корам ҳамеша оҳу афғон шуд,

Биё, баҳри Худо, эй шӯх, лутфе бо ғарибон кун,
Ҳамон рухсори зеборо ба сӯйи мо дурахшон кун,
Ба мо бечорагон лаъли лабатро гоҳ хандон кун,
Закоти ҳуснро бо муфлисони хеш эҳсон кун,
Дили пажмурдае дорам асири нози хубон кун.

Тамоми ошиқонат симу зар доранд, медонам,
Либоси қимате ҳар як ба бар доранд, медонам.
Ба тарзи худ ҳавои карру фар доранд, медонам,
Зи ҳоли Толиби бе зар хабар доранд, медонам.
Зи хоки поят, эй барно, зиёратгоҳи тобон кун,

# МОЙИЛИ ИСТРАВШАНӢ

Мулло Бобоҷон мутахаллис ба Мойил дар соли 1770 дар оилаи шахси косиби донишманд дар гузари Султоно таваллуд ёфта дар мадрасаи Хоҷаҷон таҳсил намуда дар яке аз мадрасаҳои Самарқанд хонда онро ба муваффақият ба охир расонидааст. Ӯ дар овони ҷавониаш ҳамчун шоири зукко шинохта мешавад. Ба хатми мадраса ба фарди камбағал ва азиятдида табдил меёбад. Ҳамеша аз замони пурталотум ва ҳунини хеш менолад ва аҳли зулму истибдод ва истилогарони яғмогарро бе ҳеҷ гуна тарсу ибо зери тозиёна гирифта сахт танқид мекунад. Мойил афкори исёнгар ва ҳақиқатнигор дорад. Дар соли 1816 маҷбуран ба Хӯқанд кӯчонида шудани доираи адабии Истаравшан ва асири сарпанҷаи зулм гардидани ҳамватанону ҳамқаламонаш ба Мойил сахт таъсир карда будааст, ки баъди ин сар ба гиребони тафаккур печида, ба худ менолад ва исёни ботинии асарҳояш нисбат ба душман нафратовар аст.

Мойил соҳибдевон аст, вале девонаш то ин дам ба даст наомадааст. Ин ҷо аз чанд ғазали аз баёзҳои қаламии дар тобеъияти Ур-Теппа навишта бояд гуфт, ки Мойил шоири ашъори ишқӣ аст. Қаҳрамони лирикии ӯ шахси ҷафодида, дасткӯтоҳ, вале қавирода ва вафодору садоқатманд аст.

Сарсарӣ аз даври гардун хостан ҷузви тан аст,
Ҳамчу мо аз паҳлуи худ ҳар киро болидан аст.
Дур аз марказ магар ҳақ шуд, зи гардишҳои чарх,
Пой сар гардид, сарҳо по, гиребон доман аст.
Чанд бояд зистан ғофил дар ин мотамсаро,
Зиндагии хизри раҳ оби ҳаёти мурдан аст.
Ҷоми огоҳӣ ба даст овар, мабин айби касон,
Сархуши марҳун[6] ба гирди ҳоли худ гардидан аст. .
Аз ҷиҳоти вусъатободи ҷаҳони бесубот,
Роҳати ҷовид хоҳӣ, гӯшае бигзидан аст.
Дар тавофи хонаат дил шав, биёбонмарги шавқ,
Каъбае гар ҳаст Мойил, дил ба даст овардан аст.

---

[6] Марҳун-гаравкашида

* * *

Маро бар сар ҳавои он гули баҳман барафтода,
Таманнои баҳори хотир аз гулшан барафтода.

Дуболо наъша иншо мекунад ҷоме, ки менӯшам,
Зи акси ӯ магар акси лабаш дар соғар афтода.

Ба рӯи об дур аз моҳи рухсораш чи сон оям,
Зи бахти бад маро дар оби ҳасрат ахтар афтода.

Бале, дар зулмати шаб мефизояд нур оташро,
Саводи ҳусн бар шаъми рухаш равшантар афтода.

Гули наврас гузорӣ дар бағал гул мекунад, Мойил,
Ба даврони рухаш чун зулф печонтар барафтода.

* * *

Дил хун шуда аз шикваи атвори ҳурофот,
Тоқат набувад дидани дидори ҳурофот.

Оё ба Шумо ҷони Шумо қадр надорад,
Дар кашфи Шумо ҳалқа зада мори ҳурофот.

Бо ҳилаву афзун ҷигари санг шикофад,
Ин гуна бувад одати атвори ҳурофот.

Хоҳӣ, ки ба суди ту зиёне нарасад ҳеҷ,
Зинҳор марав дар сари бозори ҳурофот.

Деҳқон, ки ба ранҷурӣ расонд донаи гандум?
Нохӯрда равад дар таҳи минқори хурофот.

Зоҳид, ки ба болини фароғат зада такя,
Гардад кафанаш ҷомаву дастори ҳурофот.

Инҷо ки ҳақиқат шаҷари хеш фишонад,
Сӯзад ҳамаи хонаву девори ҳурофот.

Инсофкунон, фикркунон чашм кушоед,
То кай ба Шумо заҳмату озори ҳурофот.

Муздур, биёву табари илм ба каф гир,
Он гоҳ бибур панҷаи беори ҳурофот.

* * *

Чашми шерафкан ғизолаш айб бар оҳу гирифт,
Дурҷи гавҳароби лаълаш хурда бар лӯълӯ гирифт.
Накҳати зулфи муанбар мушкбораш чун шунид,
Нофа дар нофи ғизолон аз ҳиҷолат бӯ гирифт.
Гулшани фирдавсро дар тоқи кайвон во гузошт,
Ин дили девона то ҷо бар сари он кӯ гирифт.
Ҳайрате дорам чу дидам холи мушкин бар лабаш,
Аз чи рӯ бар тарфи Кавсар ҷойи ин ҳиндӯ гирифт.
То зи тоби май шукуфт он орази рангин ба боғ,
Дар ҳарими хилвати ҳар ғунчагулҳо бӯ гирифт.
Мунқалид рое, ки гоҳе лутф месозад итоб,
Моил осон кай тавонад хӯ ба -д-он бадхӯ гирифт.

* * *

Ба фикри печутоби турраи мушкини тарсое,
Гирифтам чун бараҳман оқибат кунҷи калисое.
Ба дил чун шона чандин нохуни тадбир бишкастам,
Нашуд як укда боз аз халқаи зулфи сумансое.
Шабе бо сад ҳиҷолат арзи ҳоли хеш мегуфтам,
Саре дар пойи бут бинҳода мекардам таваллое.
Ба нонах рохро бикшоду чашмаш дид аҳволам,
Кушод аз касраи ибрат забони таънаосое.
На дар дин устуворона, ба куфр оғушта кай дорӣ,
На дар масҷид туро маскан, на дар бутхона маъвое.
На чун дар мактабе бо ҳақ на иқроре ба бут дорӣ,
Надидам дар ҷаҳон монанди ту алқисса расвое.
Ба ҷаҳл аз Каъбаву бутхона гаштам оқибат берун,
На бо куфр ошное бар мусулмони мадорое.
Надонам рӯзи маҳшар аз кадомин қавм бархезам,
На домоне намозӣ, не ба ҷурм оғушта аъзое.

## ЗОЕЪИ ИСТАРАВШАНӢ

Зоеъи Истаравшанӣ дар охирҳои асри ХУIII дар гузари Дарвозаи Боло дар оилаи косиби дегрез таваллуд ёфт. Ӯ бародари шоир Абдулазизи Азиз мебошад. Бо амри волидайн аз овони хурдсолӣ ба омӯхтани илму фарҳанг шурӯъ кард. Баъди мутолиаву аз бар кардани шеърҳои дилхоҳаш аз девонҳои шоирон Саъдию Ҳофиз, Камолу Бедил ва чанди дигар ба ӯ майлу хоҳиши шеъру шоирӣ пайдо шуд.

Баъди хатм намудани мадрасаи Гунбади Сабзи Истаравшан ҳамчун шоиру донишманд шӯҳрат ёфт.

Зоеъ ба чандин ғазалҳои шоирон Ҳофизу Бедил ва шоирони муосираш, аз ҷумла, ба як ғазали сардори Доираи адабии Истаравшан Сайидғозӣ Хоҷаи Нола мухаммас бастааст. Дар навбати худ баъзе ҳамқаламонаш ва шоирони минбаъда, аз ҷумла, шоир Мирзо Азими Мақбул ба шеърҳои Зоеъ мухаммас бастаанд.

Зоеъ дар соли 1837 дар синни 83-солагӣ вафот кард. Қабраш дар Мазори мардумони Истаравшан воқеъ аст.

Девонашро ба даст надорем. Аз мероси адабии ӯ чанд ғазале пайдо кардем. Шеърҳои Зоеъ оҳангу тамоили халқӣ доранд. Ҳамафаҳманд. Ба замми ин ашъори Зоеъ бағоят равону ширин ва хушоҳанг мебошанд. Шеърҳои ӯро ҳофизони машҳури истаравшанӣ Ҳазратқул, Ҳофиз, Зебопарии Худойбердӣ ва Абдуқодири Ҳофиз оҳанг баста мехонданд. Мероси адабияш кам ба даст омада бошад ҳам ками пурқимат аст. Ӯ дарди дилу ғаму андӯҳ, ишқу ҳаваси заҳматкашон ва ғарибу бечорагонро месарояд. Инак чанд намуна аз ашъори ӯро манзури хонандагони азиз мегардонем.

Зиҳӣ хубе, ки бигрифта зи рӯи худ ниқоб имшаб,
Зи шавқат бар дилам омад ҳазорон печутоб имшаб.
Маҳи нав аз хиҷолат рафт зери абр пинҳон шуд,
Биёмад ногаҳон дар кулбаам он моҳтоб имшаб.
Ба рафтори қудумаш сарвро чун мунфаил созад,
Баромад ҳар нафас аз лаъли ӯ мушки гулоб имшаб.
Бурун аз хона шуд дар ҳар замон он сарви хушрафтор,
Ба зери арз пинҳон кард ҳуснаш офтоб имшаб.

Чӣ бедодӣ, ки як раҳ, ҷониби мо илтифоте не,
Ғарибам, дардмандам, бекасам, ҳолам хароб имшаб.
Алам то кай, ситам то кай, туро нодиданам то кай?
Ки нохамдиданам то кай, ки бо чашми хароб имшаб.
Шудам Зоеъ зи ишқи он париваш масти лояъқил,
Зи беҳушӣ ҳамебинӣ бизан чангу рубоб имшаб.

* * *

Шудам маҷнуни саргардон аз ишқи гулрухон имшаб,
Сари худ мондаам акнун ба зери остон имшаб.
Зи ҳаҷраш синабирёнам, зи дардаш дидагирёнам,
Шуд ахгар ин дилу ҷонам, занам оҳу фиғон имшаб.
Нарафт аз дида ин хобам, намонда заррае тобам,
Куҷо шуд дурри ноёбам, зи дида шуд ниҳон имшаб.
Ҳама шаб то ба субҳ аз нолаву зорӣ наям фориғ,
Магар раҳме намесозад ба ман абрӯкамон имшаб.
Таманно доштам чандон, ки аз наздам нахоҳад рафт,
Ба хони дигарон гардида охир меҳмон имшаб.
Назар ҳаргиз накард бар ҳоли зор он золими бадхӯ,
Кунун ин фикри кори худ чӣ созам дӯстон, имшаб?
Гули ман, булбули ман, тӯтийи ман, зеби боғи ман,
Шунав ин арзи ҳолам, аз ғамат ранги хазон имшаб.
Маҳи ман, кавкаби ман, нури чашми, ман, чароғи ман,
Биё бар назди ман, эй қумрии ширинзабон имшаб.
Зи дида оби ҳасрат ҳар замон бар рӯй мерезад,
Кунам ин дарду доғи хеш як дам достон имшаб.
Равам бар ҷониби саҳро, шавам ман гирдбод охир,
Суроғе ёбам аз он лаълии номеҳрубон имшаб.
Чӣ кардам ман, чӣ дидам ман, чӣ гуфтам аз чӣ ранҷидӣ,
Бигӯ аҳвол бар ман зуд, эй ороми ҷон, имшаб.
Шабе бедор биншастам, ки бинам рӯи зеборо,
Фиғону нола пайдо шуд зи тарфи осмон имшаб.
Саги кӯят шудам Зоеъ, зи мастиҳо наёсудам,
Ба баҳри ғам фурӯ рафтам, ки беному нишон имшаб.

* * *

Эй фалак кардӣ ба ман ҷавру ҷафоро беҳисоб,
Қоматам гашта дуто, дорам ба дил сад печутоб.
Аз ғаму аз фурқату аз ҳаҷри он симинбадан,
Ҳар саҳар нолам, бигирям, оҳ шуд, ҳолам хароб.

Бе висолаш як даме ин зиндагонӣ мушкил аст,
Зиндагӣ бар ман аҷаб тангу надорам, ҳеҷ тоб.
Зери бори ғам шудам помол ҳамчун хоки роҳ ,
Ҳолате дорам, ки ман, эй дӯст, бо ранҷи итоб.
Нола месозам чу булбул доимо ҳар субҳу шом,
Эй гули наврастаам, бинмо ҷамолатро ба хоб.
Васли ҳиҷрат шуд баробар бо мани дилсӯхта,
Ошиқи дилхаставу бехонумонатро биёб.
Бар ман он аҳли хирад гуфто, ки доим сабр кун,
Сабрро сабре намонду ин дилам гардид хароб.
Як табассум ҳар замон он шӯхи бепарво накард,
Мурдаму нобуд гаштам зери по ҳамчун шароб.
Дар гулистони висолат тӯтии ҷон дар хурӯш,
Нолиши шабҳои торам кард ин ҷигар кабоб.
Гоҳ-гоҳ аз хона берун омадаш-он сарвиноз,
Аз нигоҳи ӯ ҳиҷил гардид доим офтоб.
Эй хуш он рӯзе, ки дар пешам нишастӣ ҳамчу шамъ,
Гоҳ бияфкандӣ зи ду рухсораи хубат ниқоб.
Доғ шав эй тан, ки боз омад ба сар савдои ишқ,
Сад гиребон чок созад гӯй бо дилбар ҷавоб.
Раҳм кун бар ҳоли зорам, эй бути ширинсухан,
Зоеъи дилхастаи бечора бо чашми пуроб.

* * *

Ман меравам ҳар ними шаб дар кӯи ҷонон борҳо,
Печида тори зулфи ӯ дар гарданам зуннорҳо.
Ҳар шаб ба хоби нози ӯ нолон шуда ман то саҳар,
Чун истода бар дараш бо дидаи бедорҳо.
Дар ишқи ту гирён шавам, бо синаи бирён шавам,
Бо рӯи ту ҳайрон шавам, дар кӯчаву бозорҳо.
Як шаб туро дидам ба хоб, эй маҳваши номеҳрубон,
Гаҳ хандаву гоҳе итоб, гаҳ медиҳӣ озорҳо.
Номат чу хуштар аз асал, вирди забонам то ба ҳашр,
Лекин зи заҳр бадтар бувад ҳам сӯҳбати ағёрҳо.
Сад оҳ, сад афғон кунам, аз ҳаҷри он гулпираҳан,
Садпора созам ҷайби худ, барҳам занам дасторҳо.
Он дам, ки бинам рӯи ӯ ларзида ҳар аъзои ман,
Мегашт то зоҳир нафас чашмони пурхумморҳо.
Дилдода бо ӯ фикр чист? Акнун чӣ навъ созем зист?
Ин роҳ охир рафтанист аз назди он дилдорҳо.

Ҷабру ҷафоро боз кард, зулму ситам оғоз кард,
Охир маро ғаммоз кард, ин дидаи хунборҳо.
Гашта зи кирдорам ҳиҷил, карда чу ҷони худ сабил,
Гардида доим мунфаил, аз феълу аз кирдорҳо.
Ман Зоеъи саргаштаам, бо дарду ғам оғуштаам,
Дар роҳи ту биншастаам доим ба ин атворҳо.

* * *

Кунун, эй дӯстон з-ин балда беному нишон рафтам,
Зи ҳаҷри он парӣ бо нолаву оҳу фиғон рафтам.
Диле дорам ба гулрӯе, ки доим нест парвояш,
Мисоли булбули шӯрида дар ҳар гулситон рафтам.
Аз ин ғурбатсаро ҳаргиз начидам як гули мақсуд,
Надида ҳеҷ хурсандӣ бо боди хазон рафтам.
Бутонро нест меҳре, то ки гӯям қиссаи ҳиҷрон,
Ба сӯзи сина ҳар лаҳза зи чашми нотавон рафтам.
Ба дарёи муҳаббат ғута хӯрдам мисли он Маҷнун
Ки сабре кардаму дарди ғамаш дар дил ниҳон рафтам.
Ба афсӯсу надомат солҳо бигзашт умри ман,
Накарда ҳеҷ кори хайр охир аз ҷаҳон рафтам.
Шудам девонаи Маҷнун биёбонгарди ишқи ӯ,
Ба зери остонаш доимо чун посбон рафтам.
Бигуфто зуд шеъре гӯй аз аҳволи зори худ,
Ба сад дарду ғам аз назди ту, эй ширинзабон, рафтам.
Диламро орзу бисёр буд, аммо нашуд ҳосил,
Зи дасти ҷабру зулми дилбари номеҳрубон рафтам.
Ҳазорон кулфату андӯҳ бар сар доштам чандон,
Валекин бо ту ногуфта чунин ё ки чунон рафтам.
Шабам торик рӯзам низ ториктар шуд аз зулмат,
Даме он феъли хешонро накарда имтиҳон рафтан.
Ғарибу мустаманду зору ҳайрон Зоъеи бадкор,
Зи гуфтугӯи мардум ман ҷудо аз дӯстон рафт.

* * *

Эй дӯстон, ба ёрам аз ман хабар нависед,
Ҳоли хароби мо бар гулбарги тар нависед.
Ғамро агар нависед бар сафҳаи дили ман,
Бисёр дилфигорам оҳистатар нависед.
Дарди дили ғарибон, бо синаҳои бирён,
Бо дидаҳои гирён, хуни ҷигар нависед.

З-ин шаҳр рафтанамро, аз ҷабри он санамро,
Аҳволи мурданамро, навъи дигар нависед.
Шабҳо зи дард нолам, ҳаргиз набуд маҷолам,
Ин сӯзу ҳасби ҳолам, бо бому дар нависед.
Арзи маро нависед бо ёри меҳрубонам,
Бо нолаҳои зору бо чашми тар нависед.
Назди ғарибаш имрӯз, як бор омаду рафт,
Дарди фироқи ӯро шому саҳар нависед.
Аз дур диданашро, оҳанги рафтанашро,
Раҳме накарданашро, бо симу зар нависед.
Шаб то ба рӯз мегуфт аҳволи зори худро,
Аз Зоъеи гунаҳкор бо ӯ хабар нависед.

## КӮЧАКИ УР-ТЕППАГӢ

Ба исмаш тахаллус кардааст. Дар бораи ин шоир маълумоти хеле кам ба даст дорем. Аз рӯи гуфтаи абераи шоир Қорӣ Бурҳониддин Истаравшанӣ (холо шодравон аст), Кӯчак тақрибан дар солҳои сивуми асри ХУIII дар гузари Масҷиди Сафеди ш. Ур-Теппа дар оилаи шахси фозили косиб таваллуд ёфта, як умр инҷо зистааст. Кӯчак падари шоири машҳур Ҳоҷӣ Муҳаммади Шаҳдист. Шоир Нодими Истаравшанӣ низ набераи Кӯчак мебошад. Кӯчак мисли падараш як умр ба касби ҳалвогарӣ шуғл варзида аз касбаш хеле кам баҳра бурдааст, дар ин хусус худ мегӯяд.

Кӯчако, умр ба ҳафтод расид,
Солҳо кафча задӣ ҳалво ку?

Маълум мешавад, ки Кӯчак беш аз ҳафтод сол умр дида будааст. Девон доштанаш маълум нест. Ғазалҳои ӯ дар баёзҳои тобеъи Ӯр-Теппа низ во нахӯрдаанд. Ин байти ӯро ба туфайли шоирон Шаҳдию Нодим ва тахаллуси Кӯчак овардем, ки шояд ягон рӯз девони ӯ ё худ намунаҳои ашъораш пайдо шавад.

## АҲРОРИ ИСТАРАВШАНӢ

Аҳрор бо номи худ тахаллус кардааст. Ӯ дар соли 1807 дар гузари Хоҷа Фахриддини Истаравшан дар оилаи шоири маъруф Султонхони Адо тавлид ёфта, дар назди волидайни хеш илми ибтидоӣ ва қоидаи шеъру шоириро меомӯзад. Ҳамроҳи падар ба шабнишиниҳои Доираи адабии Истаравшан ширкат варзида хӯшачини хирмани маънии бузургон мегардад.

Аҳрор аз хурдсолиаш ба навиштани шеър ҷуръат намуда дар ин ҷода зафарёб мешавад. Ҳангоми ба Хӯқанд кӯчонида шудани Доираи адабии Истаравшан ҳамроҳи оилаашон ба дарбори хони Хӯқанд Умархони Амир (1810-1822) муддате зиндагӣ ва эҷод мекунад. Аҳрор дар Хӯқанд дар Мадрасаи Хон таҳсили хешро давом дода дар омӯзиши илмҳои расмии замона боиси ибрати муллобачаҳо мегардад. Ӯ ба хурдсолиаш нигоҳ накарда ба назирагӯиҳои шоирони дарбор ҳамроҳ шуда ба ду забон-тоҷикӣ ва туркӣ ғазал месарояд, ки Фазлии Намангонӣ ду ғазали ӯро дар тазкираи хеш «Маҷмӯатушшуаро» ҷой дода, чунин муаррифӣ мекунад.

Ба нав шоири зери чархи кухан,
Надидам чу Аҳрор мавзун сухан.
Ба ин хурдсолӣ ба боғи хаёл,
Гули фикри ӯ дода бӯи камол.
Ба ин як ғазал гар гуморӣ назар,
Шавӣ огаҳаш аз камоли асар.

Дар хусуси ҷараёни минбаъдаи ин шоири хурдсол маълумоте дар даст надорем ва девонаш ҳам дастрас нашудааст. Баъзе ғазалҳояш дар баёзҳо ва радифулашъорҳо вомехӯрад. Ин як ғазал аз намунаи мероси адабии ӯст:

Пардаи чашмам чу барги гул шуд аз хуноб сурх,
Баски аз кӯҳи дилам меояд аз селоб сурх.
Хастагиҳоям зи ҳаҷри рӯи оташноки кист,
Набзам ангушти ҳакимон кард чун унноб сурх.
Хуни дил чандон ба ҳаҷри гулрухе аз дида рафт,
Лола мерӯяд ба кӯҳу дашт аз ин хуноб сурх.

Зулфи мушкинаш сияҳ хатти зумурадранги сабз,
Дурри дандонаш сафеду лаб чу лаъли ноб сурх.
Чашми мижгонаш ба ин хунрезии тири худанд,
Теғи фӯлод аз ҳиҷолат мешавад бетоб сурх.
Бетақозо меравад дар ҳасрати мафтунлабе,
Ашкҳо аз дидаи Аҳрор чун хуноб сурх.

* * *

Мани беқарор диёрни кӯз мардуми кӯрур,
Бегонадур кӯнгул, ки анине кунидадур.
Бошимга келди рост туруб чекти теғи нор,
Ултур десам бу шӯхни ултурмай улдурур.
Оҳим ки ул қуёш юзидин парда чекмали,
Ваҷҳи бу ким ниқебсиз оламни куйдурур.
Навхатлари хатбери ошиқлар оҳидин,
Ваҳм эт нигор телба кунгул билмай урур.
Маҷнун, Кӯҳкан икови булҳавас экан,
Ошиқдур улки ишқини кунглида ёшурур.
Хонлар шаҳи ғазо учун отланса хони Чин,
Ҷисмида ҷоно куркушидин томури курур.
Дилдор деди ҷонингин кӯр ё ки манга бок,
Аҳрор кӯзи ҷонини қуюб анго телмурур.

## ХОҶА АБДУРАҲМОН

Бо тахаллуси Таслим шеър гуфтааст. Ӯ дар гузари Боботағои Валӣ дар соли 1769 дар оилаи шахси донишманди комил таваллуд ёфта, баъди гирифтани маълумоти хонагӣ дар мадрасаи Хоҷаҷон таҳсили худро давом додааст. Таслим бародари шоир Ҳусайнхоҷаи Хиҷлат мебошад. Ин ҳар ду бародарон нисбат ба орифи машҳури Истаравшанӣ Мавлавӣ Шоҳҳусайн доранд. Таслим низ аз қабили шоирони хушсалиқаи Доираи адабии Истаравшан аст. Таслим ҳам мисли бародари шоиру хаттоти машҳури асирафтода то ба дарбори хони Хуқанд рафта буд. Шоири дарбор Фазлии Намангонӣ ба даҳойи шоирӣ ва насаби Таслим чунин менигорад:

Ба фанни сухан он накӯэҳтимом,
Ки омад писандидаи хосу ом.
Бувад найири осмони шараф,
Музайян аз ӯ дудмони шараф.

Таслим чи дар Доираи адабии Истаравшан ва чи дар Доираи адабии Хӯқанд ба обрӯ ва эҳтироми калон соҳиб буда унвони Хоҷа Калон дошт. Девон доштааст, вале то замони мо нарасидааст. Ашъораш дар баёзҳои қаламии ба даст омада хеле кам вомехурад. Шеърҳояш асосан ишқӣ буда, дар баъзе газалҳояш аз дасти замонаи бемурувват ва фалаки каҷрафтор шикоят мекунад ва аҳли зулму истибдод ва ашхоси ноинсофро мазаммат ва тамасхур менамояд. Ин ғазал аз ӯст.

Ба қайди зиндагӣ афсурда гаштам то куҷо вофир,
Тилисми худсарӣ бишкан биё, аз худ баро вофир.
Пайи таъмири обу ранги шабнам нест дар гулшан,
Ба ҳоли хандаи гул гиря меояд маро вофир.
Нигоҳи ҳарзатозат марҳами нақши қадам гардад,
Шукӯҳи салтанат бе сояи боли Ҳумо вофир.
Шикасти ранг ҷӯши ашки мавҷи изтироби дил,
Наям танҳо зи файзи ишқ дорам ошно вофир.
Ҳуҷуми бенавоён бар сари кӯят аҷаб набвад,
Бале бар остони мунъимон бошад гадо вофир.
Таамул кори мо ошуфтагони вақт намехоҳад,
Ба зулфи мо назар гар во кунӣ аҳволи мо вофир.

## РАИСИ УР-ТЕППАГӢ

Номаш Бобокалон ва амалаш муҳтасиб. Бинобар он Раис тахаллус мекардааст. Раис дар таърихи адабиёти нимаи аввали асри XIX-и тоҷик ҳамчун шоири хирадманди озода ва табъи расо дошта шинохта шудааст. Ғазалҳои рангинадояш дили пиру ҷавонро ба ҷӯш ва хурӯш меоварда аст. [1]

Молу мулки Раиси аз тарафи хони Хӯқанд Умархон (1810-1822) асир карда оварда шуда тамоман тароҷ гашта будааст.

[1] Фазлии Намангонӣ «Маҷмуат-тушшуаро “чопи Тошканд соли 1900. Саҳ 444”.

Ӯ дар кӯи ғарибӣ ва тангдастӣ ба ғаму кулфат дода шуда аз ҳаҷри ёру диёраш сӯхта афгор мешавад. Аз номусоидии замону бекадрии инсон ва бераҳмии хону амалдорон вай ба дод омада шикваҳо мекунад. Охирон дар дарбор тоқаташ тоқ гардида ғазали зайлро навишта аз Умархон хоҳиш менамояд, ки ӯро ҷавоб диҳад то ки ба зодгоҳаш баргардад:

Ман кистам мусоҳиби андӯҳу кулфатам,
Бо дард ҳамнишинаму бо дард улфатам.
Будам қарини айш ба сарвақти хештан,
Бишкаст санги тафриқа саҳбои ишратам.
Бо вазъи ман замона чу бигзашт дар Ватан,
Афканд аз диёри худ охир ба ғурбатам.
Ногаштаам ҷудо зи ҳавои диёри хеш,
Гум шуд баҳори гавҳари бо қадру қиматам.
Ғурбат сафед кард чу мӯ устухони ман,
Хам шуд зи бори ин ғами андӯҳу меҳнатам.
Роҳи савоб баста шуд аз шаш ҷиҳат, валек
Дорам умеди марҳамат аз лутфи ҳазратам.
Будам Раису иззати бисёр доштам,
Биншонд ҳодисот ба хоки мазаллатам[7]

Чунон ки маълум шуд, шоир дар ин ғазалаш дарди ҳиҷрон, ғаму андӯҳ ва орзую ҳаваси асирони Истаравшаниро дар шахси худ сурудааст. Ин хоҳиши Раисро хон ба ҷо овард ё не, маълум нест. Дар ин бора Фазлӣ ҳам хомӯш мондааст, дар бораи Раис дигар сухан наронда ва дар китобаш дигар ғазалҳои ӯро ҷой надодааст. Умуман гирем, Фазлӣ дар китобаш танҳо ҳамин як ғазалро дохил кардаасту халос. Аз худи ҳамин факт ҳам маълум мешавад, ки Раис ба диёраш баргаштааст ё худ берун аз дарбор зиндагӣ кардааст. Девони ғазалиёт доштани Раис маълум нест, лекин ғазалҳояш дар баёзҳои қаламӣ ва "Ҷунги шоирони Истаравшан"[8] ягон-ягон вомехуранд.

Ғазалҳои Раис басо рангин ва намакин буда, дар онҳо ор-

---

[7] Ҳамон ҷо, сах 445

[8] Чунки шоирони Истаравшан, китобхонаи Осорхонаи доираи адабии Истаравшан .

зую ҳаваси халқи меҳнатӣ, дили беқарори қаҳрамони лирикӣ ва азобу ситам ва ҳаҷру фироқи асирони Истаравшанӣ суруда шудаанд.

## МАЪСУМХОНИ ОЛӢ

Ин фарди мӯҳтарами Олитахаллус падари шоир Саидмаҳмудхони Назмӣ ва бобои шоир Зуфархони Ҷавҳарист.

Олӣ дар соли 1798 дар гузари Намозгоҳи ш. Ур-Теппа дар оилаи шахси фозил таваллуд ёфта, маълумоти ибтидоиро дар ин хонадони аҳли илму фазл мегирад. Баъдан дар мадрасаи гузарашон Намозгоҳ ва дар мадрасаҳои Абдулазизхон ва Кӯкалтоши Бухоро таҳсили хешро давом медиҳад. Ӯ ҳамчун марди донишманд ва шоири хушманд ба шаҳри худ баргашта ба кори тарбияи насли наврас дар мадрасаи Намозгоҳ дарс медиҳад. Ӯ, ки ба илми сарфу наҳви арабӣ ва шеъру шоирӣ шуғлу ҳаваси бештар дошт, ба шогирдонаш меомӯхт. Назар ба навишту гуфтаҳои авлоди шоир ӯ ба навиштани шеър аз хурдсолиаш машқ мекардааст. Илова бар ин роҷеъ ба табъи баланди шеърдонию шеъргӯии Олӣ ин байти зайли набераи ӯ шоир Ҷавҳариро мисол овардан аз аҳамият холӣ намебошад:

Мо ҳама дар асл шоирзодаем,
Андарин раҳ дил на аз худ додаем.

Олӣ «Хамса»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ ва гулчини ғазалҳои Ҳофиз, Камол, Ҳилолиро аз бар карда, дар натиҷа худ шеърро ба дараҷаи олӣ месурудааст. Аз ин лиҳоз устодаш оҳунди мадрасаи Кӯкалтош Сайидолим Хоҷаи Хотифии Истаравшанӣ ба ӯ башорат додааст, ки Олӣ тахаллус гирад. Олӣ шеърро хеле кам, вале пухта мегуфтааст. Девонаш ба даст наомадааст. Ашъораш дар баёзҳои қаламӣ хеле кам дучор мешавад.

Ашъори бозёфтшудааш ҳамчун муште аз хирвор тақдим мешавад:

Ҳар киро бинам, сухан бо ӯ зи ҳар ҷо мекунам,
Чун кунад зикри ту сад тақриб пайдо мекунам.

* * *

Рафтани ҷонро ба чашми худ надида ҳеҷ кас,
Ман ба чашми хеш мебинам, ки ҷонам меравад.
Бе ҷамолат ҷуз ҳалоки худ надорам дар назар,
Марг мебинам, чун об аз чашми моҳӣ меравад.
Ҷон ба пеши чашми бебокат надорад қимате,
Ройгон ин гавҳар аз дасти сипоҳе меравад.
Кист гардад монеъи ранг аз тавофи барги гул,
Хуни мо бо доманат хоҳӣ нахоҳӣ меравад.
Сархуши паймонаи нози муҳити ҷилвасон,
Мавҷи мо аз худ ба дӯши каҷкулоҳе меравад.
Чун кунам васфи хаташ бедил, ки ин ҳарфи ғариб,
Бар забони хомаи сунъи илоҳӣ меравад.

## ШАМСИИ УР-ТЕППАГӢ

Боре ба як дастнависи таҳти рақами 2253-и китобхонаи Институти шарқшиносии А. Ф. Ҷумҳурии Узбекистон дучор омадам, ки дар вараќи 219-220-и он дар бораи шоирон Шаҳрӣ, Муллоёр Назмӣ, Мулло Завқӣ, Сайрафӣ, Фаршӣ, Ашкӣ, Рашкӣ ва Шамсӣ маълумот медиҳад. Муаллифи ин китоб асосан дар бораи Шамсии Ур-Теппагӣ маълумот додааст. Шоирони зикрёфта шоирони муосир ва ҳамқаламони Шамсии Ур-Теппагӣ будаанд. Маълумоти муаллифи ин дастнавис доир ба Шамсии Ур-Теппагӣ ба ин тариқ аст: Шамсии Ур-Теппагӣ агарчи қоматаш дароз аст, аммо аз шуарои мумтоз баландпарвоз аст. Дар гуфтани ашъор хаёлоти дақиқ мекунад. Ва ҳама дар аснофи шеър дасте мезанад. Хусусан дар қасоид алфози аҷибе ва ғарибе зикр мекунад, ки маониашонро аз ғайри худаш ҳеҷ кас намедонад. Гуё ки аз мухтареоти ӯст. Аксар бо сипоҳиён ихтилот менамояд. Ва худро низ бо либосашон меорояд. Ҳама аркони давлату аъёни ҳазратро мешиносад. Аз махсусоти ӯ дар фанни шоирӣ таммоъист. Маълум нест, ки дар ин водӣ адили ӯ шуда бошад. шеърро бисёр мегӯяд. Боре дар шаҳр ҳеҷ баёзе надидам, ки аз гуфтори ӯ саводе надошт. Дар собиқ гуфтораш аҷоиб найири ҳарорат буд. Фалламо дар ин авқот аҷоиб ашъори обдори латиф аз ӯ сар бар мезанад. Гӯё натиҷаи девони иштиғоли ӯст. Ин ғазалро дар ҷавоби Ҳаким Анварӣ накӯ

гуфта Ҳаким:

Маро завқи хаёлат дар дили вайрона мерақсад,
Зи шодӣ дарду ғам ҷоно, дар ин кошона мерақсад.
Чунон бинвохт пири дайр ноқуси муҳаббатро,
Ки ин шаб посбони каъба дар бутхона мерақсад.
Чи сон дар ҳайати шамъи ҷамолат сӯхтам имшаб,
Ки дар гирди сарам то субҳидам парвона мерақсад.
Зи маҷлис ҳаст шӯхи ман ниёзу ишва дар бозӣ,
Вале ханҷар ба каф бар куштанам мастона мерақсад.
Ман он майхонаи хӯкардаи майхонаи ишқам,
Гаҳи эҳромам аз шодӣ хуму хумхона мерақсад.
Парастидам бутеро з-он чунон шомест аз ҳасрат,
Бараҳман то ба рӯзи ҳашр дар бутхона мерақсад.
вар. 116.

Дар Самарқанд мебошад. Шаҳрии Самарқандӣ ба ҷаноби афсаҳушшуаро Мулло Сабурӣ ҷиҳатмандии қариб дорад. Холӣ аз фаҳме нест, шеърро бисёр накӯ мегӯяд. Вақте ки ин ғазали Волаи Даштибаёзӣ дар миёни шуаро афтода буд, Мулло Шаҳрӣ инчунин хуб гуфта буд. Қариб бист кас аз шуарои замон забони баён ба ин шеър кушода буданд. Ва зикри баъзе аз онҳо муносиб намуд: Шаҳрӣ, Мулло Назмӣ, Мулло Завқӣ, Сайрафӣ, Фаршӣ, Ашкӣ, Рашкӣ, Шамсӣ. Ғазали Шамсӣ ин аст:

То зи ҳасрат маҳи ман, тири ту пайкон бишикаст,
Бо дили хаста маро хоҳиши дармон бишикаст.
Бурқа афканда зи рух дар чаман аз ноз гузашт,
Дар сафо равнақи ҳусне зи гулситон бишикаст.
Ҷуръаи бодаи ноби лаби рӯҳафзояш,
Равнақи Кавсару сарчашмаи ҳайвон бишикаст.
Дӯш тарсобачае гомзан омад сӯям,
Баст зуннор маро тавба ба ғуфрон бишикаст.
Орзу гашт маро бодаи васл, эй Шамсӣ,
Ҳаҷри ҷоми майи ғам бар лаби ҳирмон бишикаст.

Чуз ин иттилоот дар бораи Шамсӣ маълумоти дигар дар даст надорем. Муалифи ин дастнависи тазкирасифат ҳам маълум нашуд. Аз гиру мони муаллиф маълум мешавад, ки

ин дастнавис моли Малеҳои Самарқандист. Ё аз муаллифи ба ҳамин аср наздик. Шояд Шамсӣ ҳам шоири асри ХУII ё аввали ХУIII бошад.

## ШОИРОНИ ҶУДОГОНАИ ИСТАРАВШАНӢ

Дар баёзҳои қаламии дар асри ХУIII ва XIX навишташуда ба чанд ғазали шоирон Ориф, Ваҷдӣ, Оҳӣ ва Поисӣ тахаллус дошта дучор омадем, ки нисбати Истаравшанӣ гирифтаанд. Аз ин шоирон танҳо як ғазалӣ ба даст омад. Ин ғазалҳои ишонро дар охири ин китоб ба хотири он ҷой додем, ки хонандагони азиз, бо номи ин шоирон шинос шаванд ва ё шояд дар байни ишон одамоне ёфт шаванд, ки аз ин шоирон ва аз мероси адабияшон огоҳ бошанду ба мо хабари хуш бидиҳанд. Пешакӣ ба ишон ташаккуроти бепоён мегӯем!

Бояд гуфт, ки ин чаҳор ғазал аз чор нафар шоири то ин дам гумном пайдо кардам. Он ғазалҳо басо хубу шавқовар суруда шудаанд, ки аз хондани ҳар яки онҳо табъи ҳар як хонанда бисёр шоду болида мегардад.

## ҒАЗАЛИ ВАҶДИИ ИСТАРАВШАНӢ:

“Ба ҳар касе, ки нишинӣ зи хоки по кам бош,
Либоси фақр бипӯшу саводи аъзам бош. ”
Ба ҷойи ҷоми ҷаҳонбин диле ба даст овар,
Нишин ба маснади Ҷамшеду шоду хуррам бош.
Забони тези ту чун теғи тези заҳролуд,
Дили шикаста маёзор, ҳамчу марҳам бош.
Агар Худо талабӣ, дар шаробхона нишин,
Бинӯш ҷоми муҳаббат, ба дард ҳамдам бош.
Ту подшаҳи дунё, агар охират хоҳӣ,
Мабанд дил ба ҷаҳон, дар тариқи Адҳам бош.
Зи хонаҳақ бираву хилват ихтиёр бикун,
Зи хайли зоҳидон дур бошу пурдам бош.
Ҷаҳон-ҷаҳон ғами ишқ аз муҳаббат дорӣ,
Чу Ваҷдӣ фориғе аз ғам нишину бе ғам бош.

## ҒАЗАЛИ ОҲИИ ИСТАРАВШАНӢ

Ҳарчанд бо ман ӯро ғайр аз ҷафо набошад,
Ёри дигар гирифтан шарти вафо набошад.
Ҳар гаҳ равам ба кӯяш, хун мешавад дили ман,
Дар фикри он ки бошад дар хона ё набошад.
Бо ҳеҷ дарду ғурбат, эй маҳвашон дар ин шаҳр
Пурсидани ғарибон расми шумо набошад.
Дирӯз бо табибе чун дарди хеш гуфтам,
Гуфто, ки дарди ишқат ӯро даво набошад.
Гуфтӣ, ки бар ҷамолаш, ғамгин чарост Оҳӣ,
Он кас, ки аз ту дур аст, ғамгин чаро набошад.

## ҒАЗАЛИ ОРИФИ ИСТАРАВШАНӢ

На танҳо об шуд дил аз ҷафоят, хок шуд тан ҳам,
Ту бо ман он чи кардӣ дӯст, кай донист душман ҳам.
Ба ҷойи хор аз хоки мазорам лола мерӯяд,
Наям навмед аз доғи ҷафоят баъди мурдан ҳам.
Тааллуқ гар сари мӯест, мебояд ҳазар кардан,
Дар ин раҳ бо Масеҳо кард кори кӯҳ сӯзан ҳам.
Чунон саргаштагӣ аз толеъи баргашта ман дорам,
Надорад шӯълаи ҷавволаву санги фалохан ҳам.
Чи нисбат бо ту, эй сарви равон, шамшоду тӯбиро,
Ки нахли қоматат ҷонпарвар асту сояафкан ҳам.
Чуноне дар сухан аз дурҷи фикрат рехтӣ Ориф,
Ки бар табъат ҳарифон офарин карданду аҳсан ҳам.

## ҒАЗАЛИ ПОИСИИ ИСТАРАВШАНӢ

Мудомам маст медорад насими ҷаъди гесӯят,
Мани бечoраро дар банд карда тори гесӯят.

Дилам аз сӯзи ҳиҷрони ту сад доғи дигар дорад,
Ки марҳам мекунӣ ҳар гаҳ намоён холи ҳиндуят.
Ба муштоқони худ раҳме бикун, эй шӯхчашми ман,
Ки чун оворагон афтода бар хоки дари кӯят.
Гирифторам чи сон аз теғи хунрезат амон монам,
Тағофул мекушад гоҳи нигоҳи чашми оҳуят.
Раёҳин ё ки насрин, ё гули садбарги тар бошад,
Муаттар шуд димоғам ҳар замон аз омади бӯят.

Ба аъзо захми мижгонат ба ҷон захроби пинҳонӣ,
Зи худ рафтам кунун, эй маҳ, маро дамсоз дорӯят.
Барои қатли Поис, теғро мардона бигрифтӣ,
Намедонам, чи созам ман, илоҷи тундии хӯят.

Чуноне ки аз ғазалҳои ин чаҳор нафар шоирон равшан шуд, ишон шоирони солор ва нуктасанҷу нозукадо будаанд. Шояд мероси адабияшон тамоман аз байн нарафта бошанду рӯзе бозёфт шаванд.

## ХУДОЁРИ ИСТАРАВШАНӢ

Худоёр дар гузари Боғоти ш. Истаравшан дар соли 1777 дар оилаи фарди шоир ва хаттоти номӣ Муҳаммад Собири Истаравшанӣ таваллуд ёфтааст. Ӯ илми расмии замонаро дар мадрасаҳои Истаравшану Бухоро гирифта ба дараҷаи донишвари хушманд, олим ва шоири закитабъ расидааст. Ӯ аз падар ва аз устодони хати Бухоро ба хушнависӣ машқи зиёде карда ба зебо навиштани хатҳои Куфӣ, Насх, Таълиқ, Зулф, Райҳон, Сулс, Тавъам ва ба чандин навъи настаълиқ мумтоз гардидааст. Бо вуҷуди шоиру хаттоти сермаҳсул буданаш ӯ аслан олими ба назар намоёни боамал буд. Ӯ таълифоти беш дорад. Масалан дар соли 1235-1820 асари бузургҳаҷми хеш «Тӯҳфатул Амир»-ро навишт. Ин китоб дар мавзӯъи панду ахлоқ ва ибратгирӣ аз бузургон навишта шудааст.

Асари дигари муаллиф «Фавоидул Кибар» ном дорад ва он ба мавзӯъи назария ва истилоҳи илми тасаввуф бахшида шудааст. Ин асар аз рӯйи нишондоди худи муаллиф пеш аз асари «Тӯҳфатул Амир»-и ӯ таълиф ёфта будааст. Асари мазкур аз дувоздаҳ боб иборат мебошад. Боз рисолае дорад, ки он ба илми ҳандаса бахшида шудааст. Ҳамин гуна асарҳои ӯ дастрас шуданд.

Масалан инҷо лозим шуморидем, ки шукронаи мааллифро роҷеъ ба поёнёбии асараш «Тӯҳфат ул Амир» пешкаш намоем. Аз ин шукрона меъёри камоли олимӣ ва шоирии муаллиф низ зоҳир хоҳад шуд.

Биҳамдиллаҳ, ба алтофи Худованд,
Ба хатм ин тӯҳфа охир ёфт пайванд.

Муовин шуд далели Кибриёям,
Ки бо мақсад қарин шуд муддаоям.
Тараб аз чашмаи умед зад ҷӯш,
Зи мавҷи обрӯям ханда бар дӯш.
Ниҳоли ишратам нашъунумӯ ёфт,
Баҳори ибратам сад обрӯ ёфт.
Сафо з-оинаам ҷӯшид чандон,
Кудурат рафту шуд, тимсол хандон.
Гули мақсад шукуфтан кард изҳор,
Ба сад гулшан тамошо шуд намудор.
Ба арз омад, баҳори ҷилва муштоқ,
Зи шарқи синаам хуршедсон тоқ.
Бадал шуд умр агар афсурдагӣ дошт,
Баҳори айшам аз хирман, ки гул кошт.
Аз ин гулшан тавонӣ чид чандон,
Биёву гул бичин, шодону хандон.
Гулистони баҳори обу ранг аст,
Чароғони шабистони Фаранг аст.
Назар кун маҷмаъуласрори лорайб,
Тулӯъи тӯҳфае аз пардаи ғайб.
Хирад бар нақши арқомаш бувад банд,
Ба ҳарфи «Бӯстон», к-аз ӯст пайванд.
Ба рӯйи сафҳаҳо ин нақши маълум,
Нишоне з-ин бинои нусха мавсум.
Зуҳурандеш шуд ҳарфам ба номаш,
Намуд имкон ба миръоти паёмаш

## САЙИДОЛИМХОҶАИ ҲОТИФӢ

Сайдолимхоҷа аслан аз табақаи аҳли насаб буда, дар соли 1746 дар гузари Хоҷа Фахриддини ш. Истаравшан дар оилаи фарди фозилу донишманд таваллуд ёфта дар мадрасаи Намозгоҳи ин ҷо дар назди устоди кулл Мулло Тағоймуроди Афқаҳулуламо (сарвари олимони фиқҳ) ва Хоҷа Убайдуллоҳи Қутбулақтоб (олими дараҷаи баланди илми тасаввуф) таҳсил намуда дар маҳфилҳои Доираи адабии Истаравшан фаъолона иштирок намуда, чунон ки баъдтар худаш мегӯяд, аз хирмани дониши устодони инҷо хӯшачинӣ мекунад.

Гадойӣ кардаам аз ҳар даре ман тухми маъниро,
Бубин ин хӯшачин ҳам рафта-рафта марди майдон шуд.

Назар ба маълумоти нақливу китобӣ Сайдолимхоҷа таҳсили хешро дар Бухоро дар мадрасаи Кӯкалтош давом дода, дере нагузашта ҳамчун марди донишманд, устоди олимон ном мебарорад ва ба унвонҳойи Аълам ва Охунди мадрасаи Кӯкалтош соҳиб мешавад, ки тазкирнависони машҳури Бухороӣ Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳу Мирсиддиқи Ҳашмат ва Садри Зиё низ ин маълумотро тасдиқ кардаанд. Масалан Возеҳ (дар вараqи 289-290) тазкирааш менависад: (ба тариқи ихтисор С. С. ) “Ҳотифӣ тахаллуси Акмаллул мутааххирин”. Устозулуламойи ъизом, номи солиси Ишон Сайдолимхоҷаи марҳумӣ, ки маълуф ва маъҳуди Ур-Теппа аст. Ба қасди таҳсили илм ба Бухоро омада ба ниҳояти донишмандӣ ва соҳибкамолӣ расида ба мударрисии Кӯкалтошу мансаби Аъламии Дорулфохира муаззаз ва мабоҳӣ буда муқаддамтарини ҳамаи уламост. Тафсири Қозӣ Байзовиро шарҳ намуда, дар ғояти матонат. Табъи шарифи ишон дар назму наср бисёр моил ва роғиб». Садри Зиё илова ба ин гуфтаҳои Возеҳ чунин менигорад. Дар замони Амир Маъсуми Ғозӣ (амир Ҳайдар 1800-1825) тараққӣ ёфта дар асри амири Сайид Баҳодурхон (амир Насруллоҳ 1826-1860) бадин мансаб фоиз гашта дар санаи 1249 марҳум шуд. Соҳиби каромот ва камолоти олиёт буд. (вар. 331[б])

Ин ҷо бояд гуфт, ки дар санаи вафоти Сайдолимхоҷа ихтилоф ҳаст. Возеҳ ин санаро 1269 ва Садри Зиё 1249 менависад. Хашмат ҳам 1269 муқаррар мекунад. Вале қитъаи таърихи ба вафоти Олимхоҷа навиштаи Абдулбоқӣ Хоҷаи Назим, ки аслан Ур-Теппагӣ асту дӯсти қарин ва ҳамнишини доимии ӯ будааст, чунин меорад:

Шуд муқими “биҳишт” таърихаш,
Рафта мулки бақо ба якшанбе.

Муаррих Комии Қундузӣ менависад.

“Таърихи Маҳдуми наҷобатнишон, устози замон Оҳунди Кӯкалтош Ишони Олимхоҷаи Истаравшанӣ 1267” (Т. М. № 214. И. Ш. А. И. Тоҷ).

Ба фаҳми мо инҷо санаи таърихи овардаи Абдулбоқи Хоҷаи Назим ва Комии Қундузӣ дуруст ва саҳеҳ аст, зеро ки ин санаҳо дар ҳамон рӯзҳойи вафоти Хотифӣ навишта шудаанд. Маълумоти Возеҳу Ҳашмат ва Садри Зиё баъд аз чандин соли вафоти ӯ навишта шудаанд. Ба ҳамин тариқ Сайидолимхоҷа Ҳотифӣ дар соли 1267 дар синни 105- солагӣ олами фониро падруд гуфт.

Аз фарзандони Сайидолимхоҷаи марҳум танҳо шоири шаҳири соҳибдевони ғӯрамарги 16-сола Комилхоҷаи Накҳат маълум асту халос. Модари Комилхоҷаи шоири фавқуттабиат шоира Сайидабонуи Хоҷа Фахриддинӣ будааст.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Сайидолимхоҷа ба духтари олиму шоири донишманд Хоҷа Фахриддин хонадор шуда будааст. Ба ҳақиқати ин ҳол гуфтаҳои зайли Дилшоди Барно ба куллӣ равшанӣ меандозад. Дилшод дар рисолаи “Таърихи муҳоҷирон”-и худ менависад. «Ғайр аз ин Сайидабонуи Хоҷа Фахриддинӣ заифаи Олимхоҷа салиқаи аз ёдгӯйӣ дорад. (вар, 65 №)».

Аз мероси адабии Ҳотифӣ ба ҷуз абёти дар тазкираҳои овардашуда шеъри дигаре ба даст наёмад. Аз мероси илмии Ҳотифӣ танҳо “шарҳи Тафсири Қозӣ Байзовӣ» маълум асту халос. Дар бораи ин тафсир Шоир Абулбоқихоҷаи Назим чунин маълумот медиҳад:

Марҷайи асру аълами уламо,
Сарвари қарну афзали кеҳу меҳ.
Кард шарҳи тафсири Қуръон,
Шоҳиди фазл надорад аз ин беҳ.

“Девони Абулбоқихоҷа № 1352 % Ин. Шт Тоҷ”. Номи Ҳотифӣ бо ин шоҳбайтҳояш ба таърихи адабиёт хоҳад монд. Намуна аз мероси адабии Ҳотифӣ;

Гадойӣ кардаам аз ҳар даре ман тухми маъниро,
Бубин ин хӯшачин ҳам рафта-рафта марди майдон шуд.
Қаноат обрӯйи мардро андар зимон дорад,
Нахоҳӣ кони дунон то танӯри чарх нон дорад.
Надорад гирдбодосо қарор аз оҳи бетобӣ,
Ғуборам, баски азми саҷдаи он остон дорад.

## АБРОРИ УР-ТЕППАГӢ

Аброр тахаллус ба номи худ дорад. Мираброр дар гузари Эшонони ш. Истаравшан дар оилаи шоир Шайхулислом Муҳаммадсолеҳи Солеҳ ибни Хоҷа Убайдуллоҳи Солик таваллуд ёфта аз волидайн ва мактаби гузар маълумоти ибтидоӣ гирифта дар мадрасаҳои Хоҷаҷони Ур-Теппа ва Бухоро таҳсили хешро давом медиҳад. Аз овони хурдсолиаш сар карда ҳамроҳи падар дар маҳфилҳои Доираи адабии Истаравшан ширкат меварзид. Аз устодони каломи бадеъ аз илми шеъру шоирӣ таълим мегирад. Аз устодони санъати хаттотӣ Мирзо Шарифи Дабиру Ҳусайнхоҷаи Хиҷлат зебо навиштани хатти ниёгонро меомӯзад. Дар зебо навиштани ҳафт қалам хат ҳамчун хаттоти сеҳрқалам ном мебардорад. Аброр умри бобаракат дида дар синни 83 солагӣ дар рӯзи якуми моҳи Раҷаби соли 1872, яъне 1856 вафот мекунад. Шоири муосире ба вафоти ӯ марсияи ҷонгудозе гуфта дар он як қатор хислатҳои неки ӯро ёдовар мешавад. Дар ҳусуси марди нексиришту ловубол ва шоири баркамол будани ӯ мегӯяд:

Он хоҷаи наҷиб, ки Аброр ном дошт,
Фикраш нарафт ҳеҷ ба кирдори носавоб.
Вазъаш шариф, табъ халиқ, ба ҳеҷ халақ,
Накшуда буд чашми ҳаёпарвар аз итоб.

Аброр ҳамчун шоир ва шахси бафазл дар байни халқ обрӯ ва эътибори калон доштааст, ки рӯзи вафоташ мардуми шаҳр ғамгин шудаанд:

Рӯзе, ки рахти хеш ба мулки адам кашид,
Аз оҳу нола гашт дили оламе хароб.
То мекунам, қалам-қалам ғусса мекашам,
Дил мешавад кабобу ду чашм аз алам пуроб.

Сипас Нодими Истаравшанӣ таърихи фавти Мираброрро соли 1272-1856 нигошта дар дахмаи аҷдодиаш, яъне дар мавзеъи Сари Мазори Истаравшан дафн карда шудани ҷасади ӯро зикр мекунад.

Девони шоир ба даст наомадааст. Ашъори парокандааш

дар ҷунгу баёзҳои қаламии тобеъи вилояти Истаравшан китобатшуда вомехӯранд.

Аброр асосан шоири ғазалсарост ва пайрави лаёқатманди Ҳофизи Шерозӣ аст. Дар мусаддас ва мусаммансароӣ ҳам маҳорати хуб доштааст.

Инак намунаи ашъори Аброрро хонед ва чӣ хел шоир будани ӯро донед.

## МУСАММАН

Эй гули тоза, ки бӯе зи вафо нест туро,
Хабар аз сарзаниши хори ҷафо нест туро.

Раҳм бар булбули бебаргу наво нест туро,
Илтифоте ба асирони бало нест туро.

Мо асири ғаму асло ғами мо нест туро,
Бо асирони бало раҳм чаро нест туро.

Фориғ аз ошиқи ғамнок намебояд буд,
Моҳи ман ин ҳама бебок намебояд буд.

* * *

Ҳамчу гул чанд ба рӯи ҳама хандон бошӣ,
Ҳамраҳи ғайр ба гулгашти гулистон бошӣ.

Ҳар замон бо дигарон даст ба гиребон бошӣ,
З-он барандеш, ки аз карда пушаймон бошӣ.

Ҷамъ бо ҷамъ набошию парешон бошӣ,
Ёди ҳайронии мо орию ҳайрон бошӣ.

То набошем, ки бошад, ки ҷафои ту кашад,
Ба ҷафо созаду дил ба садои ту кашад.

* * *

Дигаре ҷуз ту маро ин ҳама озор накард,
Чун ту кас дар назари халқ маро хор накард.
Ончи кардӣ ту ба ман ҳеҷ ситамгор накард,
Ҳеҷ сангдили бедодгар ин кор накард.

Ин суханҳо дигаре бо мани бемор накард,
Ҳеҷ кас ин ҳама озори мани зор накард.
Ҳардам оғоз макун дар паи озурдани ман,
В-арна озурдани ман ғараз аз мурдани ман.

* * *

Ҷони ман сангдилӣ, дил ба ту додан ғалат аст,
Чашми умед ба сӯи ту кушодан ғалат аст.
Бар сари роҳи ту чун хок фитодан ғалат аст,
Рӯи пургард ба роҳат биниҳодан ғалат аст.
Рафтан авлост зи кӯи ту ситодан ғалат аст,
Ҷони ширин ба таманнои ту додан ғалат аст.
Ту на онӣ, ки ғами ошиқи зорат бошад,
Хун шавад, хок дар ин роҳи гузорат бошад.

* * *

Муддате шуд, ки дар озораму медонӣ ту,
Ба каманди ту гирифтораму медонӣ ту.
Аз ғами чашм бемораму медонӣ ту,
Доғи шавқи ту ба ҷон дораму медонӣ ту.
Хуни дил аз мижа мебораму медонӣ ту,
Аз барои ту чунин зораму медонӣ ту.
Аз забони ту ҳадисе нашунидам ҳаргиз,
Аз ту шарманда ба як ҳарф набудам ҳаргиз.

* * *

Макун ин тавр, ки озурда шавам аз хӯят,
Дида пӯшам зи тамошои рухи некӯят.
Даст бар сар занаму пой кашам аз кӯят,
Гӯшае гираму ман баъд наоям сӯят.
Накунам бори дигар ёди қади дилҷӯят,
Сухане гӯяму шарманда шавам аз рӯят.
Бишнав ин панд, ки қасди дили озурдаи хеш,
Варна бисёр пушаймон шавӣ аз кардаи хеш.

* * *

Чанд вақт аст, ки ҳайронаму тадбире нест,
Ошиқи бе сару сомонаму тадбире нест.
Аз ғамат сар ба гиребонаму тадбире нест,
Хуни дил рафта ба домонаму тадбире нест.

Чи тавон кард парешонаму тадбире нест,
Аз ҷафои ту ба д-инсонаму тадбире нест.
Шарҳи вомандагии худ ба кӣ тақрир кунам,
Ҷонакам, чораи ман нест, чӣ тадбир кунам.

* * *

Нахли навхези гулистони ҷаҳон бисёр аст,
Гули ин боғ басе сарви равон бисёр аст.
Турки зарринкамару мӯймиён бисёр аст,
Бо лаби ҳамчу шакар тӯнгдаҳон бисёр аст.
Ҷони ман ҳамчу ту ғоратгари ҷон бисёр аст,
На ки ғайр аз ту ҷавон нест, ҷавон бисёр аст.
Дигаре ин ҳама бедод ба ошиқ накунам,
Қасди озурдани ёрони мувофиқ накунад.

* * *

Шаб ба кошонаи ағёр намебояд буд,
Ғайрро шамъи шаби тор намебояд буд.
Ҳама ҷо бо ҳама кас ёр намебояд буд,
То ба ин мартаба хунхор намебояд буд.
Ёри ағёру дилозор намебояд буд,
Дар паи куштани Аброр намебояд буд.
Ман агар кушта шавам, мӯҷиби бадномии туст,
Мӯҷиби шӯҳрати бебокию худкомии туст!

## НАЗМИИ ИСТАРАВШАНӢ

Ба номҳои Сайидмаҳмудхон, Қозӣ Сайидмаҳмудхон, Ҳазрати Қозиқалон машҳур гардидааст. Сайидмаҳмудхон тахаллусаш Назмист. Фарди фозилу олим, сиёсатмадор ва шоири шаҳири асри XIX мебошад. Ҳамчун қозикалони боэтибор дар Мовароуннаҳр машҳур буд.

Сайидмаҳмудхон дар соли 1840 дар гузари Намозгоҳи шаҳри Ур-Теппа дар оилаи Сайидмақсудхон мутахаллис ба Олӣ таваллуд ёфт. Ӯ дар ин оилаи саросар босаводи шоирзодагон аз синни чорсолагӣ ба таҳсили илм додашуда то синни 10-солагиаш натанҳо равшансаводӣ ҳосил намуд, балки табъи баланди шоирӣ доштааш ошкор гардид. Сайидмаҳмудхон илмҳои сарфу наҳв, калом, мантиқ ҳикмат

ва забони арабиро назди падари хеш омӯхт. Баъд таҳсили худро дар мадрасаи Кӯкалтоши Бухоро дар назди устоди кул, оҳунди мадрасаи Кӯкалтош Сайидолимхоҷаи Ҳотифии Ур-Теппагӣ ва устодони дигар давом дод.

Сайидмаҳмудхон баъди хатми мадраса ҳамчун фарди фозилу донишманд ва шоири хушадо дар мамлакати Бухорои Шариф шинохта шуда буд. Баъдан ӯ дар Истаравшан қозӣ таьин шуда дар баробари он дар мадрасаи бобои худ Намозгоҳ ҳамчун мударрис дарс гуфта шогирдони зиёде ба камол расонд.

Аз тазкиранависон Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Мӯҳтарам ба фазлу дониш ва шоирии Назмӣ баҳойи сазовор дода ва ғазали ӯро ба тариқи намуна овардааст. Ба меъёри камоли шоирии Назмӣ устод Ҷавҳарӣ баҳои ҳаққонӣ медиҳад:

Зиҳӣ оинаи ҳайрат нукоти оламороят,
Хирад сарриштаи фаҳми шабистони мусаммоят.
Муҳити аъзами фанни балоғат раҳшаи килкат,
Тилисми ганҷи маънӣ назму насри ҳайратиншоят.
Каломат то асарпардози сад майхона мастӣ шуд,
Ҷаҳоне рафта аз худ то ба-д-ин сарҷӯши саҳбоят.
Сари мӯ мекунад андешааш борикбинонро,
Иборат сар кунӣ, фаҳмӣ баёни нозукиҳоят.
Баландиҳойи мазмуни қиёмат дар бағал дорад,
Надонам то зи болойи кӣ ҳаст ин гуфтугӯҳоят.

Назмӣ дар шеъри дар бораи қаҳрамони миллии халқи тоҷик навиштааш аз ҷумла ӯро чунин тасвир мекунад:

«Ба сипоҳи ақал фатҳи чунин шаҳр на гев кардаву Рустами Сиистонӣ».

Назмӣ дар синни 66-солагӣ олами равшанро падруд гуфт, қабраш дар мазори Махдумони Истаравшан дар назди мақбараи падараш Сайидмақсудхони Олӣ воқеъ аст. Ба сӯгвориаш чандин шоирон ва фарзандаш Зуфархони Ҷавҳарӣ марсияҳойи пурсӯзу гудоз гуфтаанд.

Назмӣ шоири соҳибдевон аст. Девони ӯ ғазал, мухаммас, рубойӣ, қитъа, мустазод ва дигар намудҳойи шеъриро дар бар мегирад. Назмӣ ба пайравии Бедил шеър мегӯяд. Назмӣ аслан шоири ғазалсаро аст. Ғазалҳояш ширину намакин ва мазмунан бикру бисёр шавқовар мебошанд. Ду навъи ишкварзӣ дорад:

ишқи ирфонӣ ва заминӣ. Дар ду хати ишқварзӣ ҳам нафаси шоир гарм ва дили сӯзони ишқварзӣ дорад.

Боз чашми кофураш оҳанги хунрезӣ намуд,
Аз нигоҳи гарм қасди фитнаангезӣ намуд.
Гарчи бори дил ба сарви нозукаш ояд гарон,
Турраи мушкинаш оини диловезӣ намуд.

Муштариҳойи эҷодиёти шоир фаровон буданд. Ғазалҳояш қариб дар ҳамаи тазкира, ҷунгу баёзҳо ва дар “Намунаи адабиёти тоҷик”ба таърифу тафсифаш оварда шудаанд.

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Дӣ саҳар шакли ту дар чашми мани зор омад,
Гуфт, бархез туро давлати бедор омад.
Оразе дидамаш аз Хулди Барин рангинтар,
Нури ӯро зи маҳу меҳр басе ор омад.
Қомате дидам аз он сарви сиҳӣ по дар гил,
Дони сарде зи дили олами асрор омад.
Ҷастам аз ҷою намудам ба сад икром қиём,
Гуфтам, эй ҷон чи гул аст ин ба сари хор омад.
Гуфт: Ин хок бувад, дона чи имкон бошад,
Ки ба бедор чунин шакл падидор омад.
Чунки бедор шудам ҳеҷ надидам ман аз ӯ,
Хун гиристам, ки ба ман раҳми хасу хор омад.
Назмиё, гӯӣ, ки шеъри намакин пиндорам,
Намакин лаълаш аз ин назм ба гуфтор омад.

* * *

Дар сар ҳавоят дар дида ҷоят,
Тан хоки поят, ҷонам фидоят.
Қудсӣ сириштӣ, ораз биҳиштӣ,
Аз дасти ҳастӣ, расми фидоят.
Тӯтитакаллум, ширинтабассум,
Мақбули мардум гуфторҳоят.
Йусуфҷамоле, бас бемисоле,
Кас нест холӣ аз ҳую ҳоят.
Назми ғуломат, хушдил ба номат,
Шавқи паёмат, дорад ба ғоят.

* * *

Панҷаатро то нигорин дидам, эй ҷонони ман,
Панҷаи марҷон шуд аз хуни ҷигар мижгони ман.
Қадду басти туст як гул дастаи боғи умед,
Эй баҳористони раъноӣ, фидоят ҷони ман…
Бар лаби ҷӯ одати сарв аст, побарҷо шудан,
Сарви ман ёнаканори дидайи гирёни ман.
Бе висолат хотирам накшояд аз сайри чаман,
Он қадат тубӣ, ҷамолат равзайи Ризвони ман.
Хуш бувад ҳолам, чи парво аз ғами даврон маро,
Бигзарад гар муттасил андар ғамат даврони ман.
Метапад дар хоку мирам ташнаи зор алғиёс,
Эй хатат Хизру лабат сарчашмаи ҳайвони ман.
Ҳосиламро инки мурдам аз фироқат боз ой,
Чун ҳаёти ҷовидонӣ ҷонбахш, эй ҷони ман.

* * *

Боз чашми кофураш оҳанги хунрезӣ намуд,
Аз нигоҳи гарм қасди фитнаангезӣ намуд.
Гарчи бори дил ба сарви нозукаш ояд гарон,
Турраи шабранг оини диловезӣ намуд.
Хостам дар роҳи ҷавлонаш занам аз ашк об,
Гирду пеш аз ман ба таъзимаш сабукхезӣ намуд.
Дида аз гирди рикобаш хостам равшан кунам,
Даргузашту аз саманди нози ӯ тезӣ намуд.
Санъате дар нуқтадонӣ нест аҳли асрро,
Табъи ин нармоягон торафт пасмезӣ намуд.
Маънии нозук даруни пардаи алфоз монд,
Фикрҳо дар суфтани бикри сухан ҳезӣ намуд.
Баски бар ҳарфи шикоят халқ медоранд гӯш,
З-он сабаб Назмӣ ба назмаш шикваомезӣ намуд.

* * *

Эй боди субҳ, укдакушоӣ навои ту,
Равшан ҷамоли субҳ зи анвори рои ту.
Бо ин ҳама шиква, таҷаммул зи матлааш,
Хуршед сар занад ба ҳавои лиқои ту.
Яъқубвор дидаи анҷум сафед шуд,
Юсуфваш, чу дур шуд аз хоки пои ту.
Ногашта дар ҳарими висолат маро рақиб,
Ёбад завол он касу бодо бақои ту.

* * *

Он қалби моҳу меҳраш чун тану ҷон рехтанд,
Хотири моро зиёди ӯ гулистон рехтанд.
Аз ҷабини орази ӯ то шавад, маълуми қор
Дар фалак бадри муниру меҳри рахшон рехтанд.
Қиблаи дин, яъне тоқи абрӯи ин нозанин,
Каъбаи мақсуди чун мо нотавонон рехтанд.
Ҳар киро аз ҳарфи номи ӯ забон гӯё шавад,
Бар даҳон вирди баёнаш шаҳди имон рехтанд.
Ҳастии моро ба меҳраш ғайри ман факкул вуҷуд,
Аз дами субҳи азал то шоми имкон рехтанд.
Он қадар аз ҳасрати ӯ таҳ ба таҳ хун гашт дил,
Дидаҳо аз хун ба роҳаш баҳри Уммон рехтанд.
Хост Назмӣ, зарра аз меҳри рухаш иншо кунад,
Дар замираш як ҷаҳон хуршеди тобон рехтанд.

* * *

Қобу Қавсайн аз нишони абрӯйи мушкини туст,
Тубии ҷаннат назири қадди сарвоини туст.
Аз чаман то анҷуман, эй гулрухи наврасниҳол,
Ҷумла дилҳо волаи он орази рангини туст.
Рух чунину қомату абрӯ чунон, к-он зикр ёфт,
Кист ин маҷмӯаи хубӣ на дар таҳсини туст.
Йусуфистон гар шавад мисри дилам набвад аҷаб,
Гар гулистони хаёли оразат гулчини туст.
Як назар сӯям тасаддуқ соз то хушдил шавам,
К-ин дили зори ҳазинам бандаи мискини туст.
Рӯзу шаб андар дуоям тарзабон, эй ҷон фидот,
То ки як раҳ Ҷабраил аз сидра дар оини туст.
Зиннати гулзори хубӣ ҳаст аз рӯйи гулат,
Чун, ки машшота қазо, ҳар лаҳза дар тазийни туст.
Аз лабат гӯ мазҳари оёти макнузи Худост,
К-анзаш андар лавҳи садри синаи симини туст.
Ҷон фидоят, дил адоят бод, эй ҷони ҷаҳон,
К-ин ҳама қурбониёни собиқи дерини туст.
Орзӯманди лаби ширину гуфтори туро,
Ҷони дил ҳам орзумандони ону ини туст.
Ҳарфи номат бар сари ҳар байт тоҷи хусрав аст,
Подшоҳи ҳусну иқлилӣ, ки аз оини туст.

## ТАЗМИН БАР ҒАЗАЛИ ТАМҲИД

Эй ба ёдат хотирам чун субҳи хуршедофарин,
В-аз ҳавоят ин сарам бигзашт аз арши барин.
Гаштӣ лавҳи синаам аз файзи меҳрат мусфаҳе,
К-андарӯ нақши ҷамоли туст оёти мубин.
Наварӯси ҳусни покатро ду чашми ҷилвагоҳ,
Шоҳиди раънойи фикрат дар дилам хилватнишин.
Дар таманноят гаҳе сар дар ҳавойи гирбод,
Медавам гоҳе зи ҳаҷрат мениҳам рӯ бар замин.
Ҷӯши дарёйи атойи туст тӯфон дар канор,
Ҳадди лутфи туст дур аз дарки ақлу дурбин.
Олами имкон гадоят буду доди қурси меҳр,
Ҳам зи гардун хайма баҳри ӯ кашидӣ бар замин.
Чист олам нашъаи зарбодаи эҷоди ту,
Кист Одам зодае аз уммаҳоти ёю тин.
Дар адабгоҳи хаёлат ақли худбин дар суҷуд,
Дар ҷаноби қибриёят аҷри миръотуляқин.
Ҳарчи дар таъзими тақдиси ту ояд дар хаёл,
Ё Самад, шаънат муаззаматар аз он ақдас аз ин.
Ҳадди Назмӣ нест Тамҳидат, ки ло аҳсар сано,
Гашта содир аз ҷаноби Раҳматал лил оламин.

## ДАР МАДҲИ ҲАЗРАТИ ШОҲ ҚУТАБ ИБНИ АББОС

Ҳаббазо, тоқи мазорат қиблайи каррубиён,
Даргаҳи гардунпаноҳатро малоик посбон.
Ҳар саҳар хуршеди гардун бо рухи зард оварад,
Аз қатони субҳи содиқ тӯҳфа бар ин остон.
Бас рухаш бар даргаҳат молида пайдо мекунад,
Рутбайи олӣ, ки дорад пос бар фарқи ҷаҳон.
Ҷӯйбори шарбати ҷон аст, гӯё ин ки ҳаст,
Чашмае аз зери пойи аршфарсоят равон.
Хонақоҳат руфтайи ҷаннат бувад дар гирди ӯ,
Ҳуҷраҳояш медиҳад ёд аз мақобири ҷаҳон.
Ҳаст андар равзаат ашҷорҳо сар дар фалак,
Баркашида то шавад, хайли малакро соябон.

Сабзаҳойи тарзабонро доимо дар ин риёз,
Ҳозиҳи чанноти адни фадҳулиҳо бар забон.
Ҳар тараф дар чашмаҳои софу ширинаш бувад,
Моҳиён ҷанноти тачрӣ таҳтиял анҳор хон.
Ё Раб, ин Хулд аст ё дори гиёсал муслимин,
Ибни амми раҳматаллилоъламин ин ҷо макон.
Эй зи хоки равзаат Ислом дорад баҳри нур,
В-эй зи оби чашмаат з-он халқ бо имон равон.
Аз малоик ҳар ки дам зад мешавад соҳибливо,
Ҳар баре дорад ҳавоят бигзарад з-ин осмон.
Ҳазрати Шоҳию ман андар ғуломи росихам,
Ҳаст ҳоли бандагон дар ҳазрати шоҳат аён.
Як назар сӯйи ғуломи хоназоди худ нигар,
Чунки ин мулки натоҷе ҳаст манзури шаҳон.
Ман саги ин остонам, ту зи начмиддин беҳ,
Ӯ саги худро ба як наззора кард аз сарварон.
Ё Раб, ин маҳзи карам дар оин мӯҳтарам ҷавор, (?)
Назмии дилдода аз кафро ба дилхоҳаш расон.
Эй ки дар мадҳи шаҳи дин хонадон марқумро,
Гӯ ба таърихаш мадоеҳ тӯҳфайи Маҳмудхон.
Камтарини хонадоне аз ҳамин шаҳ зад рақам,
Муштаҳар бо Мавлавӣ Маъсум бо Масъудхон.

## ДУБАЙТӢ

Илоҳӣ бахти ту бедор бодо,
Туро давлат ҳамеша ёр бодо.
Гули иқболи ту доим шукуфта,
Ба чашми душманонат хор бодо.

## ФАРД

Аз ту як инсоф ояд дар вуҷуд,
Беҳ, ки умре дар руқӯву дар суҷуд.

## ДАР БОРАИ ҚАҲРАМОНИ МИЛЛАТИ ТОҶИК РУСТАМБЕК

Дар ин замон, ба имдоди сунъи раббонӣ,
Намуда номия насхи саноеъи Монӣ.
Ба рӯйи маснади зангорнии басити дашт,
Кулаҳ ниҳода ба сар лолаи биёбонӣ.
Намуда ҷавҳари ҷони азиз дар гулшан,
Ба дил ба накҳати гул андалеби бустонӣ.
Ба дӯши қомати наврастаи ниҳоли навбар(?),
Расида кисвати ахзар зи лутфи раҳмонӣ.
Намуда фавҷи анодил ба базми васли гулшан (?),
Ба нағмаҳойи мусалсал ҳазордастонӣ.
Ҷаҳону аҳли ҷаҳон хирадманду фархунда (?),
Бо юмни он ки зи фазли амими субҳонӣ.
Гирифта хони мамоликҳисол андар каф,
Ливойи салтанати мустадоми султонӣ.
Пайи мадоеҳи ин шоҳ месазад гардад,
Мадеҳи нотиқаи Анварию Ҳоқонӣ.
Маод агар нашавад, нест ғам дар васфаш,
Зи фикри соиби ман ҳам равост Ҳассонӣ.
Сазад, ки ҳомии номи бузурги ӯ гардад,
Нигини номвари хотами Сулаймонӣ.
Зи вазъи кайфи вуҷуди шамоилаш пайдост,
Шукӯҳи Қайсариву хусравию Қоонӣ.
Зи лавҳи толеъи фархундааш намоён аст,
Футӯҳи темурию чингизию сомонӣ.
Асири равзаи кӯяш ҳавойи боғи биҳишт,
Фидойи хоки дараш сурмаи сифоҳонӣ.
Равост гар кунадаш ҷилва бар ямину ясор,
Насиру ёвари ӯ ақли аввалу сонӣ.
Зи ҷуди шомили ӯ чун ба мир Рустамбек,
Расид мӯҳри ҳукумат ба лутфи Яздонӣ.
Ба як садр дону чор аз сипоҳи размоин,
Намуд маскаҳи аҷдоди хешро хонӣ.
Ба ин сипоҳи ақал фатҳи инчунин шаҳре,
На гев кардаву не Рустами Сиистонӣ.
Рақам намуд дабири хирад пайи таърих,
Ба сунъи хомаи нозукадойи девонӣ.
Ба афсари зару аврангу курсии давлат,
Рабуд мулки Уротеппа ба осонӣ.

## АЗ МУХАММАСҲО

Эй зи номат мусҳафи некӯйӣ унвон ёфта,
Нусхаи дилҷӯйӣ аз ҳарфи ту сомон ёфта.
Фарду байти ҳусн дар аҳди ту девон ёфта,
Ғунчадил аз файзи ту садҳо гулистон ёфта.
Ин тани фарсуда аз нутқи хушат ҷон ёфта.

Гулшани ҳуснат фусуни сад чаман эҷод кард,
Гулбуни қаддат гулистони ҷаҳон обод кард,
Кист дар аҳдат назар бар сарв ё шамшод кард.
Қадди дилҷӯят зи фикри он ҳама озод кард,
Пеши рӯят дил баҳойи хеш арзон ёфта.

Дар таманнойи висолат меҳри анвар гармрав,
Чарх аз гирди сарат гардидан ояд тезрав.
Пеши рухсорат бувад курси қамар чун курси ҷав,
Сад ҷаҳон ҷо баҳри як наззораат шуд дар гарав.
Исми олам чун ту ҷонеро на осон ёфта.

Эй баҳори рангу бӯ, назри таҳи пироҳанат,
Ҷони муштоқон фидойи гард-гарди доманат,
Кай бувад нармӣ падидор аз дили чун оҳанат,
Мо асири сурмагун чашму баёзи гарданат,
Ҳосили рӯзу шаби саҳройи имкон ёфта.

Эй фузун аз ҳад тақаррузи замон зебоият,
Хома то ҳарфи туро бинвишт, шуд савдоият,
Нест мумкин шарҳи руҳафзойи бенороият,
Кист Назмӣ ин ки орад дар қалам раъноият,
Гар на файз аз сӯҳбати поки ту олон ёфта.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ САЪДӢ

Ба ҷуз аз мабдаи илми азал чизе набуд ақдам,
Ки буд ин ҷо ҷабинам бо суҷуди даргаҳат тавъам.
Ҳивоят халқа бар гирди диле донист мустаҳкам,
Нишон бар тахтаи ҳастӣ бувад аз оламу Одам,
Ки ҷон дар мактаби ишқ аз таманнойи ту мезад дам.

Тӯйӣ мадди назар аз халқи олам шахси қудратро,
Тамошойи рухат манзур шуд чашми иродатро,
Вуҷудат боиси эҷод шуд файзи саодатро,
Назар бар сурати хуби ту буд устоди фитраро,
Вагарна кай шудӣ аз дил Муҳаммад тинати одам.

Макун, эй фикри дун, андешаи кунҳи ҷамоли ӯ,
Нағунчад дар гумону ваҳм ҳусни бемисоли ӯ.
Матоз, эй орзу, дар кӯчабоғоти висоли ӯ,
Бирав, эй ақли номаҳрам, ки имшаб бо хаёли ӯ.
Чунон хуш хилвате дорам, ки ман ҳам нестам маҳрам.

* * *

Ба ёди рӯйи гулгунат дамодам дида хунборам.
Кабобе аз дили сӯзон зи шавқат карда тайёрам,
Зи ҳаҷри оразат бо васли дарду ғам гирифторам,
Ки дорад инчунин айше, ки дар ишқи ту ман дорам,
Шаробам хун, кабобам дил, надимам дарду нуқлам ғам.

* * *

Туйӣ, Назмӣ, ки умри хеш дар ғафлат талаф кардӣ,
Ба анвоъи маосӣ улфате дорию ҳамдардӣ.
Надорӣ дар ҷаноби кибриёяш ғайри рух зардӣ,
Туро пурсанд, эй Саъдӣ, ки аз дунё чи овардӣ?
Маломатҳойи ту ногун, ҷароҳатҳойи бемарҳам.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҶОМӢ

То ки гардад мазҳарат кавнайн пайдо кардайӣ,
Дар вай аз афлоку ғубро пасту боло кардайӣ.
Хубрӯёнро аз он маҷмӯъ воло кардайӣ,
Бас ба чашми ошиқон онро тамошо кардайӣ.
Ҳусни худ аз рӯйи хубон ошкоро кардайӣ.

* * *

Бар дили решам намак аз шӯру шавкат судайӣ.
Дар фироқат ҷузв ҷузвамро зи ҳам фарсудайӣ,
Хулқати гулчеҳрагон аз мовутин фармудайӣ.
З-оби гул акси ҷамоли хештан бинмудайӣ,
Шамъи гулрухсор меҳи сарвболо кардайӣ.

* * *

Маҳмили ман, дар таҳи бори муҳаббат мондайӣ,
Чун гаронборам намудӣ бас зулумам хондайӣ.
Эй ки аз шавкат маро дар хоку хун биншондайӣ,
Ҷуръае аз ҷоми ишқи худ ба хок афшондайӣ.
Зӯфунуни ақлро Маҷнуни шайдо кардайӣ.

* * *

Дар азал ҳамчун парӣ дар сатри худ кӯшидаӣ.
Дар баҳори ламязал чун дил бурун ҷӯшидаӣ,
Гаҳ ба худ нозида гаҳ аз ишқ бихрӯшидайӣ.
Гарчи маъшуқи либоси ошиқӣ пӯшидайӣ,
В-он ки аз худ ҷилвае бар худ таманно кардайӣ.

* * *

Ақлро аз донишат қадру ҷалоил бастайӣ,
Рӯҳро аз ҷисм бар кардӣ, ҷалоҷил бастайӣ.
Ҳуснро аз нури покӣ худ басо гул бастайӣ,
Бар рух аз зулфи сияҳмушкин салосил бастайӣ.
Оламеро бастаи занҷири савдо кардайӣ.

* * *

Буд атворат ба тарзи оқилон, эй синареш,
Ақлу дил додӣ зи каф ҳоло чи кам буду чи беш.
Медиҳӣ барбод Назмӣ, ҳар чи ин дам буду пеш,
Мекунӣ Ҷомӣ гум андар ишқ исму расми реш,
Офарин бодат ба-д ин расме, ки пайдо кардайӣ.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ САЙИДО

Хок дар чашмони худбин зоҳидон бояд задан,
Пой бар тақвойи гумраҳ обидон бояд задан,
Хешро дар ҳалқаи риндон давон бояд задан,
Ҷоми май дар соғари лаъли бутон бояд задан,
Ҷанг дар занҷири зулфи гулрухон бояд задан.

* * *

Дар залолат то ба кай якто шавӣ бо ҷаҳл ҷуфт,
Чашми ибрат боз кун натвон чунин гумроҳ хуфт,

Хурдадони гавҳари панде ба-д-ин минвол гуфт.
Дар насими субҳ дар гӯши дилам оҳиста гуфт,
То нафас боқӣ бувад оҳу фиғон бояд задан.

* * *

Нестӣ қонеъ зи бешу кам зи кам инсофият,
Нӯш кун дурди қаноат хур ғами нософият.
Орзу бошад агар аз ҳар кудурат софиат,
Гар ҳамехоҳӣ барорӣ сар зи ҷайби офият,
Пушти пое бар сари мулки ҷаҳон бояд задан,

* * *

Гар ҳамехоҳӣ шудан қудсинишон аршошён.
Бо малоик ҳаминон андар сари карру баён,
Ҳарчи дорӣ сарф кун дар роҳи он ҷони ҷаҳон.
Чун қабули хотири маъшуқ гаштӣ баъди он,
Хайма дар болойи ҳафтум осмон бояд задан.

* * *

Ҳар киро оташ зи шавқ афтад чу Назмӣ, бой дод,
Ҳар чи дорад ҷумларо барқи фано хоҳад фитод.
Ғайрати маъшуқ дасти рад ба ғайри худ кушод,
Сайидо, ҳар кас, ки дар роҳи муҳаббат по ниҳод,
Шӯълаҳойи оташ андар хонумон бояд задан.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ МАСЕҲО

То зи ҳастӣ бодаи ҳумҳойи хазро рехтанд,
То ба сар аз нашъаи он бода савдо рехтанд.
То майи иқбол дар ҷоми таманно рехтанд,
То шароби орзу дар коми ҷонҳо рехтанд.
Дарди нокомӣ ба маънойи дили мо рехтанд.

* * *

Меваи мақсуд дар боғи ҷаҳоне кас наёфт.
Як ниҳоли орзу дар бӯстоне кас наёфт,
Гулшани омол дар як гулситоне кас наёфт.
Сад баҳор охир шуду аз гул нишоне кас наёфт,
Ранги ин гулшан зи нақши боли Анқо рехтанд.

* * *

Гулрухон умре ба мо буданд соҳибихтилот,
Буд байни мову маҳрӯён камоли инбисот.
Шӯхчашме бин ба бозӣ қатъи ҳоли иртибот,
Хубрӯён бо хаданги ғамза аз баҳри нишот,
Хуни мо чун лола дар домони саҳро рехтанд.

* * *

Нақди умрам дар раҳи номеҳрубонон шуд талаф.
Синаам бар новаки мижгони ҳубон шуд ҳадаф,
Метапам бар хоку хун бо ман туро лотахаф (?)
Домани васли бутон осон намеояд ба каф,
Ишқбозон андарин андеша хунҳо рехтанд.

* * *

Эй ки бе андешаи дунё гаҳу бегаҳ найӣ,
Ҳар қадар тӯли амал бошад аз он кӯтаҳ найӣ.
Бар арӯси даҳр дил бастӣ ту имрӯзаҳ найӣ,
Аз ҳуҷуми фитнаҳои корвон огаҳ найӣ.
Сад қиёмат ҷамъ оварданду дунё рехтанд.

* * *

Баски Назмӣ, қулқули миност хамроҳам мудом.
Ҳар куҷо бошад шароб онҷо ҳаметозам мудом,
Ман зи дунтабъӣ зи ҷоми бода дамсозам мудом.
Ҳиммати мардони володастро нозам мудом,
Соғари хуршед дар базми Масеҳо рехтанд.

* * *

Меҳри анвардин мунавварроқ эрур рухсорингиз,
Каъбадек эй ҷон, муборакдур сизнинг дидорингиз.
Юхламиз Узрони ширин суратингин воласи,
Хушламиз Лаълини Маҷнуни асири зорингиз.
Равзаи Фирдавсдек дилкаш риёзи кунингиз,
Ор этар шамси фалакдин шаммае айвонингиз.
Нанг этар шамшоддин сарви сиҳи рафторингиз,
Мусхафи рухсорингизга оинаи ҳусну ҷамол.
Аҳсануттаквим ила сабт айламиш ҷаборингиз,
Рахналар солди кунгул мулкига ҳамдин дин касрига.

Кофири хунхора, яъне наргиси айёрингиз,
Ҷонимиз килди нишон юзминг ҳаводис ӯкига,
Фитна кавси, яъне эрди бало кирдорингиз.
Изламиз тубини ул қомат гирифторин улан,
Истамиз Кавсар асири лаъли шаккарборингиз.
Нетсин ул ҷаннат гулин бу чеҳраи гулрангсиз
Андалеби ҷоннаво парвардаи гулзорингиз.
Байтлар бошига илгил мурасса айлади,
Исмингиз харфидин, эй шоҳим, ҳам бемиқдорингиз.

## ҲОҶИИ ИСТАРАВШАНӢ

Устод Мулло Исмоилхӯҷа мутахаллис ба Ҳоҷии Истаравшанӣ дар ш. Ӯр-Теппа дар соли 1789 дар оилаи шахси фозили хушманд таваллуд шуд. Ҳоҷӣ дар мадрасаҳои зодгоҳаш ва ш. Бухоро таҳсил намуда ба азбар кардани улуми расмии замона муваффақ шуд. Ӯ аз кабили он муллоҳое буд, ки сарфу наҳви арабӣ ва забони арабиро ба хубӣ медонист. Ҳоҷии Истаравшанӣ ба илми шеъру шоирӣ аз хурдсолиаш машғул шуда ба маҳфилҳои адабии Доираи адабии Истаравшан ҳамвора ширкат варзида аз устодони каломи бадеъии он ҷо ба куллӣ баҳраманд гардидааст.

Ҳоҷии Истаравшанӣ аз овони хурдсолиаш орзуе дошт, ки ба зиёрати Маккаву Мадина ноил гардад. Ягона орзуи муқаддаси ӯ ҷомаи амал пӯшид. Ӯ як бор не ду бор ба зиёрат кардани Маккаву Мадина муваффақ шуд. Бори аввал ӯ ба воситаи роҳи Эрону Ироқу Дубай сафар карда мазорҳои бузургони Шарқ, аз ҷумла Хайёму Ҷаолиддини Румӣ, Шайх Аттору Абдуллоҳи Ансорӣ, Хоҷа Камолу Ҳофизи Шерозӣ ва Саъдиву Мирзо Бедилро зиёрат кард. Ин сафар ба ӯ фоидае беш овард. Ба ҷавҳари илму фарҳанги як қатор мамлакатҳои Шарқу Араб шиносоӣ пайдо намуд. Бори дигар ӯ ба зиёрати Маккаву Мадина ба воситаи Аврупо сафар карда аз бисёр мамлакатҳои Фарангистон дидан кард.

Дур аз ҳарими Маккаҳу хоки Мадинаам,
Ин аст он сафар, ки нишонест, аз сафар.

“Нишонест аз сафар” гӯён Ҳоҷии Истаравшанӣ “Сафар-

нома»-и худро дар назар дорад. Ӯ сафарномаҳои насриву назмие навишта дар он азобу машаққат, нишоту массарати хешро қайд намуда, дар бораи боздиду мушоҳидаҳои хеш таваққуф менамояд. Ӯ атрофи ҷаҳонро ҳама обу миёнаҷойи онро хушкӣ тасаввур мекунад ва харитаи онро мекашад. Инчунин ӯ дар бораи як қатор мамлакатҳо маълумот медиҳад ва мегӯяд:

Ғарбу Ҷануб, Шарқу Шимолу басити Арз,
Чандин ҳазор санг навардидам, эй писар.

Ҳамин тур аз шаҳрҳои беш Ҳоҷӣ дидан карда ба чунин хулосае меояд, ки ба ғайр аз ду бақъа, яъне Маккаву Мадина дар ҳар бобат мамлакати ӯ Бухорои Шариф аз ҳама авлотар аст.

Ғайр аз ду бақъае, ки рафеъ аст қадри ӯ,
Шаҳре наёфтам зи Бухоро шарифтар.

Тадқиқу таҳқиқи мероси адабии Ҳоҷии Истаравшанӣ, яъне сафарномаҳо ва ашъори ғарибу наҷиби ӯ ба таърихи адабиёти охири асри ХУIII ва аввали XIX аҳамияти калоне хоҳад дошт.

Зи худ овора аз қайди тааллуқ бениёз астам,
Чу Маҷнун баски савдомашраби Лайлии ноз астам.
Зи таҳмиди нафас чандин найистон зеру бам дорам,
Чунин шӯре, ки ман дорам намедонам чи роз астам.
Зи шавқи рухсати наззораи хуршедсимоям,
Саропо як қалам оинаи ҳайрони боз астам.
Ғурури иззу ҷоҳам меваи бечорагӣ дорад,
Чу Маҳмуд аз сари таслим дар пойи Аёз астам.
Хаёли тоқи абрӯе, ки доим дар назар дорам,
Ки чун шакли ҳилоли ҷилвасозии намоз астам.
Зи вазъи шамъ медонам мадори зиндагониро,
Ки равшан суратам чанде, ки дар сӯзу гудоз астам.
Ту зоҳид сахт тақво кун, ки аз девони икромаш,
Кароматномае дорам, ҳамеша сарфароз астам.
Ба суратхонаи имкон намедонам чи тасвирам,
Ки чун нақши хавойи пайкари беимтиёз астам.

Зи саъйи норасо чун нақши по охир ба раҳ хуфтам,
Баройи корвони рафта гӯше бар авоз астам.
Куҷо Ҳоҷӣ, зиё аз ҷилвае мижгони ман гирад,
Чу мижгони сафед аз Йусуфи Мисру Ҳиҷоз астам.

* * *

То бинои гунбади имкон ҳувайдо кардаанд,
Ҷинси кулфат ҷамъ оварданду дунё кардаанд.
Фарқсозон ҷумла аз асли ҳақиқат ғофиланд,
В-арна зайду амрро дар халқ ҳамто кардаанд.
Дар бисоти даҳр ҳар ҷо ҳарфе аз ғам бигзарад,
Дар дили афсурдаи мо ҷумла имло кардаанд.
Сурати мавҳуми мо андар адам афтода буд,
Дар раҳи ҷавлонгаҳи ин гард пайдо кардаанд.
Иқтисоби файзи мо сапки амал вобаста нест,
Меҳру Маҳро ба рӯи хотир мусаффо кардаанд (?)
Поси номуси адаб медод дар гулзори ҳусн,
З-ин адо ин боғро муфти тамошо кардаанд.
Фазлро натвон нуҳуфтан ҳар куҷо гирад камол,
Сояро кай бар сари Хуршед барпо кардаанд.
Ин ҳама ташвишу кулфатҳои даврон бас набуд,
Дилпарешон бозам аз ахёр уқбо кардаанд.
Мешавад ошиқ зи кори ишқ коҳил бениёз,
Қайсро охир халос аз фикри Лайло кардаанд.
Ҳоҷӣ, мурғи хотири моро халосӣ мушкил аст,
Чун гирифтораш ба доми зулф савдо кардаанд.

* * *

Аннавид, эй дил, ки иқболе ба корам кардаанд,
Обу ранги сад чаман назри баҳорам кардаанд.
Поймоли нокасиҳо кард аҷзе доштам,
Домани Хуршед ҳамдӯши ғуборам кардаанд.
Рутбаи нӯҳ осмон дар маърази сози уруҷ,
По яке аз дастгоҳи эътиборам кардаанд.
Яъне он шоҳе, ки бо ҳақ дошт ранги иттиҳод,
Хокпӯши обрӯйи ифтихорам кардаанд.
Он ки имкон дошт аз ҷудаш сари барги вуҷуд,
Файзбахши шахси маъдуми шиорам кардаанд.
То куҷо бар хоки маънӣ Раб, чамантахмир буд,
Дар риёзаш то абад гул дар канорам кардаанд.

Боргоҳеро, ки хокаш обрӯйи арш буд,
Сайргоҳе дидаи ҳайратшиорам кардаанд.
Дар шафоат обрӯйи маъсият пеш аз тақост,
Дар раҳаш перояи раҳмат нисорам кардаанд.
Аз хаёли наът натвон сохт қадри рифъаташ,
Лек дар савдои ӯ беихтиёрам кардаанд.
Шаш ҷиҳат бошад навои раҳматаллилоламин,
Шод бош, эй дил, ки пурумедворам кардаанд.
Ҳоҷӣ, аз арзи муҳаббат оламеро сӯхтӣ,
Ранги имкон як қалам назри шарорам кардаанд.

## ҲОҶИЮЛ ҲАРАМАЙНИ УР-ТЕППАГӢ МАШҚИ МАВЛОЙИ УСТОД МУЛЛО ИСМОИЛ ХОҶА

Боз аз Ҳиҷоз мекашадам ба қойиди қадар,
Гоҳе ба мавҷ, гоҳ-гаҳе сӯйи дашту дар.
З-ин пеш буд Ясрибу батҳо мақоми ман,
Дорам дар ин сафар ҳама хоки надам бар (?).
Дур аз ҳарими Маккаву хоки Мадинаам,
Ин аст он сафар, ки нишонест аз сафар.
Аз ихтилоти аҳли қудурат гурез нест.
Ё раб, куҷост мухаллас аз ин мояи қадар…
Гарбу Ҷанубу Шарқу Шимолу басити Арз,
Чандин ҳазор санг навардидам, эй писар.
Ғайр аз ду бақъае, ки рафеъ аст қадри ӯ,
Шаҳре наёфтам зи Бухоро шарифтар.
Обод бод то абад ин балдаи шариф,
Аз давлати шарифи шаҳаншоҳи баҳру бар
Шоҳе, ки нест мисли вай андар басити арз,
Ин нуқтаро тахайюли шеъре гумон мабар.
Донад, ки чист ҳоли шаҳону шиорашон,
Ҳар кас, ки кард ҳамчу ман аз шаҳрҳо гузар.
Кӯҳсорҳо агар ҳама дандоншикан бувад,
Мекун зи сабр талх лаби шукрро шакар.
Бо аҳли шеър нисбати кизб аст халқро,
З-ин интисоб баҳраҳо чист муштаҳар.
Ҳоҷӣ, туро, ки ин ду сифат бар камол ҳаст,
Камгӯӣ аст хубу хамӯш аст хубтар.

## МУХАММАС

Бори дигар бишнавед аз ман каломи мӯътабар,
Ин ғазал хуштар бувад дар оқил аз ганҷу гуҳар.
Аблаҳон кибру ҳаво доранд бо худ карру фар,
Ҳар яке дар туй азо эъзоз дорад навҳагар,
Ин замона шеваи ғайри дигар пайдо шудаст.

Дузди шаҳри мо ба ин шӯҳрат, ки Мискинком шуд,
Шӯр ангезад муфаттиш, эътибори ном шуд.
Нокасу пашминапӯшон соҳиби инъом шуд,
Боиси тақсири тоат рахна дар Ислом шуд.
З-ин ҷиҳат мобайни мӯъмин гову хар пайдо шудаст.

Қозии асри вилоят, раҳбарон шуд порахур,
Карда дастори калон ороиши зоҳир ба нур,
Баҳри нафси саг даҳанро карда монанди шутур,
Покро нокарда аз нопок фарқе бешуур,
Моли мардум хӯрданӣ чун шери нар пайдо шудаст.

Дарду ҳасрат бо кӣ гуям ҷойи колу қил намонд,
Шуд ҷигар садпора аз ғам, хуррамӣ дар дил намонд,
Таъмири умрам фано шуд, боқӣ аз каҳгил намонд,
Дар нишоти зиндагонӣ даъвии ботил намонд,
Ин ҷаҳон гӯё саросар раҳгузар пайдо шудаст.

## МИРЗО ШАРИФИ ДАБИР

Нигорандаи баҳори маънӣ Мирзо Шарифи мутахаллис ба Дабир яке аз шоирони маъруфи соҳибдевон ва хаттотони машҳури Доираи адабии Истаравшан дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали XIX мебошад. Ӯ дар гузари Хоҷа Фахриддини Ур-Теппа дар оилаи шахси фозили аҳроринасаб таваллуд ёфта дар мадрасаи Намозгоҳи ин ҷо ва дар мадрасаи Тиллокории Самарқанд таҳсили улуми замон намуда ба санъати шеъру шоирӣ ва санъати хаттотӣ ба таври махсус шуғл меварзад. Баъди бозгашт аз таҳсил ӯ боз ба маҳфилҳои доираи адабӣ фаъолона иштирок карда ҳамчун фозили до-

нишманд ва шоири закитабъу хаттоти сеҳрқалам шӯҳрати сазовор пайдо месозад. Ҳангоми забти шаҳри Ур-Теппа соли 1816 хони Хӯқанд Умархон ҳамроҳи бисёр аҳли илму фазли доираи адабии Истаравшан Дабирро низ асир карда ба Хӯқанд ҳай мекунад. Ӯро бо фармони маҷбурӣ муншии дарбори хеш таъин менамояд.

Фазлии Намангонӣ дар чанд ҷойи асари «Маҷмуаи шоирон»-и худ, ки дар соли 1822 таълиф ёфта буд, дар бораи Мирзо Шарифи Дабир таваққуф намуда, аслан аз Ур-Теппа будан ва нисбат ба сайидони Самарқанд-аҳрорӣ доштанашро қайд мекунад. Аз рӯйи тасвири Фазлӣ Дабир низ шоири закитабъ, сухантироз буда ашъораш аз лиҳози рангинӣ аз ашъори Салмон камӣ надорад:

Дабир он сухансанҷу покизагӯ,
Сухан месарояд ба сад рангу бӯ.
Ки шеъраш ба рангинию маҳкамӣ,
Зи ашъори Салмон надорад камӣ.

Девони шоир дасрас нашуд. Аз баёзҳои қаламӣ, аз авлоди шоир ва аз асари Фазлӣ чанд ғазал, мустазоду қасида, ду манзума ва як чанд рубоию мухаммасҳои ӯ гирд оварда шуданд.

Чунонки аз ашъораш ба куллӣ маълум шуд, шоир дар ғазал асосан дар пайравии Бедил шеър гуфтааст. Ба раъйи шоирони замон ба чанд шеъри Умархони Амир ҷавобияҳо гуфта, дар васфи ин хон чанд қасидаҳо низ сурудааст.

Дар асарҳои маа Бедил гуфтааш Дабир асосан ба мавзӯи иҷтимоии асарҳои Бедил диққати махсус дода онро ба зуҳуроти мавзӯи замони пурошӯби хеш татбиқ менамояд. То ҳадди имкон кӯшиш мекунад, ки маънии бикру образҳои тоза ҷӯяд. Бедил дар замонаш шоирони тамаллуққори дарбориро сахт мазаммат карда буд. Дабир ҳам ингуна шоирони маддоҳро зери тозиёнаи сахт мегирад. Бояд гуфт, ки шоирони дарбори Умархон таърифу тавсифи хонро аз ҳад гузаронида буданд. Ин гуна таърифи басодурӯғ табъу шаъни Дабирро тира месохт. Инак ду банди аввали як мухаммаси ӯро аз назар мегузаронем; яъне мухаммас ба ғазали Бедил:

Дар ин замон, ки забоноварон вассофанд,
На фозиланд, на олим на шахси инсофанд.

Ба ранги хома тиҳӣ аз иборати софанд,
"Ба гуфтугӯи касон мардуме, ки мелофанд,
Чу хат ба маънии худ норасида ҳароффанд",

Ҳазар зи арбадаи лофу қофи вассофон.
Гузар зи дағдағаи ҳарфу лафзи харрофон,
Машав фирефтаи ин ҳарзаи мӯбишкоф.
"Мабош ғарраи инсофи ин тунукбофон,
Ба набзи бомии мағзи хаёл наддофанд".

Ингуна ақидаҳои пешқадамро дар ғазал ва маснавиҳои ӯ низ дучор кардан мумкин аст. Ғазалҳои ишқию иҷтимоии Дабир фалсафаи амиқи ҳаётӣ ва ҷамъиятӣ доранд. Қаҳрамонони лирикии шоир рӯҳи қавии беоромиш, дили софи беолоиш, хотири озурда аз замону чеҳраи пажмурда аз даврон доранд. Панҷаҳои пасти кӯтоҳи ишқӣ ба гиребони орзу нарасидаи ин қаҳрамони лирикӣ ба торҳои нозуки ниҳонхонаи дили ошиқон нохун мезананд. Дабир аз фалсафа ва моҳияти ҳаёти номусоиду пурошӯби феодалӣ ба хубӣ огоҳ шуда адолатхоҳи ҳақиқату дилогоҳи раият мегардад. Аз ин лиҳоз ҳамвора дар таманнои кишваре ободу ҳаёти озод, мардуме дилшод ва дар васли маъшуқаи шӯху бебок умр ба сар мебарад. Аз ин бармеояд, байти зерини дар ҳаққи Дабир гуфтаи Фазлии Намангонӣ бедарак набудааст:

Сарафрозу машҳури офоқ буд,
Ки мобайни аҳли сухан тоқ буд.

Соли вафоти Дабир маълум нест, аммо то соли 1836 дар қайди ҳаёт буданаш маълум. Дар соли 1836 Дабир девони Фузулиро бо хатти настаълиқ бисёр зебо, хоно китобат карда, бо нақшу нигори бемисли зарҳаландуд оро дода онро бо хони Хӯқанд Муҳаммад Алихон (1822-1842) бахшидааст, ки он ҳоло дар китобхонаи Институти шарқшиносии Узбекистон нигоҳ дошта мешавад. Ин китоби пурсанъат дар ҳақиқат бисёр аҷоиб санъаткорӣ шудааст. Хаттоти сеҳрқалам чунон санъаткориҳо дорад, ки дар пӯчоқи як писта ё як бодом байтҳои шоир Фузулиро устокорона ҷой додааст, ки он бисёр хоност.

Инак намунаҳо аз ашъори Дабир пешкаши хонандаи азиз хоҳад шуд:

Фурӯғи ҳусни яктой, ки партавафкан аст имшаб,
Таҷаллидастгоҳи шамъ Тӯри доман аст имшаб.
Дари зулф лайлатулқадрест, аз субҳи баногӯшаш,
Шабу рӯзаш ба ҳам оварда шоми эман аст имшаб.
Дами теғаш масиҳоест , ҷони тоза мебахшад,
Чу Шамъам як сару гардан далели равшан аст имшаб.
Ба фирдавси сари кӯяш биёсудам биҳамдиллаҳ,
Сари савдоиям дар ҷайбу по дар доман аст имшаб.
Ба ёди ханҷари мижгони хунрези сияҳмасте,
Нафас дар сина чун теғи дудам парвардан аст имшаб.
Сару кори ману парвона, эй шамъи тирози ман,
Сарат гардам, чу кокул гирди сар гардиданаст имшаб.
Мушаббикҳост як сар синаам аз захми пайконат,
Ки гӯӣ хонаи торик дилро равзан аст имшаб.
Хумори тавбаву тақво бувад дарди сар, эй соқӣ,
Ба як паймона май бишкан, ки бишкан бишкан аст, имшаб
Аз он чоҳи занахдон то ҷудо шуд мардуми чашмам,
Ба чашмам арсаи офоқ, чоҳи шабран аст имшаб.
Дабир, аз чашмасори хомаам дар оби ҳайвоне,
Чу дарё як қалам дурри маонӣ суфтан аст, имшаб.

* * *

Зиҳӣ алфози ширини фасоҳатпарвар, эй тӯтӣ,
Ки мерезад зи гуфтори ту шаҳду шаккар, эй тӯтӣ.
Калими дар такаллум мӯъҷизоти гуфтугӯ дорӣ,
Масеҳои ба эҳёи сухан ҷонпарвар, эй тӯтӣ.
Агар аз чашмаи ҳайвон нишон дорӣ, варо сар кун,
Ки чун ҳазрат қабои ҳизри дай андар бар, эй тӯтӣ.
Зи ҳусни сарву боғу шамъи маҳфил бехабар магзар,
Ба ранги қумрию парвона шав хокистар, эй тӯтӣ.
Ҳаловатҳо ба ком аз шаҳди нобе гуфтугӯ дорад,
Дабир, аз килки бемағму ту аз найшаккар, эй тӯтӣ.

* * *

Чист дарё як қалам мавҷи сароб аз чашми ман,
Кист тӯфон, ғарқаи обу азоб аз чашми ман.
Абрро аз дидаи гирёни ман сели сиришк,
Барқро хуни ҷигар дар сина об аз чашми ман.
Он қадар аз дарди ишқаш рехтам селоби хун,

Гашт охир нӯҳ фалак як сар хубоб аз чашми ман.
Дидаям рӯи арақноки туро дар боғи ҳусн,
Шабнами гул гӯ, ки баргирад гулоб аз чашми ман.
Ёди чашми ҷодуи мардумфиребаш дам ба дам,
Рехт дар мижгон задан хуноби ноб аз чашми ман.
Тифли ашкам бар наи мижгон савор аз айни шавқ,
То сари кӯйи ту шуд по дар рикоб аз чашми ман.
Аз саҳоби гуна тӯфони ҳаводис рехтам,
Гашт охир хонаи мардум хароб аз чашми ман.
Ҳар киро чун мардумони дида парвардам ба чашм,
Мехурад хуни дилам ҷои шароб аз чашми ман.
Сафҳаи оина дорад нусхаи ҳоли Дабир,
Як қалам сармашқи ҳайрат интихоб аз чашми ман.

* * *

Он сарви сиҳиро, ки гузар дар чаман асташ,
Ранги гули бодом ба бар пираҳан асташ.
Холе, ки ба кунҷи лаби ширин сухани ӯст,
Зоғест, ки бар гӯшаи кавсар ватан асташ.
Ҳар сабзаи хатте, ки дамидаст аз он лаб,
Бо Хизру Масеҳо сухан андар сухан асташ.
Бо орази гулфоми ту ҳар ҳалқаи гесӯ,
Чун мори сияҳ хуфта ба рӯи суман асташ.
Парвонаи афрӯхтаи шамъи рухашро,
Аз болу пари сӯхтаи худ кафан асташ.
Ёкути лабаш ташналабонрост равонбахш,
Чун чашмаи ҳайвону ақиқи Яман асташ.
Танҳо на хаёлу дил асири сари зулфаш,
Сад Юсуфи андеша ба чоҳи зақан асташ.
Эй тоири кудсӣ, на туро мову ман ин аст,
Бархез нишемангаҳи зоғу заған асташ.
Килки гуҳаророи Дабир аст муҳите,
Алфози маонӣ ҳама дурри Адан асташ.

## МУХАММАСОТ

Муборак бод, эй дил, муждаи васли баҳор омад!
Ҳаёти ҷовидонӣ сӯи ин умедвор омад,
Арӯси муддао, гӯ бо кӣ акнун дар канор омад,
Садои “хайра мақдам” аз ҳама кунҷу канор омад,
Ҷаҳоне ёфт равнақ, чунки он гулгунузор омад.

Яди байзо намуд он дам, ки бо маҳ дод ҷоми май,
Фитодам зери пояш менадонам мурдаам ё ҳай.
Ба оташ пайкари афсурдаам афрӯхт ҳамчун най,
Намудам оламеро аз ғами он шӯхи бадхӯ тай,
Биҳамдиллаҳ, ки он оворагиҳоям ба кор омад.

Раги ҷон кай тавонад он миёни мӯ асар бандад,
Шуъои оразаш монанди меҳру маҳ назар бандад,
Агар Монӣ ба фикри рангу бӯи ӯ камар бандад,
Куҷо нақше тавонад, к-аз сари товус барбандад,
Ҳамин мазмуни қавлам з-он лаби шаккарнисор омад.

Занад наштар ситам бар ҷони ман ҳар лаҳза мижгонаш,
Расад шаҳду ҳаловат ҷои лаб лаъли сухандонаш.
Агар созад ҷароҳат ҷони поки доғи ҳиҷронаш,
Аҷаб набвад фароҳам ояд аз ҳар аҳду паймонаш.
Бубин ҳар ҷо, хазоне ҳаст таҳдиди баҳор омад.

Аз он тарзи хирому з-он нигоҳи наргиси шаҳло,
Шавад овора оҳуи Хутан афтода сар аз по,
Чунон ошуфта гардад сунбул аз он зулфи анбарсо,
Сари таслим мехоҳад ба пои ӯ гули раъно,
Дуои ҷони ӯ аз панҷаи шохи чинор омад.

Аҷаб набвад агар ҷон дар хироми нозаш афтонам,
Ба хоки пои ӯ рухсори зарди хешро монам,
Чи хоҳад буд, ё раб, баъд аз ин анҷоми сомонам,
Тавонам васли ӯро ёфтан ё ин ки натвонам,
Таҳаммул карданӣ бояд, ки ҳукми кирдугор омад.

Лаби лаъли майолудаш, ки бо ман розҳо дорад,
Ду чашми сурмаолудаш, ки бо ман розҳо дорад,
Ба гӯши ҷон зи рӯи меҳрубонӣ созҳо дорад,
Чи бояд кард, дар пеши назар ғаммозҳо дорад?
Тароватбахши базми гул бубин ҳар ҷо, ки хор омад.

Яке овораи дашти ҷунунам аз ғами он гул,
Ҷудо афтодае созам фиғону нола чун булбул,
Ба ёди чини зулфи ӯ шавам ошуфта чун сунбул,
Саросар печутоби ман мисоли турраи кокул,
Ки ин саргаштагӣ аз накҳати гесӯи ёр омад.

Чаман шуд оламе, аз ҷилваи нози хироми ӯ,
Аҷаб набвад агар сарви сиҳӣ гардад ғуломи ӯ,
Шуда маншури аҳли ишқ, аз мактуби номи ӯ,
Шавад эъҷози Эсо ҷумла оҷиз аз камоли ӯ,
Чи Мӯсову чи Эсо аз мақомаш шармсор омад.

* * *

Агарчанде набошад аз висолаш кулбаам равшан,
Шуда машғули фикри дилрабояш хаста ҷону тан,
Бувад ҳарчанд аз ҷавру ҷафояш синаам махзан,
Насозам пеши арбоби ҳавас аз зулми ӯ шеван,
Ки чун субҳи саодат аз паси шабҳои тор омад.

Надонистам чи дид аз ман нигори нозанини ман,
Тағофул пеша месозад бути Заҳроҷабини ман,
Намегардад ҳам аз саҳву хато як раҳ қарини ман,
Хумои толеам гӯё бирафт аз остини ман,
Дабиро, ин сияҳбахтӣ зи акси зулфи ёр омад.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ САЪДӢ

Дил бо ғами ишқи ту на чандон, ки кашида,
Ҷон дод ба сарманзили мақсад нарасида.
Аз дасти ситамҳои ту ҷуз ҳаҷр надида,
Эй ёр, ҷафо кардаӣ пайванд бурида,
Ин аст вафодории аҳди ту надида.

Дар кӯи ғамат кӯшиши бефоида кардам,
Сар дар қадамат кӯшиши бефоида кардам,
Умре ба раҳат кӯшиши бефоида кардам,
Сар дар талабат кӯшиши бефоида кардам,
Чун тифли давон аз паи гунҷишк парида.

Эй ранги баҳор аз гули рӯят шуда маҳбус,
Ваҳшинигаҳон аз нигаҳи шӯхи ту маҳбус.
Мурғони биҳиштӣ сари роҳат паи побӯс,
Рафтори ту монад ба хиромидани товус,
Баргашта нигаҳ карданат оҳуи рамида.

Эй турки шикорафкан ҳамон сайд накардӣ,
Шерони жаёнро ба камон сайд накардӣ,
Пас тоири дар хок тапон сайд накардӣ,
Мурғи дили соҳибназарон сайд накардӣ,
Илло ба камондории абрӯи хамида.

Тӯҳматасаре нест мани ошиқи мазлум,
Хуниндаҳане нест чу ман бо дили мағмум.
Дар ишқи ту мавсуфаму бо ҳаҷри ту мавсум,
Дар кӯи ту маъруфаму в-аз рӯи ту маҳрум,
Гурги даҳанолудаи Юсуф надарида.

Бо кокули мушкини ту панҷа натавон кард,
Бо гесӯи мушкини ту панҷа натавон кард,
Бо панҷаи симини ту панҷа натавон кард,
Бо дасти нигорини ту панҷа натавон кард,
Рафтем дур кардаю дашном шунида.

Хомушнафасон чун гуҳари рози ту суфтанд,
Сар бо сари инкор ниҳоданду нагуфтанд,
Онҳо ку сири ишқи ту дар дил бинуҳуфтанд,
Мо ҳеҷ нагуфтем ҳама халқ, бигуфтанд,
Афсонаи Маҷнун, ки Лайли нарасида.

Эй ҷавҳари ҷон, нури назар дидаи Саъдӣ,
Ҳамчашм Дабир аст нигар дидаи Саъдӣ,
Дидори ту дидаст, магар дидаи Саъдӣ,
Рӯи ту набинад агар дидаи Саъдӣ,
Гар дида ба кас боз кунад дида ту дида.

## МУСТАЗОД

Маҳ гард барангехта аз орази моҳат, бар торуми ахзар,
Хуршед ғубори ба ҳаворафтаи роҳат, аз зарра фурӯтар.
Ҳайрони ҷамолат шуда оина ба сад раҳ, чун мардуми дида,
Ҳангоми назора ҳама тан маҳви нигоҳат, ҳайратзада яксар.
Дар кишвари ҷони дили ошиқ паи ғорат, туркона ниҳодӣ,
Бар гӯшаи абрӯ шикани тарҳи кулоҳат, гардида мусаххар.
Миною маю мутрибу соқӣ шуда бехуд, дар базми висолат,
Аз рамзи адои нигаҳи чашми сиёҳат, саршор чу соғар.
Зоеъ макун аз баҳри худо хуни сиришкам, гар чашми сар ояд,
Ҳамроҳи дилу дида ба хоки сари роҳат, чун тифл бупарвар.
Танҳо на дилам гашта ба савдои ту Яъқуб, дар қайди муҳаббат,
Афтода дусад Юсуфи андеша ба чоҳат, магзор муқаддар.
Аз шӯхии рафтори хушу рашки даҳонат, то ғунчаву шамшод,
Гадида ҷабинсойи қади ҷилвапаноҳат, то тӯбию кавсар.
Умрест, ки об аз даҳани Хизр равон аст, чун килки Дабират,
Бар гирди лабат сабзайи хат меҳр гиёҳаст, то сохта сар-сар.

## ҚАСИДА

Аёми рабеъ омаду наврӯзи дилафрӯз,
Ҳангоми нишот аст, баҳори тарабафзо.
Омад ба амал омили номияи номӣ,
Шуд рӯҳи наботе паи ҷон чун дами эсо.
Бинмуд ба аҷзи чаманорои ҳақиқат,
Аз шохи шукуфта ба гулистон яди байзо.
Аз чашмаи Хизр дод ба сабза, чу шукӯҳе,
В-аз лола барафрӯхт ба кӯҳ оташи Мӯсо.
Аз оби саҳоб оташи гулбарги тар афрӯхт,
В-аз боди саҳар машъалаи шамъи таҷалло.
Машшотаи тақдир арӯсони чаманро,
Сар то қадам ороста дар хилъати зебо.
Пурлаълу зумуррад шуда аз сабзаву лола,
Саҳни чаману домани кӯҳу кафи хоро.
Ороста базмест чаман пур зи аҷоиб,
Атфоли баҳор омада ин ҷо ба тамошо.
Дар оинаи об равон акси шукуфта,
Монанди нуҷуми фалак оинаи симо.

Дар барги гул овехта бин қатраи шабнам,
З-он гуна, ки аз гӯши бутон лӯълӯву лоло.
Бар орази симини суманбарги бунафша,
Печидаву пайваста ба ҳам чун хати тарсо.
Гул ҷилвакунон омада бо ҳусну латофат,
Хубони ҷаҳон бар рухи ӯ волаву шайдо.
Наргис нигарон гашта ба рухсораи гулшан,
Савсан ба санохонии сунбул шуда гӯё.
Дар пои гул афтода зи шавқ, об ба ҳар сӯ,
Ҳайрону саросема зи худ рафта ба ҳар ҷо.
Бархоста аз рӯи гулу сабза насиме,
Сад мартаба хушбӯйтар аз анбари соро.
Кумрӣ зи сари сарв сароянда ба бустон,
Булбул ба фиғон дар чаман андохта ғавғо.
Бигрифта ба каф баҳри тараб лола пиёла,
Наргис ба ҳам оварда зи зар соғару саҳбо.
Азбаски ҳаво мӯътадилу табъ латиф аст,
Рӯяд гули бехор кунун аз дили хоро.
Омад гулу ороста шуд базми ҳарифон,
Май деҳ, ки шуд асбоби тараб ҷумла муҳайё.
Айёми нишот аст, баҳори тарабафрӯз,
Дорам ҳаваси Ҷоми маю шомиду раъно.
Эй шоҳиди гулчеҳра, биё, бода биёвар,
В-аз шамъи рухат маҳфили аҳбоб биёро.
То маст шавем аз гули тавҳид бигӯем:
Рӯзе, ки ниҳон аст, дар ин гунбади хазро.
Дар коргаҳи кавну макон таъмияе ҳаст,
Ку нуқташиносе, ки кунад фаҳми муаммо?
Зарроти ҷаҳон партави хуршеди вуҷуд аст,
Акси рухи ӯ аз ҳама ашёст ҳувайдо.
Бо зоҳиди афсурда чи гӯям, ки надорад
Аз партави хуршед хабар дидаи аъло.
Эй он ки надорад хабари лаззати ҳастӣ,
Гар бехабар аз бода бувад, айб мафармо.

## ҚАСИДА

Вақти он шуд, ки чаман равнақи дигар гирад,
Рангу бӯе, ки зи бар дода ба бар баргирад.
Аз дами субҳи азал дар нафаси фасли баҳор,
Боди наврӯз вазад оташи гул даргирад.

Мӯъҷази эсавӣ аз лаъли лаби ғунча дамад,
Ҷисми афсурдаи гул рӯҳи мусаввар гирад.
Оташи мӯсавӣ афрӯхта шуд аз сари нав,
Қумрӣ хокистаре аз боли самандар гирад.
Лола аз хору гул аз пираҳани хор шукуфт,
Домани кӯҳу кафи дашт саросар гирад.
Боғ шамъест мунаввар шуда аз оташи Тӯр,
Ғунча аз партави ӯ тобиши ахгар гирад.
Лола оташкада шуд доғи ҷигарсӯз дар ӯ,
Чун Халилест, ки ҷо дар дили озар гирад.
Лола шамъи фалаку чашми чароғи анҷум,
Меҳр дар ташти зару моҳ ба миҷмар гирад.
Наварӯси чаман омад ба дари ҳуҷлаи ноз,
Шоҳиди боғу чу гул нанг ба бар дар гирад.
Ҷоми гулфом ба каф наргиси махмур имрӯз,
Нори шабнам арақ андар қадаҳи зар гирад.
Андалеб аз вараҷи гул ба гулбонги сабӯҳ,
Садҳазорон сабаҷи нола ба дафтар гирад.
Фохта бар сари сарв омада ку-ку зада гӯй,
Қумрӣ ҳу-ҳу занаду зикр кабӯтар гирад.
Гули наврӯзию гулҳои намози шомӣ,
Рӯз чун меҳр шаби тор чу ахтар гирад.
Арғувон сурати товус занад чатр ба боғ,
То зи садбарг ба ҳар ранг таҳи пар гирад.
Даҳани ғунча пур аз жолаву шабнам шуд аз он,
Ҷои дандон лаби лаълаш дурру гавҳар гирад.
Дар дили ғунча басе маънии рангине ҳаст,
Сарв як мисраи барҷаста равонтар гирад.
Атрсо мушкфишон бод вазон бар дару кӯ,
Сумону сунбулу гул ғолия бар сар гирад.
Гул ба нохуни гиреҳ сунбулу тотор кушод,
Ки аз ӯ нофаи Чин нафҳати анбар гирад.
Мушки бед омада дар пои гул афтод ба сар,
То чаман роиҳаи ғайр муқаррар гирад.
Боғи Зардушт ҳакимаст, ки аз ҳовани гул,
Нуқра аз шабнам в-аз хурдаи худ дар гирад.
Дар чаман дошт бунафша ба забон шикваи гул,
Боғбон хост забонаш зи паси сар гирад.
Кулаҳи тоҷ ба сар наргису савсан ба чаман,
Тахти гул хост ба садранг мусаххар гирад.

Тирборон ба гул аз қавсу қузаҳ дорад абр,
Ғунча пайкон ба кафи гул сипари зар гирад.
Об фавворазанон бар лаби ҷӯ чун зам-зам,
Даъвии бартарӣ аз софии кавсар гирад.
З-оби ҷӯ боғ кашидаст ба ҳар сӯ ҷадвал,
Ранги гул то вараҳи сафҳаи мистар гирад.
Ғолибо, хун ба раги гул зи ҳарорат шуда ҷамъ,
Хор бо сӯзани мижгон-ш чу наштар гирад.
Навбаҳор аст, ҳаво мӯътадилу табьи латиф,
Ки зи оинаи дил ранги муқаддар гирад.
Сафҳаи саҳни чаман об занад чанд саҳоб,
Ҳар ғуборе, ки бувад рафта саросар гирад.
Абр к-ӯ хайма занад, садра ба сар соя ниҳад,
Гул зи ҳар ранг саропардаи чодар гирад.
Духтари раз ба саропарда шавад сархушу маст,
Парда аз рух фиканад, гӯшаи меъҷар гирад.
Сарв мино ба бағал, наргису гул ҷом ба каф,
Ғунча бар дӯши сабӯ даст ба соғар гирад…

## МИРАБРОРИ СОҲИР

Соҳир яке аз шоирони равшанфикри сеҳрнигори Доираи адабии Истаравшан дар нимаи аввали асри XIX мебошад. Ӯ тахмин дар охирҳои солҳои ҳаштодуми асри XVIII дар оилаи шоир Ниёзӣ таваллуд ёфта маълумоти пурраи ибтидоиро дар назди волидайн мегирад. Баъд дар Бухоро дар мадрасаи Бадалбек таҳсили худро давом медиҳад. Пас аз омӯхтани илму ҳунари расмии замона дар худи ҳамон мадраса мударрис таъин мегардад. Ӯ то хатми мадраса ҳамчун шоири маъруф, хаттоти сеҳрқалам ва муншии моҳир шинохта шуда буд.

Соҳир Миразим ном хешованди худро ба Бухоро ба наздаш бурда таълиму тарбияти мадрасавӣ дода, инчунин аз шеъру шоирӣ дарс мегӯяд. Миразими хушсалиқа ба шеъргӯйӣ мепардозад ва ашъораш ба устодони сухан писанд меояд, яъне қобили қабул мегардад, аз ин лиҳоз ба худ Мақбул тахаллус мегирад, ва ҳамчун шоири навгӯ шӯҳрат пайдо мекунад.

Соҳири дар Бухоро ба шоирӣ ва мударрисӣ обрӯ ва эътибори калон пайдо карда баъди чандин соли мударрисӣ ба зодгоҳи хеш баргашта боз бо ҳамқаламонаш ба ҳангомаҳои маҳфилҳои адабӣ ширкат меварзад.

Соҳир умри зиёде дида дар синни ҳаштодусесолагӣ ҷаҳони фониро падруд мегӯяд. Қабраш дар Талли Истаравшан дар шафати мазори Маҳдумон воқеъ аст.

Соҳир шоири соҳибдевон аст. Девонаш ба даст омадааст. Девони ӯ асосан аз ғазал, мухаммас, рубоӣ ва қитъаву мусаддасҳои дилчасп иборат буда, қариб панҷ ҳазор байтро дар бар мегирад.

Соҳир асосан шоири ҳаҷвнигор буда дар эҷодиёташ санъатҳои ҳазлу мутоиба, пичингу заҳрханда, писханду киноя ва муболиғаю иғрокро ба авҷи камол расонидааст. Ҳадафи асосии ҳаҷву музҳакаи тезу тундаш аҳли зулму чоҳ ва фисқу фиҷури замонаи намусоиди феодалист. Шояд бадии рӯзгори худро аз беэътиборӣ ва ноодамиҳои синфи дорои ҳукмрон медонад.

Соҳир аз даври фалак наҳсияти бахтам магар,
Ахтари иқболи ман гардида Акраб дар қамар.
Чун нагардад ҳоли имрӯзи ман аз фардо батар,
Балки арбоби карам з-ин рӯ ба рӯям баста дар.

Намояндагони синфи ҳукмрон на ин ки ба Соҳир чизе намедодаанд, балки нисбат ба ӯ бо чашми кинаву ҳисси нафрат менигаристанд. Вале Соҳир шарафи шеъру шоириро аз даст надода ҳамоно ба муқобили душманони худ теғи забони тавқидиро аз наём мекашидааст.

Боз як хусусияти барҷастаи ҳаҷвнигории эҷодиёти шоир дар он аст, ки ӯ дар шахси худ муроҷиат намуда аҳволи баду рӯзгори номусоиди бенавоёну бе пуштупаноҳонро ба таври реалӣ тасвир мекунад. Дар тасвири ӯ танқиду шикоят бо ҳам омехта норасоиҳои замони тираву феодализм ва аҳли зулму истибдорро фош месозад. Масалан як мухаммаси ба радифи “Мехурам” навиштаи ӯ, ки аз ҳафт банд иборат аст, мисли дигар шеърҳои ҳаҷву шикоятиаш нисбат ба замона ва аҳли ҳукмрони он як айбномаи бузургест. Ҳоло бандҳои дуюму панҷум ва банди охири ин мухаммасро меоварем.

Қисмати ҳар кас ба накди ҳимматаш омад хамӯш,
Ағниё доранд, базми бода ҷоми нӯш-нӯш.
К-аз хаёли хом ман ҳам мекунам ҷӯшу хурӯш,
Ногаҳон бар хотирам деги палав ояд ба ҷӯш.
Мекунам забти нафас як соатак дам мехурам.

Кори мо аз тангдастӣ доимо аҷзу ниёз,
Субҳидам то шом баҳри нафс дар сӯзу гудоз,
Пир гаштам оқибат дар ҷустуҷӯи ҳирсу оз,
Нахли авқотам нашуд сарсабз чун барги пиёз,
Меваҳои орзу аз тухми шалғам мехурам.

Дар ҷаҳон ё раб, нагардад ҳеҷ кас чун ман ғариб,
Дӯст механдад ба ҳолам, таъна месозад рақиб.
Дар қалам оварда Соҳир, баски ашъори аҷиб,
Дарду ғам аз ҳад фузун гардид арзеро насиб.
Гар дигар чизе наёбам, чун камон хам мехурам,

---

Маъхазҳои истифодашуда:

1. Қори Раҳматуллои возеҳ “Тӯҳфат-ул-аҳбоб” чопи сангӣ саҳ 237.
2. Р. Абдуллозода, Шоир Мақбул, «Маориф ва Маданият» соли 1962, 30 октябр.
3. Мероси адабии Мираброри Соҳир.

* * *

Мурассаъ шуд гулистони рухат чун аз баҳори хат,
Фузун гардид нури дидаам аз сабзазори хат.
Зи ҳасрат оҳи сард аз дил макаш бедор мегардад,
Ки оҳуи Хутан хобида андар лолазори хат.
Раги гул ҷои мӯ аз хомаам сар мезанад ҳардам,
Ба ҳангоме, ки таҳрири рухаш кардан нисори хат.
Асирам карда хатти оризи зулфи баногӯшаш,
Ба ранги ман нагардад ҳеҷ кас ё раб, дучори хат.
Дамодам субҳи айшамро фиреби чашми ҷодуваш,
Сияҳ чун шоми мотам кардааст дар рӯзгори хат.
Ҷунунам меравад, ҳар сӯ дили девонаам, аммо
Ба афсун мекашад занҷири зулфаш дар канори хат.
Ғами ишқ оташи дил кам намесозад, чи сеҳр аст ин,
Ба як наззора чун симоб чашми беқарори хат.
Ба накди ҷон ситонам корвони ҳусн, агар орад
Матои бӯсаи лаъли лабашро аз диёри хат.
Наёвардӣ хати бинвиштаи ёрам, биё қосид,
Бубин аз гиря, Соҳир кӯр шуд дар интизори хат.

* * *

То мӯҳтасиб сабӯи май аз кин шикасту рехт,
Бошад аз ӯ ба майкада чандин шикасту рехт.
Аз рашки зулфу орази зебои дилкашат,
Бар тарфи боғ сунбулу насрин шикасту рехт.
Хори ҷафову ашки ҷигарранг дам ба дам,
Бар синаам зи дидаи хунин шикасту рехт.
Даврон фиканд санги ҷафоро ба базми мо,
Ҷоми муроду бодаи рангин шикасту рехт,
Бишкаст соғари ману май рехт Соҳирӣ,
Дорам басе шикаст ба дил з-ин шикасту рехт.

## МУХАММАС

Намебояд маро ҷуз фазли ту фарёдрас ин ҷо,
Ки дорам дарди бедармон, надорам ҳеҷ кас ин ҷо.
Ҳадаф гардида ё тири бало дар ҳар нафас инҷо,
Ба ранги мурғ маъюсам гирифтори қафас инҷо.
Ба сар афтода савдое, ки дил ночор менолад,
Ба чашми хунфишон бо оҳи оташбор менолад.
Чу тифли бепадар дар зери ҳар девор менолад,
Ба ҳоли нотавонам мӯру моҳӣ зор менолад.

* * *

Ба ҷуз кулфат надидам рӯи беҳбудӣ дар ин олам,
Саҳоби ғам ба сар меборад аз (даври) фалак мотам.
Нашуд рӯзе, ки гардад хотири афсурдаам хуррам,
Зи бахти тира Соҳир мехурам хуни ҷигар ҳар дам.

* * *

Ёди рухсоре, ки кард аз сина урён нолаам,
Дорад аз хунобi дил чандин гулистон нолаам.
Гар бурун орад чу най сар аз гиребон нолаам,
Чун сипанд оташ занад дар хирмани ҷон нолаам,
Медамад чун шамъ аз ҳар тори мижгон нолаам.

* * *

То сипанди донаи холи ту шуд оташсавор,
Оқибат кард аз ниҳодам оҳу ҳасрат ошкор,

Аз қазо афтад агар як зарра дар ин рӯзгор,
Барқ оташ мешавад дар хирмани боғи баҳор,
Гар даронад ҳамчу бӯи гул гиребон нолаам.

Пайкарам аз тоби ҳиҷрони ту шуд биллаҳ чу шамъ,
Як нафас аз оташи дил нестӣ огаҳ чу шамъ.
Ашк дар бар, доғ бар сар, аз ғамат, эй маҳ чу шамъ,
Сӯхтам, барбод рафтам гаҳ чу шабнам, гаҳ чу шамъ.
Субҳи ҷӯши гиряам шоми ғарибон нолаам.

Баски гардидам шаҳиди теғи абрӯят равост.
Дар тариқи дӯсти якранг будан кори мост,
Инқадар парвардаи ишқам, ки хокам тӯтиёст.
Сурма мечӯшад ба ёди хушнигоҳон нолаам.

Он ки чун Соҳир зи ҳоли хеш дорад огаҳӣ.
Дар ҳақиқат факр бошад давлати шоҳаншаҳӣ,
Зард шуд рухсораам то ёфтам бӯи беҳӣ,
Аз шакар бастан чу най маҳдуд гардидам тиҳӣ,
Дар адабгоҳи муҳаббат нест осон нолаам.

* * *

Пур аз хуноби ҳасрат шуд ду чашми ашкбори ман,
Яке бар рӯзи ман гиряд, яке бар рӯзгори ман.
Ману дил бар сари кӯят гирифторему саргардон,
Ман андар кори дил ҳайрону дил ҳайрон ба кори ман.
Забон аз шиква бандам, шукри ёри хештан гӯяд,
Зи бедоди ту ҳар ошиқ, ки бинад ҳоли зори ман.
Чу доим бо манаш буд он ки бошад душмани ҷонам,
Кунун шуд душмани ҷон ҳар, ки рӯзе буд ёри ман.
Маро сад обрӯ додӣ, ки гуфтӣ ё рақибонат,
Ки аз афтодагӣ Мақбул бошад хоксори ман.

## МУХАММАС

Сазад бар сар бипошам аз надомат ҳар кафи хоке,
Надорам оҳи оташбору фикри чашми намноке.
Нагардидам шаҳиди ханҷари мижгони бебоке,
Чи сайдам ин, ки на бисмил шудам на зеби фитроке,
На аз хунам замин олуда шуд на домани поке.

Ба арбоби ҳунар кулфат насиб аз даври гардун шуд,
Ҷарору шаҳду роҳатро ба коми сифлау дун шуд,
Ба ҷуз хорӣ набинад он ки ҳамдарси фалотун шуд.
Дилам аз бетамизиҳои абнои замон хун шуд,
Набудӣ кош лавҳи хотирамро нақши идроке.

Касе чун меҳр то бар даври ин олам намегардад,
Набинад кулфати айёмро одам намегардад.
Ба дам сардӣ диҳӣ сад тоби оҳан дам намегардад,
Маро шӯри ҷунун аз панди носеҳ кам намегардад.
Чи имкон аст аз оҳам шӯъла гирад мушти хошоке.

Сияҳбахтӣ ба имдоди фалак кораш кунад охир.
Ки наҳс аст ахтари толеъ намудораш кунад охир,
Ки кори миннати дун синаафкораш кунад охир,
Фалак гар сифларо иззат диҳад, хораш кунад охир,
Ҳаво бардошт боло бар замин бурд ҳар кафи хоке.

Чун маҷнун бар сарам як тӯи бе мотам намебошад,
Диламро орзӯи хотири хуррам намебошад.
Ба гулшан бе рухат ҷуз дидаи пурнам намебошад,
Нигоҳамро тамошои гулу шабнам намебошад,
Ману дар кунҷи узлат ёди рухсори арақноке.

Гирифторам ба доми тифли оташхӯю симинбар
Табу тобам нагардад кам ба оби чашмаи кавсар.
Ба ранги мӯи оташдида мепечам ба худ яксар,
Набошад ҳеҷ доғ аз доғи ҳаҷри ёр сӯзонтар,
Ба васли шамъ кай парвонаро з-оташ бувад боке.

Ба гулзоре, ки Соҳир андалеби волаву шайдо,
Шавад аз ҳаҷри гул булбул ба сони нолаву асло.
Маро афтод бар сар чун зи холи оразаш савдо,
Надидам дар баҳори зиндагӣ Ҳозиқ дар ин саҳро,
Ба ранги лола ҷуз доғи дилеву синаи чоке.

* * *

Кулфати шому саҳар аз даври олам мехурам.
Оҳ аз бахти сияҳ ҷон меканам, сам мехурам,

Неъмати алвони дунё баъди маргам мехурам.
Ман ба ҷои ҳею қил аз субҳ шабнам мехурам,
Чунки ҳангоми азои шом шуд ғам мехурам.

Қисмати ҳар кас ба накди ҳимматаш омад хамӯш,
Ағниё доранд базми бода ҷоми нӯш-нӯш.
К-аз хаёли хом ман ҳам мекунам ҷӯшу хурӯш,
Ногаҳон бар хотирам деги палав ояд ба ҷӯш,
Мекунам забти нафас як соат ак дам мехурам.

Меҳнату роҳат намебошад ба ҳар кас бе сабаб,
Бо гадо шуд фақррӯзӣ шоҳро айшу тараб,
Хотири ман кардааст, аз накди ҳалво мунтахаб,
Ҳасрати оби наботу пашмаки бозоршаб,
Мекунад лоҳаз агарчанде, ки ман кам мехурам.

Пой то сар гаштаам маҷрӯҳ аз захми забон,
Об мегардам зи шарми таънаҳои душманон.
Сад асо бишкаста бар фарқи сарам аз баҳри нон,
Толеи баргаштае дорам зи абнои замон,
Ҳар куҷо рӯ оварам як мушти маҳкам мехурам.

Кори мо аз тангдастӣ доимо аҷзу ниёз,
Субҳидам то шом баҳри нафс дар сӯзу гудоз,
Пир гаштам оқибат дар ҷустуҷӯйи ҳирсу оз,
Нахли авқотам нашуд сарсабз чун барги пиёз,
Меваҳои орзу аз тухми шалғам мехурам.

З-эҳтиёҷи хеш бар ҳар дар, ки рӯ овардаам,
Обрӯ чун оби ҷӯ афсӯс аз каф додаам.
Ман ба маҳди модари гетӣ ба ғам парвардаам,
Баски аз ҳиҷрони лаълаш хӯи талхӣ кардаам.
Нони қоқи монда аз Ҳаввою Одам мехурам.

Дар ҷаҳон ё Раб, нагардад ҳеҷ кас чун ман ғариб.
Дӯст механдад ба ҳолам таъна месозад рақиб,
Дар қалам овард Соҳир, баски ашъори аҷиб,
Дарду ғам аз ҳад фузун гардид арзеро насиб,
Гар дигар чизе наёбам, чун камон хам мехурам.

## БАНДИ МУХАММАС

Лашкари ғам беадад дар майнаам дорам, равост,
Хуни дил аз дида чун борон агар борам, равост.
Раҳм созӣ бо рухи зарду дили зорам, равост,
Бо яди қудрат гираҳ бикшой аз корам, равост.
Қоматам дар зери бори миннату ғам дол шуд.

## НИЁЗИИ ИСТАРАВШАНӢ

Номаш Миразиз, тахаллусаш Ниёзӣ. Дар бораи Ниёзӣ маълумоти хеле кам дар даст дорем. Ҳаминаш маълум, ки Миразиз дар соли 1820 дар гузари Дарвозаи болои Ур-Теппа дар оилаи пӯстиндӯзе аз ҷамоати пӯстиндӯзони ин ҷо таваллуд шуда, маълумоти пурраи ибтидоиро дар назди волидайн гирифта, дар мадрасаи Гунбади Сабзи зодгоҳаш мехонад. Дониши дар ин ҷо гирифтааш Миразизро қаноат кунонида натавонистааст, ки ба Бухоро сафар карда чанд сол дар мадрасаҳои онҷо хонда боз гаштааст. Миразиз падари шоири номдори Истаравшан Мулло Миразими Мақбул мебошад. Миразиз фарди донишманд ва шоири хушсалиқаи ширинзабон будааст, ки ин аз ашъори ба даст омадааш низ маълум ва равшан аст. Солиёни дароз дар ду мадраса: Намозгоҳ ва Гунбади Сабз аз илми калом ва сарфу наҳви арабӣ ба шогирдони зиёде дарс мегӯяд. Дар шеъргӯйӣ ӯ асосан пайрави Ҳофизи Шерозӣ мебошад.

Чанд сол умр дидан ва соли вафоти Ниёзӣ маълум нест, лекин дар соли 1276-1898 ба иморати нави Ҳазрати Соиб ном орифи муқтадире ки ин биноро барои орифон сохтааст, номдоре таърих гуфта, моддаи таърихи онро чунин бароварда аст:

Эй Ниёзӣ, зи рӯи сидқ ба чашм,
Хоки покаш ба ҷойи сурма бимол.
Ақл гуфт аз бинойи таърихаш,
Маҳмили файз, илми Ҳолу Қол. 1276.

Яъне дар ҳамин вақт шоир 52-сола будааст. Девони шоир ба даст наомадааст. Ашъораш пароканда. Азбаски забони ғазалҳойи Ниёзӣ басо ширину хушоҳанганд, дар вақташ

ҳофизон ашъорашро месурудаанд. Масалан Абдулқодири ҳофизи Истаравшанӣ як шеъри ӯро ҳатто ба Шашмақом дохил карда будааст, ки матълааш ин аст:

Ба як карашма Зулайховаши дили моро,
Чунон рабуд, ки Йусуф дили Зулайхоро.

Назар ба нақли фарзанди Абдулқодир ҳофиз Расул Қодирӣ, ки ӯ ҳам ҳофизи хуб буд, баъзе ҳофизони мақомхон ин шеърро ба Ҷомӣ нисбат дода мехонданд. Аз ин лиҳоз дар Шашмақом ба номи Ҷомӣ рафтааст. Аслан дар девонҳо ва ҳатто дар Куллиёти Ҷомӣ ин шеър дида нашуд.

Ба як карашма Зулайховаши дили моро,
Чунон рабуд, ки Йусуф дили Зулайхоро.
Фиғон, ки мурғи дилам сайди тифли нодон аст,
Ки болу пар шиканад мурғи риштабарпоро.
Намекунам ҳаваси дастбӯси бӯси дигар,
Бурун намениҳам аз ҳадди хештан поро.
Ба рӯйи сабзхатон бода гар хурам шояд,
Кунун, ки сабза гирифтаст рӯйи саҳроро.
Садойи нолаи Маҷнун барояд аз дили чок,
Барӣ чу бар сари хокаш паёми Лайлоро.
Ниёзӣ, он чи хиром аст, қомати мавзун,
Ки бурдааст, ба як ғамза дил зи каф моро.

## ТАЪРИХИ БИНО

Аз ғоёти Эзид Таол,
В-аз каромоти беҳтарин риҷол.
Ёфт таъмири ин бинои бузург,
Ба лангари арзи дин ҳамчу ҷибол.
Ғавси офоқ Ҳазрати Соҳиб,
Инчунин кард иморат ба камол.
Маскани раҳравони аҳли Аллоҳ,
Маъдани файз, нури илми қол.
Чашмаи нуру маҷмаул баҳрайн,
Ёфт ҷорӣ ду наҳри Холу Қол.
Пояи маъниш ба арш печад,
Суда аст он чунон ки сидрамисол.

Осмон аз сафои гунбадҳо,
Ҳама шаб то саҳар чу субҳи маъол.
Гирди ғубро ба осмонҳо сар,
Бар манист ин бинои хайрхисол.
Ин бино, ёфт бо ҳама ташриф;
Шарафи мӯйи майминат тимсол.
Дари васфаш куҷо тавон суфтан,
Аз ҳазорон яке чандин сол.
Бар ҳавойи сифоти беш мунир,
Тоири оҷизи бе пару бол.
Эй Ниёзӣ, зи рӯйи сидқ ба чашм,
Хоки пояш ба ҷойи сурма бимол.
Ақл гуфт аз бинои таърихаш,
“Маҳмили файз илми Холу Қол” (1276)

## МУЛЛО МИРЗИЁЗИ АФГОР

Мулло Мирзиё мутахаллис ба Афгор аслан аз шаҳри Истаравшан фарзанди Мулло Кенҷаи Кӯкчӣ буда, дар соли 1816 ҳангоми маҷбуран кӯчонда шудани шоирони Доираи адабии Истаравшан ба Хӯқанд аз тарафи Амир Умархон ва муваққатан пароканда шудани шоирони ин ҷо ба худ ҷойи гурез ҷуста, бо аҳли аёлаш ба деҳаи Ҷаркӯрғони ин вилоят кӯчида меояд. Аҳолии ин деҳа аслан аз қабоили туркнаҷоди кӯчманчӣ иборат буда, касби асосиашон чорводорӣ буд. Аз ҳамин лиҳоз Афгор ба забони туркӣ ҳам асарҳо эҷод кардааст. Масалан, ӯ “Офарин бод” ном достони таърихию бадеъӣ офарид, ки он дар бораи қаҳрамони миллии тоҷик, алалхусус, қаҳрамони мардумии вилояти Истаравшан баҳс мекунад. Чунончи худ мегӯяд:

Мақоми Истаравшандур насибим,
Тушуб Ҷаркӯрғондур, эй ҳабибим.
Қилибон неча йиллар истиқомат,
Юрурдим билсангиз анда давомат.
Ҳама туркӣ эди алфози онӣ,
Дедим бир туркӣ сӯзларни баёнӣ.

Тарҷумааш:

Мақомам Истаравшан буд, насибам,
Ба Ҷарқӯрғон биовард, эй ҳабибам.
Бикардам чанд соле истиқомат,
Дар ин ҷо бо алам, оҳу надомат.
Ҳама туркӣ бувад алфози онҳо,
Ба туркӣ то шавам ҳамрози онҳо.

Шоир Афгор дар қисми дуввуми ин асар қайд мекунад, ки пеш аз ин достон як соли дароз шабу рӯз ранҷ бурда, бахшида ба ҳокими вилояти Истаравшан Рустамбек /1854 - 1859/, бинни Маҳмудхон дар мавзӯи ҷангу ҷидол ва хуни ба ғайри ҳақ китобе таълиф карда будааст, ки он китобаш ҳанӯз ба даст наёмадааст.

Вагарна илгори қилгон китобим,
Ба ғайр қони билан қилган ҳисобим.
Анго бир йил кеча кундуз машаққат,
Чекиб айлаб узумни кӯп диққат.

Тарҷумааш:

Вагарна худ навишта он китобам,
Зи хуни ғайри ҳақ карда ҳисобам.
Кашидам баҳри он соле машаққат,
Шабону рӯз худ бинмуда диққат.

Достони "Офарин бод"-и Мулло Мирзиёйи Афгор аз ду қисму 37 боб иборат аст. Қисми аввал "Достони Муҳаммадалихон" /Хони Хӯқанд/, қисми дуввум "Достони Рустамбек" /Ҳокими Истаравшан/ мебошад.

Бобҳойи достон бо калимаи "алқисса" бо сарлавҳаҳойи насрӣ оғоз меёбад. Дар сарлавҳаҳо мазмуни мухтасари бобҳо дода мешавад. Дар қисми аввали достон ду суруд ҳангоми вохӯрии Моҳлар Ойим /шоира Нодира/ бо писараш Маҳмудхон оварда шудааст. Дар достон образҳойи барҷастаи як қатор ҷанговарони ҷасуру далер ва фидокори озодихоҳ хеле хуб тасвиру таҷассум ёфтаанд. (Баъди қаҳрамониҳойи Рустамбек, ки ӯ ҳамчун озодкунандаи вилоят аз дасти душман тасвир меёбад). Дар достон, инчунин, мо бо корномаҳойи Раҳимбек, Гадойбой, Абдурасул, Сафар, Ҳаким, Бозорбой барин қаҳрамонҳойи халқ вомехӯрем.

Шоир дар фаъолияти ҷангии ин қаҳрамонони зиндаи халқӣ ва шахсан худи Рустамбек бисёр масъалаҳойи ватанхоҳию ватандӯстиро пеш гузоштааст.

Воқеаҳойи ҷангии ин достон ҳама таърихӣ ва реалӣ буда, муаллиф ҳамчун шоҳиди зиндае аз паси ин воқеаҳо пойи пиёда гашта онҳоро ба қалам овардааст:

Мани Афгор айлардим назора,
Валекин йӯқ эди аспи савора.

Тарҷумааш:

Мани Афгор мекардам назора,
Набуд, аммо ба ман аспи савора.

Ҳамин тавр, Афгор ҳамчун яке аз шоирони достонсаройи Доираи адабии Истаравшан шинохта шуда буд. Умри достонҳойи таърихӣ-бадеъии ӯ дароз аст ва то оне ки халқ ҳасту зиндагӣ ҳаст, пойдор мебошад.

Инак ду бобе аз достони Мирзиёйи Афгор манзур шуд:

## ОФАРИН БОД

“Алқисса, чунин ривоят мекунанд, ки хони Хӯқанд Худоёрхон бо ҳокими вилояти Истаравшан Рустамбеки Валъамӣ ҳарду доир ба сулҳу амонӣ ва ба якдигар ҳуҷум накардан паймони расмӣ баста буданд. Вале баногаҳ Худоёрхон он аҳду паймони худро шикаста, ба вилояти Истаравшан лашкар мекашад, ки баёнаш ин аст:

Бимон акнун дигар ҳарфат замоне,
Зи хоки Хӯқанаш бинмо баёне.
Суроғаш кун ту ровӣ ҳар якеро,
Худоёрхону Рустам ҳар дуеро.
Чу паймон байни худ барбаста буданд,
Ба фикри халқашон пайваста буданд.
Ба чандин сол будандаш ба ҳам дӯст,
Чу як тан тавъамон дар як рагу пӯст.
Ба ногаҳ ҷангҷӯён хони Хӯқанд,
Намуд вайрон ҳамон паймони Хӯқанд.

Низоовар чу гаштӣ худ ба як бор,
Намудаш ғун тамоми аҳли дарбор.
Чу фардо то ҳама гирад яроқе,
Иваз созад фароғат бо фироқе.
Шитоб оранд сӯи Истаравшан,
Ба қатл оранд ҳар пиру ҷавон, зан.
Чунин ҳарфе шунида ҳар диловар,
Саворӣ шуд ҳама он дам баробар.
Ба хон бар ҳама дода амри рафтан,
Вале худ хоҳише нокарда амдан.
Билохир монд хон дар шаҳри Хӯқанд,
Ба иқтидори лашкар гашта дилбанд.
Зи Хӯқанд пас баромад хосу омаш,
Равон шуд аз паси лашкар тамомаш.
Варо лашкар бувад аз ҳад фузун бас,
Ҳазораш чилу шаш, кам не ягон кас.
Чу омад Бешариқ бигрифт манзил,
Ҳама хуррам, ҳама хушҳолу хушдил.
Дар он шаб хуфта ишон бо фароғат,
Саҳар барпо бишуд аҳли балоғат.
Намози фаҷрро хондан замон чун,
Бишуд пас лашкари Хӯқанд дигаргун.
Аҷоиб воҳима зоҳир бишуд пас,
Фароғат дур шуд аз ҳар нафар кас.
Аҷаб буд номи Рустам беҳ зи Рустам,
К-аз ӯ дар тарс буданаш ба ҳар дам.
Ба роҳе андарун гашта равона,
Ба ишон Истаравшан буд нишона.
Билохир тай бишуд манзил, мароҳил,
Чу омад бар Хуҷанда гашт нозил.
Бишуд пас дохили кӯшун галогул,
Ба раҳ монданд ҳар ҷое қаровул.
Ба кӯйи Истаравшан норасида,
Чу омад ҳисси воҳима падида.
Зи баҳре маслиҳат як ҷо шуда ҷамъ,
Ҳама пиру ҷавону лашкаре ҳам.
Билохир маслиҳат карда тамомаш,
Ки ин ҷо аз хуҷандӣ буд имомаш.
"Агар н-ояд ба-д-ин ҷо, ҳоли мо бад,
Ки бе ӯ лашкари моён напояд".

Ба-д-ин сон гуфта кард ӯ пас равона,
Хуҷандии ҳамон мири замона.
Яке рафтӣ ба сарҳад сӯйи Хӯқанд,
Ва хон моро намояд шоду хурсанд.

Алқисса, аз хабаре ба Хуҷанд омада манзил гирифтани лашкари Хӯқанд иттилоъ ёфтани Рустамбеки Валъамӣ ва ба саранҷоми кори худ машғул шудани ӯ, баён меёбад.

Бимон ишон ба-д-ин сон кор машғул,
Бигир аз кори Рустам ибрати кул.
Хамон дам Рустами номии майдон,
Бикард анҷоми кори худ зи хосон.
Расид ин дам хабар з-он одаме, к-он,
Зи юмни Рустам ӯ шуд шоду хандон.
Чу дид ӯ Рустами гурди замона,
Тавозӯъ карду шишт ӯ кунҷи хона.
Чу гуфтандаш бигӯ ҳарфе, ки дорӣ,
Ҳама он бишнавад бо як виқоре.
Табассум бар лабаш ӯ гуфт лутфан:
Равон шуд лашкаре аз сӯйи душман.
Чилу шаш алфа тан лашкар зи Хӯқанд,
Хуҷанд омад ба таъҷиливу амдан.
Хабар бишнуфт бо сад гӯш Рустам,
Аҷаб омад варо, гардид хуррам.
Бифармуд он замон саллотҳоро,
Ва он бадшаклҳо, чаллодҳоро.
“Зи тӯпе тир парронданд, ин дам,
Ки то мардум биёяд ҷумла сарҷамъ.
Шунид оғози тир он ҷамъи саллот,
Ба бар карданд аслиҳа зи фӯлод.
Садо дардода оламро дар ин ҳин,
Айён шуд лашкари Хӯқан бувад ин.
Тамоми халқ гардида мукаммал,
Ба зоти Ҳақ намуд ҳар як таваккал.
Ҳамон дам Рустами номии даврон,
Бикард анҷоми кори худ ба майдон.
Ба номи Ҳақ намуд ӯ пас муноҷот,
Бигуфто: “Эй Худойи Қозил ҳоҷот”.

Ба фармони ту доим устуворам,
Туро воҳид, тавоно мешуморам.
Намонад сири ҳар кас аз ту пинҳон,
Ту донойӣ, бидонӣ сир ҳар он.
Ба аҳди худ вафодорам, вафодор,
Хиёнат кард Хӯқанди ҷафокор.
Ба худ биспурд ӯ он дам Худоро,
Бишуд хуррам хотираш ҳамоно.
Талаб бинмуд ъионат з-авлиёҳо,
Санохон Ғавсул Аъзам -раҳнаморо.
Бигуфто: "Ғавси Аъзам дасти ман гир,
Супурдам худ туро, бинмой тадбир.
Ба рӯзи ҳарб худ дасти маро гир,
Зи Яздонам талаб шасти маро гир".
Ба-д-ин сон нийяти софаш аён шуд,
Садоқат, сидқи ӯ ин дам аён шуд.

## ПАРТАВИ ИСТАРАВШАНӢ

Партав тахаллус, номаш Мулло Бадал. Соли таваллудаш 1887, вафоташ 1948. Зодгоҳи асосиаш Фалғар. Дар гузари Намозгоҳи шаҳри Ур-Теппа бо падараш истиқомат мекардааст. Падараш бенаво ва ҷорӯбкаши масҷид буд. Бадали хурдсол аз муллобачаҳойи савобҷӯй дарс омӯхта аҳли савод мешавад ва дар мадрасайи Намозгоҳ таҳсил менамояд. Устоди аслийи ӯ Қорӣ Султонхоҷа буд. Қуръонро ба хубӣ азбар карда хатм намуд ва қорийи хушхон гардид. Ӯ зеҳни фавқуллода азим дошт. Ба шеъру шоирӣ ҳам рағбати беш пайдо намуд. Ӯ баъди вафоти падараш, пеш аз ҳуррият бо ҳимояи шахси хайрхоҳе аз гузари Уротеппагиҳойи Самарқанд ба шаҳри Самарқанд меояд. Мулло Бадал дар Самарқанд ҳамчун қорию шоиру донишманд машҳур мегардад. Аз воқифони ҳол Мулло Ҷомӣ /шоир/, Қорӣ Масеҳойи Тамҳид, Абдулғанийи Чавдат, Қорӣ Мӯъмини Уротеппагӣ ва чанди дигар ба хубӣ маълум гардид, ки Партав кӯри модарзод будааст ва бар ивази он ду пояш ланг ҳам будааст. "Марди миёнақади сурхинарӯй ва тезҳуш буд», мегӯянд. Аз мадҳномайи ба ҳокими Самарқанд Ризохон навиштааш ҳам маълум мегардад, ки ду пояш лангу ду чашмаш аъмо буда аст:

Ризохон хусрави нодир,
Ҷамеъи корро қодир.
Ҳаме карда аз ӯ содир,
Чу ҳикмат фозили якто.
Ба гӯши ҳуш, эй Хусрав,
Ту пиндору ҳаме бишнав.
Бувад аз гуфтайи Партав,
Ду по лангу ду чашм аъмо.

Партав дар Самарқанд танҳо ба як қоригиву донишмандӣ, балки чун устоди назм низ ном баровардa будааст. Воқифони ҳол нақл мекунанд, ки ӯ зеҳни гирову нутқи бурро дошт. Агар шоире ба назди ӯ як қасидайи садбайтиро хонаду аз ӯ маслиҳат пурсад, Партав хонед гӯён як бор бодиққат гӯш мекард. Баъд аз он мегуфт, ки як коғазу қалам ба даст гиред. Баъд ӯ аз як сар байтҳойи он қасидаро аз ёд хонда таҳрир ва тақрир мекард. Ҳозирон аз ин зеҳни Партав дар ҳайрат меафтоданд. Дар Самарқанд ӯро бисёр ҳурмат мекарданд. Дар маъракаҳо аввал Партавро бардошта бурда дар пешгоҳи хона нишонда баъд дастархон боз мекарданд.

Дар солҳойи ҷанги Бузурги Ватанӣ мухлисонаш Партавро ба водии Фарғона мебаранд. Дар он ҷо низ шӯҳрати калон пайдо мекунад. Партав дар шеъру шоирӣ салиқайи ҳаҷвгӯйӣ низ доштааст. Масалан, дар ҳаҷваш Қозӣ Бақохони Самарқандро ба беадолатӣ ва мумсикӣ маҳкум месозад:

Об ҷустам ман на обу на сақое ёфтам,
Ман Бақое ҷустаму ман бебақое ёфтам.

Партав мешунавад, ки Қозӣ Ҳодихони золиму порахор боз дар Самарқанд қозӣ таъин шудааст, бадоатан мегӯяд:

Аз ҷаҳони фонӣ ҳар кас розӣ шуд шуд,
Ҳодихон андар Самарқанд қозӣ шуд.

Чуноне ки дидем Партав дар бадоатан гуфтани шеър маҳорати баланд доштааст. Мегӯянд, ки: “аз баски ӯ аъмо

буд, бисёр шеърҳойи ӯ бадоҳатан гуфта мешуд ва он шеърҳояш зуд дар байни халқ паҳн мегашт".

Партав рӯзе дар маъракае нишаста буд, ки Қорӣ Масеҳойи Тамҳид омаданд ва Партав дар баробари шунидани овози он кас чунин гуфт:

Қорӣ Масеҳойи фазойи чаман,
Гашт ба Тамҳид ба мулки сухан.

Чунон ки гуфтем, шеърҳойи Партав дар байни халқ зуд паҳн мешуд ва ҳама мехонданду лаззат мебурданд. Ин шеърҳойи зикршудайи ӯро низ аз даҳони мухлисони Партав шунидем. Афсӯс, ки вақти беш надоштем, вагарна аз ин ҳам бештар гирд меовардем. Агар мухлиси таҳқиқгаре пайдо шавад, метавонад ашъори Партавро аз мардумони шеърдӯсти шаҳрҳойи Ур-Теппа, Самарқанд ва аз водии Фарғона бичӯяд.

## НОДИРИ ИСТАРАВШАНӢ

Номаш Мулло ё худ Мулло Дӯст ба ҳарду ҳам ном мебаранд. Тахаллусаш Нодир. Аз он ҷиҳат Мулло мегӯянд, ки ӯ баъди хатми мадрасаҳойи Истаравшан таҳсили хешро дар мадрасаҳои Бухоро давом додааст. Аз тазкиранависони Бухоро Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Мӯҳтарам ва Абдуллохоҷайи Абдӣ доир ба Бухоро таҳсили илм кардану фазлу камолот ва даҳойи шоириаш сухан ронда ба ӯ баҳойи баланд додаанд. Масалан, Абдӣ менависад: "Нодир дигар тахаллуси аховатосори афозатшиор Мулло Дӯсти мударриси Болойи Ҳавз аст". Мушоирунилайҳ соҳиби вақт ва ҳавз аст. Дар ҷодайи таълим муқиму дар маснади тафҳим мустақим аст. Гоҳ-гоҳ бино бар хушии хотир ба гуфтани шеър мубодир будааст. Абдӣ баъди ин суханони худ як ғазали ба радифи "Ғалат" гуфтайи Нодирро мисол меоварад. Аз ин навиштаҳойи Абдӣ ва аз гуфтаҳойи Мӯҳтарам маълум мешавад, ки Мулло Дӯсти Нодир дар Бухоро мавқеъи калон доштааст. Инчунин маълум шуд, ки баъди ҳуррият Мулло Дӯстро ба шаҳри Самарқанд қозӣ таъин кардаанд. Мо ба Самарқанд соли 1962 сафар карда аз кӯҳансолон ва ҳамнишинону аз ашхоси ӯро аз наздик мешинохтагиҳо пурсон

шудем. Мулло Дӯстро дар Самарқанд ҳамчун як қозии боадолат ва шахси хушчақчақу шоири ҳаҷвнигор мешинохтаанд. Шеърҳойи дар ҳаққи қозӣ Бақохони порахор ва як тӯрайи риёкор навиштаашро аз ёд мехонданд. Муаллими куҳансоли нафақахур Маҷид Мансурӣ дар борайи хулқу атвори хуб доштан ва шоҳмотбози гузаро будани Нодир маълумоти кофӣ дод. Мулло Дӯст то соли 1927 вазифайи қозигиашро адо кардааст. Лекин ҳаёти минбаъдаи ӯ маълум набуд. Ба зодгоҳи шоир ш. Ур-Теппа рӯй овардем. Маълум шуд, ки Мулло Дӯст дар соли 1874 дар деҳаи Обиборики шаҳри Ур-Теппа дар оилаи Мулло Садир ном шахси фозилу комил таваллуд шуда, баъди дар назди падару мадрасаҳойи Ӯр-Теппа таҳсил гирифтан ба Бухоро сафар карда будааст. Сониян Мулло Дӯст як бор аз Бухорову як бор аз Самарқанд ва баъд аз Ур-Теппа ба зиёрати Маккаву Мадина рафта бо як қатор шаҳрҳойӣ Ғарбу Шарқ ворид шуда аз таърихи адабиёту фарҳанги онҳо шиносойи пайдо карда будааст. Дар деҳаи Обиборик инчунин мо бо бисёр абераву набераҳои Ҳоҷӣ Нодир шинос шудем. Сафари охирини мо ба ин деҳа дар тирамоҳи соли 2001 ба вуқӯъ пайваст. Назар ба нақли бобои Икроми 87 сола ва бобои Мазбути 92 сола Ҳоҷӣ Нодир баъди аз қозигии Самарқанд озод шудан, ба деҳайи худ кӯчида меояд. Ӯ ин ҷо баъди хонаву дари фасурдаи аз падараш мондаро обод кардан, як ҷуфти гов харида ба кори деҳқонӣ машғул мешавад. Аз шаҳри Ур-Теппа ба зиёрати шоир қориҳо ва муллобачаҳо меомадаанд. Улфатҳои ӯ домоди худаш Қорӣ Мирсабур, Қорӣ Булбул ва Бобокалон будаанд ва ба онҳо шоҳмотбозӣ мекардааст. Бори охир ӯ бо Қорӣ Булбул ва чанди дигар ба ҳаҷ рафта будааст.

Дар аввалҳои соли ҳафтодум дар шаҳри Тошканд бо Исмоилҷон Тошхоҷаев, ки яке аз улфатҳои шоҳмотии Ҳоҷӣ Нодир буд, вохӯрдам. Ӯ гуфт: Мо бо Ҳоҷӣ Нодир дар солҳои 1934 ва 1936 ду маротиба ба озмуни шоҳмотбозони Осиёи Миёна ширкат варзидем. Ҳоҷӣ Нодир ҷойи дуввумро гирифт, агар бори саввум мерафтем, ӯ албатта ҷойи якумро мегирифт.

Мутаассифона, бо маълумоти бардурӯғи ду нафар ҳамдеҳагони бағаразаш Ҳоҷӣ Нодир аз қишлоқ гуреза шуд. Ӯро таъқиб мекарданд. Боре ҳангоми хабаргирии аҳли оилааш пинҳонӣ омада буд, ки нисфишабӣ таъқиб карданд, мегӯянд Бобойи Мазбут ва Икром. Ӯ аз хонааш фирор карда ба тарафи Қалъачайи Кӯлибой равон шуда мебинад, ки аз

оқибаш омада истодаанд, ба қубури сари роҳ медароянд. Фитнагарон аз изи пойи ба рӯйи барф ниҳодаи ӯ пай бурда дастгираш мекунанд. Дигар аз ӯ дому дарак набуд. Дар солҳойи бозсозӣ ӯро сафед карданд. Маълум шуд, ки ӯ ба ҳукми "душмани шӯравӣ" ба қатл расида буд.

Аз Ҳоҷӣ Нодир як писару се духтар монда будааст. Яке аз наберагонаш Мираабеъ Исроилов алҳол раиси хоҷагии деҳаи Обиборик мебошад.

Назар ба гуфтаи куҳансолони ин ҷо Ҳоҷӣ Нодир шеърҳои худро гирд оварда ба шакли девон танзим дода будааст. Баъди дастгир кардани ӯ китобҳо ва баъзе моли хонаашро мусодира кардаанд. Ӯ асосан шоири ғазалсаро буда, мухаммас, рубойи ва қитъаҳойи таърихӣ ҳам навиштааст. Ба замми ин ӯ ҳаҷвнигор низ будааст. Чанд шахси риёкору фиребгарро ҳаҷв кардааст. Масалан ӯ як тӯраи риёкори самарқандиро ҳаҷву масхара кардааст, ки тӯра шарманда шуда кӯч баста аз Самарқанд берун рафтааст. Ин ҳаҷв ва ҳаҷвияҳойи дигари ӯро аз қисми намунаҳо хоҳед хонд.

Азбас карашмагушнайи он сарви қоматам,
Қумрӣ ба дида сурма кашад хоки турбатам.
Бо хушдилӣ биҷангаму бо дарду ғам ба сулҳ,
Ҳам улфати фироқаму фориғ зи ҳасратам.
Маҷнуни дашти дардаму Фарҳоди кӯҳи ғам,
Аюби кӯҳи сабраму Яъқуби ҳиҷратам.
Ман он наям, ки миннати гардуни дун кашам,
Сояд ба соқи арш сар рахши ҳимматам.
Дар маҳфиле, ки нағмаи ушшоқ дар навост,
Қонуннавози сӯзиши доғи муҳаббатам.
Нахли тарам, ки тоза зи гулшан буридаанд,
Маҳруми гулситонаму мардуди улфатам.
Нодир, нигоҳи ҳуснаш маҳвам зи хеш кард,
Сар то қадам чу оина лабрези ҳайратам.

* * *

Доғам аз ишқи паричеҳра, ки номаш ғалатӣ,
Бодапаймо санаме нашъаи ҷомаш ғалатӣ.
Ба нигоҳе дили сад шефта дар дом кашад,
Турфа ба сайёди ситампеша, ки домаш ғалатӣ.

Нарасидам ба маромаш на ба зорӣ на ба зӯр,
Кас надидаст, чунин шӯхи маромаш ғалатӣ.
Дилписанд аст, вале турфа нишасте дорад,
Хушхиромест, вале тарзи хиромаш ғалатӣ.
Гарчи ин шеър писанд аст, ба ҷонон, Нодир,
Фикри шеъри дигаре кун, ки тамомаш ғалатӣ.

* * *

То ба кай аз ҳаҷри ҷонон бошадам хуноб боб,
Нест, эй ёрон, ба лавҳи синаи бетоб тоб.
Оҳу афғон мекунам аз ҳасрати абрӯкамон,
Банд-банди устухонам гашта чун симоб об.
Дӯстон, шаб то саҳар ман гиряҳо дорам чу шаъм,
Нест ҳаргиз як даме бар дидаи бехоб хоб.
Баҳри авсофи дилоромам маро гуфтор нест,
Хомаро ҳаргиз намебошад ба истиктоб тоб.
Норасоӣ доштам з-он рӯ ба Нодир шӯҳраам,
Ҳамчу ман анқо ба зери чарх шуд ноёб ёб.

* * *

То ду чашми шӯхи ӯ дар масти хоб осуда аст,
Фитна нопайдост дилҳойи хароб осуда аст.
Аз лаби майгуни ӯ кай коми дил ёбад касе,
То ба рӯзи ҳашр аз завқи шароб осуда аст.
Гар муяссар шуд ҷамоли ёр андар зиндагӣ,
Чашми ошиқ он дам аз мавҷи ҳисоб осуда аст.
Субҳи машҳар гар дамад, бо ошиқон бошад ҳисоб,
Нест осон он гаҳ аз рӯзи ҳисоб осуда аст.
Аҳли зоҳид роҳбар шуд ишқҳо пажмурда сохт,
З-он сабаб шаб то саҳар аз печутоб осуда аст.
Ростонро гашта мебинем маҳфузи хаёл,
Синайи мо аз ғами ҳифзи китоб осуда аст.
То гирифтӣ ту тариқи Соиби устозро,
Нодиро, ашъори ту аз интихоб осуда аст.

* * *

Итоболуда дойим меравад он гулъузори ман,
Зи бедодии ҳиҷронаш сияҳ шуд рӯзгори ман.
Садойи нолаҳо аз турбатам бар осмон печад,
Агар баъд аз вафотам бигзарад андар мазори ман.

Маро дарду алам афзун ба даври дун ҷафо беҳад,
Нашуд расми вафодорӣ ба ашки шашқатори ман.
Чу хоки роҳи ӯ гардам ба домонаш даровезам,
Бияфшонад дар он соат чу доман аз ғубори ман.
Аё хӯкардайи ҳиҷрон, ғами ҷонон ғанимат дон,
Ба сарвақтам расад, ваҳ кай бути чобуксавори ман.
Назокатҳост пинҳонӣ ба гулзори муаммоят,
Ҳарифон пай барад Нодир, зи шеъри обдори ман.

## МУХАММАС

На хунам рехт бо теғи тағофул чашми шаффоке,
Накардандам нишони новаки мижгони намноке.
Нагаштам мубталои доми сайёди ҳавасноке,
Чи сайдам ман ки на бисмил шудам, на зеби фитроке,
На аз хунам замин олуда шуд, не домани поке.

Зи вазъи тӯри ин камфитратон ҳолам дигаргун шуд.
Ғаму андӯҳу дарду кулфатам з-андоза берун шуд,
Навозиш мекунад неш он ки онҷо сифлаҳу дун шуд.
Дилам аз бетамизиҳойи абнойи замон хун шуд,
Набудӣ, к-ош лавҳи хотирамро нақши идроке.

Дили афсурдаам дар оташи ғам гашт чун миҷмар,
Саропо сӯхт ҷисми зораму гардид хокистар.
Бинойи худ баногаҳ чун Самандар шуд ваё ахтар,
Надидам ҳеҷ доғ аз доғи ҳаҷри дӯст сӯзонтар.
Ба васли шаъм кай парвонаро з-оташ бувад боке,

Дили ғамгин зи гулгашти чаман хуррам намегардад.
Парешонӣ зи рангу бӯйи гул барҳам намегардад,
Зи нодонӣ маро нодон ҳеҷ гаҳ нам намегардад (?)
Маро сӯзи чунун аз панди носеҳ кам намегардад,
Чи имкон аст роҳи шӯъла шуд дар мушти хошоке.

* * *

Ба дарду доғи шоми ноумедӣ гаштаам собир,
Ба ҳар навъе, ки рӯзам бигзарад гардидаам шокир.
Маро аз мазраи даври замон ин нуқта шуд зоҳир,
Фалак гар фитнаро иззат кунад, хораш кунад охир,
Ҳаво зад бар замин бардошт боло мушти хошоке.

Даруни сина хунам ҷӯш зад аз гармии савдо,
Давидам ҳар тараф дар дашти имкон гирдбодосо,
Чу Роҷӣ умрҳо шуд ҷӯстуҷу бинмудаам, аммо,
Надидам дар баҳори зиндагӣ Нодир дар ин саҳро,
Ба ранги лола ҷуз доғи дилею синаи чоке.

* * *

Назаргоҳе, ки аз рухсорайи он гул ба сар ғалтад,
Ҳама мижгон асо гардад зи аввал бештар ғалтад.
Ба ёди васлат, эй нозофарин ҳамчун гулу шабнам,
Ба ҳасрат дида дар доман чу ашк аз чашми тар ғалтад.
Намеғунҷад зи бас дар тангнойи арзи ҷавлоне,
Чу гул домони озодӣ чи миқдор аз камар ғалтад.
Ҳанӯзам, эй баҳори орзу ранге намебандӣ,
Мабодо шохсори нахли шавқат аз самар ғалтад.
Зи доми ҷилва берун кай диҳам аз ҳайрат оғуше,
Нигаҳ аз тавъами мижгон ба чандин болу пар ғалтад.
Сияҳрӯзӣ зи мункирӣ кунад чун нақши по охир,
Ба қадри ин сияҳкокул агар афтад ба сар ғалтад.
Хиромат карда товуси хаёл ойинайи худро,
Ба сад найранг з-ошӯби ту доғе бар ҷигар ғалтад.
"Хумори нашъа аз худ бурд оромам чи мепурсӣ",
Ба ранги гирдбод аз шавқ ҳамсоғар агар ғалтад.
Ҳама ҳайрат шавам аз ҷилвайи ҳуснат наям ғофил,
Нагардад кӯр булбул, гул ба чашмаш ҳар қадар ғалтад.
Намойӣ рамзи мавҳумӣ ту аз тӯнги даҳони ӯ,
Ба ҷойи нуқта Нодир, аз найи килкат шакар ғалтад.

* * *

Бо сабукмағзон ҳамеша бода нӯшидан чаро?
Дар канори булҳавас мадҳуш ғалтидан чаро?
Дӯстон аз якдигар беҳуда ранҷидан чаро?
Ошногӣ кардану бегона гардидан чаро?

* * *

Тӯрайи волоҳасаб, ғӯрайи ангуртараб,
Зоти шарифи аҷаб, хушришу хушмӯйлаб.
Фазлашон анқошикор, ҳусну ҷамолаш фигор,
Давлати бепойдор, панҷайи барги чанор.
Уштури нарам тӯрем, ташнави тарам тӯрем,

Каллакалон чашмтанг, на патакӣ на қуланг.
Зансифату мардранг, Тӯра бу ёққа қаранг,
Кард асабҳо таранг, хушёри зоти гаранг.
Уштури нарам тӯрем, ташнави тарам тӯрем.

## МАҚБУЛИ ИСТАРАВШАНӢ

Мақбул тахаллуси мулло Миразими Аълам ва муфтии шаҳри Ур-Теппа аст. Миразим дар баҳори соли 1840 дар гузари Дарвозаи Болои шаҳри Ур-Теппа дар оилаи деҳқон ва шоир Миразизи Азиз мутахаллис ба Ниёзӣ таваллуд ёфт. Баъди дар назди муллои гузар илми савод омӯхтан ба худомӯзӣ гузашт. Падараш бисёр кӯшиш мекард, ки фарзанди зеҳни тезу салиқаи шоирӣ доштаашро барои хондан ба Бухоро фиристад, вале аз рӯйи тангдастӣ фурсати мусоид мепоид. Миразим ҳамроҳи падар ба корҳои пӯстиндӯзӣ, деҳқонӣ машғул буд ва вақтҳои холигиашро ба хондану шеър азбар кардан ва шеър бофтан сарф мекард.

Мутаассифона, орзуи Миразиз ҷомаи амал напӯшид. Миразими дар синни 21 солагӣ аз падар монда, аз Худои Таоло сабри ҷамил талабида ба ҷойи падар деҳқонӣ ва пӯстиндӯзӣ мекард.

Баъди чор соли вафоти падараш, яъне дар соли 1865 армияи подшоҳии Россия ба Ур-Теппа ҳуҷум оварда онро бо зӯрӣ истило кард. Дар ин задухӯрдҳои ҷанг модари Миразим мисли ҳазорон нафар одамони бегуноҳ тир хӯрда ба шаҳодат расид. Миразими аз падару модар ҷудошуда ҳамроҳи хоҳарчааш бо пуштибонии амакаш Миравез ба маҳсули кори деҳқониаш зиндагӣ мекард. Хушбахтона, тобистони он сол амаки модари Миразим Мираброри мутахаллис ба Соҳир, ки мударриси мадрасаи Бадалбеки Бухоро буд, дар таътил ба зодгоҳи худ омад. Ӯ аз аҳволи Миразим бохабар шуда, бисёр оташин шуд ва дар бозгашт Миразими иштиёқи хондан доштаро ба Бухоро бурда, таҳти роҳбарии худ хононд. Миразими ташнаи шарбати дониш аз ин фурсати мусоид истифода карда шабу рӯз мехонд. Ба ӯ олиҳаи шеъру шоирӣ низ рух намуда буд. Ӯ ҳар ҳафта ба маҳфили адабии мадраса ширкат варзида аз хирмани дониши устодони каломи бадеъ хӯшачинӣ мекард ва дар навбати худ шеърҳои нав

ба нав навиштаашро мехонд. Устодони каломи бадеъ дар симои Миразим симои шоири бузурги ояндаро дарк намуда, нисбати ӯ сахтгирӣ мекарданд, ки саҳлангорӣ накунад. Миразим бори аввал дар Бухоро шеърҳои худро ба амакаш Мираброри Соҳир нишон дод. Соҳир чанд шеъри ӯро хонда гуфт: Росташро гӯям, сарфи назар аз баъзе норасоиҳояш шеърҳоят қобили қабул аст. Ба ман хуш омад ва мақбул шуд. Ба Миразим пеш аз ҳама калимаи мақбул хуш омад. Баъдтар бо маслиҳати устоди аввалинаш доир ба шеъргӯйӣ, яъне Соҳир ӯ ба худ тахаллуси Мақбул гирифт. Акнун ӯро ҳама Мулло Миразими Мақбул меномиданд.

Ҳар як шеъри нави Мақбул дар Бухоро шӯҳрат пайдо мекард. Дере нагузашта худи шоир ҳам шӯҳрати калон пайдо кард. Тазкиранависони машҳури Бухоро Мирсиддиқи Ҳашмат ва Мулло Неъматуллоҳи Мӯҳтарам дар тазкираҳои хеш барои Мақбул саҳифаҳои алоҳида кушода ӯро таърифу тавсиф карда намунаи ашъорашро манзури хонандагон намуданд.

Мақбул шоири сермаҳсул аст. Ғазалу рубоӣ, қасидаву мухаммас, қитъаву манзумаҳои ӯ дар ҳақиқат ҷолиби диққат буда, аз он сарсарӣ гузаштан мумкин нест. Мисол як банди аввали мухаммаси бар ғазали Ироқӣ бахшидаи ӯро гирем:

Ба ҳарими остонат ману ёди ҷабҳасойӣ,
Ки маро на тоби дурӣ ва на тоқати ҷудойӣ.
Зи каманди гесувонат надиҳад Худо раҳойӣ,
“Ба карашмаи ду чашмат шуда кори ман гадойӣ,
Ба Худо, ки ин гадойӣ надиҳам ба подшоҳӣ”.

Мақбул шоири соҳибдевон аст, ашъораш хеле барвақт ба силки девон кашида шудааст, вале ашъори минбаъдаи ӯ гирдоварӣ нашудааст.

Истеъдоди комил ва маҳорати шоирии Мирзоазими Мақбул то дараҷае расида будааст, ки моҳияти достони Лайливу Маҷнунро ӯ дар як мухаммаси худ ба тафсил кушода додааст, ки ду банди аввалу охири он ин ҷо манзур карда шуд:

“Бо ҳазорон доғу дарди ҷонгудоз,
Бо ҳазорон нолаву аҷзу ниёз,
Як шабе Маҷнун ба хилватгоҳи роз,
Гуфт ай парвардигори бениёз:

Ақлу ҳушамро ту Мафтун кардаӣ,
Ашки оҳамро чу Ҷайҳун кардаӣ,
Хотирамро аз чи маҳзун кардаӣ.
Номам аз баҳри чи Маҷнун кардаӣ,
Баҳри Лайлӣ ин дилам хун кардаӣ?
Нози маъшуқон саросар кори мост,
Раҳмати мо дар пайи озори мост.
Хори паҳлӯят ҳама гулзори мост,
Ҳусни Лайлӣ ин ҳама рухсори мост.

Мақбул дар таърихи адабиёти асри XIX ҷой ва макоми махсус дорад, ки тадқиқу таҳқиқи эҷодиёти ӯ барои дуруст кушода додани таърихи адабиёти ин давр аҳамияти калон дорад.

Шудам ҳасратпарасти кулфати доғи ҷудоиҳо,
Ҷаҳонро сӯхтам аз шӯълаи оташнавоиҳо.
Ба қадри худнамоӣ дастгоҳи аҷз гул кардам,
Маро ин бӯ ба бор овард нахли порсоиҳо.
Нагардад ҳеҷ кас чун ман асири доғи навмедӣ,
Сияҳ шуд кулбаам аз дуди оҳи норасоиҳо.
Ба хок афтодаму нагрифт дастам домани мақсуд,
Арақ-гул мекунам аз ҳиҷрати ин ҷабҳасоиҳо.
Ба даври хеш умре чун хати паргор мегардам,
Куҷо по ҳам расидан охир аз бе даступоиҳо.
Фалак умри маро аз хотири иншод месӯзад,
Ба ранги ғунча хун гардидам аз саброзмоиҳо.
Карам мушкил, ки созад соилонро аз талаб монеъ,
Нагардад ҳар куҷо, к-ин косаи чашми гадойиҳо.
Раси гулдастабанди гулшани ашъор гардидам,
Нафас хун мекунам, Мақбул, к-аз ин нозукадоиҳо.

* * *

Шабе, ки хуни дил аз дидаам равона шуд охир,
Фиғони нолаи пуршӯри маҳшарона шуд охир.
Кадомин дард алам буд дар ҷаҳон, ки ман начидам,
Ки сафҳаи дилам аз дарду ғам хазона шуд охир.
Ҳикояти шаби ҳиҷрони ошиқони хароб,
Ба лаб наёмада андар ҷаҳон фасона шуд охир.
Ғубори меҳнати даврону кулфати айём,
Ба ҳар тараф давидам, ба ман равона шуд охир.

Ҳазор ҷону дил фидои ҳалқаҳои гесӯяш,
Ба хуну хок зи захми забони шона шуд охир.
Ғубори хотираш аз хотири зишти рақибон буд,
Ки арзи ҳоли мани хастадил баҳона шуд охир.
Зи тири новаки дилсӯзу (тези) гулрухон фарёд,
Ки фарқ то қадамам як қалам нишона шуд охир.
Ба дурри суфтаи Солик, маро на ҳадди тазмин буд,
Маро башорат аз он хуршеди ягона шуд охир.
Зи чашми масти майолуда кушта шуд Мақбул,
Шаҳиди масти майолуди ошиқона шуд охир.

* * *

Гарчи мебинад зи ҳаҷрат ҳар замоне хор, хор,
Мекунад аз ғайри ишқат ин дили беор-ор.
Синайи ушшоқ шуд аз рашки ҳасрат чок-чок,
То ту зулфи хешро бо шона кардӣ тор-тор.
Дар ҳаримат оламе саршори дидори туанд,
Кош медодӣ маро ҳам андарон дар бор-бор.
Пайравон афтода бар хоки ту чун оби равон,
То равон бигзашта аз ман ҷониби ағёр-ёр.
Эй ки лаъли обдори ёр аз чашми ту рафт,
Дар хаёлаш лаълҳо аз дидайи хунбор-бор.
Гар ба пойи гулрухе сар бохтан дастат надод,
Дасти дил аз умр шӯйӣ сар ба пойи дор-дор.
Риштайи умре баҳойи дидани Йусуф ба каф,
Бингарам ҳар сӯ дар ин бозору гирям зор-зор.
Дӯш бо ман гуфт агар бояд туро базми висол,
Дил зи меҳри ғайр бигсил дидаро бедор-дор.
Мақбул аз теғи ду абрӯ гар дилат ду пора шуд,
Ёри чор абрӯ шуд акнун боядат ночор-чор.

* * *

Мекунад бо ман дамодам он бути танноз ноз,
Гарчи мегӯйӣ зи ман дар сӯҳбати ҳамроз роз.
То кашидӣ ғоза бар рухсорайи чун маҳ зи рашк,
Ҷомайи худро ба ноҳақ медаронам ғоз-ғоз.
Тарбият бо оҷизон қадри бузургон медиҳад,
Дар ҳақиқат варна саъва саъва асту боз-боз.
Ҳар киро бояд ба ҷинси хештан ҳамулфатӣ,
Гарчи бе илм аст, ҳамраҳ мепарад бо қоз-қоз.

Оҷизона созвори халқ будан мушкил аст,
Дам фурӯ каш аз суханҳо бо дами носоз-соз.
Дар чаман дидам яке ҷойи фароғат баҳри хоб,
Гуфтам андак сайр созам, табъ гуфто ёз-ёз.
Баъди маргам гар шитобон бигзарад он шаҳсавор,
Аз мазорам, эй ғуборам, дар рикобаш тоз-тоз.
Хусрави олам туро номи ғуломӣ лутф кард,
Ҷони худ Мақбул ба роҳаш ҳамраҳи сарбоз-боз.

* * *

Баски гуфтам бе ту назди ҳамнишинон ёр-ёр,
Шуд рагам бар тан чу танбӯр аз ҷудойӣ тор-тор.
Гӯшмолам медиҳад ҳар лаҳза дасти мардумон,
То ба тан бастам баройи нола чун сетор-тор.
Чун маро аз васли гул ҳаргиз муроде бар нашуд,
Беҳ ки гардам гирди боғу бустон девор-вор.
Шӯру савдойи маро натвон ба афсун баст кард,
Бар сари бемори зулфат беҳтар аз тӯмор, мор.
Тоби зулфат шакли ҳафту зери ӯ тори рухат,
З-он сабаб бо зар мураккаб мекунад зуннор-нор.
То маро з-он ҳамдами ғамхори гардун дур кард,
Ҳамдами дам дар гулӯ месозаду ғамхор-хор.
Гиряйи вақти саҳар Мақбул, чу абри раҳмат аст,
Кишти бахтам хушк шуд, эй оби равшан бор, бор.

* * *

Надонам аз мани мискин чӣ дида,
Ду чашмаш чун ғазол аз ман рамида.
Магар бар домани поки латифаш
Ғуборе аз мани мискин расида.
Ҳама шаб то саҳар аз ёди рӯяш,
Маро хун мечакад аз ҳарду дида.
Намедидам илоҳӣ кош рӯяш,
Дар ин олам мани меҳнаткашида.
Дили ғамдидаам дар шоми ҳиҷрон,
Ғаму дарди фироқатро гузида.
Шуда аз кини ихвон чоҳи зиндон,
Манам он Юсуфи домандарида.
Намеойӣ, ки биншинӣ ба чашмам,
Чи кардам ман туро, эй нури дида.

Ситамҳое, ки дид аз чарх Мақбул,
Дар ин олам каси дигар надида.

* * *

З-ин нишеман нашъае з-осеби даврон мекашам,
Бодаи ишрат за ҷоми чашми гирён мекашам.
Кисвати ман шуълаҳои хилъати урёниаш,
Парниён месӯзаму аз хирқа домон мекашам.
Аз чаманафшонии авроқи таҳрирам мапурс,
Аз хаёли гулшан аз ҳадди фаровон мекашам.
Талхии ғурбат ба комам сахт лаззат додааст,
"Шаҳди роҳат"-ро зи ашку неши миҷгон мекашам.
Ашк як сӯ доғ як сӯ, дард як сӯ мекашад,
Кай ман ин оҳи ҷигарсӯз аз дил осон мекашам.
Мақбулӣ андар кабоби дил намак натвон задан,
З-ин сабаб ман эҳтиёҷе бо намакдон мекашам.

## МУХАММАСИ МАҚБУЛ

Бо ҳазорон доғу дарди ҷонгудоз,
Бо ҳазорон нолаву аҷзу ниёз.
Ҳамчу най сад шӯру афғон карда соз,
Як шабе Маҷнун ба хилватгоҳи роз,
Гуфт, эй парвардигори бе ниёз:

Ақлу ҳушамро ту мафтун кардайӣ.
Ашки оҳамро чу Ҷайҳун кардайӣ,
Хотирамро аз чи махзун кардайӣ.
Номам аз баҳри чи Маҷнун кардайӣ,
Баҳри Лайли ин дилам хун кардайи.

Хай туро чи буд зи бемории ман,
Аз ғаму андӯҳу в-аз хории ман.
Дар шаби ҳиҷрону бедории ман,
Чист мақсуди ту аз зории ман.
То чи хоҳӣ аз гирифтории ман?

Мекунӣ ҳар дам итоби нозишам,
Мекашӣ охир зи қаҳри к-охишам.

Медиҳӣ бо зулми беҳад созишам,
Мебарӣ шабҳо ба гардун нолишам.
Мекунӣ хори мағилон болишам.

Эй зи ишқи васли ҷонон бенасиб.
Хаставу бемору махҷур аз табиб,
Гаштаӣ маҳрум аз ваҷҳи ҳабиб,
Ҳотифе гуфто, ки эй марди ғариб,
Аз муҳаббат кардамат ин ғам насиб.

Булбулон сармасти гулзори ман аст,
Ошиқон саргарми бозори ман аст.
Ҳар киро бинӣ гирифтори ман аст,
Кори Лайлӣ нест, ин кори ман аст.
Ҳусни хубон акси рухсори ман аст,

Нози маъшуқон саросар кори мост.
Раҳмати мо дар пайи озори мост,
Лутфи мо Мақбул дар ин кори мост,
Хори паҳлуят ҳама гулзори мост,
Ҳусни Лайлӣ ин ҳама рухсори мост.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҲОФИЗ

Саҳар дар ёди ҳолат нофаро дар анбар андозем,
Сипанди дил ба шавқи оразат дар маҷмар андозем,
Сурохӣ дар бағал бар тарфи гулшан манзар андозем,
“Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем.
Фалакро сақф бикшоему тарҳи нав дарандозем”,

Бигӯ то осмон бо сокинони зер настезад.
Ки дуди оҳи дардолудашон дар сақф овезад,
Харoботе зи теғу найзаву ханҷар напарҳезад.
“Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад,
Ману соқӣ ба ҳам созему бунёдаш барандозем”.

Шабе он маҳ ба дастам дод мушки хубу дуди хуш,
Ки дар оташ диҳад чун бӯйи зулфам бо ту дуди хуш.
Ба шавқаш дорам аз аъшори худ гуфту шунуди хуш,

“Чу дар даст аст, руди хуш, бизан мутриб суруди хуш.
Ки дастафшон газал хонему покӯбон бар андозем”,

Зи теғи шоҳи мо ё Раб, ба олам фатҳи нав андоз,
Сари шоҳони дигарро чу сайдаш дар рикоб андоз,
Маро чун зарра пеши даргаҳи он офтоб андоз,
“Сабо хоки вуҷуди мо ба он оличаноб андоз,
Бувад, к-он шоҳи хубонро назар бар минбар андозем”.

Баройи Каъба мӯъмин ҷома бар оёт мебофад,
Бараҳман бурди истикрор баҳри Лот мебофад,
Либоси малла зоҳид аз пайи томот мебофад,
“Яке аз ақл мелофад, яке томот мебофад.
Биё, к-ин довариҳоро ба пеши довар андозем”,

Ба абруйи бутон аз зарварақ қавсу Кузах резем.
Зи хуни рӯяшон бар гулшан аз шабнам рашаҳ резем,
Ба шавқи лаълашон дар ҷоми дил ноби фараҳ резем.
“Шароби арғувониро гулоб андар қадаҳ резем,
Сипеҳри атри гарданро шакар дар маҷмар андозем”.

Бигӯ боди сабо он дилнавози мӯниси моро,
Ки аз бодоми чашмат равшанӣ деҳ наргиси моро,
Ба иқсири нигоҳи масти худ зар кун миси моро,
“Биё ҷоно мунаввар кун зи рӯят маҷлиси моро.
Ки дар пешат ғазал хонему дар поят сар андозем”,

Дар ин мулки хокони музаффар то бари эъзоз (?)
Мухаммас кун чу Мақбул ин ғазалро бо чунин эъҷоз,
Зи шеърат то кунад ба дигарон хоки Бухоро ноз,
“Сухандонию хушхони намеварзанд дар Шероз,
Биё Ҳофиз, ки то худро ба мулки дигар андозем”.

## МУХАММАСИ МАҚБУЛ БАР ҒАЗАЛИ ИРОҚӢ

Ба ҳарими остонат ману ёди ҷабҳасоӣ,
Ки маро на тоби дурӣ ва на тоқати ҷудоӣ,
Зи каманди гесувонат надиҳад худо раҳоӣ,
Ба карашмаи ду чашмат шуда кори ман гадоӣ.
Ба худо, ки ин гадоӣ надиҳам ба подшоҳӣ.

Зи макони абрувонат мани сайди нимбисмил,
Ки зи сайд нимбисмил ба ҷуз аз тапиш чӣ ҳосил,
Ту ки шӯхи тундхӯи чи ниҳӣ ба ошиқон дил.
Маҳи ман ҳанӯз тифлӣ ба ҷафо мабош моил,
Ки табиати ту одат накунад ба бевафоӣ.

Зи ду дида хун фишондан, зи ғами нигор то кай,
Ба ҳазор раҳ давидан паи интизор то кай,
Чи кунам ҷуз ин ки созам раҳи васли дӯстро тай,
Зи фироқ чун нанолам мани дилшикаста чун най,
Ки бисӯхт банд-бандам зи ҳарорати ҷудоӣ.

Ба рақиби девсират чу чаман нишаста рангин,
Ба ситамкашон паёпай ба мисоли ғунча пурчин,
Ба ҳама шукуфтахотир, ба мани шикаста пуркин,
Ба кадом мазҳаб аст ин, ба кадом миллат аст ин,
Ки кушанд ошиқеро, ки ошиқам чароӣ.

Чу ҳавои тақвӣ кардам ба сарам санам ниҳоданд,
Зи ҷигар кабоб ҷустам, ба кафам шароб доранд.
Ки ба ҷои сабҳа зуннор ба мани хароб доданд,
Ба тавофи Каъба рафтам ба ҳарам раҳам надоданд.
Ту буруни дар чӣ кардӣ, ки даруни хона оӣ.

Чу шавам ҳарифи риндон ҳама сарфароз дидам,
Зи ҳавои ҳирси гетӣ ҳама бениёз дидам,
Бувад он ки дар ҳақиқат ҳама з-ин маҷоз дидам,
Ба қиморхона рафтам ҳама покбоз дидам,
Чу ба савмиаъ расидам ҳама зоҳиди риёӣ.

Чу даромадам ба масҷид ҳама порсо баромад,
Зи паи дуо чу Мақбул ҳама худнамо баромад.
Чу шудам ҳарифи риндон ҳама бериё баромад,
Дари дайр мезадам ман зи дарун нидо баромад.
Ки даро-даро Ироқӣ, ки ту хос азони моӣ.

## МУХАММАСИ МАҚБУЛ
## БАР ҒАЗАЛИ БЕДИЛ

Задам якчанд бар халқ аз ту лофи ошноиҳо,
Фалак афканд охир дар миёни мо ҷудоиҳо.
Мубаддал шуд навоям бо ҳазорон бенавоиҳо,
Ба доғи ғурбатам восӯхт охир худнамоиҳо.
Баровард аз дилам чун нола изҳори расоиҳо,

* * *

Шудам чанде дами васли бутон машҳури ҷамъият,
Надидам оқибат андар миён дастури ҷамъият,
Ғазои фурқат омад чун қарини сури ҷамъият,
“Мабош эй ғунча аз авроқи гул мағрури ҷамъият,
Ки ин пайвастигиҳо дар бағал дорад ҷудоиҳо”.

* * *

Гули рӯяш чу шуд зинатдеҳи базми рақиби ман,
Бурун шуд аз дилам сармояи ақлу шикеби ман.
Ба ҷуз ҳирмон нашуд аз нолау афғон насиби ман,
“Асар гумкарда оҳангам, мапурс аз андалеби ман.
Дар ин гулшан нафас месӯзам аз оташнавоиҳо”,

* * *

Ба ҷон гуфтам чи ошиқро сазовор аст, дар олам,
Қабули дӯстро боис чи кирдор аст, дар олам,
Паи тасхири ин ваҳшӣ чи даркор аст, дар олам.
“Ба дил гуфтам кадомин шева душвор аст, дар олам,
Нафас дар хун тапиду гуфт поси ошноиҳо”.

* * *

Ба роҳи ишқ масту бехабар натвон задан гоме,
Бурун аз манзили худ чун шарар натвон задан гоме.
Ба таҳсил арзро дар баҳру бар натвон задан гоме,
“Дар ин водӣ ба тадбири дигар натвон задан гоме,
Нигар назри зи худ рафтан шавад бедаступоиҳо”.

* * *

Ба ғамҳои ҷаҳон то кардаам оҳанги худдорӣ,
Шикастӣ шишаи бахтам ба захми санги худдорӣ,
Гирифта чеҳраи оинаамро ранги худдорӣ,
“Касе ё раб, мабод афсурдаи найранги худдорӣ,
Шарорам санг шуд аз кулфати сангозмоиҳо”.

* * *

Мабодо кас чу ман мағрури худбинӣ дар ин маҳфил,
Гузашта умр дорам пешаи саҳви тараб дар дил.
Гаҳе бори нигаҳ, гаҳ кӯҳу гаҳ хомун кунам манзил,
“Ҳаводори миҷози тифлиям, аммо аз ин ғофил,
Ки чун гул пӯст бар тан медарад рангинқабоиҳо”,

* * *

Намояд зиндадилро нафҳаи эъҷози хомӯшӣ.
Бирав дам даркаш аз гуфтори худ бе сози хомӯшӣ,
Дилам то хонд дарсе аз фунуни рози хомӯшӣ,
“Чу рангам бас, ки сар то по тилисми сози хомӯшӣ,
Шикастан ҳам бизад аз пайкари ман бесадоиҳо”.

* * *

Куҷо холи ҷаҳон бошанд воқиф аз шиори ман,
Ба санги имтиҳон зоҳир намегардад шиёри ман.
Наёяд бар ҳаво аз сар-сари нахват ғубори ман,
“Ғуборангези шӯҳрат нест вазъи хоксори ман,
Хурӯше доштам, гум кардаам дар сурмасоиҳо”,

* * *

Пас аз умре, ки дар байтулҳазан афканд идборам,
Кашидам қоиди иқбол сӯи даргаҳи ёрам,
Фитодам рӯй бар хокаш дигар сар бар намедорам.
Зи тавфи остонаш то насиби саҷда бардорам,
Ба ранги союам маҳмил ба дӯши ҷабҳасоиҳо.

* * *

Ту аз нософии тахмири зоҳир ғофилӣ, варна,
Ту аз сарҳалқаи занҷири зоҳид ғофилӣ, варна.
Ту аз сармояи тазвири зоҳид ғофили варна,
Ту аз сарриштаи тадбири зоҳид ғофилӣ, варна,
Надорад фисқ хилватхонае чун порсоиҳо,

* * *

Чи зиллатҳо , ки Мақбулрост аз аҳли замон Бедил,
Баҳояш аз карам пардоз, имдодаш расон Бедил,
Чи маҳсиҳо[1] , ки рӯзи васл меафтад ба ҷон Бедил.
Чи кулфатҳо, ки дил дар беҳбудӣ дорад ниҳон Бедил,
Бувад оинаро ҳайрат ниқоби босафоиҳо.

## ИДРИСХОҶАИ РОҶӢ

Роҷӣ яке аз фозилону хаттотон ва шоирони муқтадиртарини таърихи адабиёти охири асри XIX ва ибтидои қарни XX ба шумор меравад. Идрисхоҷа дар соли (1298-1880) дар Боғоти Истаравшан дар мавзеъи Қалъачаи Раис (Ҳозира ноҳияи Ғончӣ) дар оилаи шахси фозил ва шоир Мулло Бурҳонхоҷа мулаққаб ба Наберахоҷа тахаллусаш Тавфиқ таваллуд ёфт. Мулло Бурҳонхоҷа фарзанди шоир Сайидғозихоҷаи Нолаи Истаравшанӣ ва Набераи Хоҷа Убайдуллоҳи Солик мебошад. Бинобар ҳамин ҳам Тавфиқ ба худ Наберахоҷа лақаб гирифтааст.

Идрисхоҷа баъди дар зодгоҳаш гирифтани маълумоти ибтидоӣ дар мадрасаи бобокалонаш Хоҷаҷон хонда баъдан, баъди ба Бухоро муфтӣ таъин шуда ба назди ақрабояш кӯч бастани Тавфиқ таҳсили хешро дар мадрасаи Кӯкалош давом медиҳад. Дере нагузашта ӯ ҳамчун марди донишманд ва шоири нозукадойи навовар шӯҳрат меёбад. Тазкиранависони бухоройӣ Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Афзал Маҳдуми Пирмастӣ, Садри Зиё ва дӯсти наздики Идрисхоҷа Мулло Неъматуллоҳи Мӯҳтарам ва Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ баландии пояи иқтидори шоирии Роҷиро бо камоли мамнунӣ қайд намуда аз рӯйи анъанаи ифтихорӣ Идрисхоҷаро бухоройӣ қаламдод кардаанд, ки ин аз ҳақиқати таърихӣ дур аст. Ин ҷо дар омади гап бояд гуфт, ки Идрисхоҷаи Роҷӣ дар зодгоҳаш Ур-Теппа ба духтари яке аз хешовандонаш хонадор шуда буд. Фарзанди нахустинаш Акмалхон Идрисзода ҳам табъу салиқаи хуби шеърӣ дошт. Шеърҳояш ягон-ягон дар рӯзномаҳои ноҳиявӣ ва марказӣ чоп шудаанд. Ӯ дар

[1] Маҳс- тоқатнопазир

ноҳияи Ғончӣ як умр боғбон ва гулпарвар буда соли 1975 дар синни 72-солагӣ он ҷо фавтид.

Мулло Неъматуллоҳи Мӯҳтарам баъди ба ҳусни шоирии Роҷӣ баҳойи сазовор додан, дар ҳаққи ӯ рубоии зайлро гуфтааст:

Ҳангоматирози булбулони сухан аст,
Дебочанависи бӯстони сухан аст.

Борикии ҳарфаш раги ҷони сухан аст,
Оёнии гуфтааш равони сухан аст.

Ҳамаи тазкиранависони зикршуда ба меъёри камоли шоирии Роҷӣ ва дар бораи баланпарвозии мурғи хаёли шоиронаи ӯ ҳарф зада, дар суханронӣ устод будани ӯро махсус қайд кардаанд.

Руҷӯйи шоирии Идрисхоҷа ва чунин ояндаи фархунда доштани ӯ аз зеҳну чашм мушоҳидакорони санъати шеъру шоирӣ ва сухантирозиаш дур набудааст, ки Мӯҳтарами ҳақиқатогоҳ дар ин хусус чунин иброз медорад:

Зикри фазилатшиори саёдатмартаба Идрисхоҷа Роҷии валади Наберахоҷа муфтии Бухоройӣ:

Ҷавоне зи соҳибфанони Бухор,
Ки дорад ба фанни сухан эътибор.
Хирад дораду ақлу ҳушу насаб,
Ҳунар дораду ақлу ҳилму ҳасаб.
Мусаммӣ ба Идрис Роҷӣ хитоб,
Саёдатнасаб, хоҷагӣ интисоб.
Падар буд зи аъёни мулки Бухор,
Ки дорад ба илму амал иштиҳор.
Ҳасаб ҷамъомад варо буд насаб,
Сайидхоҷа ному набера лақаб.
Расида зи лутфи шаҳи бовиқор,
Ба ифтонависии шаҳри Бухор.
Ба фазлу камолу ба иззу шараф,
Надорад назиру адилу тараф.
Муваффақ ба тавфиқи лорайбӣ аст,
Камолоту ҷумлагӣ ғайбӣ аст.
Ки дар шеър ҳам дошт табъи расо,
Ки Тавфиқ бошад тахаллус варо.

Аз ин домгаҳ пеш аз ин чанд сол,
Варо тоири рӯҳ кард интиқол.
Пайи забти таърихи фавти падар,
Чи абёти зебо, ки дорад писар.
Бувад алғараз, Роҷии покдин,
Халаф мондани фозиле ничунин.
Ба мантиқи ин қиссаву ин масал,
Ба Тавфиқ Роҷисту наъмул бадал.
Биёбад зи ҷанги аҷал гар амон,
Шавад зубдаи шоирони замон.
Ҳанӯзаш, ки дар унфинони шубоб,
Тавон кард аз фозилонаш ҳисоб.
Ҳамоно пас аз касбу такмили ҳол,
Ба аъло маротиб расонад камол.
Дар ин аҳд дар шеваи шоирӣ,
Варо рутба бартар бувад з-аксарӣ.
Варо зеҳни соф асту табъи равон,
Таликуллисон асту аъзалбаён.
Ба ашъори рангин, ки ӯ қоил аст,
Ба хаттотӣ ҳам дасти ӯ қобил аст.
Ба касбу камол аст, дар иштиғол,
Ба мулку ҷалол аст, дар қилу қол.
Ба-д-ин хурдсолӣ, ки шуд мӯътабар,
Пас аз чанд соле шавад номвар.
Ки соле, ки некӯ бувад аз баҳор,
Аломоти ӯ мешавад ошкор.
Нахустин зи ашъори хуби писар,
Нависам пас он гаҳ зи шеъри падар.

Ин гуфтаву орзуҳойи Мӯҳтарам ҷомаи амал пӯшид, оламгир шуд. Шӯҳрати ӯ дар Мовароуннаҳри онрӯза чун нурҳойи офтоби зарнигор паҳн гардид. Роҷиро ҳамчун марди ҳақиқатпарасту адолатхоҳ ба ноҳияи Янги Қӯрғон қозӣ таъин карданд. Ӯ аз рӯйи ҳақиқату адолат кор мебурд. Мутаасифона, дар айни ҷӯшу хурӯши эҷодӣ бо дарди вабо дунёи фониро падруд гуфт, яъне дар синни 39-солагӣ дар соли 1336-1918 фавтид.

Ин марги бемаҳали шоири мумтоз тамоми шоирон ва фозилонро ба ташвишу изтироб ва андӯҳ овард. Чандин нафар шоирони муосир бо сӯзу гудоз марсия ва қитъаҳойи таърих

гуфта хасоили неку сирру асрори осори Роҷиро тафсил додаанд, ки ба ин восита шӯҳрати шоир боз ҳам афзунтар гардид.

Устод Айнӣ, ки Идрисхоҷаро аз наздик мешинохт ва меъёри камоли шоириаш ба ӯ маълум буд, дар “Намунаи адабиёти тоҷик” Роҷиро аз муқтадиртарин шоирони муосир маъруфӣ кард.

Боз бояд гуфт, ки шаъни шоирии Роҷӣ ба ғоят мисли офтоб дурахшон аст. Ӯ қасидаҳои ҳар мисрааш таърих ва қасидаҳойи бенуқат дорад, ки дар онҳо маҳорати баланди суханварии хешро намоиш додааст. Дар навиштани қитъаҳои таърихӣ ҳам мумтоз мебошад. Ба вафоти шоирони машҳури замонаш Шамсиддини Шоҳин, Мирсиддиқи Ҳайрат, Тавфиқ, Ёрӣ, Риҷойӣ ва чанди дигарон қитъаҳои таърихии басо ҳайратангезу хуномез навишт. Соли 1976 ба табъи девони Нақибхони Туғрал таърихи марғуб гуфт ва баҳойи сазовор дод:

Ҳар кас, ки бода нӯшад аз шаҳди ҷоми Туғрал,
Сармасти шавқ гардад, фаҳмад каломи Туғрал.
Хатм аст фикри мавзун бо ӯ зи баъди Бедил,
Чун тӯтӣ аст шаккар доим ба коми Туғрал.
Сеҳри ҳилол бошад девони ӯ саропо,
Анқост гар маонӣ гаштаст роми Туғрал.
Таърихи соли табъаш хуш давлатест равнақ,
Давлат саре ниҳода дар пойи номи Туғрал.

Сабаби банамакии ашъори Роҷӣ дар он аст, ки ӯ дар шеър саволу ҷавоб, миротунназир, таҷнис, таносуб ва ташбеҳу истиора барин анвойи санъати бадеъиро бисёр моҳирона ва устодона ба кор мебарад. Масалан дар рубоии зайл санъати миротунназирро устодона ба кор бурда дар ин рубоӣ чор замон, чор гул, чор маъдан ва чор унсурро, ки иборат аз обу оташ, хоку бод аст, зикр месозад.

Лаълат, ки парир, аз суман об бизод,
Дил зад чу ақиқ лола бар хок афтод.
Имрӯз ба гул занӣ зи ёқут оташ,
Фардо диҳадат ғунча зумуррад барбод.

Ғазалҳояш низ бисёр рангин, намакин ва завқбахшу шавқоваранд. Матлаъ:

Моилам бар чор чиз аз ҳуснат, эй симинбадан,
Холи ҳинду, тоқи абрӯ, моҳи рӯ чоҳи зақан.

Қадат ба ноз, чи сарв! Чи сарв? Сарви чаман!
Лабат ба лутф, чи лаъл! Чи лаъл? Лаъли Яман!

То нафас боқист, гарми барқи ҷавлони туам,
Хок гардам ҳам, ғубори гарди домони туам.

На моҳи Нахшабу не шоҳиди Кашмир мехоҳам,
Суроғ аз ҳусни он хуршеди оламгир мехоҳам.

Роҷӣ, агар пеш аз маҳал вафот намекард, бисёр сарсабзиҳои дигар низ дошт, вале аҷал амонаш надод. Бо вуҷуди он ӯ аз худ мероси адабии пурбаракате боқӣ гузошт. Ӯ қариб ба ҳамаи жанрҳои адабӣ шеър гуфтааст: ғазал қасида, қитъа, рубоӣ, мухаммас ва ҳоказо. Ғайр аз ин ӯ "Тазкиратул хаттотин" ном асари манзум дорад. Ӯ дар ин асари хеш дар бораи даҳҳо хушнависони пешин ва муосир, алалхусус, ба хаттотони сехрқалами Ҳирот, Бухоро, Истаравшан маълумоти кофӣ медиҳад ва қадр менамояд. Худи Роҷӣ, ки хаттоти ҷодурақами асри хеш буд, маълумоти дар бораи хаттотон додааш бисёр дақиқона ва ҳаққонӣ мебошад.

Асари дигари Роҷӣ "Баёзи Роҷӣ" мебошад. Баёз намунаи мероси адабии даҳҳо шоирони гузашта ва муосирро дар бар кардааст. Аз ҷумла, дар қатори ашъори Ҳазрати Бедил шеърҳои Султонхони Адо, Зуфархони Ҷавҳарӣ барин шоиронро ҷой додааст, ки дар тааббӯйи Абулмаонӣ асар эҷод карда дар ин роҳ ба муваффақияте соҳиб шудаанд. Ин баёз барои омухтани эҷодиёти пайравони Бедил дар Мовароуннаҳр ҳуҷҷати муҳимест.

Дар хулоса ба кавли Устод Айнӣ ҳаминро бояд гуфт, ки "Роҷӣ аз муқтадиртарин муосирони худ ва дӯсти наздики Неъматуллоҳ Маҳдум Мӯҳтарам буд". Оре, хоҳарзода ва шогирди Роҷӣ шоир Авҳадӣ ба марсияи ба вафоти устодаш навишта, бедарак чунин нагуфта буд:

Печид зи васли лаб ба шаккар коғаз,
В-аз мидҳати хол шуд муанбар коғаз.
Васфи рухи ту қазо ба рӯйи ту навишт,
К-ин хат натавон навишт бар ҳар коғаз.

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Гуфтам ба даври рӯят аз чӣ фитода кокул?
Гуфто: “Лианнаҳуддавр сизумуттасалсул”.
Гуфтам, чаро шаб асту рӯят чу моҳ пайдост?
Гуфто, ки то раҳамро бошад ҳама тафаззул.
Гуфтам зи хатти сабзат табъам чарост мавзун?
Гуфто: “Зи ту таваллоҳ, аммо зи ман тағофул”.
Гуфтам, макун таҳаммул, гуфто: “Чи бояд ин хат”?
Сиру раҳи било, сунъ, мин санъатил тафаҳҳул.
Гуфтам зи чист майлат, бо хайли каҷнигоҳон,
Гуфто: “Ки шӯъла охир, аз хору хас кунад гул”.
Гуфтам, ки гашт Роҷӣ, хоки раҳи ту, гуфто:
Сад осмон тарақист ҳармо ба з-ин таназзул.

* * *

То нафас боқист, гарми барқи ҷавлони туам,
Хок гардам ҳам ғубори гирди домони туам.
Шонасон дар устухоне аз танам бошад ҳанӯз,
Синачоки ҳасрати зулфи парешони туам.
Чанд майли хонаи оина, гоҳе метавон,
Рӯй сӯи хонаи ман, баски меҳмони туам.
Тирабахтӣ ваҳшатандози бисоти қурб нест,
Соям гар, сояи сарви хиромони туам.
Шӯҳра гардидам ба олам з-он ки Роҷӣ, ҳамчу меҳр.
Меҳрубоно, резачини хони эҳсони туам.

* * *

Эй сарви моҳчеҳра, доғи ниқоб кун,
Бикшой рӯйи моҳу дил меҳри об кун,
З-он лаб табассуме куну з-он рӯй хун рез,
Бишкан баҳои қанду касод он гулоб кун.
Аз куштагони ҳаҷр ба ҳар ҷой ёд ор.
Хоҳи талаттуфе куну хоҳӣ итоб кун.

Моро навозише куну бишкан дили рақиб.
Бо як карашмае ду кори савоб кун.
Аз ҳаҷри туст хаставу ранҷуру нотавон,
Баҳри Худо ба пурсиши Роҷӣ шитоб кун.

* * *

Лабу даҳону ду чашми ту, эй бути гулфом,
Яке наботу дуюм пистаю сеюм бодом.
Наботу пиставу бодом он се шуданд,
Яке асиру дуюм бандаю сеюм гумном.
Асиру бандаву гумном дар замони туанд,
Яке Қубоду дуюм Қайсару сеюм Баҳром.
Қубоду Қайсару Баҳром аз ту металабанд,
Яке саманду дуюм хилъату сеюм инъом.
Саманду хилъату инъом аз шаҳру деҳе,
Яке Ҳироту дуюм Машҳаду сеюм бар ком.

* * *

Суманузорию санавбарқадию ғунчадаҳан,
Карашмасозию ошиққушию симинтан,
Назода модари айём чун ту моҳваше,
Надида дидаи даврон ба ошиқӣ чу ман.
Ба маҳфиле, ки каломат гухарфишон гардад.
Ба гунаҳ халаф-ту буду хирад буд алган,
Шикаст қимати ёқутро ақиқи лабат.
Бар пеши зулфи ту ночиз гашт мушки Хутан,
Мадеҳ бар кӯи худ, эй маҳ, ту раҳ рақибонро,
Туро сад ҳайф ки гулшан бувад ба зоғу заған.
Бинӯш бодаи гулрангу чеҳра гулгун кун,
Бишин ба мафҳиле, тарфи кулоҳро бишкан.
Ба ҷавру зулм макун хӯ ситамгаро, ки ҳанӯз,
Нарафта аз лаби ҷонпарвари ту бӯи лабан.
Хаё зи нутқу дам аз ту бар Масеҳо дам,
Ба Хизр умри дигар бахш ту зи чоҳи зақан.

* * *

Эй маҳи рӯйи ту алалиттифоқ,
Фоиқа аъзон ки сабиъан тоқ.
Тоқати ҳаҷри ту набошад, валек
Кофаниаддаҳр бимоил ятоқ.

Дӯш шунидам зи лабат ваъдае,
Аснаканил қалб мин алиштиёқ.
Раҳм кун, эй дилбари паймонгусил,
Қадҳаракал ҷисм бинорул фироқ.
То шуда бо зулфи ту Роҷӣ, асир,
Авсала аллоҳ бишуд ал висоқ.

* * *

Ғизол астӣ магар ё чашми он оҳушикор астӣ,
Узори ёр, ё гулдастаи фасли баҳорастӣ.
Лабат чӯ, ё шакар, ё ангубин астӣ намедонам,
Бале вақти такаллум қандрези шаҳдбор астӣ.
Ба ҳастӣ ҳамчу равшангар чу рӯяш ҳамнишин астӣ,
Ақил астӣ чу лаълаш ё чу лаъли обдор астӣ.
Баҳор астӣ буто, к-аз рӯйи зулфу қомати луҷҷа,
Гул астӣ, сунбул астӣ, сарви ноз астӣ ҳазор астӣ…
Гул астӣ гарчи Роҷӣ, пеши чашми гулрухон, лекин
Ба пойи гулбуни ҳусни нигори хеш хор астӣ.

* * *

Чи хуш бошад ба зери поят афтода дуо кардан,
Ба сад аҷзу тазаррӯъ бо ту арзи муддао кардан.
Якояк қиссаи хиҷрон ба гӯшат беибо гуфтан,
Дамодам дурҷи лаълатро ба дашном ошно кардан.
Нигаҳ дор, эй гули сероб аз боди сабо доман,
Чи лозим бе сабаб чун ғунча пироҳан қабо кардан.
Намонда ғайри ҷоне дар бисоти Роҷию он ҳам
Ба дил мепарварад умре ба уммеди фидо кардан.

* * *

Қадат ба ноз чи сарв, чи сарв, сарви чаман,
Лабат ба лутф чи лаъл, чи лаъл, лаъли Яман.
Аз он чи сарв хиҷил, хиҷил баҳри хиром,
В-аз ин чи лаъл малул, аз барои чи зи сухан.
Рухат ба нур чи моҳ, моҳ ва чи моҳи сипеҳр,
Хатат ба бӯй чи мушк, чи мушк, мушки Хутан.
Яке гирифта чи сабқат, беҳ ба орази меҳр,
Дигар рабуда чи накҳат, зи чи зеро-к суман.
Ду сабаб рӯйи ту, чи қавс, чи қавс қавсу Қузаҳ,
Ду наргиси ту чи маст, маст, масти фатан…

Рабуд дил, ки хами зулфат, аз кӣ, аз Роҷӣ,
Чи карда, карда ниҳон, дар кучо, ба зери шикан.

* * *

Сарв будӣ қадат, аз сарви хиромон будӣ,
Моҳ будӣ рухат, аз моҳи дурахшон будӣ.
Сарв будӣ чу қадат гар чу қадат аз сари лутф,
Сарвро бин бари худ себи зинахдон будӣ.
Моҳ будӣ чу рухат гар чу рухат аз сари ҳусн,
Моҳро бар сари худ зулфи парешон будӣ.
Мушк будӣ хатат аз мушк бирастӣ аз гул,
Шаҳд будӣ лабат аз шаҳд зи марҷон будӣ.
Мушк будӣ чу хатат гар чу хатат бар сари хол,
Мушк бар анбари ту ғолияафшон будӣ.
Буд Роҷӣ лаби тӯтӣ чу найи хомаи ман,
Гар ба-дин гуна навохону хушилҳон будӣ.

## ТАЪРИХИ ТАЪМИРИ СОНИИ ХОНАҚОҲИ МАСҶИДИ КОГОНИ БУХОРОЙИ ШАРИФ АЗ ТАБЪИ МАҲДУМИ РОҶӢ

Ба аҳди давлати хоқони Ҷамҷоҳ, 1325\1904
Ҳақиқи раъяти насри миналлоҳ, 1325/1904
Хидеви мулки шоҳи мулки аъроб, 1325\1904
Зи ваҷҳи мулку шохи лафз мафогоҳ, 1325\1904
Ки шуд султон Сайид Абдулаҳадхон, 1325\1904
Ба фанни салтанат машҳури афвоҳ, 1325\1904
Ба ҷаҳди хайр аз қушбегии кул, 1325\1904
Шуд ин маъбад чу бас матбӯъу дилхоҳ, 1325\1904
Ба як мисроъ ин ҳар байти Роҷӣ, 1325\1904
Суйи таъмиру соли вай бувад роҳ, 1325\1904

## МУНДАРИҶА


Муқаддима ....................................................................3
Хоҷа Юсуфи Возеҳӣ ....................................................7
Ғазалиёт ....................................................................16
Муҳаммасоти Вазеҳӣ ................................................23
Шарифи Ҳисориюл Истаравшанӣ ................................25
Аз ғазалҳояш ...............................................................27
Садрушшуарои доираи адабии Истаравшан ..................30
Мухаммаси Солик .........................................................45
Сайидғозии Нола ..........................................................46
Ғазалиёти Нола .............................................................59
Султонхони Адо ............................................................68
Тӯрахоҷаи Афсӯс ..........................................................82
Қасидаҳои Афсӯс ...........................................................86
Қасидаи дигар ...............................................................89
Ҳоҷӣ Муҳаммади Шаҳдӣ ..............................................90
Мероси адабии шоир ......................................................92
Аз ғазалиёт ....................................................................93
Хоифи Истаравшанӣ ......................................................101
Рубойи .........................................................................107
Муҳаммадсолеҳи Истаравшанӣ ...................................108
Фанои Истаравшанӣ ......................................................112
Рубоиёт ........................................................................117
Мухаммас бар ғазали мойили Истаравшанӣ .................118
Йунусхоҷаи Шоҳид .......................................................119
Хиҷлат .........................................................................121
Мӯсохон Тӯра ...............................................................130
Миразими Азим ............................................................131
Комилхоҷаи Накҳат ......................................................139
Аз ғазалиёти Накҳат .....................................................143
Рубоиёти Накҳат ..........................................................146
Аз мухаммасоти Накҳат ...............................................147
Бедоди Истаравшанӣ ....................................................148
Бедод ............................................................................149
Бедори Ур-Теппагӣ .......................................................150
Толиби Истаравшанӣ ....................................................155
Мухамасҳо ....................................................................161
Мойили Истаравшанӣ ...................................................164
Зоеъи Истаравшанӣ ......................................................167
Кӯчаки Ур-Теппагӣ .......................................................171
Аҳрори Истаравшанӣ ...................................................172

Хоҷа Абдураҳмон ....................................................................173
Раиси Ур-Теппагӣ ...................................................................174
Маъсумхони олӣ .....................................................................176
Шамсии Ур-Теппагӣ ..................................................................177
Шоирони ҷудогонаи Истаравшанӣ.......................................................179
Ғазали Оҳии Истаравшанӣ ............................................................180
Ға зали Поисии Истаравшанӣ .........................................................180
Худоёри Истаравшанӣ ................................................................181
Сайидолимхоҷаи Ҳотифӣ ..............................................................182
Аброри Ур-Теппагӣ ..................................................................185
Мусамман ...........................................................................186
Назмии Истаравшанӣ .................................................................188
Аз ғазалиёт ........................................................................190
Тазмин бар ғазали Тамҳид ...........................................................193
Дар мадҳи ҳазрати шоҳ Қутаб ибни Аббос ..............................................193
Дар бораи қаҳрамони миллати тоҷик Рустамбек ..........................................195
Аз мухаммасҳо ......................................................................196
Мухаммас бар ғазали Саъдӣ ..........................................................196
Мухаммас бар ғазали Ҷомӣ ...........................................................197
Мухаммас бар ғазали Сайидо..........................................................198
Мухаммас бар ғазали Масеҳо..........................................................199
Ҳоҷии Истаравшанӣ...................................................................201
Ҳоҷиюл Ҳарамайни Ур-Теппагӣ машқи мавлойи устод мулло Исмоил Хоҷа ......................204
Мухаммас............................................................................205
Мирзо Шарифи Дабир .................................................................205
Мухаммасот..........................................................................210
Мухаммас бар ғазали Саъдӣ...........................................................211
Мустазод ...........................................................................213
Қасида..............................................................................213
Қасида..............................................................................214
Мираброри Соҳир.....................................................................216
Мухаммас............................................................................219
Банди мухаммас......................................................................223
Ниёзии Истаравшанӣ..................................................................223
Таърихи бино........................................................................224
Мулло Мирзиёи Афгор..................................................................225
Офарин бод .........................................................................227
Партави Истаравшанӣ.................................................................230
Нодири Истаравшанӣ .................................................................232
Мухаммас ...........................................................................236
Мақбули Истаравшанӣ ................................................................238
Мухаммаси Мақбул ...................................................................243

Мухаммас бар ғазали Ҳофиз ........................................................244
Мухаммаси Мақбул бар ғазали Ироқӣ ........................................245
Мухаммаси Мақбул бар ғазали Бедил ..........................................247
Идрисхоҷаи Роҷӣ ...............................................................................249
Аз ғазалиёт .........................................................................................254
Таърихи таъмири сонии хонақоҳи масҷиди когони
Бухоройи шариф аз табъи Махдуми Роҷӣ ....................................257

**САЙИДУМАРИ СУЛТОНИ КАВКАБӢ**

# ТАЗКИРАИ СУХАНВАРОНИ ИСТАРАВШАН

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 7.08.2012. супорида шуд.
Ба чопаш 09.08.2012 имзо шуд.
Андозаи 60/84 1/16 Ҷузъи чопӣ 16,25
Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи давлатии нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018. ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи КММИИ «Аршан» ба чоп расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов, 73/1
E-mail: varz.tm@mail.ru